**МАРЯМБОНУИ ФАРҒОНӢ**

# ТАМАННО

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-4
Ф–56

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Ф-56 **Марямбонуи Фарғонӣ. Таманно** *(қисса ва ҳикояҳо)*.
– Душанбе, “Адиб” 2014, 192 саҳ.

Китоби нави Марямбонуи Фарғонӣ аз гулчини чанд қисса ва ҳикояҳои хурду калон иборат аст, ки дар онҳо лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти мардуми одӣ ба тасвир омадаанд. Нависанда ба дунёи ботинии қаҳрамононаш аз равзанаи худшиносиву ҳуввияти миллӣ ворид гардида, хонандаро аз пайи худ ба он ҷаҳони мубарро бурда, дарси зиндагии беолоиш додан мехоҳад.

Умедворем, маҷмӯаи «Таманно» ба мухлисони насри бадеӣ писанд меояд.

ISBN 978-99947-2-413-0

© Нашриёти “Адиб”, 2014

# ҚИССАҲО

# ТАМАННО

### Дафтари аввал

## ВАҚТЕ САГ СОҲИБАШРО НАШИНОХТ

*Овардаанд, ки дар деҳа як девона буд. Ҳама ба ҳоли он ошуфтаҳол тамасхур мезаданд. Ва аз қазо мардуми он деҳаро саросар бало расиду бо тасодуфе як нафар аз офат бегазанд монд. Акнун мардуми русто ягона шахси солимро бо ангушт нишон дода, ба ҳолаш механдиданд.*

* * *

Ӯро, ки дар яке аз кӯчаҳои шаҳри бедарвоза саланг-саланг мегашт, чанд нафар ба гап гирифтанд. Вай беибо бо онҳо суҳбат мекард. Аслан, гуфтугӯйи онҳо берабту бемақсад буд. Зан бефикру хаёл ба саволи онҳо ҷавоб медод ва ҳамчунин худ чизро мепурсиду ба ҷавобаш интизор намешуд, яъне, мусоҳиба мавзӯи ягона надошт. Бурданд ӯро ба хонае, ки дару девораш шикаставу рехта буд. Не палоси ҳалоле, не анҷоми бемалоле дошт. Рӯйи ҷандаҳо шинондандаш. Порае ҳасибу ним сотгин шаробаш дароз карданд. Рӯй турш карду бо ишорати даст рад сохт. Ҳамнишинон ӯро маҷбур накарданд.

– Бешароб маст аст, – гуфт марди миёнсоле. Ҷавони жӯлидамӯй ҳиринг-ҳиринг хандид ва ҳама қадаҳҳоро ба сар кашидандy ҳасибу сирпиёзро аввал бӯй карда, сонӣ ба даҳон андохтанд. Маст буданд, масттар шуданд. Вале онҳо ҳанӯз ин ҳолатро ҳеҷ мешумориданд.

– Бало занад, кошки шароби мардафкан бошад, охир, ҳеҷ хумор намешиканад, – гуфт соҳибхона.

– Мана, марҳамат, – ба зан бепарво ишорат кард жӯлидамӯй, – бишкан хуморатро.

– Эҳ, даст афшонд якумӣ, – ку ҳавсалаи бевабозӣ, боз кошки сиҳат бошад.

– Кадом соҳиби ақл аз паси ману ту кашола шуда, ба ин ҳелчаи саг меояд. Вақти дунбаи карт хӯрдан гузашт, ба шушбирён шукрона бояд, – гуфт марди миёнсол.

– Файласуф, бисёр гап нафурӯшу боз якто рез.

Ва боз садои қул-қули шиша шунида шуд. Зани парешонмӯй

«пуф-пуф»-кунон даҳону биниашро нимпӯш карду рӯй аз ҳамдамонаш тофт.

– Бева ноз мекунад, – ҳир-ҳир хандид жӯлидамӯй.

– Мусиқӣ мон, зиқ нашавад. Хаёлам, рақсу бозиаш мефорад.

Марди солрафта аз таги кати шикастае, ки ҷойи пояи чорумаш сето хишт гузошта буданд, магнитофонеро кашида баровард.

– Ин қуттии шалақ ҳамсоли ҳамин Метумгул нест? – хандаи безеб кард жӯлидамӯй.

– Зато, магнитофони бақувват аст «Электроника». Ҷойи садто «сентр»-и хитоия мегирад моли союз, ҳамту не?

– Ҳамту, ҳамту, – дар ҳолате ки сигор дуд медод, гапҳои якумиро тасдиқ кард «файласуф».

– Чӣ хел замона буд-а…

– Эҳ-ҳе, рабочый класс қадр дошт, қимат дошт. Ҳарчанд ки дар ҳамон давр ҳам ҷойи шиштамон ҳамин катак буд, умед мекардем, ки рӯзе давлат хонаи замонавӣ медиҳад.

– Ҳатто, агар хона намедод ҳам, ҳар саҳар рӯйи ҳавлӣ мебаромадему аз ҳавоие, ки бӯйи тамоку мекард, нафаси чуқур мекашидему хумори шароби шабонаро мешикастем, чӣ хуб буд! – нимшӯхиву нимҷиддӣ ҳасрат кард «файласуф».

– Ҳо, ун замона бебозгашт рафт. Аз маҳаллаи «Табачка» ном монду халос. Афсӯс…

Садои мусиқии ҳиндӣ дар фазои дудолуди кулба ба мавҷ омад. Занак аз ҷой хест ва шарфи рангпаридаашро аз гардан гирифту ба камар ҳамоил сохт.

– Ҳа-ту-ба! – баробари овозхон садо дода, ба зарби оҳанг мувофиқ дасту по афшондан гирифт. Дигарон чапак зада «бале» мегуфтанд. Суръати ҳаракати дасту пойи зан меафзуд, ҳамзамон нидоҳои таҳсиномез баланд мешуданд. Нигоҳи чашмони девонаавзо маъно ва рақсаш ҷозиба пайдо мекард.

– Мегӯм, Метумгул чандсола бошад? – ҷавонмард ба ҳамнишини солхӯрдааш суол кард.

– Раққосая як бор таҳқир кардӣ, дам шиштем, ду бор таҳқир кардӣ, гап назадем. Аз худ нарав, гурбаи ошолуд. «Тетумгул» гуфтанат чӣ маънӣ дорад? Ин зан ном дорад, фаҳмидӣ? Номаш – Хатуба! Хатуба бугӯш, фаҳмидӣ? Ҳо, ҷӯра, аз худ нарав, ки ин зан фоҳиша не! Хатуба як зани ба мисли мо бадбахт, фаҳмидӣ?!

– Хатуба? Модараш Хатуба ном кардааст? Аҷиб…

– Туро падару модарат «Жӯлидамӯй» ном карда буданд? Маро ҳам замоне «Файласуф» не, Абдукарим мегуфтанд. Соҳибхона ҳам

номи зебое дошт – Фарҳод. Шояд Хатуба ҳам номи дигар дошт. Бирез заҳра.

Зан беист рақс мекард, нозу адо менамуд. Мусиқӣ аз паси мусиқӣ, арғушт аз паси арғушт… Оқибат соҳибхона якпаҳлу ғелиду сар ба ҷандаҳо монда, хур-хур нафас кашид. Ҷӯлидамӯйи сархуш аз Файласуф мепурсид:

– Хатуба аввалҳо раққосаи ягон ансамбл буд магар?

– Кӣ гуфт?

– Охир, ин қадар зебо мерақсад.

– Не. Хатуба сонӣ раққоса шуд. Вай фақат дар базми мо барин бадбахтон мерақсад. Вақти моро хуш мекунад. Барои чӣ, медонӣ? Барои он ки рақси ӯ ба ғайр аз мо ба ҳеҷ кас даркор нест. Мо ҳам дигар ба ҳеҷ кас даркор нестем. Мо на ҷойи кор дорему на обрӯву эътибор. Хатуба ҳам ба касе лозим нест. На ба наздиконаш, на ба фарзандаш.

– Чиҳо мегӯйӣ, Файласуф? Хатуба фарзанд дорад?

– Шояд, ҳатто, наберадор бошад.

– Наход…

– Чанд солаш медиҳӣ?

– Бист-бисту ду…

– Бигзор, гуфти ту шавад. Хатубаи бемисли мо ҳамеша ҷавон бимонад. Барои Хатуба менӯшем.

Қадаҳҳо боло шуданд.

– Файласуф, май ҳам тамом шуд, – лабонашро бо остинаш поккунон аз ҷайб даҳсомоние баровард Ҷӯлидамӯй, ман мағозаи маҳаллаи шуморо намедонам. Шояд боз як шиша биёрӣ-а?

– Кӯча баро, дар ҳар як қадам як дӯкони шахсӣ. Ёфтани шароб проблема не.

– Ба ҳар ҳол, маҳаллаи бегона, худат рав. Пул-ку аз ман, ақаллан хизматаш аз ту бошад.

– Хайр, гуфти ту шавад. Лекин раққосая наранҷон. Тартиба вайрон накун, ки ҳамсояҳо шикоят мекунанд.

– Ба кӣ?

– Аксари ин мардум зодаи ҳамин маҳаллаанд. Медонанд чӣ кор карданашона, фаҳмидӣ?

– Хуб-хуб, тезтар рав, гулу сахт мехорад.

Ҷавон дарро аз дарун баст, аз ҷағбутҳои бадбӯй ҷойгаҳ андохт ва камарбандашро суст кард…

– Мадад кунед! Вой дод!!!

Вале он ноҷавонрой аз қасди бад даст намекашид, балки даст ба камари ҷавонзан меандохт.

– Сар те мана! Кистӣ ту? Сар те, мегӯям! Ҷаҳон! Ҷаҳон, ёрӣ те! Ҷа-ҳон!!!

Аммо дар ин қария на Ҷаҳон буду на Ҷаҳон ном шахсро ҳатто аз ҳамнишинони ин зани баргаштабахт касе мешинохт. Зан тамоми қувваташро ба ҳам овард ва зарбае миёни пойҳои марде фаровард, ки ӯро пахш карда буд.

– Ваҳ, сара хӯрдӣ, фоҳиша!

Мардак гӯё ҳаппаке[1] буд, ки парида ба кунҷи девор афтод ва ба худ печид. Занак шишаи холиро ба даст гирифт ва осемасар қуфли дарро кушоду худро берун афканд. Дар роҳрав Файласуфро дид, ки дар даст ду шиша шаробу ҳасиб дошт ва калавида-калавида пеш меомад.

– Хатуба, чӣ гап?

– Очат Хатуба! Аз пеши роҳам дур шав, ки ҳолат бад мешавад!

Файласуф худро ба кунҷи девор кашид ва баъд аз он ки занак дар торикии ҳавлӣ ғайб зад, ғур-ғуркунон худро ба хона расонд.

– Чӣ кор кардӣ? – вай ба ҷойгаҳи рӯйи фарш ишора кард.

– …

– Шукр кун, ки накуштааст.

– Девонаи ба кори худ ҳушёр будааст, пок сара мехӯрд.

– То ҳол касе ба ӯ дастдарозӣ накардааст. Гуфта будам-ку, ба вай чақа нашав. Аз худат гиламанд шав акнун. Накуштааст, хуб гапе…

* * *

«Худоё, дар хоб мондам-чӣ? Аллакай торикӣ фаромадаст. Ман ҳанӯз хӯроки шом омода накардаам. Хушдоманам чӣ мегӯяд? Айб шуд», – арӯси нав бо ҳамин хаёлҳо аз ҷой хестанӣ шуду… сараш ба тангии лаҳад зад!!! Ва ба даҳшат афтод. «Чӣ гап? Ин манзили тангу тор чӣ ҷоест?» ӯ хост атрофро даст-даст карда бинад. Илоҷе надошт, танаш бо чизе печонида. Хост фарёд занад, мардумро ба имдод хонад, вале манаҳи бастааш имкон намедод. «Худоё, маро зинда ба зинда гӯронидаанд-чӣ?» – беихтиёр аз дил гузаронид ва баъд аз ин сахттар ба даҳшат афтод. Охир ҳис кард, ки ду нарангушти пойҳояшро ба ҳам бастаанд! Нафас дар гулуяш мепечид, ҳуш аз сараш мерафт, бо вуҷуди ин дар талоши ҷон кафан пора мекарду раҳоӣ аз ин ломакон меҷуст. Фарёди даҳшатборашро фақат худаш мешунид. Дод мегуфту хишти даҳони гӯрро меканд, хоки даҳманаро панҷакаш мекард. Оқибат дарди сар ба андозае шиддат гирифт, ки!...

[1] Ҳаппак-тӯб

Ин кори душворро чанд муддат давом дод ва кай сӯрохие сохту нафаси амиқ кашид, на худаш ва на каси дигар медонад. Чунки касе ҳам шоҳиди ҷонбозиҳои ӯ набуд ва худаш, ки акнун ақл бохта буд, дигар ҳастиву нестиро сарфаҳм намерафт.

Вақте сар аз гӯрхона берун баровард, на хештанро мешинохт, на медонист, ки ин ҷо водии хомӯшон аст. Бо вуҷуди ин оҳи сабук кашид. ӯ ба мисли гӯсолаяке, ки нав ба дунё омадаву аз рӯйи ғариза ба пистони модар майл мекунад, калавида-калавида ба роҳ даромад. Ҳис намекард, ки танаш урён аст ва бо ин ҳол байни шоҳроҳ баромадан айб мешавад. Агар вай ақл медошт, баъди он ки ба шоҳроҳ расид, кӯчаи самти муқобилро интихоб мекард. Кӯчаеро, ки ҳамагӣ чанд рӯз пеш қофилаи бахташ дар яке аз ҳавлиҳои он маҳмил кушода буд. Дар он ҳавлӣ азизи дилаш, шоҳи номуродаш, Ҷаҳонаш, ки васли ӯро ба ду дунё иваз намекард, маъракаи ғам обод мекунад. Он хона мотамсарост. Вай, агар осемасар намебуд, ҳатман ёди он хонае мекард, ки чодари арӯсиашро накандаанд. Ёри дар ҳусну салобат ягонаи давронаш дар хона сарафкандаву ғамгин нишаста, балки ӯ худ ба кӯҳи ғам мубаддал гашта… Бале, агар ӯ ҳушманд мебуд, кай ёди хонаи падар мекард, ки гуфтаанд: «Дили оча ба бачаву дили бача ба кӯча.» Кӯи бахти ӯ дар самти чап аст, на ҷониби рост. Аммо ин вуҷуди девонаавзо ба самти рост тоб хӯрду беибо, бериё пеш рафтан гирифт. Агар шаб аз ним нагузаштаву ақаллан пеш аз хуфтан, ё фаразан, дами субҳ мебуд, ӯ бо ин шаклу шамоил чанд касро талхакаф мекард: танаш урён, мӯпарешон… Аммо агар касе, ки ба вуҷуд доштани дев ё албастию парӣ бовар намедошт, ба банди гесуи парешони ин париваш меафтод ва мисли вай ақл мебохту то хонаи падари ӯ думболагир мешуд.

Таманно раҳгум назад. Бе ҳеҷ душворӣ хонаеро, ки хуни нофаш рехта буд, ёфт. Кӯчаро чароғи хирасӯз базӯр равшан мекард. ӯ дарро тела дод. Кушода нашуд. Зулфини дарро ҷунбонид. Касе садо надод ба ҷуз Чорчашм, ки ба дарвозахона наздик шуда ду-се аккос зад.

– Чорчашм, ин – ман.

Саг, ки овози шиносро шунид, фӯкашро ба таги дарвоза молида овозе баровард, ки ба духтари ин хонадон, ҳамбозии даври кучукиаш фаҳмо буду бас. Лекин аз хона касе намебаромад. Таманно акнун бо хашм дарро кӯфт. Чанд тиреза рӯшан шуду чароғи хонаи онҳо не. Пардаи тирезаи ҳамсояҳо нимбоз мешуданд, вале касе ҷуръати дарвозакушоӣ намекард. «Рӯҳ! – аз дил мегузарониданд онҳо, – рӯҳи парешони Таманнои номурод!»

* * *

Ман аз он кулба мебарояму ба атроф назар меандозам. Аҷаб! Ин чӣ ҷоест? Ҳеҷ ба хотир оварда наметавонам. Куҷоям ман? Тангкӯчаи торик ба ваҳм меандозадам. Қадамро кушодтар мемонам, то ки аз ин ломакон берун оям ва ягон манзараи шинос дарёбам. Яке ба ҷӯйбораки ифлосе ғеҷида меафтам. Ба бари рӯям лойобаи бадбӯйе чарахса мекунад. Дилам мешӯрад. Домани куртаам ба лой межӯлад ва як пойи кафшам дар ҷӯйи бадбӯй дармемонад. Бо азобе пойафзолро аз лойдон мебарорам. Мехоҳам онро тоза карда, сари пой гирам. Ин чӣ кафшест? Ба роҳи нисбатан васее тоб мехӯрам, ки чароғи хирасӯз равшан кардааст. Аз новадони хонае ба ҳаҷми як ангушт шир-шир об мерезад. Дасту рӯй мешӯям, домани куртаамро тоза кардан мехоҳам. Шигифто! Ман кай чунин курта доштам? Бо диққат ба пироҳани булъаҷаб менигарам. Шармандагӣ! Беихтиёр китфони бараҳнаамро бо ду даст пинҳон мекунам. Оҳ, чунон сарам дард мекунад, ки…

Бояд ҳар даре ки рост ояд, бикӯбам. Вагарна субҳ медамад… Не. Соҳибхонагон чӣ мегӯянд? Худоё, ман ба ин кӯча чӣ сон афтодаам? Ба гирду атроф чашм мепартоям ва аз дидани манораи телевизион, ки чароғакҳои бешумор дорад, шод мешавам. Охир, ин ягона чизи шинос аст, ки ба чашмам мерасад! Пас ман ҳоло дар маҳаллаи Кӯҳдоман қарор дорам. Ва таваккалӣ роҳ пеш гирифтам. Аввал хостам ба хонаи шавҳарам дароям, лекин андешаи сару танро кардам: бо ин ҳоли табоҳ чӣ сон худро ба Ҷаҳон нишон диҳам? Қарор додам, ки аввал ба хонаи падару модарам медароям. Аслан фаҳмидан мехоҳам, ки ба ман чӣ воқеа рух додааст? Бо ин андеша афтону хезон ба роҳ баромадам. Ин кӯча чароғон аст.

Ба чап равам ё ба рост? Сарам чарх мезанад. Охир, ин кӯча ҳам шиносу ҳам ношинос ба назар мерасад. Магар ман сад сол ин ҷо набудам, ки манзара ба ин андоза дигар гаштааст? Иморатҳои баланд-баланд, кӯшкаку гунбадҳои мунаққаш. Ба атроф чашм меандозам. «АРАБХОНАИ САРЕЗ, – мехонам катибаи барқии сардевори кадом як биноеро. «Арабхона»? Яъне, чӣ? Фаҳмидам, чароғи ҳарфи аввали калима сӯхтааст. Ба ёдам зад, ки дар ҷойи ин тарабхона мағозаи ширфурӯшие вуҷуд дошт. Магар дар чанд рӯз чунин иморати зеборо бунёд кардан мумкин бошад? Ман чӣ мегӯям? Чунин бинои яктабақа пеши ҳо он қасрҳои дуву сеқабата чӣ гуфтанӣ гап аст? Дар воқеъ, куҷое ҳам бо ин ном тарабхона вуҷуд дошт. Ҳа, дар кӯчаи Садриддини Айнӣ, пеш аз истгоҳи «Оинаи нилгун». Магар ман дар кӯчаи Айнӣ қарор дорам? Не-е. Мана, дар сари девори бинои навсохте навиштаҷоте насб кардаанд: «Кӯчаи Мирзои Турсунзода». Аҷабо,

ман девона нашудаам? Оё бо номи устод кӯчае вуҷуд дошт? Ва оё ман дар кӯчаҳои зодгоҳам қадам мезанам?

Баданам виҷиррос мезанад ва ҳар чӣ бодо бод, ба пеш метозам. Инак, гузаре, ки ба дунё омадаам. Ман ин кӯчаро чаро аз хотир бароварам? Агарчи манзара асосан дигаргуна метобад, ба ҳар ҳол ин кӯчаи мо. Мана, ниҳоят тути балхӣ ба назар мерасад, ки шоху панҷааш ними кӯчаро иҳота мекунад. Тобистонҳо ҷойи бозии кӯдакон аст соя – салқини тути балхӣ. Ва пас аз чанд хона – ҳавлии мо. Ниҳоят, ман паси дарвоза таваққуф мекунаму… Чӣ? Ба чашмонам боварам намеояд. Оё ин дарвозаи ҳавлии мост? Дарвозаи оҳанини ҳаворанг ку? Ман ғалат кардам, аз афти кор. На ин дарвозаи чӯбини кандакорӣ ва на ин бинои хиштин ба волидайни ман тааллуқ надоранд. Ман ҳамаи инро фиреби назар дониста, чашмонамро бо муштонам молидам. Не, ангора дигар нашуд.

Пас, ман куҷо равам? Бо ин ҳоле, ки дорам, дари киро занам? Тарсам, ки девона шавам. Э, вой! Сарам ба дараҷаи кафидан мерасад, пойҳоям мадори ҷунбидан надоранд…

Яке сагеро мебинам, ки оҳиста-оҳиста сӯям меояд. Чорчашм аст!

– Чорчашм! Баҳ-баҳ!..

Чашмони Чорчашм дурахшиданд. Саг нигоҳи бегона дошт ва ба ваҷоҳати ваҳшиёна дандон тез карда, ба аккосзанӣ даромад.

– Чорчашм, ин – ман! Ором шав.

Вале саг ором намегирифт. Як-як пардаи тирезаҳо нимво мешуданд. Аз ҳар ҳавлӣ овози саг мебаромад, аз ҳар тараф сагу кучукҳое шабеҳи Чорчашм омадан гирифтанд. Ҳама ба ман даҳон гиз кардаву девонавор аккос мезаданд. Аз тарс сурати девор гардида будам. Сагони девона акнун ба домани куртаам дарафтоданд. Ман бо азобе даст ба тугмаи зангӯлаи дар бурдам. Сагҳо беист гулӯ медаронидандy дар пора кардани домани ман гӯё сабқат доштанд. Ногаҳ дар кушода шуду ҷавонмарди ношиносе сар берун кард.

– Хатуба ҳастӣ? Боз омадӣ? Хаёлам, зарбаҳои хӯрдаатро фаромӯш кардаӣ-а?

– Гӯш кунед, шумо шояд маро ба ягон каси дигар монанд кардаед. Ман Таманно ном дорам. Ман фарзанди ҳамин хонадон ҳастам.

– Ҳамин хонаи ту?

– Ҳа… не… албатта, хонаи мо дарвозаи оҳанин дошт, рангаш ҳам ҳаворанг буд.

– Дав, девона, ба ҳамон хонае рав, ки дарвозаи оҳанини ҳаворанг дошта бошад.

– Гӯш кунед, хоҳиш, бародар, ба ман мадад кунед. Аз сагҳои девона наҷотам диҳед.

Ҳисси инсонии ҷавон рӯ зад, аз афти кор, берун баромаду ба ман ишорат кард, ки ба ақибаш гузарам. Сипас аз камар таппончае гирифту ҷониби сагҳо тире холӣ кард. Гӯшам қуфл зад. Аз тарс чашмонамро сахт пӯшидаму вуҷудамро дарҳам кашидам.

– Рав, акнун, девона. Дафъ шав, ки мисли ҳамин саг…

Чашм кушодаму ба даҳшат афтодам. Аз даҳони Чорчашм хун ҷорӣ мешуд. Чор чашмаш баста буд. Сагҳои дигар ғайб задаву пардаи тирезаҳои мардум пӯшида буд… Ман аз тарс то ҷон доштам, гурехтам. Акнун дар пой кафш надоштам. Ҳалқам қоқ шуда буд, вале қатрае об намеёфтам. Ҳамин зайл ба кӯчаи марказӣ расидам. Бале, ин ҳамон кӯчаест, ки номи доҳиро дорад. Шоҳраги пойтахти азизи мост. Инак, бинои донишгоҳе, ки ман таҳсил мекардам. Бо чӣ орзуҳое ба ин даргоҳ қадам гузошта будам. Нияти устоди сухан шудан ба ин маскани илм оварда буд маро. Ҳанӯз онро хатм накарда арӯс шудам. Ҷаҳон маро розӣ кунонд, ки таҳсилро пас аз як сол давом диҳам. Аз арӯсиам ҳеҷ вақте нагузашта бошад ҳам, пазмон шудам донишгоҳи азизамро. Ба ман чӣ воқеа рӯй дода, ҳама ҷову ҳама чиз ба чашмам дигаргуна менамояд? Хаёлам, даромадгоҳи донишгоҳ хушрӯйтар метобад. Навиштаҷоти кӯчаҳо ҳам тоҷикӣ. Аҷабо, ин кинотеатри «Ҳаштуми март» аст? Не-е, хоб мебинам-чӣ? Рӯ ба боло меравам. Манзара дигар шудан мегирад. Ба пештоқи бинои Маорифи сиёсӣ катибаи нав часпондаанд: «Кохи Ваҳдат». Кох, яъне, чӣ? Беихтиёр ба забонам мисраъҳои Ҳакими Тусӣ меоянд:

*Пайафкандам аз назм кохе баланд,*
*Ки аз боду борон наёбад газанд.*

Пас, ин қасри Ваҳдат аст. Ваҳдат, яъне, ягонагӣ, танҳоӣ, яке будан. Эътиқод ба ягонагии Худоро ҳам «Ваҳдат» гӯянд. Во аҷабо, чаро натарсида ин иморатро чунин номгузорӣ карда бошанд? Кист говҷигаре, ки аз ҷавобгарӣ наметарсад? Албатта, ба ваҳдат омадан хуб аст. Ваҳдат аз якдамиву ҳамдигарфаҳмии ҷомиа дарак медҳад. Аммо он ҷо… дар кӯчаи худамон силоҳбадасте маро аз таги дарвоза ронд. Сагони чорчашм домани пироҳанамро лахт-лахт кананд. Ҳамсояҳо аз дидорам шод нашуданд. Ба рӯям парда пӯшиданд…

* * *

Ҷавонзан ба чапу рост менигаристу аз ҳайрат даҳонаш во буд. Ҳеҷ дарк карда наметавонист вазъиятро. Пасу пеш ду сабукрав бо

тамғаи хориҷӣ ниҳоят тез аз кӯча гузаштанд. «Инҳо чӣ гуна мошин бошанд? Чунон зебо, ки…» – аз дил гузаронид ӯ. Ва яке пай бурд, ки субҳ сафедӣ мекунад, дар кӯча чун ҳамеша занҳои ҷорӯбкаш пайдо шудан гирифтанд.

– Зоғ насиба нахӯрда, Хатуба кӯча баромадааст, – гуфт ҷорӯбкаше ба ҳамроҳаш.

«Тамоми шаҳр забон як кардаанд-чӣ? Чаро маро Хатуба ном мебаранд?» Бояд зудтар ба хона расам. Мардум маро ба ин ҳоли зор набинанд. Ҳанӯз Ҷаҳон аз хоб нахеста бояд тағйири либос кунам», – худ ба худ мегуфт ӯ ва қадамашро кушодтар мемонд.

Ҳавлиҳои хурд-хурду кулбаҳои назарногири соҳили наҳракро бетағйир дида, гӯё худро дарёфт Таманно. «Хайрият, – гуфту оҳи сабук кашид, – ана хонаи мо». Вале дари кӯча аз дарун занҷир буд. Нахост, ки буду набудашро касе пай барад. Оҳиста аз болои девори пастак гузашт.

– Кист?

Таманно якқад парид. Ва худро паси танӯрхона гирифт. Мабодо хусураш бинад.

– Кист мегӯям?!

«Овози Ҷаҳон бошад? Не, овози ӯ ин хел хаставу дағал нест.»

Марди газгӯште сӯйи ӯ омадан гирифт. Кор аз кор гузашта буд. Зан натавонист худро паноҳ кунад. Мард ӯро шинохт.

– Таманно?

– Бале.

– Ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Берун баромада будам. Ман ҳозир … либос иваз мекунаму ҳавлиро об зада мерӯбам, – ӯ хост сӯйи даҳлез қадам занад.

– Исто! – сахт гуфт мард, – Бирав, тезтар бирав, ки сарамро дар бало мемононӣ.

Таманно ба чизе сарфаҳм намерафт. Яке ба хотир овард, ки қариб нимурён аст. Сабаби сахт гап задани мардро дар ҳамин дид ва илтиҷоомез гуфт:

– Ман ҳеҷ айб надорам. Худам ҳам намефаҳмам, ки ин либоси ҷанда аз куҷост. Ман бемаҳал хоб рафтаам. Хоби ғафлат буд, аз афти кор. Хоб дидам, ки маро зинда ба зинда гӯрондаанд. Мехостам то омадани бибиҷонам хӯрок пазам, бо ҳамин мақсад аз ҷой мехестам, ки сарам ба тангии лаҳад зад. Чӣ хоби даҳшатангез буд, хайрият, ки поён ёфт. Муллоамак, шумо овоз баланд накунед. Илтимос… ман оҳиста дарун медарояму то бедор шудани Ҷаҳон худро ба тартиб медарорам. Либоси тоза мепӯшаму ҳавлиро об зада мерӯбам…

– Таманно, мебинам, ки ту маро намешиносӣ. Гапа бисёр накуну ба ҷойи омадаат бозгард.

– Ҷойи ман куҷост? Дар маҳаллаамон сагҳои бисёр ҳамла карданд. Куҷоянд падару модари ман? Он марди силоҳбадаст кист, ки Чорчашмро кушту маро бо таҳдид аз дар ронд? Ин чӣ гап, ки маро касе тан намегирад? Ҳатто, саг соҳибашро намешиносад?! Ҷеғ занед Ҷаҳонро! Бигзор, маро нимурён бинад. Магар аҳду паймон чунин буд?!

– Бирав, мегӯям!!!

– Ҳеҷ ҷо намеравам. Ман ба ин даргоҳ бо умед қадам гузоштаам. Ҷаҳон, то ин ки дили маро ба даст оварад, қариб девона мешуд. Аз даргоҳи чун падари ман – марди баобрӯ ба ин паскӯча арӯс овардан кори осон набуд. Аз Ҷаҳон пурсед, ки вақти ҳар дафъа ноумед баргаштани хостгорон чӣ қадар оби дида мерехт? Ба хотири ашкрезиҳову оҳу нолааш, ба хотири муҳаббаташ ман ба рӯям чарм кашидаму худам бо модар ошкоро гуфтугӯ кардам. Падарам мардӣ карданду дафъаи навбатӣ ба хостгорон ризоият доданд. Муллоамак, номардӣ аз ҷониби шумост. Шумо ману Ҷаҳонро ҷудо кардан мехоҳед?!

Мард лолу карахт ба Таманно нигоҳ карда меистод. Чӣ ҳам гуфта метавонист? Гапҳои вай ҳама ростанд. Дар ҳақиқат Ҷаҳон дар ишқи Таманно месӯхт. Ин духтари дар ҳусн ягонаву гулдасти хона зеби орзуи на як Ҷаҳон, балки сад ҷаҳон буд. Вале дили ӯ ҳама шефтаву волаҳоро рад карду ба ҳамин бачаи кӯҳистонӣ, ки аз ин гузари бенавоён базӯр сарпаноҳе ёфта буд, майл намуд. Вагарна волидайни бенавои Ҷаҳон куҷову бо Усмон-нонвойи ургутӣ қудо-андагӣ кардани онҳо куҷо? Аммо ба ин девона чӣ сон фаҳмонидан мумкин бошад, ки…

Дили мардак ба ҳоли зани нимурён сӯхт.

– Биё, худам барам туро ба манзилат. Нағзаш, исто. Ман ҳозир бароят либоси тоза меорам.

Мардак пас аз лаҳзае як даста либос овард.

– Бипӯш инҳоро. Ман дуртар меистам.

Зан зуд тағйири либос кард. Куртаву поҷомаи хушдӯхт ва рӯймоли ҳарир ӯро басе зебида буд.

– Рафтем.

– Куҷо? Ҷаҳонро ақаллан як бор бинам…

– Ҷаҳон нест. Вай кайҳост, ки ин ҷо нест. Дар ким-куҷо гумроҳу гумном гардидааст. Ӯро дигар наҷӯй. Фаҳмидӣ, Таманно. Умуман ба роҳи худат рав. Роҳи ҳар яки шумо дигар-дигар аст. Ту падару модаратро ҳам наҷӯй. Онҳоро дигар намеёбӣ. Каси рафта кай омадаст, ки

онҳо биёянд? Ҷойи рафтаи онҳо бозгашт надорад. Танҳо ту тавонистӣ, ки баргардӣ, аммо чӣ қимат афтод омадани ту. Агар рафтанат ҳаёти Ҷаҳонро чилчил шикаста бошад, омаданат хонадони бузурги Усмон-нонвойро аз ҳам рехт. Ҳарчанд ки духтарам – буду шудам, меваи ягонаи умрам, мегуфт, маълум шуд, ки падарат меросхӯрони зиёд доштааст. То як мижа задан амволи меросиро тика-тика карданд. Буд чунин хонадони бомартаба. Имрӯз нест. Модаратро дарди ҷудоии падарат бурд ё дарду доғи ту, кӣ медонад... Аслан, ягон чизи олам доимиву абадӣ нест. Обрӯйи падари ту пеши нуфузи як давлати бузург, ки шашяки оламро дар бар мегирифт, ба чени қатрае аз оби уқёнус нест магар? Пас чӣ ҷойи афсӯсу надомат аст?

Ҷавонзан аз гапҳои ин марди парешонфикр чизе намефаҳмид, вале орому ботамкин қадам мезад. Ҳарчанд суханҳои ин мард низоме надоранд, аммо фалсафае ба худ доранд. Таманно кулбаҳои пуршикасту рехти маҳаллоти кӯҳдомaну назди соҳилро, қасру кушкҳои басе бошукӯҳу чароғони гузарҳои марказиро пеши назар меоварду аз гуфтаҳои ҳамраҳаш рабту низоме меёфт. Ниҳоят мардак ӯро ба яке аз хобгоҳҳои умумӣ оварду дареро кушод, ки чор девори урён дошт.

– Ин ҷост манзили ту. Даратро, ки қуфл намезанӣ, анҷоми хонаатро ҳамсояҳо мебаранд. Чанд моҳ пеш масҷиди маҳалла як палосу ду кӯрпачаат дода буд, ку? Дидӣ, ҳиччӣ намонда бурдаанд. Чизе хӯрдан мехоҳӣ?

Зан ҳис кард, ки сахт гурусна аст.

– ...

– Ҳолӣ барвақт, мағозаҳо сонитар ба кор сар мекунанд. Нағзаш, ту ин пулро гиру пас аз як-ду соат чизе харида хӯр. Лекин дигар роҳи хонаи моро фаромӯш кун, фаҳмидӣ? Агар гузарам афтад, худам туро хабар мегирам. Худат ҳаргиз нарав. Нарав, ки хонавайрон мешавам.

Мардак рафт. Ҷавонзан аз токчаи тиреза пулҳои мондаи мардакро гирифт. Гирифту ҳайратзада ба он чашм дӯхт...

* * *

Ин кулбаяки назарногир ва ин ҳавличаи дар пастхамӣ ҷойгирифта ба чашми арӯс чӣ қадар бошукӯҳ метофт. Охир, ин хонаи бахти ӯст. То ба ин ҳумоюнгоҳ расидан чӣ қадар талош кард духтар. Падар ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешуд, ягона нури дидаашро ба одамоне диҳад, ки беорзуву ҳавас буда, ақаллан аз рӯйи ору номус равғани бадан об кар-

да, ҷойи шишташонро ба ифоқа намеоранд. Дунё дигар шудааст, вале ин қабил одамон чор болорро болои чор девор монда, гову гӯспандро дар шафаташон ҷой дода, «зиндагӣ» мекунанд. Аҷаб, ҳатто хушашон намеояд, ки мағзобаи ҷомашӯйиашонро онсӯтар афкананд. Ҳамон ҷо мехӯранду ҳамон ҷо мехобанд… Вале духтар ба ин ҳукми ноодилонаи падар ризо шуда наметавонист. «Ба падарам фаҳмонед, бийиҷон, – мегуфт ӯ, – ман ба кулбаи вай чӣ кор дорам? Муҳим муҳаббати ӯст. Дунёи ботини Ҷаҳон рангин аст. Агар мо, ҳар ду дар зиндагӣ аз як гиребон сар барорем, ин хаскаппаро рӯзе ба иморати айвон-кайвондор мубаддал мекунем. Худатон мегуфтед-ку, бийиҷон, то он ки ба васли шумо расанд, падарам кӣ буданд? Ҳезумкаше аз деҳаи дурдасти Самарқанд. Асли падарат аз Камонгарони Ургут. Вай ҳар рӯзи якшанбе ба ҳавлии мо як ароба ҳезум меовард. Сонитар ин бачаи дидадаро дастёри падарам шуду касби нонвойӣ омӯхт, мегуфтед. Ёдатон меояд, мегуфтед, ки ҳарчанд бобоят Усмонҷонро дӯст медоштанд, вақте масъалаи муҳаббати мо, ду ҷавон ба миён омад, дам шуда монданд. Чунки асли насаби Усмонҷонро дар Самарқанд касе намедонист. Ина бинед, бийиҷон, муҳаббати шумо ғалаба кард. Акнун падарам яке аз шахсони баобрӯйи гузари Ургутиёни Душанбе. Ҳамаро якҷо ёфтед: ҳам обрӯ, ҳам хонаву ҷо. Илтимос, бийиҷон, ба овози қалби ман гӯш диҳед. Мадад кунед. Охир, хаёлам, ман бо дигар ягон кас хушбахт буда наметавонам.» Илтиҷову оби дидаи фарзанди ягонааш кора кард магар, ки Хосият-отун шавҳари обрӯталошашро ба роҳ андохт. Ӯ, албатта, гузаштаи шавҳарашро бо таъна ёдрас нашуд. Балки аз рӯйи фаросат ба дили марди хона роҳ ёфт.

– Ин ҷою ҷалол, ин ёфту тофтатон барои кист? Таманноро ба ҷавони дилхоҳаш диҳему нури чашми ягонаамон ду шавад, хуб нест магар? Агар падару модари домодшаванда маҳру қалин дода натавонанд, чӣ ҷойи айб? Одамони орзухоҳ ба як овардаи қудо-анда даҳ илова карда, пеши мардум мебароранд. Худоба шукр, аз рӯзе ки Таманно ба дунё омад, ёфтагема тофтаму туф карда гиреҳ кардам. Духтари ман зори тилову тангаи хусуру хушдоман нест. Он чӣ дорам, аз они Таманно, – модар ба ҳамсараш боумед менигарист.

– Ҳамту-куя, биеш, лекин тарсам, ки аз ман дида худатон зиёдтар шарм карда монед. Ман-ку оши наҳора дар рӯйи ҳавлиам дода, аз халқ қарзама меканам-а, боз ин ки мардҳо аз пушти гапу гапча кам мегарданд, убол ба ҷони шумо мешӯд[1], ки таги писханду истеҳзои занҳо ҳарҷогард монда, худатона худатон мехӯред. Монед, ҳар кас

[1] Мешӯд-мешавад (лаҳҷаи Самарқанду Ургут)

кӯрпеша дида пой дароз кунад, – марди хона розӣ намешуд.

– Ман аз чӣ шарм мекунам? Ман духтари Шарофат-отун ҳастам, ки дар Самарқанд барин ҷой ба даҳони занҳои қоидадон банд андохта тавониста буданд, – абрӯйи росташро маънидор паронида монд Хосият-отун.

Усмон-нонвойи ургутӣ ба ин ишорати нозуки ҳамсараш зуд сарфаҳм рафт. Бале, дар Самарқанде, ки аз бинои урфу одатҳо хиштеро ноҷо карда нашавад, хушдомани раҳматиаш бо чӣ устокориҳо вазъиятро мувофиқи ҳол гардонида буд. Пас ӯ аз чӣ истиҳола мекунад?

– Лекин то фарзанддор шуданашон, бигзор, бачаҳо дар хонаи домод зиндагӣ кунанд, – тоқии тусиашро ба даст гирифта сар хорид марди хона.

– Албатта, албатта. Айб мешӯд, ки домодро ба хона орем. Сонитар, вақташ мерасад, ки фарзандону наберагонамон ба ин ҷо кӯчанд. То он вакт, Худо – подшоҳ.

Албатта, Усмон-нонвой пеши ягон нафар аз ургутиёни Душанбе забонкӯтоҳ нашуд. Дар тӯли ин қадар солҳо аз хони касе як гард намак чашида бошад, басу барзиёд хӯронд – ду рӯз пасу пеш зиёфат дод. Аз ин даргоҳ даҳҳо нафар ҷома пӯшида рафтанд… Вале ин рӯзҳои хурсандӣ дер давом накарданд.

* * *

Ҳанӯз чодари арӯсии Таманно ноканда буд. Шаҳ дар пеши назари падару модар гӯё аз пайи коре ба кӯча баромада мерафту пас аз чанд лаҳза аз ақиб шишаи тирезаяки хонаи арӯсро тиқ-тиқ мезад.

– Кист вай? – дурӯғакӣ бо ҳарос овоз мебаровард арӯс.

– Ман – Қайс, – ҷавоб медод домод. «Лайлӣ» зуд пардаи тирезаро мебардошт ва маҳбуби дили хешро ба хилватгоҳ мекашид. Ин сарпаноҳи пастаки намнок дар назари ҳар ду кошонаи бахт буд. Дирӯз онҳо бомаслиҳат донишгоҳ рафта буданд. Таманно ба раёсати донишгоҳ ариза дод. Ин хоҳиши Ҷаҳон буд, ки таҳсилро ба як сол мавқуф гузошта, чанде дар деҳа хизмати хусуру хушдоманро ба ҷо оварад, бо хешу табор шинос шавад. Бигзор, волидони Ҷаҳон аз чунин арӯси нозанини шаҳрие, ки исташ ҳунару меҳрубонист, байни ҳамдеҳиён сарафрозӣ кунанд! Ҳарчанд Таманно медонист, ки ризоият додан ба ин тақозо маънои чанде дур гаштан аз бари Ҷаҳон ҳам ҳаст, аз шахси азизаш наранҷид. «Ҳеҷ гап не, аз як тараф, зодмандони Ҷаҳон ҳам бо як дунё орзу арӯс овардаанд. Бигзор, дар пеши мардуми деҳ сарпаст набошанд, аз тарафи дигар, дар ин як сол имкони хондани

китобҳоеро меёбам, ки ҷилд-ҷилд ҷамъ овардаам», – мегуфту худро ором мекард Таманно. Ҳамкурсон ин қарори навхонадоронро намеписандиданд. Вале ҳама ба ин ду дилдодаи васлгашта бо ҳавас менигаристанд. Ҷаҳон, ки то имрӯз касе бо чунин сарпойи бокарру фар надида будаш, дар назар шаҳи одӣ не, шаҳзодаи ҳақиқӣ метофт. Таманно лаҳзае даст аз бозуи шавҳараш намекашид. Ангор, арӯс ангуштариву нигини алмосаш Ҷаҳон буд: чунон зебанда, чунон дурахшон!

Вақти бозгашти онҳо гӯё ин кӯчаву пасткӯчаҳо сур дошт. Занҳо аз сари деворҳо сар кашида менигаристанд, кӯдакон пеш-пешашон метохтанд. Ба ҳамсояҳо шаҳмарди ҳумоюнбахт даст пеши бар гирифта салом медод, шаҳбонуи некӯхисол, ки кафшу камзулаш, зеҳи поҷомааш, пироҳану сарандозаш ҳама заррину заркӯбу зангӯладор буданд, нимтаъзим мекард. Вақти гом задан аз пӯпаки кокулони дарозаш, аз химчаи қомати ларзонаш наво мерехт, навои зангӯлаи бахт!

Имрӯз ҳам Ҷаҳон падару модарашро фирефта ба хона аз тирезаи ақиб даромад. Ҳанӯз май аз лабони майгуни ёраш нанӯшида буд, ки овози модараш шунида шуд.

– Таманно, мешинӣ хонада, берун буро. Сатилда ов мун, ҷомашӯйӣ кардан даркорай. Овҷӯшонак сари мехнда.

– Зуд биё, ки аз интизорӣ мемурам, – мегуфт Ҷаҳон.

– Таҳаммул кунед, бибиҷонам яке ароз кунанд, – бо нимтабассум ба мисли Хосият-отун абрӯи росташро бамаънӣ парониду аз пайи иҷрои супориши хушдоман берун рафт Таманно.

Шаҳи нав бетоқатӣ мекард. Аз азизи дилаш дараке набуд. То даҳ шуморид, наомад. Ҷаҳонро қаҳр меомад, вале аз ҷеғ задан худдорӣ мекард. Охир, ӯ бо роҳи хуфёна ба ин хилватгоҳ расида буд. Оқибат боз бо ҳамон роҳ кӯча баромад. Дар таги дар модарашро дид, ки бо ҳамсоязан суҳбат дошт.

– Тез омадӣ, бачам?

– Охир, дар хона арӯси нав интизор аст! – шӯхикунон хандид зани ҳамсоя. Ҷаҳон табассуме карду ҷавобе надода вориди ҳавлӣ гардид. Пас аз чанд сония наъраи ӯ шунида шуд:

– Оча!!! Таманно мурд!!!

Дар як лаҳза ҳавлӣ ба мотамкада табдил ёфт. Арӯсро шиддати баланди барқ тамом карда буд…

Касе ба димоғи Таманно оина медошт, кадоме нафаси сунъӣ медод, лекин натиҷае ҳосил намешуд. Духтуре, ки даъват карда буданд, зуд хулоса баровард: аз шиддати баланди барқ дил кафидааст.

– Арӯси охират, балам! Сарқути мурдаҳо, балам! Ҳам духтару ҳам

писарам! Чува падару модари ғарибата бекас кардӣ? Мо ба дили ту нигоҳ карда будем, ту чува ба дили мо нигоҳ накардӣ? Тӯйхоная ғамхона кардӣ, балам! Во духтари хурсандия бардошта натавониста-гем!!!

Модар нола мекарду ашк мерехт. Аммо Усмон-нонвои асобадаст сарафканда буду лол. Магар ӯ ба марги духтари ҳанӯз баҳори бисту-ми умрро надидааш намесӯхт? Магар вай ғам намехӯрд? Чӣ хел ғам намехӯрд? Ғам мехӯрд ӯро. Ҳеҷ кас қобили дарки дарди ин марди сарафканда набуд. Гӯшаш қуфл зада буду нолаи завҷаашро намешу-нид, гӯё дунё кару гунг гаштаву ҳастӣ ба торикистони нестӣ фурӯ рафта буд…

Яке ба худ омад, ки нафаре ба дасташ сӯзандору мезаду дигаре бодбизан меафшонид. Пайкори маҳалла мегуфт:

– Тезтар мурдаро омода кунем, ки қабр тайёр. Дер накарда масҷид барем. Раҳматӣ аз пешнамози ин рӯзи саид бебаҳра намонад. Чӣ марги зебое, дар рӯзи одина…

Занҳо бо сарварии бибиотун давра гирифта садр мерафтанд. Са-дои форами отун басе дарднок буд:

*Э, бор Худойи пуриноят!*
*Покиза карими бениҳоят!*
*Моем, ки бандагони осӣ,*
*Талбандаи пӯзишему шафқат!...*

Ва бад аз хондани ҳар байт издиҳоми занон ба отун ҳамовоз ме-шуданд:

*Гӯрашона пурнуркунӣ, Илоҳо!*
*Рӯҳашона шод гардонӣ, Илоҳо!*

* * *

Бегоҳӣ сари дастархон домулло аз гӯру қиёмат суҳбат мекард. Ҳозирин гоҳо ба домулло аз ину он масъалае, ки дар назар басе но-чиз метофт, савол медоданд. Яке мепурсид:

– Барои чӣ қабри занро нисбат ба қабри мард чуқуртар мекобанд? Рост аст, ки бори гуноҳи занҳо аз мардҳо дида вазнинтар аст?

– Бачам, шунидаӣ, ки шармандаи ин дунёву он дунё накунад, мегӯянд? Ҳимоят кардани шаъну шарафи бонувон ба дӯши мост. Барои он гӯри занро чуқур мекобем, ки ҳатто, ҷисми беҷони онҳо ба ину он дастрас набошад. Нашунидаӣ, гоҳо хабар паҳн мешавад, ки

дар фалон ҷо мурдаеро сагҳо аз қабр берун кашидаанд?

– Домулло, барои чӣ рухсат нест, ки мард ҷасади зани худашро ба лаҳад гузорад?

– Зеро бо баромадани рӯҳ аз колбад зан дигар ба шавҳару мард ба зани хеш бегона мешаванд. Яъне, никоҳашон бурида шуд, гуфтан гиред. Занро танҳо оне ба қабр мемонад, ки миёни онҳо никоҳ раво набошад, ба мисли тағо, амак, бародар…

– Ва агар марҳума тағову додар барин наздикон надошта бошад?...

– Мурдаи як муслима рӯйи хок мемонад магар? Ба мисли воқеаи ҳаминрӯза, аз рӯйи зарурат, ягон хеши мардинааш ва ҳатто бегонае дар байни мардум майитро хоҳари қиёматӣ мехонаду ҷасадро ба манзили охираташ мегузорад.

Усмон-нонво оҳиста ҷониби Ҷаҳон чашм партофт. Чашмҳо ба ҳам хӯрданд, лекин хусур аз нигоҳи домодаш чизеро пай набурд. «Магар ӯ дигар домоди ман нест? «Ман писарвор дар хизмати шумо будан мехоҳам», – гуфта буд Ҷаҳон рӯзи никоҳ. Бо даргузашти Таманно дигар Ҷаҳон ҳам ба хонадони ман қаробате надорад? Ҳамин тавр? Аз рӯйи мантиқ домулло ҳамин хел ҳукм мекунад. Тавба… Ҷаҳон ҳолиё дар дил чӣ эҳсос дошта бошад?»

Ҳамин лаҳза дар рӯйи ҳавлӣ ҳамсояи Усмон-нонво намоён шуд. Ӯ бо имо марди ғамзадаро берун мехонд:

– Амак , як лаҳза берун бароед.

Ҳамсоя ӯро ба хамгашти кӯча бурд.

– Гап занед, охир, чӣ гап шудааст?

– Худатонро ба даст гиред, муллоамак. Агар натарсед, мегӯям.

– Аз чӣ тарсам? Хонаамро дузд задааст? Касе оташ андохтааст? Чӣ парво дорам?... Ба ман дигар чизе лозим нест. Молу сарватро чӣ кунам?

– Амак…

– Монед, ҳамсоя, маро таскин надиҳед. Ин дардест, бедармон, ғамест, бепоён. Ғами ҳафт акаву апеш як тараф шуду дарди Таманно як тараф. Балки ин дарде, ки аз Таманно гирифтам, вазнинтар аз дарди онҳо шуд. Ҳафт нафари онҳо яке ҳанӯз «дада»-гӯяк нашуда, дигаре ҳанӯз лабханде накарда, чорумӣ ҳанӯз шеваи роҳгардӣ наомӯхта, панҷумӣ мактабравак нашуда аз олам рафтанд. Таманно ҷойи ҳамаи онҳоро гӯё пур карда буд. Ӯро бо ноз парваридам, духтарам не, писарам гуфтам. Дар охири умр ба чӣ ҳол афтодам? Дастам

ба ош нарасида, аз биндем[1] хун омад. Ҳанӯз домодро наталбида…

– Муллоамак, тасаввур кунед, ки Таманноятон намурдааст. Куҷое меҳмонӣ рафта буду омадааст. Ҳозир дар хона интизори шумост.

– Чиҳо мегӯед, ҳамсоя, бо хобу хаёл худро таскин дода мешӯд, магар?

– Муллоамак, дар олам чӣ мӯъҷизаҳое, ки рух медиҳанд. Ба қудрати Парвардигор шак овардан нашояд.

Усмон-нонво ба чашмони ҳамсояаш зеҳн монд. Чиҳо мегӯяд ӯ? Шӯхӣ мекунад магар? Наход, ҳозир мавриди ҳазлу мазоқ бошад?

– Муллоамак, шумо-ку соҳиби дилу гурдаи қавӣ ҳастед. Рости гап, тамоми гузар – талхакаф. Яке ӯро рӯҳ гумон кунад, дигаре намедонад, ки бовар кунад, ё не. Лекин дилам гувоҳӣ медиҳад, ки … мегӯям, саросема Таманноро гӯр карда будаанд-чӣ? Вай омад.

– А?!

– Натарсед, мулло…

– Чӣ гапро хойида шиштаед? Аз аввал пӯсткандаи гапро гӯед, намешуд? Шаф-шаф мекунед! Рафтем!!!

Мошин гӯё мепарид.

Падар ҷигаргӯшаашро дар ҳоли табоҳ дарёфт: бараҳнатан, мӯпарешон, беақлу ҳуш… Бо вуҷуди он ба андозае хурсанд гашт, ки худро идора карда наметавонист. Пардаи тирезаҳо пӯшида шуданду аз дарвозаҳо ҳамсояҳо як-як баромадан гирифтанд. Усмон-нонво ҷомаи танашро кашида, ба китфони Таманно печонид ва ӯро ба оғӯш гирифт. Духтар ҳам ба мисли тифли нозпарвар сар ба китфони падар гузошт. Падар мегиристу духтар механдид. Дар аввал касе пай набурд, ки хандаҳои тифлонаи Таманно бесабаб нест. Ин нишонаи осемасарист…

* * *

Аллакай субҳ дамидаву офтоб аз паси гунбазу чортоқҳои манзили бойбачагони навбаромад нури зарҳалӣ меафканд. Шаҳр бедор мешуду садои дарёчаи Душанберо фурӯ мебурд. Мард оҳиста-оҳиста аз кӯчаҳои ободгузашта, ба хамгаште тоб хӯрд. Ин ҳамон ҷинкӯчаи ноободи шиносест, ки замоне корвони сабукравҳои ороста базӯр ворид шуда, ба яке аз кулбаҳои он Таманнои саодатмандро оварда буданд. Ҳамон даргоҳи номуборак аст, ки аз он арӯси нозро савори тахти равонаш ҷониби қабристони Сариосиё бурда буданд.

Чӣ хушрӯй буд омад-омади арӯс: дар иҳотаи дӯсту ёрон шаҳу

[1] Биндӣ – бинӣ, димоғ (лаҳҷаи гуфтугӯйии Самарқанду Ургут).

арӯсро се бор гирди гулхани бахт гардониданд. Ин оини суғдиёни қадим аз ҷониби ургутиён сахт риоя мешуд, ки тарафи домод натавонистанд зиддият нишон диҳанд. «Чӣ оини зебост», аз дил мегузаронид шаҳи ҳумоюнбахт. Вале ин иқбол кӯтаҳумр буд…

Пас аз ҳафтае ғамхона шуд ин кулбаву ин ҳавлӣ. Чӣ ҳузнангез шино мекард тахти равони Таманно. Ин тахти равон набуд, балки киштии шикастаи бахт рӯйи амвоҷ буд, тахтапорае буд андар тӯфони балоангези тақдир. Ҷаҳон аз паси тобут нолакунон мерафт, рӯйпӯши тобут ҳамон чодири махмали албоние буд, ки ҳамагӣ чанд рӯз пеш зери он ба шаҳу арӯс оина нишон додаву бо шаҳд ширинкомашон карда буданд. Он рӯйҷойи духобаи албонӣ бодбони барафкандаи киштии шикастаро мемонд…

Ҷаҳон ба ҳавлӣ даромаду ба як кунҷаки кат нишаст. «Чӣ номардие кардам ман, – ба дил мегуфт ӯ, – ба озмоиши тақдир тоб наовардам. Духтурон гуфта буданд, ки ҳуши ӯ бебозгашт аз сар парида. Илоҷи табобаташ нест. Ба гапи падару модар ва ҳамдеҳагон гӯш додам. Гапи муллоро дастак карда гирифтам. Гуфтам, ки ӯ мурдаву мо дигар ба ҳамдигар раво нестем. «Чун гӯшаш ҷаноза шунид, пас ба ҳукми мурда аст», – гуфтани домулло маро аз масъулият озод мекард гӯё. Модарам мегуфт: «Вай арӯси бепою қадам буромад. Мунда, ачаи худутда бовар надорӣ? Агар пою қадамуш муборак мебуд, ай гӯр хеста омада, бувоша талхакаф карда мекушт?» Ман бо маслиҳати наздиконам, ҳанӯз чили падарашро надода, пой аз он хонадон кандам ва ба дари ҳавлиам қуфл андохта, ба зодгоҳам роҳ пеш гирифтам. Албатта, то дер вақт ором намеёфтам. Паси гӯшам овози имдодхоҳонаи Таманно мерасид: «Ҷаҳон! Ҷаҳони ман!!!» Оҳиста-оҳиста ором гирифтам. Оқибат ба гуфти калонтарҳо розӣ шудам, ки аз «миллати худамон»[1] зан гирам. Аҷаб, ки зиндагии бешодиву сурури мо зуд-зуд бор меовард ва мо соҳиби духтару писарҳо мешудем.

Шабе хоб дидам. Чӣ хоби пурдаҳшате буд… Дар тарабхонае Таманнои нимбараҳна овозхонӣ мекард. ӯ таҳти мусиқии ҳиндие суруд мехонду ракс мекард. Ҷавонони айёшу тарабхоҳ ба пеши пояш гул мерехтанду ба синабандаш пул мехалонданд. Орият кардам. Сахт орам омаду байни давра зада даромадам ва аз дасти Таманно гирифта берун кашидан хостам. Аммо… ӯ бегонанигоҳ метофт. Маро писанд намекард ва бо нозу ишва даст сӯйи ҳаводоронаш дароз карда «Хату-ба!» мегуфт, ҷавонони масту айёш, ки ҳама тугмаи куртаҳоро кушода

---

[1] Мардуми омии кӯҳистон маънои бузурги «Миллату Миҳан»-ро чӣ тангу сода корбаст мекунанд.

буданду девонаавзо метофтанд, дар ҷавоб мегуфтанд: «Ҳату – ба!»

* * *

Даври таътили мактаббачаҳо оғоз ёфт. Ҷаҳон зану фарзандонашро ба кулбаи шаҳриаш овард. Рӯзе онҳоро ба тамошои шаҳр баровард. Дар майдончаи чорбоғи шаҳр мардум давра гирифта буданду зане, ки мисли ҳиндувон дар ҷабин холе ниҳода буд, суруд мехонду арғушт мерафт. Зану фарзандони Ҷаҳон бо «Ҳай, тез бош»-у «Тез дав»-гӯйиҳо, ки хоси мардуми рустост, ҷониби давра шитофтанд. Ҷаҳон ҳам аз паси онҳо ба давра наздик омад ва гӯё ӯро ҷараёни барқ зада бошад, карахт шуд.

– Ай ноширгит, зан нашида бимир, ними миёну банди синаша либ-лич карда меҷунбона-е, – ҳамсараш бари рӯймолро газида, зани арғуштиро мазаммат мекард.

– Мегум, мардак, шаҳрнда на дин мундаю на диёнат. Бубин, зани калуни ката да байни мардум чиқа нозу адо мекна. И падару модар надошта боша? Шӯ надошта боша? Калонтарош баъд мемунан, ки и шармнда да қади кӯю кӯча ҷунбон-ҷунбон букна?

Сару рӯйи Ҷаҳонро арақи хунук пахш кард.

– Ку, бачаҳо, рафтем.

– Нав омадем, чида тез меравем?

– Аловгирӣ омадем, ки тез бармегардем? Бачаҳо ба чархофалак савор шаван, охир, – занак гапи фарзандонро қувват медод.

– Мегӯм, тез рафтем!!! – ранги рӯйи Ҷаҳон сап-сафед шуда буд. Аҳли байташ ба ӯ итоат оварданд.

«Таманно, чӣ қадар духтари шармгин будӣ. Дуруст аст, ки дар байтбарак миёни донишҷӯён аз ту пешгомтаре ёфт намешуд. Аммо надида будам, ки боре ҳам миёни ҳамкурсон рақс карда бошӣ, суруде хонда бошӣ. Вақти ҳашари пахтачинӣ рафтанамон ба ёдат ҳаст? Ҳо, донишҷӯёни соли аввал будем. Одатан ҳар бегоҳ дар толори варзишии мактаб, ки хобгоҳи мо буд, маҳфили рақсу бозӣ ташкил меёфт. Духтарон зораву тавалло мекарданд, ки ақаллан боре миёни давра бароиву даст бардорӣ. Сар меафшондиву халос. «Дар умрам арғушт нарафтаам», – мегуфтӣ ту. Ба ман ҳамин шарми табиии ту маъқул буд. «Кӣ мегӯяд, ки Таманно духтари шаҳрист. Мегӯйӣ, нав аз деҳаи дурдасте ба марказ омадаву ҷавонони тарабхоҳро ҳаргиз надида бошад», – мегуфтанд шарикдарсон. Кам набуданд ҳавасмандони ту, лекин ҷуръати пеши ту аз муҳаббат сухан кушоданро кӣ дошт? Ҳатто донишҷӯе аз курси чорум, ки гирандаи сти-

пендияи ленинӣ буду ангуштнамои донишгоҳ, ба ту меҳрубонӣ мекарду дар ҷавоб беэътиноӣ медид. Табиист, ки барои ман висоли ту орзуе буду бас. Орзуи дастнорас. Бале, он айём ман чунин меҳисобидам. Вале… афсонае шуд муносибати дамну ту миёни мардум. Афсонае ки ҳосили мӯъҷиза бошад. Ва шояд мӯъҷизае рух доду ишқи мо оғоз ёфт. Ва ҳама лолу ҳайрон монданд: ҳам ҳамкурсон, ҳам устодон, ҳам ҳаводорони ту ва пеш аз ҳама он «патриот» аз курси болоӣ. Чӣ мӯъҷизае рух дода буд? Балки ҳеҷ мӯъҷизае набуд. Ишқи мо ҳамту ноаён рух зад ва ин муҳаббати инсонӣ, аз чӣ бошад, ки бисёриҳоро лолу мот сохт.

Ёдам меояд, ки он «патриот» бо писханд гуфта буд: «Дар афсонае ишқи як шаҳзода ба ғук афтода буд. Чӣ аҷаб, агар маликаи хубони мо гирифтор қишлоқии фислуқе шуда бошад. Тарсам, ки рустоибача ба қадри муҳаббати духтари шаҳрӣ нарасад. Охир, аз нигоҳи мардуми деҳот, духтарони шаҳр ҳама беҷогарду нопоканд.»

Таманно, ту он рӯз аз дастам сахт доштӣ ва нагузоштӣ, ки бо он бадзабон даст ба гиребон шавам. Ту бо овози паст, вале қатъӣ гуфтӣ: «Ҷаҳон, муҳимаш, ман медонам, ки ту соҳиби дилу нияти пок ҳастӣ. Ба сафсатафурӯшии он бедаҳон эътибор надеҳ. Намебинӣ, ки аламаш меояд? Агар ту маро ҳурмат кунӣ, бо сухан не, бо рафторат ҷавоби ӯро гардон.»

Воқеан, ман аз бисёр ҷиҳат миёни ҳамдарсон «қишлоқӣ» будам: дар либоспӯшӣ, шояд дар шишту хест, дар муносибат… Пас ту чаро маро интихоб кардӣ? Кош ту медонистӣ, оне, ки ба хайси шаҳи рӯзгор пазируфтияш, ноҷавонмарде буда. Бале, ноҷавонмарде буда, ки дар аввалин имтиҳони зиндагӣ аз баҳрат гузашт.

Имтиҳон? Чӣ озмоиши сахте кард тақдир… Чӣ санҷиши гӯшношуниди қисмат иттифоқ уфтод маро. Чун дар таҷрибаи аввал худро бохтам, имтиҳони сахттаре аз пеш омад. Озмоиш пайи озмоиш, санҷиш пайи санҷиш… Ва аз он ҳама сахтиҳо ҳеҷ ғолиб наомадам. Шояд дуои Хосият-отуни самарқандӣ гирифт, ки ӯ мегуфт:

– Писарам, бале, писарам, ман шуморо домод не, фарзанд хондаам. Ин бадбахтӣ дар насибаи мову шумо будааст. Бардошт кунед. Хуб нест, ки дар аввалин сахтии ҳаёт аз ҳамсари дӯстдоштаатон рӯй гардонед. Ману хусуратон заҳри рӯзгорро кам начашида будем. То он ки Таманно рӯй дунё шавад, ҳафт фарзандро ба хоки хунук супоридем. Дар даври ҷанги ҷаҳон ба бисёриҳо аз фронт хати сиёҳ меомад. Вале талхии чунин сиёҳрӯзиро ман дар шаҳри худамон мечашидам. Дар як моҳ се ниҳоли сарсабзи умрам хазон шуд. Фарзандонам чашм ба роҳи мактуби сегӯшаи падар пасу пеш аз дунё даргу-

заштанд. Кош моҳе бемор мешуданду бемордорӣ мекардам. Не, ҳамагӣ шабе тасф мекарданду обу хуришашон канда мешуд. Баъди ҷанг боз чанд меваи норасидаи дарахти умри маро дасти аҷал рабуд. Вақте Таманно ба дунё омад, ман ҳеҷ хурсандӣ накардам. Охир, ман дигар аз хурсандӣ кардан ҳам метарсидам. Аз ин ҳол қаҳри марди калон омад: «Шукр кунед, отун, шукр кунеду шодмонӣ намоед. Шояд умри акаву апаҳояшро Худо ба ҳамин диҳад. Шояд, ки ба орзуву ҳавасамон ҳамин расонад. Бо нияти нек номашро Таманно мегузорем. Ҳа, отун, хурсандӣ кунед.»

Шукр, Худо ноумед накард, Таманнои дили мо бе дарду азоб ба воя расид. Ҳарчанд ки орзумандонаш таги дарамонро охурча мекарданд, мо ба дили духтари ягонаамон нигоҳ кардем. Мана, насиб будааст, якдигарро хуш кардед. Рӯзи муродатонро дидем.

Писарам, шумо-ку медонед, Таманно девонаи модарзод нест. Ин таъсири тарсу ваҳм будагист. Наход, ки ҳушаш ба сар назанад. Ман аз Худои муқтадир умед дорам. Ба муллою табиб нишон диҳем, қасида хононем, чилёсину ҳазорёсин хононем, иншоаллоҳ сиҳат мешавад…

Ман хушдоманамро, ки бо насиҳатхониҳо майнаамро мехӯрд, рӯйхуш намедодам. Охир, духтурони машҳур мегуфтанд, ки дарди Таманно илоҷнопазир аст. Вале чанде мегузашту Хосият-отун боз пайдо мешуд. Дафъаи охирин ӯ хабар овард: «Шиками Таманно аллакай дамидааст, Худо хоҳад, фарзанддор мешавед.» Ҳуш аз сарам парид.

– Чӣ!!! Дар девонахона ҳомила шидай? Одами сиҳат ба девона наздик намешава. Шояд, ягон сарзада катӣ хуфту хез кардагист. Пеши мун шодиёнагирӣ наёмада, духтурнда муроҷиат мекардӣ, падари навасата ёфта медод! – арбада бардошт модарам.

Хушдоманам бо умед ба сӯям нигариста, мехост, чизе гӯяд.

– Хезед, дафъ шавед аз назарам! – беихтиёр ба дастгирии модарам бархостам ман.

Хосият-отуни рангпарида бо тамкину ором аз ҷой хест. Ба рӯйи ҳавлӣ баромаду рӯй ҷониби қибла гардонида гуфт:

Ҳаволаатон ба Худо. Аз дасти ман чизе намеояд. Дигар чӣ гӯям? Ба Худо андохтам…

Ва якто-якто қадамзанон бадар рафт. Падарам бо қаноатмандӣ ба зулфини дар занҷир андохт.

* * *

«Оби рехтаро ҷамъ овардан нашавад. Хатоҳое ҳам ҳастанд, ки илоҷи ислоҳашон нест. Агар мо сари вақт андеша кунем, шояд об ба

регзор нарезад, хатое содир нагардад. Таманно ҳанӯз ба оина назар накардааст, шояд надонад, ки ӯ дигар наварӯси нуздаҳ – бистсола нест, балки аз миёни рӯзҳои арӯсии ваю ин айём қариб бист сол гузаштааст. Дуруст аст, ки умри гузаро ба қаду қомат ва тарҳи рӯйи ин ҷавонзан чандон асар накардааст. Девонаро ба хобу хӯр чӣ кор бошад? Моем, ки ҳамеша ғами шикамро мехӯрем, ғам мехӯрем, ки либоси хуб надорем, соҳиби манзили муносибе нашудем. Ба зисту зиндагии дигарон рашк мебарем… Орӣ аз рашку ҳасад зистан, ба касе қасди бад надоштан, дар ғами шикаму зершикам набудан чӣ зиндагии зебост! Ба ҳоли худхоҳону гурусначашмон хандидан чӣ кайфияте дорад! Ҳарчанд ки Таманно девона буд, шояд бо фармони зершуур ва ё аз рӯйи савқи табиӣ, ҳалол зист, носерамию ҳайвонтабиатии эшонро масхара кард, шаҳватпарастонро лаби ҷӯй ташна бурда, ташна овард. Ба манфурон писханд зад, мардумро ба шодию тараб хост. Магар ӯ хушбахт набуд? Аз ин рӯ, дар дами чилсолагӣ пӯсташ пуртароват, нигоҳаш ҷавон, дилаш қавӣ монд. Ин буд, ки шавҳари беаҳду паймони худро нашинохт. Ҳеҷ ба сар ғунҷонида натавонист, ки ин марди газгӯшту пажмурдарӯй ҳамсараш бошад. Ин марди сарсафеду рӯсиёҳ замоне Таманноро рӯйи бозувони рустамонааш медошт. Оҳ, агар ин мард қудрати тоқат медошт, тавони сабру таҳаммул мекард, имтиҳони зиндагиро мегузашт…» – ин фиғони виҷдони Ҷаҳон буд.

Ҷаҳон Таманноро дар ҳуҷраяки хобгоҳи бепалосе бо чанд сомониву чанд дирам танҳо гузошта рафта буд, ки ту, хонандаи азиз, огаҳӣ дорӣ. Медонам, аз ҳоли Таманнои гумном хабар ёфтан мехоҳӣ. Не, дӯсти гиромӣ, маро бубахш, ки дигар ангуштонам ба қалами баён намепечад. Дилам заъф мекашад. Ҳолати рӯҳияи қаҳрамони хешро, ки нав ба ҳуш омадааст, пеши назар меораму дилам дард мекунад. Каме тафреҳ мехоҳам. Бигзор, Таманно ба чеҳраи қаҳрамонони миллат, ки дар пулҳои сомонӣ тасвир ёфтаанд, чанди дигар бо ҳайрат нигарад, сипас, аз рӯйи таърихи барориши пулҳо дарёбад, ки вақт басе гузаштааст. Ҳайрону лол ба кӯча барояд. Бигзор, аз дасти рӯзномафурӯшони кӯчагӣ, ки мислашонро то имрӯз надида буд, ҷаридае харад… ва андак-андак аз воқеият огаҳӣ ёбад. Вале ӯ шояд ҳеҷ гоҳ хабар наёбад, ки бо номи Умед писаре дораду ақрабои дураш ба зодгоҳи бобоёнаш – Ургути замоне барои мо машҳуру ҳоло номаълум, бурдаанд. Гумон аст, ки модари нагунбахт ба мулки бобоён роҳ ёбад, зеро миёни ӯву ақрабояш кайҳост, ки зимомдорони ҷудоихоҳ симхор кашидаанд. Он сарҳадди минкоришудаи маргзоро гузаштан чӣ қадар даву тозу коғазбозиҳо мехоҳад. Ва ҳол он ки ин нозанини мо барои ҳама ба ҳукми мурда аст, чуноне ки

замоне Ҷаҳонаш ҳамин фатвои домуллоро дастак карда буд.

Воқеан, Таманно дигарбора ба кулбаи ноободи Ҷаҳон нахоҳад рафт. Вай аз рӯйи фаросат дарёфтааст, ки ин кулба дигар хонаи бахташ нест. Ӯ Ҷаҳонро ҳаргиз наҷӯяд, гапчинӣ накунад. Ва ҳеҷ гоҳ надонад, ки Ҷаҳони ӯ дар солҳои пурошӯб ба чӣ балоҳое гирифтор шуда: хонаву дараш сӯхта, зану фарзандонаш қурбон гаштаву хоҳари ягонааш бадному гумном шудааст. Ва ӯ баъд аз чӣ сарсониҳое боз дари сарпаноҳи шаҳриашро боз кардааст. Ва аз кӯча… бале, аз кӯча ҷавонзани гумкардараҳеро ба хона оварда, никоҳ бастааст.

Ва агар, хонандаи гиромӣ, ту Таманноро дар чорсӯйи зиндагӣ сарсон дарёбӣ, ҳаргиз ба ҳолаш маханд, ононеро, ки ӯро «Хатуба» гуфта масхара мекунанд, ба кӯчаи инсоф бикаш. Ба хотири ман, Таманноро роҳ нишон бидеҳ. Шояд ӯро бовар кунонӣ, ки ин дарҳамбарҳамиҳо ҳама гузарандаанд. Рузе мерасад, ки қадри одам аз ҳар чиз боло мешавад. Бегумон, ту пай бурдаӣ, ман қаҳрамони хешро чунон дӯст медорам, чунон дӯст медорам, ки!... Охир, бо ӯ ҳамроҳу ҳамроз будам, балки вай дар вуҷуди ман зист! Мо ҳамдигарро мефаҳмидем. Чун дар тасвир гоҳо қалам кач мерафт, худи қаҳрамонам хомаи таҳрир мекашид, хоми маро пухта мегардонид. Шояд баъди чанд рӯз ё баъди чанд сол ман боз ба ҷустуҷӯйи Таманнои хеш бароям. Худо мегӯям, ки ӯ то он вақт комилан ба худ ояд, ба дасти ноодаме наафтад. Паноҳаш ба Худо!

*10 августи соли 2005*

## Дафтари дуюм

# САРГАРАНГ ДАР ЧОРСӮЙИ ЗИНДАГӢ

Салимзода аз кор хаста баргашт. Завҷааш бо меҳрубонӣ ҷувздон аз дасташ гирифт.

– Обдаст кунед. Хӯрокатон тайёр.

– Сарам дард мекунад. Аввал як чойи кабуди талх мешуд.

Бонуи хона фарзандонро, ки бо ҳамдигар баҳс доштанд, огаҳӣ дод:

– Фирдавс! Фаррух! Нафаҳмидед, ки падаратон аз кор баргаштанд? Хастаҳол метобанд. Ба эҳтиромашон аз ҷой намехезед? Телевизор мондеду худ бо овози баланд баҳсу мунозира мекунед. Тез ба ҳуҷраи худатон гузаред.

Бачаҳо хиҷолатзада аз хона мебаромаданд, ки падар аз таҳоратхона берун шуд.

– Салом, дадаҷон!

– Нағз омадед? – Фирдавсу Фаррух пасу пеш ҳолпурсӣ карданд.

– Салом! Салом! Куҷо мебароед, шербачаҳо?

– Шумо бемалол дам гиред, дада, мо шомона хӯрда шудем.

Аз телевизиони мустақим барномаи «Ташвиш» мерафт. Салимзода ба нимкати мулоим якпаҳлу зад.

– Дадаҷонаш, телевизора хомӯш кунам? Шояд дар оромӣ дарди саратон рафъ шавад.

– Ихтиёрат. Чой тайёр аст?

Зан мехост телевизорро хомӯш кунад, ки шавҳар аз ҷой нимхез шуд.

– Хомӯш накун!

Дар экран як назар чеҳраи шиносеро дида буд Салимзода. Мегӯйӣ, чархи даврон ақиб гашта бошад. Вай кӣ буд? Ҳамон духтаре набуд, ки аз ӯ се сол поёнтар мехонд? Не, вай буда наметавонад… Шояд хоҳараш? Не, ӯ фарзанди ягонаи падару модар буд. Чаро духтараш набошад? Кам не, ғам не, зиёдтар аз бист сол гузаштааст аз давраи донишҷӯйии Салимзода. Он духтар ӯро дар доғ мононда буд. Ҳоло куҷо бошад? Самарқандӣ мегуфтанд, шояд солҳои пурошӯб дар қатори баъзе аз ҳаммиллатони фурсатталаб тарки кишвар карда бошад? Боз кӣ медонад…

– Марҳамат, дадаҷонаш, чойи кабуд.

Салимзода хомӯш пиёлаи чойро гирифту андешамандона боз чашм ба оинаи нилгун дӯхт. Журналисти микрофонбадаст, ки либо-

си низомӣ ба бар дошт, дар тақлиди хабарнигорони хориҷӣ, гӯиё аз нуқтаи доғе гузориш медода бошад, қадамзанон бо забони тарҷумазада аз боби коста шудани ахлоқи ҷомеа, хоса ҷавонзанон, ки ба номи ҷинси латиф, ба номи муқаддаси модарӣ доғ меоранд, андеша меронд. Намоиш аз кадом як боздоштгоҳи муваққатии минтақавӣ таҳия шуда буд. Дар навор чеҳраи зану духтарони ҷавон падид меомад, ки беъзе ошкоро тамасхур мезаданд, бахше хиҷолатзада нимтабассум мекарданд, бархе сарафканда буданду кӯшиши рӯй панох кардан доштанд, вале як нафар беибо, балки ҳайратзада ба чашми тамошобин чашм медӯхт. Нигоҳаш бармало мегуфт: «Намефаҳмам, аз ман чӣ мехоҳед?» Аз афти ҳол, нигоҳи маъсуми ҷавонзан таваҷҷуҳи наворбардорро ба худ ҷалб карда буд, ки маҳз симои ӯро зуд-зуд дар андозаи бузург ба экран меовард.

Салимзода худро хеле бад ҳис кард. Дарди сараш авҷ гирифт.

Барандаи барнома ба боздоштшудагон саволҳо медод, нимғурма ҷавобҳои носаҳеҳ мегирифт. Бо гуфти журналист, бархе аз ҷавонзанони айёш доми худро ба роҳи хориҷиён мегузоштаанд. Одатан, чунин фоҳишаҳо худро сахт орову торо намедодаанд, балки бо зоҳирнамоӣ диққати беруниёнро ба худ мекашидаанд. Дар экран боз ҳамон чеҳраи шинос пайдо шуд.

– Шумо одатан дар кадом нуқта меистед?

– ...?

– Чӣ сабаб шуд, ки ба ҳаёти сабук хӯ гирифтед, духтарак?

– Аввал андешаву баъд гуфтор, гуфтаанд,ҷавони…

Ноухдабароёна ҷавоби духтарро буридаанд. Зоҳиран, суханҳои ӯ ба фоидаи дастандаркорон набудааст. Барнома нисбатан оҳанги дигар гирифт. Салимзода осемасар ба ҳуҷраи кориаш гузашт. Ба идораи телевизион занг зад. Аз кадоме рақами телефони шахси дигарро пурсид. Боз ба чанд ҷойи дигар телефон кард. Модари бачаҳо ба гиру мони ҳамсараш бо тааҷҷуб назора мекард: «Киро меҷӯяд? Аз чӣ суханонаш подарҳавоянд? Берабт гап мезанад. Ба касе чизеро фаҳмонида наметавонад. Асабаш таранг мешавад. Аҷиб…»

* * *

Чӣ шабҳоеро дар фироқи Таманно рӯз кардааст Надим. Рости гап, сахт алам карда будаш. Ҳеҷ бовар намекард, ки Таманнои паричеҳраи шаҳрӣ ба гули донишҷӯёни донишгоҳ рӯйхуш надода, аз домани як рустоии кафшканда дошта бошад. Охир, духтарони зиёд орзуманди ними нигоҳи Надим буданд. Ба як ишора маҳтал метофтанд. Лекин Надим қадри худро медонист. Ҷиддӣ буду аз пайи

донишандузӣ. Дар донишгоҳ ҳам ба мисли даври мактабхонӣ дар қатори фаъолони комсомол ӯро ба ҳолу ҷонаш намонда, ба корҳои ҷамъиятӣ мекашиданд. Аз рӯйи талаботи кумитаи комсомол дар ину он ҷашну маъракаҳо сухан ҳам мегуфт. Устодон ташвиқаш мекарданд. Мегуфтанд, ки ту наттоқи хуб хоҳӣ шуд. Суханрониат қолабӣ не, обу ранге дорад, ба дилҳо мерасад. Метавонӣ дар оянда дар ҷодаи сиёсат худро бисанҷӣ. Вале Надим гӯяндаву сиёсатмадор шуданӣ набуд, балки аз пайи илм рафтан мехост. Вақте баъзе шарикдарсон бо тамасхур «Аратор» ё «Патриот»-аш мехонданд, андаке хашмгин ҳам мешуду рӯй намекард. Ба дил мегуфт, ки аз рашку ҳасад чунин ном мебаранд. Аслан, «патриот» ё «аратор» будан чӣ бадӣ дорад? Бояд ҳар яки мо ватандӯсту ватанхоҳ бошем. Бе сакта сухан гуфта тавонем, то шунаванда матлаби моро дуруст дарк кунад, аз гуфтори мо лаззат барад. Онҳое, ки аз имтиҳоноти нимсола бо «дум» ба нимсолаи дигар мегузаранду бо гуфте, «се»-и худойӣ металабанд, ба гирандаи стипендияи номӣ, ки духтарони беҳтарини донишгоҳ хушомадаш мезананд, рашк баранд, аҷаб набошад.

Пеш аз оғози соли таҳсили охирин бо қарори садорати донишгоҳ Надим ба маъракаи қабули донишҷӯён мадад мерасонид. Он сол қарор шуда буд, ки пеш аз ҳуҷҷатсупорӣ бо довталабон суҳбати инфиродӣ доир карда шавад, то ҷавонон вақтро беҳуда сарф карда, ба ҳар факултаи пешомада довталаб нашаванд. Надим хуб дар ёд дорад, ки Таманноро бори аввал дар ҳамон ҷо дида буд. Ба қадди расояш не, ба чашмони шаҳлояш не, ба кокулони афшонаш не, балки ба тарзи шеърхониаш мафтун шуда буд ӯ.

– Аз Ҳофиз мехонед? – ба китоби дасти духтарак ишора карда пурсида буд нафаре аз ҳайъати доварон.

– Бале.

– Кадом ғазалро мехонед?

– Кадомеро, ки шумо талаб кунед.

– Гуфтаниед, ки тамоми девонро азёд медонед?

– Имтиҳон кунед.

Муаллимро шояд бо қатъият сухан кардани духтарак фиреби назар намуд, ки «Ҳозир мебинем-дия»-гӯён ба тарафи ҳамкоронаш чашмакие заду аз дасти духтараки довталаб девони Хоҷа Ҳофизро гирифт. Сипас, гӯиё аз лисонулғайб фол мегирифта бошад, чашм пӯшиду таваккалан саҳфаеро кушод.

– Саҳифаи чанд? – пурсид духтарак.

– Дусаду бисту чаҳор.

– «Мужда, эй дил, ки дигар боди сабо бозомад…» ғалат намекунам, муаллим?

Муаллим нобоварона ба довталаб нигоҳ мекард. Духтар чашм ба самти номаълуме дӯхту бо лаҳни ширине ба хониш даромад:

*Мужда, эй дил, ки дигар боди сабо бозомад,*
*Ҳудҳуди хушхабар аз тарфи чаман бозомад…*

Чун қироати ғазал поён ёфт, лаҳзае ҳама хомӯш монданд. Ва сипас:

– Аҳсан! – беихтиёр нидо дардод муаллим. Охир, Таманно бо риояи тақозои қавонини арӯз, бо кашишу задаҳои мантиқӣ чунон ҳунармандона шеър хонд, ки!... Ҳамзамон бо бозии абрувони сиёҳ, тарзи нигоҳ, бамаврид болову поён шудани ангушти ишорат гӯиё ин шеъри баландро шарҳ медод. Надим чашм пӯшида буд ва дар пардаи тасаввур ангораи ин духтарро дар саҳнаи ҳунари бемисл медид. Овози духтар ба гӯши ҷавон аз дуриҳо монандаи як оҳанги нотакрор мерасид ва худи Таманно ба сони як арғуштии ҳинду бо ифодаи ҳазор маъни тоб мехӯрд. «Худоё, ин нозанин бо тамоми ҳастиаш ҳунарвар аст!» – ба дил мегуфт Надим.

Шавқи муаллими дигаре боло гирифт магар ки китобро аз ҳампешааш хост ва саҳфаи дилхоҳашро кушод.

– Саҳифаи наваду ҳафт. Гӯш кунед: *«Он сияҳҷурда, ки ширинии олам бо ӯст…»*

Духтар байтро пура кард: «*Чашми майгун, лаби хандон, дили хуррам бо ӯст…»*

Ин раду бадали ғайриодӣ хеле давом кард. Натанҳо Надим ба он дӯшизае, ки бо ҳунари тамом тайёр буд девони лисонулғайбро саропо азёд бихонад, бо ҳавас менигарист. Устодон бо шавқ паси ҳам савол медоданду ҷавоби саҳеҳ мегирифтанд. Надим дар дил бо ӯ умеди ошноӣ мепарварид. Ва худхоҳона дар дил мегуфт, ки ин офати ҷонро ба осонӣ ром хоҳад кард. Дӯстӣ бо Надим Таманноро ҳам бояд хуш биёяд. Охир, гирандаи стипендияи ленинӣ будан гапи андак-мундак нест!

Надим аз аввали соли нави таҳсил хост, ки Таманноро ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб созад, то имкон ёбаду арзи дил кунад. Вале ин духтараки шеърдӯст зиёд шармгин будааст. Кӯшишҳои Надим баръабас мерафтанд. ӯ худро аз ҷавон дур мекашид. Пас аз анҷоми дарсҳо зуд ба хона мешитофт. Надим тамоми реҷаи дарси курси якумро азёд медонист. Қариб ҳар рӯз баъди дарс аз паси духтар ба кӯчае мерафт, ки

манзили Усмон-нонво он ҷо буд. Ин ҳавлӣ аз донишгоҳ чандон дур набуд. Ҳар дафъа духтарро саги чорчашме пешвоз мегирифт. Воқеан, номаш ҳам Чорчашм буд ин махлуқи вафодорро. Таманно сару гардани дӯсти хешро силакунон чунин ном мегирифташ. Онҳо пасу пеш ба ҳавлие медаромаданд, ки дарвозаи ҳаворанги оҳанӣ дошт. Надим аз паси он дӯшизаи бепарво бо ҳасрат менигарист. «Шояд дар чунин лахзаҳо шуаро саги кӯйи ёр буданро орзу мекардаанд. Ё кош ҳавлии Усмон-нонво дар кунҷи дигари шаҳр мебуд»,-аз дил мегузаронид ҷавони ошиқ. Ва оҳи сард мекашиду бадард ин байтро мехонд:

*«Дар он кӯ умрҳо гаштам, нагуфт он бевафо ҳаргиз,*
*Ки ин мискини саргардон чӣ меҷӯяд зи кӯйи ман?»*[1]

Ҳама умед ба даври пахтачинӣ монда буд. Ёдаш меояд, ки бегоҳиҳо миёни донишҷӯёни курсҳои яку ду байтбарак созмон дода буд. Донишҷӯёни солҳои сею чор аз чунин сабқатҳо худро дур мегирифтанд. Махсусан, донишҷӯёни соли охир, ки худро «панҷ дақиқа кам педагог» ном мебурданд, дар ин гуна ҷамъомадҳо танҳо нақши тамошобинро иҷро мекарданд.

Бо маслиҳати омӯзгорон шарти ғайримаъмулии бозиро ҷорӣ карда буданд: ҳар касе ки то анҷоми байтбарак, яъне, як соати тамом фаъолиро аз даст надиҳад, аз ҳисоби тарафи мағлуб саду бист кило пахта мукофот мегирад. Дар аввал ин шарт хеле сабук метофт, ки тарафҳо розӣ шуданд. Рафта-рафта барои донишҷӯёни соли дуюм шарти бозӣ хеле гаронӣ кардан гирифт, чунки ба хеҷ ваҷҳ ҳарифони хешро дар шеъргӯйӣ наметавонистанд мот кунанд. Дар маҳфили байтбарак Таманно гули сари сабад мебуд. Устодон – доварони давра дар ҳайрат буданд, ки ин духтар ягон бор байтеро такрор ба забон намеоварd, аксаран дар охири бозӣ танҳо мемонд, то анҷом ба ҷойи чил-панҷоҳ нафар бо ҳарифон дар сабқат мебуд ва ба ҳар сурат ғолиб меомад. Батадриҷ донишҷӯёни курсҳои болоӣ ҳам завқи бозии байтбарак пайдо карданд. Аксар ҷавонон мехостанд бо шеъргӯйӣ таваҷҷуҳи ғолиби доимиро ба худ бедор кунанд. Бештар вақт мағлубшудагон ба номи ӯ саду бист килоӣ пахта мегузарониданд. Надим дар чунин маворид шӯхикунон мегуфт: «Ба касе ки дар умри сараш бори аввал майдони пахтазорро дида бошад, ин мукофот айни муддаост.» Дар ҳақиқат Таманно дар пахтачинӣ чандон пешсаф набуд. Одатан, бо дасти чап ғӯзапояро медошту бо дасти дигар аз кӯсак пахтаро мекашид. Ин азо-

[1] Ин байт аз Абдураҳмони Ҷомист.

би духтари шаҳриро дида, ононе ки бачагиашон дар миёни пахтазорони колхоз гузаштааст, байни худ механдиданд.

Баъзе ҳангом дастаи худфаъоли донишгоҳ базм меорост. Чунин шабнишиниҳо ба ҳама маъқул мебуданд. Аммо он ангуштнамои давраҳои шеърхонӣ дар ин гуна базму тараб ҳамеша гӯшанишин буд. Надим боре хост ӯро ба давраи рақсу бозӣ кашад. Таманно бо қатъият гуфт, ки дар умраш боре ҳам усул[1] накардааст. Надимро дигарон дастгирӣ карда, духтарро ба давра кашидан мехостанд, аммо Таманно аз ҷой намеҷунбид. Натиҷа чунин шуд, ки духтар аз сояи ӯ мегурехт.

Надим фурсати муносиб муҷуст, то роҳе ёбаду вазъи ногуворро ислоҳ созад. Яке пай бурд, ки миёни Таманнову Ҷаҳон – як донишҷӯйи назарногир муносибати гарме пайдо шудааст. Ҳайрон буд: аз кай оғоз ёфт ин ҳамраъйӣ? Чӣ сабаб шуд, ки онҳо ба ҳам унс гирифтанд? Таманноро кадом хӯю хислати Ҷаҳон хуш омада бошад? Ҷавобе намеёфту асабӣ мешуд. Асабӣ мешуду шавқу шааф аз даст медод. Ҳавсалаи созмон додани шабнишиниҳо дар дилаш маҳв мешуд.

Метавон гуфт, зарфи булӯрии орзуҳои Надим дар саҳроҳои пахтазори ноҳияи Ёвон чилчил шикаст. Албатта, Надим хуб медонист, ки ин кори дил аст. Он ҷавони деҳотӣ назди касе гунаҳгор нест, ки пеши духтарони факулта дил ба ӯ додаст. Айби дӯшизаи вола ҳам нест. Вале Надим худро шармандаву сарафканда меҳисобид, ки рақибаш як ҷавони ошолуд гашта. Ва он ошолуд, ангор, сабқат аз ӯ бурдаву чунон сарбаландӣ мекунад, ки!... Ба пиндори Надим, ҳама чашму гӯш гаштаанд, махсусан, ҳасудони дерин ба ҳоли зораш механдиданд. Охир, Надим ҳаргиз намехост, ки дар ҳоли залилӣ бинандаш. Аз ин рӯ сарро болотар мебардошт. Ин тарзи худдории Надим бархеро маъқул набуд. Вақте Таманноро бо Ҷаҳон якҷо медид, дарун-дарун месӯхт. Боре ҳолати ногуворе рух дод. Нисфирӯзӣ ба нонхӯрӣ мебаромаданд. Таманною Ҷаҳон пеш-пеш қадам мезаданд. Надим онҳоро нодида мегирифт.

– Пишаки ошолуд аз таги биниат луқмаи ҳалолро зада рафт, лаб лесида мондӣ-ку, Надим?

Ҷавон ақиб гашта дид, ки ҳамкурсаш Умар гапковӣ мекунад. Лаҳзае худро гум кард. Чӣ ҷавоб диҳад? Ба сараш фикри дурусте намеомад. Бояд чизе гуфт. Ва зери фишори ҳолат Надим беандешагӣ кард:

– Дар афсонае ишқи як шаҳзода ба ғук афтода буд. Чӣ аҷаб, агар

[1] Усул – ин ҷо ба маънои рақсу бозӣ, арғушт.

маликаи хубони мо гирифтори қишлоқии фислуқе шуда бошад? Тарсам, ки рустоибача ба қадри шаҳрбону нарасад. Охир, аз нигоҳи аксар мардуми деҳот духтаракони шаҳр ҳама беҷогарду нопоканд.

Бале, ин камоли беандешагӣ буд. Надим интизор дошт, ки Ҷаҳон ба ӯ дармеафтад. Аҷаб не, ки хунрезӣ ҳам шавад. Вале гӯиё ҳеҷ гап нашунида бошанд, Ҷаҳону Таманно бепарво паҳлу ба паҳлу қадам мепартофтанд…

* * *

«Бараҳнагӣ хона медарораду гуруснагӣ кӯча мебарорад», – гуфтаанд. Ҳарчанд иштиёқи берун баромадан надорам, ночорам. Бояд баҳри ҷустуҷӯйи луқмае сар аз ҳуҷраи якдару якравзана берун кашам. Лекин куҷо? Ба кӣ дасти ниёз дароз кунам? Раваму чун ҷӯгиёни қади раҳ чарм ба рӯй кашида сари чорраҳа нишинам? Мурдан беҳтар не? Ва шояд аз ягон ҷо кораке ёбам? Кӣ ба ман бовар мекунад? Ба оне ки на шахсияташ маълум бошаду на ҳуҷҷате дар даст дошта бошад, кӣ итминон зоҳир мекунад?

Аз ҷой мехезам ва аз тиреза берун менигарам. Мардум дар рафтуоянд. Аҷоиб манзарае. Ман, ба пиндор, аз осмон афтодаам ё дар саёҳати кишвари ноошное ҳастам. Агарчи медонам, аз миён бист сол гузаштааст. Медонам, ки мардум дигар шудаанд, сохтори давлатдорӣ дигар шудааст… Бояд ба ҳаёти воқеӣ хӯ гирам. Бояд чашмам ба тарзи либоспӯшии мардум, ба шину хез ва тарзи нави муносибати одамон одат кунад. Аз рӯйи фаросат тан бидиҳам, ки дунё дигар шудааст. Бале, дунё дигар шудааст. Аммо дилам мехоҳад ба айёми мозӣ баргардам. Як худам не, балки дунё баргардад. Ва ман сар ба зонуи модар монам, ноз кунам. Модар бо панҷаҳои нарму гармаш сару рӯямро навозиш кунад. Падар чун ҳарвақта бо борхалтаҳои пур аз дарвоза дарояд ва якбора ба ҳар дуи мо хитоб кунад:

– Отун! Таманно! Куҷоед шумо? Канӣ, тез ин чизҳоро ҷо ба ҷо кунед. Ҳа, қазиро ба шифти ошхона овезед. Гӯшти лаҳми беравған барои қоқ кардан. Нағзтар намак кунед, бийеш. Магас нарасад, бо дока хубтар печонида, ба ҷойи шамолрав овезед.

Модар дар чунин мавридҳо зоҳиран бо итоб мегуфт:

– Дадеш, солатон рафта, андак пургӯй шудаед. Охир, ҳамин гапҳоро таъкид накунед, фаҳми ман намерасад магар?

– Бийиҷонаш, наход нафаҳмидед, ки ба шумо не, ба духтари нозпарвардатон гӯшрас мекунам. Охир, сари духтари қадраса сари зону гирифта, ноз-ноз карда шиштанатон…

– Худоба шукр, Таманнои мо аз он духтаракони бедасту по не.

Мана, аллакай чизҳои овардаатона аз гуфтаатон беҳтару хубтар саранҷому саришта кард. Дар воқеъ, мо интизори шумо будем, марди калон. Дастонатонро шӯед. Таманноҷон як мантуе пухтааст, ки!...

Оҳ, он рӯзгорони хуб хобу хаёл шуданд. Чашм мепӯшаму симои падарро пеши назар меоварам. Ӯ аз кӯча нав ба ҳавлӣ даромадааст. Ман обдаставу дастшӯй ҳозир мекунам. Падар баъди даст шустан дастор аз китфи ман мегираду қаноатманд, бо лабони пуртабассум ба сари хонтахта меояд.

– Отун, аз навигарӣ хабар доред?

– Не-ку.

– Хаёлам, нақшаҳоро дигар мекунем.

– …?

– Духтара ба дӯхту дӯзу пухту паз бисёр банд накунед. Озодтар гузоред, ки ба имтиҳонҳояш хубтар тайёрӣ бинад. Ба мактаби журналистӣ мебарам бачема.

– А? Ин боз гапи куҷо? – ҳарчанд модар аз ин қарори марди калонаш дар дил шод буд, худро ҳайрон вонамуд мекунад.

– Имрӯз дар чойхонаи гузари худамон гап-гапи оилаи мову Таманнои якдонаи мо буд.

– Чиҳо мегуфтанд?

– Мо бехабару эркадухтари Усмон-нонво дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» мақола чоп кунондаанд. Муаллими забону адабиёташон ҳай таъриф кард! Ҳа, ҳамон Ҷумъазодаи машҳур-чӣ. Мегӯяд, дар байни хатмкунандагони имсолаи мактаби 53 аз Таманно пухтаву донотараш нест. Худо хоҳад, ҷойи маро Таманно мегирад, мегӯяд. Не, гуфтам, модоме ки аз дасташ мақоланависӣ меомада бошад, ба мактаби муаллимӣ не, ба журналистӣ мемонам!

– Муаллим наранҷиданд?

– Баръакс, хушҳол шуд. «Коре кунед, ки истеъдодаш хор нашавад, Усмонҷон-ако. Шеърро хуб мефаҳмад. Хусусан, ошиқи адабиёти классикӣ аст», – мегӯяд муаллим.

– Нагуфтед, ки Хосият-отун коми нури дидаашро бо шеър бардоштааст! – модар боифтихор абрӯ паронд.

– Ҳа, бешак, нақши шумо, отун, дар тарбияти завқи Таманноҷон хеле калон. Лекин муаллими адабиёташ ҳам чакана не-дия. Аз рӯйи шунидам, дар мактабҳои шаҳр аз Ҷумъазода дида омӯзгори беҳтари адабиёт ёфтан душвор будааст. Ана, гуфтем, ки шумо коми духтара бо шеър бардоштед, мақоланависия кӣ ёд дод? Мана, газет, хонед, – падар аз кисабағал рӯзномаи чорқатеро бароварда рӯйи хонтахта гузошт. Модар ба чашм айнак гирифт. Ман манзараро аз равзанаи ош-

хона тамошо мекардаму дилам аз фараҳ лабрез мешуд.

«Ба донишгоҳи омӯзгорӣ меравам. Ҳатман аз пайи устоди барӯмандам қадам мезанам…» – зери лаб ба худ қавл медодам ман. Пас аз ин ману дугонаам Нодира, ки нияти ба факултаи ҳуқуқшиносии донишгоҳ дохил шудан дошт, ҷиддан ба имтиҳонот тайёрӣ медидем. Дар яке аз рӯзҳои омодагирӣ ба имтиҳонот ман аз миёни дафтари Нодира сурати Ҳамидуллоро дидам, ки ба пушташ бо хати райҳонии ниёкон навишта шуда буд: «Ба зеботарин духтари олам Нодирабону, ки Ҳамидуллоро волаву шайдо кардааст.» Ман чунон вонамуд кардам, ки катибаро хонда натавонистам. Нодира гӯиё бепарво гуфт: «Ҳамидулло дирӯз ин китобро барои истифода гирифта буд. Хаёлам, саҳван аксаш ҳамроҳи билетҳои имтиҳон дар байни китоб мондааст.»

Агар Таманно ёди он айёми беғамиҳо мекунад, нахуст хонаи зимистоншинакашон, ки бо ангиштсанг бухориашро метасфонданд, пеши назар меояд. Фасли сармо падар бухориро худаш метасфонд. «Пилтапечкаба такя карда кайф кун, духтарам», – мегуфт ӯ. Духтари хона рӯйи кӯрпачаҳои гарму нарм, бо гуфти падар, кайф мекард: яъне, сар аз китобу дафтар намебардошт. Ҳамеша дар рӯйи хонтахтааш, ки вазифаи мизи хатнависиро ҳам адо мекард, осори Ҳофизу Бедилу Хайём мебуданд. Чӣ кайфияте дошт бо ашъори ин бузургон танҳо ба танҳо будан!... Вақте ки бисёр монда мешуд, сар ба болин мегузошт ва чашм ба шифти вассаҷуфт дӯхта, ба олами орзуву ҳавас ворид мешуд. Олами хаёлоташ басе рангин мебуданд. Одатан, дар чунин мавридҳо дар тақлиди классикон як байт-ним байт эҷод ҳам мекард. Ба дафтари баёзаш, ки дар пайравии модар боз карда буд, шоҳбайтҳои классикон ва ашъори писандидаашро рӯйбардор мекард. Баъзан дафтари баёзи модарро, ки ҷилди чармии зарди коҳӣ дошт, аз токчаи боло мегирифт ва соатҳо зери лаб мехонду лаззати маънавӣ мебурд. Чӣ байтҳои равону баландмазмун гирд оварда буд модар! Таманно бори аввал аз ҳамин баёз ғазалеро дучор омада буд, ки матлааш ин аст:

*Зӣ ҳудҳуди сабо, ба Сабо мефиристамат,*
*Бингар ки, аз куҷо ба куҷо, мефиристамат.*

Аз модар шарҳи ин ғазал пурсид. Хосият-отун ба чашмони ҷигаргӯшааш чанд лаҳза чашм дӯхт. Шояд ӯ дамеро ба хотир меоврд, ки худаш аз модар таҳлили ин ғазалро тақозо дошта буд. «Ҳоло барвақт нест магар?»-аз дил мегузаронид отун. Ба хулосае омад магар, ки аз ҷой вазнин бархост ва аз тоқи баланд китоби кӯҳнамуқоваи

бузургҳаҷмеро гирифт. Боэҳтиёт чангашро пок кард ва рӯйи хонтахта гузошт. Таваҷҷуҳи Таманноро ҳаҷми калони китоб ба худ кашид, ки беихтиёр аз дил гузаронид: «Вазнаш чӣ қадар бошад?» Ва китобро аз рӯйи хонтахта бо як даст бардоштан хост. Дасташ хам хӯрд. «Қимати асарро бо вазни коғазу давоташ чен намекунанд, – гуфт модар рамузфаҳмона, – асарҳои арзандае ҳастанд, ки ҳамагӣ аз чанд варақ иборатанд. Барои ман ҳар як ғазали Хоҷа Ҳофиз дар вазни як китоб аст.» «Пас ин асар камарзиш аст?» – пурсид духтар аз модар. «Магар ман китоби камарзишро аз Самарқанд то ин ҷо бардошта меомадам? Бобои модарии банда, ки саҳҳофи касбӣ будаанд, дар як ҷилд ҷанд асари олимони ҷудогонаро ҷой дода, кори мо барин пасояндони хешро осон кардаанд. Ин китоб аз он ҷиҳат барои ман азиз аст, ки аз «Равзат-уссафо»-и Мирхонд то «Қасас-ул-анбиё» осори гаронмояро дар бар гирифтааст. Мана, бин, бобокалони ту пасу пеш ду китоби ҳамномро ба ҳам овардаанд: «Равзат-ус-сафо фӣ сират-ил – анбиёва-л-мулук ва-л – хулафо»-и Муҳаммади Мирхонд ва «Равзвт-ус-сафои Носирӣ», ки аз ҷониби олим ва донишманди бузург Ризоқулихони Ҳидоят барои такмили китоби аввал навишта шудааст. Ман ин ду китоби ҳамномро дар муқоиса хондаам. Аммо ҳозир ман ба ту аз «Қасас-ул-анбиё» сухан карданиам. Бо ин ном низ дар адабиёти мо чанд китоб мавҷуд аст. Ин асар аз дигар китобҳои ҳамном бо содабаёниаш фарқ мекунад. Касе, ки «Қасас…» хонда бошад, маънии аксар ифодаҳои адабиёти ҳазорсолаи моро сарфаҳм меравад.» «Муаллифи ин асар кӣ бошад?» «Қассас-ул-анбиё»-ро аз киробҳои гуногун, ба мисли аҳодису тафсирҳо ва дигар китобҳои таърихӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Хуллас, лозим меояд, пеш аз он ки ҳофизхонӣ кунем, «Қасас-ул-анбиё»-ро фарорем, то ки маънои баъзе калимаву ибораҳое аз ашъори Хоҷа, ки ба назар сахт мураккабу печида метобанду бидуни огаҳӣ доштан аз таърихи тамаддуни миллат, хосса дину мазҳаби муборакаи Ислом даркаш ғайриимкон аст, бароят ошкор шавад.»

Таманно бо ҳавас ин китоби гаронмояро варақ мезад, ки бо хати ниҳоят зебои настаълиқ китобат шуда буд. Ва беихтиёр бӯй кашидаш. Ба димоғаш бӯйе расид, ки наметавонист онро ташхис кунад. Дубора машомашро муаттар кард. Модар ин ҳолати фарзандро медиду дар ҳайрат меафтод. Худоё, худаш ҳам замоне ҳарисона китоб ба даст мегирифт, вале на ба мисли Таманно, ки ҳатто аз бӯйи он хумор мешиканад. Ангор, духтар дар нигоҳи модар таҳайюрро дарк кард, ки гуфт:

– Бийӣ, шумо эҳсос мекунед, мағз-мағзи чунин китобҳо бӯйи мозӣ мекунанд.

Модар бо меҳр ба тахтапушти Таманнояш тап-тап зад.

Ниҳоят баъди қариб як моҳ отун ба рӯйи Таманнояш даричаи дунёи Ҳофизро андак-андак во мекард. Нури дидагонашроончунон волаву шайдои ғазалҳои Ҳофиз месохт, ки!... ӯ ҳар як ғазалро аз ду ҷиҳат маънидод мекард. Ва ӯ ба зеҳни ҷигаргӯшааш шарораҳои ишқи бузург – муҳаббат ба он Зоти покро ҷо мекард. Гоҳо мешуд, ки духтар бо модар ба баҳс мехест. Боре Таманно аз мактаб баргашта гуфт:

– Баъзан миёни сабақҳои шумову дарсҳои муаллим Ҷумъазода саргум мезанам. Киро бовар кунам? Аз диду назари шумо, Хоҷа сарояндаи ишқи поки илоҳист…

– Бале, – гуфт модар, – охир бесабаб Хоҷа нафармуда, ки:

*Зи ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард*
*Латоифи ҳикамӣ бо луғоти Қуръонӣ.*

– Аммо аз нигоҳи муаллими мо, ин бузургвор як шоири ринду майгусор аст, ки рӯҳониёнро мазаммат мекунад:

*Дари майхона бубастанд, Худоё, railписанд,*
*Ки дари хонаи тазвиру риё бикшоянд!*

Ва ё

*Ману инкори шароб? Ин чӣ ҳикоят бошад?*
*Ғолибан, ин қадарам ақл кифоят бошад:*
*Зоҳиду уҷбу намозу ману мастиву ниёз,*
*То туро худ зи миён бо кӣ иноят бошад?*

Муаллим барои тасдиқи фикри хеш, чуноне ки мегӯянд, аз манбаъҳои мӯътамад далел ҳам доранд.

Хосият-отун таҳаммул варзид. Нахост муносибати устоду шогирдии Ҷумъазодаву Таманноро халалдор кунад. Ба ҳар сурат, овардани ин байтро мувофиқи ҳол донист:

*Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз*
*Қуръон зи бар бихонӣ бо чордаҳ ривоят.*

– Ба маънои аслии шеър, ки чун гавҳар дар зери дарёст, эътибор бояд дод. Ҳаргиз зоҳирпараст мабош, ҷони модар, – таъкид кард бонуи бомаърифат, – дар баъзе маврид муаллимат ҳам ҳақ аст. Боре китоби адабиёти туро варақ зада будам. Рости гап, ман ҳам бар онам, ки Хоҷа Ҳофиз дар баробари ашъори орифона сароидан метавонист, дар

васфи як нозанини заминӣ ғазал низ гӯяд, чун вай ҳам ба мисли ману ту як инсони хокӣ буд. Вагарна бо ин матлаъ ғазале эҷод намекард:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*

– Бийиҷон, дар мавриди ин ғазал муаллим ривояти аҷибе овар-данд. Гӯиё амири Самарқанд – Темури Ланг аз он ки ба як холи сиёҳи турки шерозӣ ду шаҳри азимро ҳотамона бахшидааст, аз Хоҷа Ҳофиз ранҷида бошад. Ва шоир аз хашми амири золим тарсида, барои фиреби назар ду калимаи матлаъро ин зайл дигар карда бошад:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам ду сарқанду ду хурморо.*

Модар бо табассуми латифе гуфт:

– Шоир наметавонад чунин дунҳиммат ва ё буздил бошад. Одам чизеро ба касе ҳадя мекунад, ки аз худаш бошад. Агар шоири тавоно ду шаҳри азими Ирони бузургро, ки моли хеш меҳисобид, ба ороми ҷонаш бахшидан хоста бошад, чӣ аҷаб? Охир, ихтиёр ба соҳиби аслии сарват аст! Дар мавриди ифодаи «турки шерозӣ» низ андешаҳо гуногунанд. Яке гӯяд, ки ин ибора ба маънои маъшуқа аст, дигаре андеша дорад, ки ифодагари чӯрии паричеҳраи зархарид бошад.

– Бийиҷон, ман турквзабононеро медонам, ки чашмони танги муғулӣ доранд. Ҳеҷ бовар намекунам, ки Хоҷа Ҳофизи бузург чунин як ғазали беназирро ба пистачашме бахшида бошад. Дар ҳақиқат ҳам бахшида бошад, ба андешаи ман, ҳамон ду сарқанду ду хурморо бахшидагист.

Модар ба муҳокимаронињои духтараш, ки содалавҳона ҳам буданд, хандае кард.

– Агар чунин андеша дорӣ, ба ин байти Хоҷа чӣ мегӯйӣ?

*Зи шеъри Ҳофизи Шероз мегӯянду мерақсанд*
*Сияҳчашмони кашмириву туркони самарқандӣ.*

– …

– Масалан, ману ту, ки асли насабу ҳасабамон аз хоки баланди Самарқанд аст, худро турк меҳисобем? Дар ин маврид вожаи «турк» ифодаи маҷозист ва ононе, ки шеъри Ҳофизро мехонанду дар ҳавои оҳанги он мерақсанд, хубони форсигӯянд аз Кашмир то Самарқанди бостон!

Таманно бо фахру меҳри бепоён ба модари фарҳангии хеш, ки

ҳатто номаи камол аз мактаби миёна надошт, менигарист. Модар ба дилбандаш ҳамчунон изҳори ақида мекард:

– Мегӯянд, ки туркони шерозӣ дар ҳақиқат зебоянду соҳиби чашмони ҷаззоби бодомӣ. Шояд шоири бузург ба яке аз чунин нозанинони камарбаста гирифтор будааст. Охир, ишқи воқеӣ ба миллату мазҳаб сари коре надорад. Хоҷа калимаи «турк»-ро хоҳ ба маънои аслӣ корбаст карда бошаду хоҳ маҷозӣ, ман аминам, ки ошиқ будааст!

Миёни Таманнову модар ин гуна гуфту шунуфт зуд-зуд воқеъ мешуд. Хосият-отун ҳангоми чунин суҳбатҳо медид, ки духтар чӣ қадар бо иштиёқ ҳар сухани модарро ба гӯши ҷон мешунавад. Завқи худаш ҳам боло мегирифт. Ва ҳар чӣ дар хазинаи хотир анбошта буд, нисори ҷигаргӯшааш мекард. Таманно батадриҷ ғаввосвор ба умқи дарёи маонӣ ғӯта мезад. Акнун вай ҳайрон намешуд, ки чаро шоири лисонулғайб чунин фармуда:

*То зи майхонаву май ному нишон хоҳад буд,*
*Сари мо хоки раҳи пири муғон хоҳад буд...*

– Бийиҷон, ягон вақт кӯшиши шеърнависӣ кардаед? – пурсида буд боре Таманно.

– Модарам мегуфтанд, оне ки худро волаи ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз донаду байте нагуфта бошад, пас ҳарзагӯйе беш нест.

– Аз ин мебарояд, ки дар назм қувва санҷидаед.

Хосият-отун табассуми малеҳе карду ин чанд байтро хонд:

*Ман бонуи айвониам, кадбонуи кайвониам,*
*Африштаҳо андар барам дар вақти Ҳофизхониам.*

*Гаҳ лаъли ман гул мекунад, гулқанд дар гулхандаам,*
*Гаҳ жолаафшон мижаам, пурсӣ: «Куҷо борониам?»*

*Дӯзах гаҳе хулди барин, Фирдавс гаҳ дӯзах барин,*
*Ман ҳар ду олам дидаам, аз чӣ дигар тарсониам?*

*Ин ҷо тану он ҷо равон, пойи хаёлам дав-давон,*
*Дар байн саргардон манам, войи ману сарсониям.*

*Чун бониe*[1] *килкам ба каф, ислоҳи корат мекунам,*

---

[1] Банно – меъмор

*Ангора мефарсоядам, ангор килки Мониям.*

*Гаҳ зарраам, гаҳ оламам, гаҳ оламе дар зарраам,*
*Ман волаи ҳусни сухан, Зебуннисои сониам.*

Духтари нозпарвардро сабки шеърхонии модар басе хуш омад. Дар дил ифтихор аз волидаи хеш кард, ки бо ҷасорати тамом худро «Зебунисои сонӣ» унвон медод.

– Бийиҷон, маънои мисраи дуюми шеъратон чандон бароям рӯшан нашуд. «Африштагон»-е, ки мегӯед, маҷозианд, ё аслӣ?

– Ҳам ину ҳам он.

– Нафаҳмидам.

– Ҳофизи бузургвор мефармоянд, ки:

*Субҳидам аз арш меомад сурӯше, ақл гуфт:*
*Қудсиён гӯӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд.*

Вақте шеъри лисонулғайбро қироат мекунам, маро эҳсосе фаро мегирад, ки танҳо нестам, яъне, фариштагон иҳотаам кардаанд! Дигар ин ки ту, фарзанди ягонаи ман ба ин покизагӣ аз кадом малак камӣ дорӣ?

Оҳ, чӣ рӯзгори хуше буд!

Таманно ба ёд меорад, ки боре дафтари баёзаш ба дасти муаллим Ҷумъазода афтода буд. Ҳампартааш Ҳамидулло, ки ноаён дафтарро аз ҷувздон гирифта буд, ба нақли омӯзгор эътибор надода, онро варақ мезад. Муаллим чанд бор кӯшиш кард, ки таваҷҷуҳи бачаро ба дарс кашад. Вале Ҳамидулло ҳеҷ аз дафтар сар намебардошт. Ҷумъазода, дар ҳолате ки лаб аз сухан намебаст, ноаён ба партаи онҳо наздик шуд. Танҳо ҳамин вақт Таманно аз вазъият огаҳӣ ёфт. Аммо аллакай дер шуда буд: дафтар ба дасти муаллим афтод! Таманно аз ҳампартааш сахт ранҷид. Ҳамидулло баъди анҷоми дарси адабиёт то дафтари муаллимон узрхоҳон аз паси устод рафт. Аммо Ҷумъазода чунин вонамуд мекард, ки ӯро на мешуниду на медид.

Мактаб аз шӯру мағали бачаҳо кайҳо холӣ шуда буд. Таманно дар рӯйи хараки назди баромадгоҳ муаллимро интизорӣ мекашид. Ҷумъазода, ба пиндор, барқасд амал мекард. Духтар бетоқатӣ дошт, охир, назди модар чӣ гӯяд? Хоҳ сабаби дермониашро шарҳ диҳаду хоҳ баҳонае пеш оварад, аздусар танбеҳ мешунавад. Дигар ин ки аз рӯйи одоб ҳам нест, агар духтари қадрас дар ҳавлии мактаби калон,

ки баъди анҷоми дарс, орӣ аз даву тозу доду фарёди кӯдакон ба бинои матруке шабоҳат пайдо мекунад, танҳо бимонад. Ҳо, ана, бори чандум аст, ки амаки Носир бо баҳонаи ину он мебарояду ба тарафи Таманно кунҷковона нигоҳ меафканад ва сулфакунон боз ба посбонхонааш медарояд. Хуб нашуд.

Ҳамин вақт Ҷумъазода як даста дафтар дар бағал берун баромад ва чашмаш ба Таманно афтоду бо оҳанги тааҷҷуб пурсид:

– Рӯз рафт, ту ҳанӯз дар мактабӣ?

– Муаллим…

– Шарт буд, ки то ин вақт ин ҷо бимонӣ? Дар хона ташвиш кашидагистанд. Ма, дафтаратро гир.

Таманно фаҳмид, ки муаллим дафтари баёзро варақ задааст, агар не, аз куҷо медонист, ки ин моли ӯст?

– Таманноҷон, дар байни ин қадар абёти баланд ҷо-ҷо шеърҳои пастро ҳам гирд овардаӣ, ки ҳатто муаллифонашон номаълуманд. Гавҳаршинос бош, духтарам. Суханрезаҳоро ба силки баёз накаш.

Муаллим бо меҳр ба шогирдаш менигарист. «Миёни ин хирвори дурру марҷон суханрезаҳое, ки мегӯед, ҳосили табъи норавони ман аст…» – ба дил мегуфт духтар. Ва ҳамин шуду дигар аз шеъргӯйии хеш ба касе даҳон накушод. Мехост ин ҳунари волоро бо тамоми нозукиаш омӯзад, арӯзшинос шавад. Вале на худи Таманно ва на зодмандони ормониаш ба мақсад нарасиданд. Ҷумъазода чӣ ҳол дошта бошад? Муаллим оё он шогирди шеърдӯсти худро ба ёд меоварда бошад?

Таманно ҳарчанд хазинаи хотиротро таку рӯ мекард, ҳеҷ ба ёд оварда наметавонист, ки бо он дафтар чӣ кор карда буд: ба хонаи шавҳар бурда буд, ё дар хонаи падар гузошта буд? Оҳ, чунон хумори қаламу коғазаш гирифта, ки… Ва худ надонист, аз куҷо ин абёт аз лабонаш беихтиёр мерезанд:

*Ин косаи сарнагуни мо пурсавдост,*
*Чун охири кори мо ҳама нопайдост.*
*Сад умри дигар Худо насиб афтонад,*
*Сад бори дигар насиби мо вовайлост.*

О, вах! Рӯбоӣ мегӯяд ӯ? Аз ангораи хаёлие, ки пеши назараш муҷалло мегашт, маъзарат мепурсид: «Бубахш, аё устоди рӯбоисароёни миллат, ки густохӣ кардам. Медонам, дар пояи эҷоду эъҷози ту ҳанӯз касе натавонист рубоие гуфтан. Ман кистам, ки… »

Таманноро аз ҳолати эҷод садои даркӯбии касе берун кард. Дақиқтараш, дари ҳамсояҳуҷраи ӯро мекӯбиданд. Баъди чанде дари ҳамсоя ғиҷирросзанон кушода шуд. Ду кас – зану марде аввал паст-паст раду бадал карданд. Сонитар, шояд гиряи беисти тифле, ки шир талаб дошт, боис гашта бошад, зан як парда баландтар ҳарф задан гирифт.

– Охир, тоқат кун, ҳамагӣ як ҳафта пеш дода будам. Пул дар ҳотаи бобоям намерӯяд, ки банди ҷав барин дарав кунам…

– Аз афти кор, фаромӯш кардаӣ, ки иҷорапулӣ бисту панҷ сомонӣ не, саду панҷоҳ сомонист, – овози хиррии мардонае сухани занро бурид, – агар пардохта натавонӣ, чор тарафат – қибла! Метавонӣ, хонаро холӣ кунӣ!

– Ҳамин катаки мурғ «хона» ном гирифт? Кошки ягон шароит дошта бошад!

– Донишҷӯёне, ки ҳақ доранд ин ҷо зиндагӣ кунанд, ҷомадон дар даст кӯча ба кӯча иҷорахона мекобанд. Кампири Ширмоҳӣ дар ҳамсоягии мо барои як ҳелчаи сагаш аз се донишҷӯ сад доллар иҷорапулӣ мегирад. Ба гумонат, бева барои педагогҳои оянда «удобство» тайёр кардааст? Шукра намедонистаӣ, хоҳар.

– Акнун ту ҳам аз доллар гап мезанӣ? Ман-ку, кам бошад ҳам, дода меистам. Аз Хатубаи сарзада чӣ мегирӣ? Худат ками мо бечораҳоя карами Худо дониста, шукрона намекунӣ?

– Агар ту як умр моҳе саду панҷоҳӣ пардозӣ, ки Хатуба додагӣ барин наметавонӣ додан. Хӯҷаини калон, ки чанд сол пеш ҳамагӣ коменданти ҳамин хобгоҳ буд, бо чанд пули пучак ҳавлии дакаданги Хатубая аз худ кардааст.

– Хатуба хона дошт?

– Хона гуфтию мондӣ. Вай меросхӯри ягонаи марди хеле дорое буд. Баъди сари падару модараш як хеши дурашон бо нархи паст ҳавлии дакадангро ба хӯҷаин мефурӯшаду худаш аз ҳудуди кишвар баромада меравад.

– Ва ин берӯзӣ мемонад бехонаву дар?

– Хӯҷаин метавонист Хатубаро ба қади кӯча партояд, аммо аз рӯйи инсоф, ӯро дар ҳамин ҳуҷра ҷой медиҳаду ба ҳама таъкид мекунад, ки ин махлуқи беозорро кордор нашаванд.

– Аҷаб савдое… Хӯҷаини калон хуб одами боинсоф будаанд, – суханҳои зани иҷоранишин оҳанги истеҳзо мегирад.

– Хуш ки бошад, масъалаи иҷорапулия чӣ кардем? – Хиррӣ боз ба мавзӯи аввала баргашт.

– Сабр кун, бародар. Ҳамин ки падари бачаҳо пул фиристод, якбора нимсолааша пешпардохт мекунам.

– Бузак, намур, ки баҳор меояд. Ба рафтанаш ҳам қариб як сол мешавад-а? Ягон бор пулат фиристод?

– Не. Охир, чанд моҳ ҷойи кори ҳалол намеёфт.

– Аз афти кор, фаромӯшат кардааст, не?

– Инту нагӯ. Мефиристодагист ягон чиз… – гуфтори ҷавонзан оҳанги ҳузн пайдо кард.

– Агар ба чанги ягон беваи урус назада бошад… Нағзаш, илоҷи кората худат ёв.

– Чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Гӯё ки кӯдак бошӣ. Ба ҳар ҳол умр гузарон аст. Ҳусн ҳам дер намепояд…

– Нағз рав, акаи комендант. Ҳатман баъди як ҳафта тоб хӯрда биё. Пулата метиям, – маълум набуд, ки бо чӣ умед зан ба комендант чунин ваъда медод, вале ба ҳар ҳол дарро ба рӯйи Хиррӣ сахт пӯшид.

Таманно аз ин гуфтушунид, ки ҳамсоязан бо коменданти хобгоҳ дошт, хеле маънӣ бардошт. Андак-андак ба воқеият сарфаҳм мерафт. «Тарсам, ки девона шавам», – аз дил мегузаронид ӯ. Пеши назар воқеаи шоми гузаштаро овард.

Дилаш бухс мекард. Дар ҳамин гирду атроф чарх зада мегашт. Дур намерафт. Метарсид, ки раҳгум занад. Вақте ҳаво тамоман торик шуд, ба манзилаш баргаштан хост. Аз тарафи чапи кӯча ба тарафи рост гузаштанӣ буд, ки мошини боркаше рӯ ба рӯяш қарор гирифт. Ронанда сар аз кобина берун карда пурсид:

– Меравем?

– Манзили ман ҳамин ҷост.

– Боз беҳтар. Бист сомонӣ кифоя?

– Нафаҳмидам…

– Ҳамагӣ то субҳ мемонам, нозанин.

– Ман хонаи холӣ надорам.

– Худата гӯлу гумроҳ нагир. Рафтем?

– Аз роҳат намон!

– Ана, чил сомонӣ.

– Бешараф!

Аз дур мошини милиса намоён шуд. Мошини боркаш бо суръати баланд пеш рафт. Таманно ҳанӯз ба худ наомада буд, ки чанд низомипӯш аз мошин фаромаданд.

Чӣ бадбахтӣ, агар худро ҳимоя карда натавонӣ, ба гапи ту касе

бовар накунад… Кош замин мекафиду Таманно ба қаъри он фурӯ мерафт. Дар боздоштгоҳ ба ӯ чӣ беҳурматиҳоро раво диданд… Чӣ гапҳои пасту баланд заданд… Баъди он ки дар қатори чанд духтараки гумраҳу чанд ҷавонзани сабукпой аз ташхиси тиббӣ гузарониданд, ҳатто узр напурсида озодаш карданд. Таманно ба ҳаминаш ҳам шукр кард ва аз бинои боздоштгоҳ мисли тир берун ҷасту худро ба кӯчаи дигар гирифт.

Ҳоло дар андеша аст, ки бо кадом роҳ зиндагӣ ҷунбонад. Сариштаи калобаи саргуми ҳаёташро чӣ хел ёбад. Бо «Ман – Таманно» гуфтан масъала ҳал намешавад. «Боястӣ худро ёфт ва ба дигарон шиносонид!» – аз куҷое, шояд аз умқи дилаш ин садо бурун меомад ва онро бо гӯши ҷонаш мешунуфт Таманно.

Медааш ба сӯзиш омад. Воқеан, ин эҳсос ба Таманно чандон ошно нест. Охир, ӯ дар оилаи серу пур ба воя расидаву табиатан пурсабру пуртоқат ҳам буд. Чӣ шуд ба вай? Гуруснагӣ нооромаш мекунад. Кӯча барояд?

* * *

Марди сарсафеди афтодаҳол, ки дар даст бастае дошт, дари ҳуҷраи шиносро тиқ-тиқ зад. Ҷавонзани ноошное дар во кард.

– Салом, Таманно дар хона нест?

– Таманно?

– Бале, э не, гуфтан мехостам, ки Хатуба. Бале, бале, Хатуба.

Ҷавонзан китф дарҳам кашид.

– Охир, ман соҳиби ҳамин ҳуҷраро меҷӯям.

– Ҳа-а, ба мо гуфта буданд, ки дар ин ҳуҷра пеш аз мо як зани сарзада[1] мезистааст. Гӯё аз рӯи раҳму шафқат ба ӯ аз ин хобгоҳ ҷой дода будаанд.

– Чӣ хел аз шумо пеш? Яъне, гуфтаниед, ки вай дигар дар ин ҷо зиндагӣ намекунад?

– Амакҷон, дар айёми бесарусомониҳо ҳар кӣ ба сари худ хобгоҳҳои донишҷӯёну олимони ҷавонро соҳибӣ карда буд. Бо қарори ҳукумат чунин биноҳо ба соҳибони аслиашон баргардонида шуданд. Ин биноро Вазорати маориф ба ихтиёри аспирантону унвонҷӯёни соҳа супорид. Аллакай аз ним зиёди ҳуҷраҳои хобгоҳро баъди таъмир олимшавандаҳо ишғол кардаанд.

Мард бехайру маъзур ақиб гашт.

Куҷо рафта бошад берӯзӣ? Ҷаҳон ӯро аз куҷо ҷӯяд? Сарсафед

---

[1] Сарзада – девона, осемасар, ақлбохта

кӯрпаю болинеро, ки лӯлавор печонида баста буд, зуд-зуд аз ин даст ба он даст мегирифт. Вай он субҳ Таманноро қариб бо зӯрӣ аз ҳавлиаш ба хобгоҳ оварда, «Роҳи хонаи моро фаромӯш кун. Агар гузарам афтад, худам туро хабар мегирам. Худат ҳаргиз нарав, ки хонавайронам мекунӣ» гуфта таъкид дошта буд. Нигоҳи Таманно он рӯз мисле ки маъно пайдо карда буд. Ҷаҳонро мекофт. «Хоб дидам, ки маро зинда ба зинда гӯрондаанд… Хестанӣ шудам, ки сарам ба тангии лаҳад зад. Чӣ хоби даҳшатангезе буд. Хайрият, ки поён ёфт», – мегуфт. Воқеан, одами нав аз хобхестаро мемонд ё масти ҳушёршударо. Ба худ омада бошад?

«Ҷаҳон! Туро ба Таманно чӣ кор? На ту ба ӯ лозим, на вай ба ту даркор. Ба роҳи хеш рав!» – ақл ба марди сарсафед чунин раҳнамоӣ мекард, вале пойҳо ба нидои дил итоат мекарданд: «Ҷустуҷӯяш кун! Вай ҳанӯз аз хиёнат бӯй набурдааст, вагарна имдодҷӯёна номи туро намегирифт. Илтиҷоомез «Илтимос, Ҷаҳонро ҷеғ занед, муллоамак», – намегуфт.»

Марди афтодарӯҳ сари кӯча баромад. Аз кӣ пурсад ӯро? Боғи марказӣ равад? Не, кайҳост, ки Хатуба он ҷо «консерт» намедиҳад. Посбонон пайи пойи ваю вай баринҳоро рӯфтаанд. Саҳарие, ки ногаҳон Таманно дар ҳавлии Ҷаҳон пайдо шуд, аз либоси булъаҷаби худ дар хиҷолат буд. Вақте мардак куртаву поҷомаи завҷаашро хуфёна бароварда дод, ӯ бо камоли майл тағйири либос кард. Таманно бо пӯшоки тоҷикӣ, ба пиндор, ба асли хеш баргашта буд. Вай ҳамон духтареро мемонд, ки рӯзи нахустини таҳсил шояд бо амри тасодуф ҳампарта шуда буданд. Ҷаҳон дар даст кадом як маҷмӯаро аз шоирони муосир дошт. «Шеърро дӯст медоред?» – пурсида буд Таманно. «Бале. Дақиқтараш ашъори ошиқонаро.» «Пас Ҳофиз бихонед.» «Гуфтаниед, ки бо шоирони муосир қонеъ набошам?» «Дар бозори адаб гавҳари пок қимати гарон дорад.» «Рост мегӯед. Лекин… Ман гумон мекунам, ки ба дарки ишқи классикон, хосса, Ҳофизи бузург қодир нестам.» «Аввал аз Ҳилолӣ сар кунед. Ошиқтарин шоир аст ӯ.»

Бале, маҳз бо чунин гуфтугӯ оғоз ёфта буд шиносоии онҳо, ки оқибат ба ҳамсарӣ оварда расонд. Бархақ, Таманно муаллими аввалини Ҷаҳон дар Ҳофизшиносист. Намешавад гуфт, ки Ҷаҳон сирф бо ҳукми тасодуф ба ин факулта омада буд. Ӯ адабиётро дӯст медошт. Хусусан, қиссаҳои саргузаштиро меписандид. Агар ба дасташ роману қиссаҳои адибони ҷаҳон афтад, хобу хӯрро фаромӯш мекард. Аз шеър ҳам лаззат мебурд. Вале на ба мисли Таманно, ки тамоми девонро азёд медонист. Таманно бо шеъри Ҳофиз ба ҳамдарсаш сабақи ишқ мегуфт. Шогирди қобиле буд Ҷаҳон. Қариб ҳар рӯз як ғазал азёд

мекарду ба дилу дидаи духтар ҷой мегирифт.

Ҳоло аз он шеърҳо байте дар хотир дорад Ҷаҳон? Шояд бо тасодуфе сари забонаш як байт – ним байт биёяд, аммо вақти зарурӣ аз хазинаи хотирот ягон ғазали лозимиро ёфта наметавонад. Як ғазали том куҷо, як байтро мувофиқи вазъи ҳол гуфта наметавонад. Пас, Таманно шогирди хубе тарбия карда натавонистааст. Ё дар интихоби шогирд ғалат кардааст, фирефтаи зоҳир гаштааст.

Аслан, зиндагии Ҷаҳон аз рӯзе, ки Таманно «мурд», дарҳамбарҳам шуд. Бо ташвиқи падару модар баъди хатми донишгоҳ кулбаашро ба оилаи ночоре иҷора доду ба зодгоҳ кӯч баст. Мехост ба худ биёяд, роҳи зиндагӣ аз сар гирад. Дар мактаби деҳа муаллим шуд. Ба кор сахт часпид. Баъди чанде дубора оила барпо кард. Ҳамсари нав таъби дили модар буд. Фарзандҳо ба дунё омадан гирифтанд. Завҷааш ҳар сари чанд исрор мекард, ки ба хотири ояндаи бачаҳо ба шаҳр кӯчанд. «Мегӯянд, ки таълиму тарбияи мактаби шаҳр дигарай. Бачаҳо мактабойи беҳтаракнда бухунан, одаму олам бубинан, охир. Дигаро шаҳр кӯчида, хунаи иҷора гирифта зиндагӣ мекнан. Ту шаҳрнда хуна дошта бошиву… О, то кай маълим шида мегардӣ? Душанбе букӯчем, яке начайлуки ягон корхона мешай.» «Дар шаҳр зиндагӣ чунбондан осон нест. Орзу накун!» – қатъӣ мегуфт Ҷаҳон.

Албатта, Ҷаҳон ҳар сол як-ду бор дар айни таътили мактаббачаҳо аҳли оилаашро ба кулбаи шаҳриаш меовард, то фарзандонаш ҳаво иваз кунанд. Боғи ҳайвоноту осорхонаҳоро тамошо медод. Агар театри лӯхтак намоиши хубе дошта бошад, ба он ҷо ҳам мебурд. Вале баъди он, ки дар боғи марказӣ ҳангоми сайру гашт ба «Консерти калони Хатуба» афтода монд, зану бачаҳояш зора кунанд, ки дигар пояшро ба он ҷо намегузошт. Фарзандон, одатан, танҳо ҳеҷ ҷо намерафтанд.

Занакро ҳаёти камташвиши шаҳр маъқул буд. Алам мекард, ки чанд сол инҷониб бо иҷорапулии ночизе Собири ҳамдеҳаашон дар хонаи онҳо зиндагӣ мекунад. Собир баъди хатми омӯзишгоҳи техникӣ ба деҳа барнагаштааст. Баъди хонадоршавӣ ба эътирози модараш нигоҳ накарда ҳамсарашро ҳам ба шаҳр овардааст. Бибинори духтари Кали Ғанӣ дар Душанбе Нора ном гирифтааст. Худо ногуфта, агар вайро дар назди ҳамсоязанҳо бо номи аслиаш ҷеғ занед, ба тарафатон чунон песонида нигоҳ мекунад, ки дигар худатонро бахшида наметавонед. Воқеан, вай Бибинори пешина нест. Бо гуфти худаш, бонуи хондагиву ҷаҳондида аст. Дурӯғ намегӯяд, Саш (ӯ шавҳарашро чунин ном мегрифт), ки шахси замонавист, нахост, ки завҷаашро дар миёни чор девор ба мисли бандиён нигоҳ дорад.

Иҷозат дод, ки Нора мактаби духтурӣ хонад, «имиҷ» дигар кунад. Ҳоло Нора дар яке аз шифогоҳҳои машҳур ҳамроҳи олимони шинохта кор мекунад. Агар дар вақташ як илоҷ карда ниму нимкора бошад ҳам, омӯзишгоҳ нею донишгоҳи тиббиро хатм карда мегирифт, имрӯз имкон дошт, ки дар қатори ҳамкоронаш, рисолаи илмӣ ҳам нависад. Лекин Нора аз ин боис ғам намехӯрад. Ҳама медонанд, ки ҳамин духтурони маълумоти олидори имрӯза чени Нора донишу малака надоранд. Дар коргоҳ ба ӯ расман бо унвони Нора Ганиевна муроҷиат мекунанд. Дар ҳамин маҳаллаи Соҳили наҳрак аз хурд то бузург ҳама эҳтиромаш мекунанд. Нора Ганиевна бо фахр мегӯяд: «Ба гӯлаку чӯлакойи то ҳаштсолаи ин маҳалла ҳаққи очагӣ дорам. Ҳамаашона худам доягӣ кардаам.» Бегоҳиҳо, вақте ӯ аз кор бармегардад, кӯдакони сари роҳ бозиро як тараф монда бо лафзи шикастаи русӣ «Издирастӣ, тётя-Нора!» мегӯянд. Ҳамаи ин ба Нора бисёр маъқул. Лекин вай аз он ҳайрон мемонад, ки дар шаҳр ба дунё омада бошанд ҳам, ин кӯдакон ба русӣ дуруст ҳарф зада наметавонанд, шеваи модаришона ҳеҷ тарк намекунанд, яъне, қишлоқии тапатайёранд. Охир, чӣ хел шаҳрӣ шаванд, ки модаронашон ҳам дар гуфтору ҳам дар рафтор, чӣ хел ки дар деҳа буданд, ҳамон хел мондаанд, пеш нарафтаанд. Нора ба мардуми Бадахшон қоил-дия. Бори аввал то расидан ба хонаи хешовандонашон қишлоқинамоянд. Вале ҳафтае нагузашта чунон тағйир меёбанд, ки агар забонашонро ба эътибор нагирӣ, мегӯйӣ, нав аз тайёраи Маскав фаромадаанд.

– Акаи Ҷаҳон, ҳамин занатон апаи Садбарг дина бегоҳӣ пеши занакои лаби об мана мулзам карданӣ шуд. «Бибинори ҷун, ай кор гаштӣ?» гуфта савол дод. Ба ҳурмати зани шумо буданаш, ака, чизе нагуфтам. Занаки гапкову суханчин будааст ин апаи Садбарг. Гӯё намедида бошад, ки Нора аз хона ҷониби кор намеравад, балки аз кор ба хона баргашта истодааст. Бо сад андеша дам назада ба ҳавлӣ даромаданӣ будам, ки боз гап сар кард: «Бибинор, имсол ҳам дамгирӣ тарафойи Сочӣ мерай? Кампири модарат шаву рӯз чашм ба роҳи ту оби дида мереза. Намешава, ки и тобистун дуои модари зора бигирӣ…»

– Хафа нашав, Бибинор…

– Акаи Ҷаҳон?!

– Мебахшӣ… Нора гуфтан мехостам. Бораҷон, худат гуфтагӣ барин вай занаки рустоист. Ту-ку фаросати баланд дорӣ. Зани хондагӣ, оламу одамдида.

– Ҳеҷ гап не. Ба қарибӣ ба мо аз тарафи ҷойи кори Саш аз домҳои новостройка квартира медиҳанд. Халос мешавам аз ин муҳити дил-

гиркунанда, аз ин кибиткаи намкашида.

– Худованд ба ниятат расонад, хоҳарҷон.

– Аҳли оилая кӯчонда намебиёред, ки орзуи апаи Садбарг шиканад. ӯ ба ман тарзе рафтор мекунад, ки гӯё зани додаршӯяш бошам.

– Не, ман имконияти дар шаҳр мондан надорам. Бачаҳо калон шаванд, насиб карда бошад, хонданӣ меоянд. Ана он вақт иҷорахона кофта намегарданду дар ҳамин кулбаи гилӣ зистан мегиранд.

Оилаи Нора Ганиевна шояд ҳоло дар яке аз «новостройка»-ҳои шаҳр зиндагии обод дошта бошад. Аммо Садбарги раҳматӣ орзуи шаҳрнишиниро ба он дунё бурд…

Бале, дар Душанбе зиндагӣ обод кардан имрӯз ҳам барои ӯ басо мушкил аст. Аз ҳар кӯю кӯчаи ин гирду атроф хотироти талху ширин дорад Ҷаҳон. Ин хотирот вайро ба айёми дерин мебарад, азоб мекашад. Ба деҳа ҳам рафта наметавонад. Хонаи падар ҳуввас мезанад. Ба гӯшаш аз ҳар тараф гоҳ садои хандаву бозӣ, гоҳ нидои даҳшатангези фарзандони ғӯрамаргаш меояд. Ин ҳама кам буд магар, ки хоҳари ягонааш Фариштa фирефтаи ваъдаҳои ҳавоии Карим-бизнесмен шуда, дар савдои «гера» ба он касиф ҳамкорӣ кардаву дар хоки Русия ба даст афтодааст. Карими катазан бо ҳар роҳ аз об хушк баромадааст. Ҳама бало ба сари он кокулдарози кӯтаҳақл фурӯ рехтааст. Албатта, аз ҳаёти маҳбусии Анжелика (ӯро дар маҳбаси Русия чунин лақаб дода буданд) ҳамсари ҳозираи Ҷаҳон бисёр нақлҳо мекунад, дар бораи вай бо меҳр сухан мегӯяду оби дида ҳам мерезад. Вале Ҷаҳон ба чунин хӯю хислат доштани он хоҳари фариштахӯяш наметавонад бовар кунад. Дақиқтараш Анжеликаеро, ки занаш таъриф мекунад, ҳеҷ тасаввур карда наметавонад. Чандин сол мешавад, ки сарсиёҳ гуму гӯр.

Ҷаҳон баъди бозгашт ба ватан аз ҳамдеҳиён аз ин воқеаи нангин хабар ёфт. Онҳо нақл мекарданд, ки телевизиони Русия дар яке аз барномаҳои танқидиаш дар ҳаққи Кариму дастаи ҷиноятпешаи вай намоиши таҳлилие дода бошад ҳам, оқибат бо маҳбус гардонидани ҳамин Фариштаи содафеъл ҳама корҳо гӯё ором гаштааст. Мана, корди ҷиноятпешаи аслӣ ҳанӯз болои равған. Чанд зани қонунию ғайриқонунӣ дорад, ҳамаашонро соҳиби хонаву боғу бӯстон кардааст. Фарзандонаш дар мактабҳои машҳур мехонанд. Маблағҳои ҳаром кайҳо бо роҳи «пулшӯйӣ» «ҳалол» шудаанд. Мегӯянд, ки ин ҳаромхӯр соҳиби чанд корхонаест, ки бо ширкатҳои хориҷӣ доду гирифт мекунанд. Аслан, корхонаҳои Карим-бизнесмен куҷо ҷойгиранду чӣ истеҳсол мекунанд, коргаронаш киҳоянд, касе намедонад. Аз рӯйи гуфтаи ҳолдонҳо, чунин корхонаҳо «Фирмаҳои гиругурез» ном доштаанд. Чиҳоро гирифта мегурехта бошанд? Аз куҷо

гирифта мегурехта бошанд? Инро худи «соҳибкорон» медонанду Худо.

Бародари сарсахт ин ҳамаро мешуниду дарун-дарун месӯхт. Вале медонист, ки ҳеҷ коре аз дасташ намеояд. Вай кию бо Карими катазан даст ба гиребон шудан.

Ҷаҳон кайҳо дасти таслим бардоштааст. Дигар ёрои мубориза кардан надорад. Бо зане, ки метавон гуфт, аз кӯча оварда никоҳ бастааст, якҷо таноби умр кӯтоҳ мекунад.

Аслан, Ҷаҳон намедонад, ки Гуля рост мегӯяд ё дурӯғ. Аз рӯйи гуфтаи занак, ваю Анжелика дар маҳбас ҳамкамера будаанд. Ҳарду фирефтаи як шайтони одамсурат гаштаанду ба балоҳо рӯ ба рӯ омадаанд. Ҳангоми ба Русия интиқол додани «гера» яке аз бастаҳои он заҳри қаттол дар «континер»-и Анжелика кафидаасту ин боиси ба даст афтидани ӯ гардидааст. Аммо Гуля ба маҳбаси «Бутирка» баъди як сол афтодааст.

– Ҳусни беҳамтои хоҳарат сабабгори бадбахтии дигараш шуд, – мегуфт Гуля, – ӯро кормандони милиса, ки дар зона хизмат мекарданд, қариб ҳар шаб мебурданд. Аз ин қаробатҷӯйиҳои «кормандони ҳифзи ҳуқуқ» Анжелика ба дод омада буд.

* * *

Саркардагону лидерҳои тӯдаҳо ба ҳар сӯ давутоз мекарданд, то ба муҳоҷирони иҷборӣ мақоми гурезагӣ дарёфт намоянд. Ҷаҳон шабҳои дароз андеша меронд: «Чаро ман гуреза бошам? Ман аз дарёфти мақоми гурезагӣ чӣ бурд мекунам? Ба ман ватани нав медиҳанд? Оё ватани дуюм маъно дорад? Мо-ку ватанро худ ихтиёр накардаем. Моро Худо дар ҳамин сарзамин халқ карда, на каси дигаре. Пас ҳеҷ кас ҳуқуқи аз он макон рондани моро надорад!» Вай дар миёни ин мардуми раҳгумзадаву бепаноҳ худро зиёдтар ғарибу бекас эҳсос мекард. Зеро тасодуфан ба ин кӯйи дарбадарӣ афтода буд. Андешаҳои худро ба яке аз гурезагон, ки вай ҳам ба ин гурӯҳ бо амри тасодуф ҳамроҳ шуда буд, изҳор дошт. Ҳамсуҳбаташ оҳи бадарде кашиду баъди андаке таваққуф гуфт:

– Вақте ба ҷангал оташ меафтад, хушку тар баробар месӯзад, муаллим. Гумонатон, ҳамаи ин бечорагон гунаҳгоранд? Аз худи бало дида овозаи бало пурдаҳшаттар аст. Бисёри ин мардумро овозаҳо хонакӯч кард. Номи шумо чист?

– Ҷаҳон. Ина бинед-а, аллакай як ҳафта мешавад, ки аз Ватан дур афтодаем. Ҳама банди дарду ғами худ гашта, ҳатто номи якдигарро напурсидаем. Худи шумо чӣ ном доред?

– Рӯзӣ. Акнун Берӯзӣ гуфтан гиред.

– Чанд лаҳза пеш маро дилбардорӣ мекардеду акнун худатон ба чоҳи навмедӣ афтодаед. Аҳли байт дар хоки худамон мондаанд?

– Кош ҳамон ҷо мемонданд, ки дар ҷустуҷӯяшон ба ғарибиҳо намеафтодам.

– Нафаҳмидам…

– Ман дар шифохонаи бемориҳои гузарандаи пойтахт табобат мегирифтам. Шунидам, ки дар маҳалли мо бесарусомониҳо ба авҷаш расидаасту мардум асосан дарёро убур мекардаанду тарки диёр. Бетоқат шудам. Бе иҷозати духтурон ба роҳ баромадам. Бо сад азоб ба ноҳия расидаму дуд аз димоғам баромад. Манзарае дидам, ки ногуфтанӣ. Хонаҳо сӯхтаву валангор. Ҳар ҷо-ҳар ҷо як-ду оила зиндагӣ доранд. Ба хонаи ҳамсоям, ки солҳо дар ба девор аҳлона зиставу ту онҷоиву ман инҷойӣ нагуфта будем, даромадам. Аз чӣ бошад, миёнадеворамонро афтонида буданд. Худи ҳамсоя гуфт, ки агар чунин намекардам, кайҳо хонаат ба коми оташ мерафт. Зану бачаҳоят он сӯйи Омӯ гузаштанд. Пеши роҳашонро нагирифтам. Аз-дусар, онҳоро ҳимоя карда наметавонистам. Гуфтам: «Паноҳатон ба Худо, гурезед, шояд ҷонатон амон ёбад.»

Хуллас, он шаб пирамарди ҳамсоя маро дар хонааш нигоҳ дошт. Ҷигарам сахт дард мекард. Гуфт: «Ҳамин ки куфти роҳат баромад, гуселат мекунам.» Ба аҳли оилааш фармуда буд, ки аз ҳузури ман пеши касе даҳон накушоянд. Ӯ маро хуб меҳмондорӣ кард. Рӯйи дастархонаш шири мурғу ҷони одам набуду бас. Ба дил мегуфтам: «Даврат омад, мӯйсафед, зиндагӣ кун».

Додарам, Ҷаҳон, шояд шумо маро одами ҳасуду дилсиёҳ пиндоред. Ихтиёр доред. Ҳарчанд пеши ҷони ширин моли дунё чизе нест, дар тани писари миёнаи пирамард, ки Субҳони Ғафс мегуфтанд, костюми худамро дидаму дилам таҳ кашид. Шояд шумо хоҳед гуфт, ки магазин фақат барои ту пиҷак набаровардааст. Шумо ҳоло ними маро мебинед. Обу адо шудаам, охир. Пеш аз ноорomиҳо фақат аз фурӯшгоҳи «Богатыр»-и пойтахт либос мехаридам. Ҳамон костюмро ҳангоми сафари хидматӣ дар Маскав дӯзонида будам. Хуллас, аз омадани ман бехабар ногаҳ Ғафс ба меҳмонхона даромаду худро ноҳинҷор эҳсос кард. Мардиро аз даст надодам. Арӯси хонадон ба рӯйи дастархон нуқлу наво мекашид. Гуфтам-ку, ҳар чӣ дилат мехост, аз он дастархон меёфтӣ. Лекин маро аз куҷо иштиҳо буд?… Мизбони пир якзайл муроотам мекард. Узр пеш меовардам, ки ҷигарам дардманд асту духтурон парҳез фармудаанд. Яке чашмам ба

хокистардони булӯрӣ афтод, ки хамчун табақча истифода карда буданд. Инро яке аз ҳамкорон дар ҷашни панҷоҳсолагиам тухфа карда буд. Хумори сигорам гирифт.

– Субҳонҷон, як дона сигор намеёбӣ? – бе он ки ба рӯяш нигоҳ андозам, – хоҳиш кардам ман.

– Марҳамат, – ба наздам дар они воҳид қуттии сигори хориҷӣ ва ҳамчун хокистардон пиёлаи миёнаҳаҷмеро гузошт Ғафс. Баъди он ки сигорро дардодам, беихтиёр мавизи хокистардонро ба тақсимчаи дигар холӣ кардаму пиёларо онсӯтар гузоштам. Пай бурдам, ки рангу рӯйи Ғафс дигар шуд.

«Ҳамин хел, Субҳонҷон, ин зарфи булурӣ, вақте ки дар хонаи мо буд, вазифаи хокистардонро адо мекард. Дар рӯйи хонтахтаи шумо мақомаш хеле баланд шудааст. Чаро ҳайрон мешавӣ? Намебинӣ, аз се тараф ҷӯяҳои махсуси сигорхомӯшкунӣ дорад…», – аз дил гузаронидам ман.

– Ҳамсоя, чаро лабханд мезанӣ? Магар ягон гапи аҷиб ба хотират зад? – мӯйсафед бехабар аз ҳолати ботинии ман суол мекард.

– …

– Монда шудӣ. Гӯям, ҷогаҳат андозанд? Рӯзи дигар бафурҷа суҳбат мекунем.

– Майлаш.

Вале маро аз куҷо хоб мебурд? Ҳамин ки ҳавлӣ дар торикистону хомӯшӣ фурӯ рафт, тирезаи ҷониби кӯчаро оҳиста кушодаму худро берун ҳаво додам. Намедонам, аз толеъ буд ё тасодуф, ки дар роҳ ба ягон силоҳбадаст дучор наомадам. То саҳар ба минтақаи бехавф расидам. Дар соҳили Панҷ бо як гурӯҳ гурезаҳо вохӯрдам. Ниятам аз сарҳад гузашта, зану фарзандонамро ёфтан буду бас. Хаёлам, Худованд маро дар роҳи пурмашаққат нерӯи тоза мебахшид. Қариб дарди ҷигарро ҳис намекардам.

– Аз гумгаштаҳо дараке ёфтед?

– Бале, ёфтам. Дараки маргашонро…

– Афсӯс…

Марди заъфаронранг беовоз мегирист. Ҷаҳонро ёрои даҳонкушоӣ набуд. Ҳамин тавр соате дар сукут буданд. Ниҳоят Ҷаҳон пай бурд, ки Рӯзӣ ором шудаву дар ҷойи нишасташ ғанаб меравад. Ӯро халалдор кардан нахост. Берун баромада ба зери забон як каш нос партофт. Осмон ситоразор буду атроф хомӯш. Яке пардаи хомӯширо нолаи хастаи ҷавонзане дарид:

*Мусулмонон, дар ин шаҳрак ғарибум,*

*Шудам бемор, муҳтоҷи табибум.*
*Табиб аз мулки Тоҷикон биёред,*
*Ки то хоки Ватан гардад насибум.*

Сари овози ин бечораро аз хаймаи дигаре ғарибе дигаре гирифт:

*Сари қабрам ниҳолеро шинонед,*
*Ба ҷойи об зи чашм ашке фишонед.*
*Намесабзад сари хокам ниҳоле,*
*Ки сарви қомати дилбар нишонед.*

Ҷаҳон дигар тоқати шунидани ин оҳу афғонро надошт. Ангор, мурғи дилаш дар қафаси сина талоши ҷонканӣ мекард. Аз чӣ бошад, пеши чашмаш қомати раънои нозанине меомад, ки дар даст ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз дошту кокулони майдабофиаш чавгони беди маҷнун барин аз боди сабук алвонҷак мерафт… Носро бо зарда туф карду ба чодир даромад. Дами ҳаво андак-андак паст мешуд. «Хайрият шаб гуфтанӣ чиз ҳам ҳаст, вагарна зери офтоби сӯзони ин ҷӯлистон бухор мешудем», – аз дил гузаронид ӯ ва рӯйи чойгаҳаш дароз кашид.

Субҳи барвақ хост ҳамхаймаашро бедор кунад.

– Ака, вақти намози бомдод шуд, намехезед?

Рӯзӣ аз ҷой намеҷунбид. Ҷаҳон ин дафъа номи ӯро гирифта бедор кард. Ҷавобе нашунид. Якбора дилаш ғаш овард. Сари болини ҳамраҳаш омад. Даст ба пешонии мард расониду ба худ ларзид. Ҷисми Рӯзии берузӣ тарма барин ях баста буд… Ҷаҳон берун тохт. Аз ҳавои беғубори шаби гузашта асаре набуд. Раъд меғурид, барқ чароғак мезад. Қатраҳои калон-калони боронро дашти лабташна гӯё ҳарисона фурӯ мебурд.

Ин сари пур аз савдо дар осиёб сафед нашудааст. То баргаштан ба хоки Ватан чӣ дардҳое, ки дид… Вале супоридани ҷисми пур аз дарду синаи пур аз алами Рӯзӣ ба хоки Дашти морон чӣ бори гароне бор кард ба дӯши Ҷаҳон! Вақте тараддуди ҷанозаи берӯзӣ мекарданд, Ҷаҳон ба мӯйсафеде маслиҳатомез гуфт, ки шояд назди қабри зану фарзандонаш ба хок супорем. Мӯйсафед бо дард гуфт:

– Пас ба коми дарёяш афканем?!

Ҷаҳон лаб газид. Дигар аз касе шарҳи гуфтаҳои он пирамардро напурсид. Вале ҳар гаҳ аз забони касе қиссаи дар оби Омӯ ғарқ шудани гурезагони иҷбориро шунавад, пеши назараш ҷасади забзардгаштаи Рӯзӣ меояд, ки дар айни ба хок гузоштан кафан гулгун карда буд. Бале, ҳамватанони фирорӣ шоҳид буданд, ки аз лабони

маит чӣ сон хуни сиёҳтоб метаровид…

– Шаҳиди аъло! – ҳукм кард оне, ки пешнамози ҷаноза гузашта буд.

* * *

Ин дафъа Хиррӣ дари ҳуҷраи Таманноро кӯфт. Ҷавонзан бо андаке ҳарос дарро кушод. Дар рӯ ба рӯяш шахси ношиносе меистод.

– Ассалому алайкум, Хатуба!

Таманно ҷавоб надод.

– Аз афти кор, гуфтаи мардум рост аст, ки ба ҳуш омадаӣ. Гӯш кун, Хатуба…

– Бубахшед, ман Таманно ном дорам.

– Таманно? Аҷаб… Ана гуфтаи ту шавад, Таманнохон.

– Гуфтам ки Таманно ном дорам.

– Ҳазор сол боз мардум туро Хатуба ном мегирифтанд, ки ба худат ҳам зиёд маъқул буд. Дар миёни чанд рӯзи охир якбора тағйир ёфтани одам мумкин будааст, – мардак ҳир-ҳир хандид, – модом ки ба худ омадаӣ, дониста бош: ин ҳуҷра ба Хатубае, ки мо медонистем, муваққатӣ дода шуда буд.

– Нафаҳмидам…

– Яъне, хӯҷаини калон дигар ҳӯҷаин нест. Вай аз курсии мулоими мансаб парид. Акнун ӯ на ҷондори ғайриқонунӣ дораду на дарбон. Бинобар ин, марҳамат карда, туе, ки дигар Таманно шудаӣ, ҳуҷраро бо ду дасти адаб бояд супорӣ.

– Ба кӣ?

– Ба соҳибони аслиаш.

– …?

– Ба донишҷӯён. Ҳа, тааҷҷуб накун, ба донишҷӯён бозгардонида мешавад. Фаҳмидӣ?

– …

– Чаро ин тавр нигоҳ мекунӣ? Хонаи туро ман бо ин хобгоҳи умумӣ «иваз» накардаам. Оне ки ин пастиро ба ту раво дидааст, кайҳо манзили меросии туро обу лой карда, бо маблағи он шояд шоҳроҳи бизнеси калонро ба худ боз карда бошад. Дар миёни солҳои бесарусомонӣ садҳо хонавода бесарпаноҳ мондаанд. Яъне, ту аввалину охирин нестӣ. Ба бисёриҳо ҷабр шуд. Оилаҳоеро дидаам, ки даҳ-понздаҳ нафар аъзо доштанду дар кӯча монда, ноилоҷ сар ба ғурбат заданд. Ту-ку як сари танҳо дорӣ.

Комендант лаҳзае чанд интизори ҷавоби ҷавонзан шуд. Аз тарафи

муқобил посухе набуд.

– Ху-уш, чӣ кор кунем? – мардак боисрор ҷавоб талаб мекард, – Гап зан, охир?

– Намедонам, ака…

– Ман аз рӯйи раҳму шафқат ба ту кӯмак кардан мехоҳам. Агар розӣ бошӣ…

– Чӣ мададе будааст?

– Шиносе дорам, ки ба занҳои корҷӯй ёрӣ мерасонад. Аз дасти ту чӣ кор меояд ба ғайр аз рақсидан?

– Рақсидан?!

– Чӣ чашмота нинаки гов барин ало мекунӣ? Гӯё ту набудӣ, ки чанд муддат пеш дар чорбоғи марказӣ консерт медодӣ… Ху-уш, ки бошад, боз чӣ корҳо аз дастат меояд?

– Корҳое, ки аз дасти ман меояд, имрӯз, ба касе лозим нестанд. Яъне, шумо чунин шуморед, ки ман касби бозоргир надорам.

– Ба ҳар ҳол то ба кӯйи бекасӣ афтодан ба чӣ кор машғул будӣ?

– Ҳанӯз ба касбу коре даст назада будам. Таҳсил мекардам. Мехостам пажӯҳанда бошам…

– Намефаҳмам, оё бо номи пажӯ… чӣ гуфтӣ? Паж.. Хуллас, ин чӣ касбу корест, ки мо нашунидаем? – Хиррӣ, воқеан, тааҷҷуб мекард.

– …

– Хаёлам, ҳанӯз дар осмони афсонаҳои худат болу пар мезанӣ.

Таманно тааҷҷубзада ба мусоҳибаш назар мекард: «Нохудогоҳ образнок сухан мегӯяд ин мардаки берӯ, ё нақш мебозад?... »

– Гӯш кун, як шиноси ман зану духтарони ҷавони корҷӯйро ба мамолики хориҷӣ мефиристад. Чанде пеш ҳамин ҳамсояи туро ёрӣ дода буд. Дар ин гирду атроф, ба назарам, аз вай хору зортар зане ёфт намешуд. Аз уҳдаи додани иҷорапулии як ҳуҷра намебаромад. Шиками ду кӯдакаш аз нони хушк сер набуд. Аз рӯйи шафқат мадад карданӣ шудем, дар аввал нозу нуз кард. Сонитар зиндагӣ зӯрӣ кард магар, ки худаш ба забон омад.

– Ӯро ба кадом кишвар гуселонидед?

– Ба яке аз мамлакатҳои Араб.

– Ҳамроҳи фарзандонаш?

– Аҷаб гапҳое мегӯйӣ, ки.. О, он ҷо коркунӣ мераванд, на бо аҳли оила саёҳаткунӣ. Фарзандонашро ба дасти апааш монд. Ҳамагӣ ду сол кор мекунаду бо пулу пайсаи зиёд бармегардад. Дар шаҳр сарпаноҳдор мешавад. Ба умеди шавҳари беномусаш мегашт, гаштан мегирифт.

Ҷавонзан ба чашмони комендант нигоҳи озмоишкорона дӯхт. Мусоҳибаш ба ҷониби чапи роҳрав нигоҳ кард. «Гӯё ки ту номусу шараф дорӣ! Ҳайфи сиккаву сурати мардӣ... » аз дил гузаронд вай. Ва ба рӯйи Хиррӣ дарро пӯшид. Мардак аз ин муносибати Таманно ҳеҷ наранҷид. Охир, ҳамин чанд рӯз пеш ҳамсояи Таманно ӯро аз таги дари ҳуҷрааш пеш карда буд. Вале ҳатто як ҳафта нагузашта худаш ба рӯй чарм кашида омад: «Хайр, ҳар чӣ бодо бод, ман розӣ.»

Таманноро то дили шаб хоб набурд. Гоҳ бо худ дар набард буду гоҳ бо он марди беномус дар талош. Вай худро даме зани садсола медиду лаҳзае ба тифли нокордида табдил меёфт. Ва аз чунин эҳсоси мағшуш дилтанг мешуд. Сарашро дард гирифт. Худоё, ин хоби кобусӣ кай ба охир мерасад? Кай ӯ дунёро бо ранги аслиаш мебинад? Ва ё ҳар он чӣ Таманно ба ёд меорад, дар асл вуҷуд доштанд? Воқеан, ӯ духтари Усмон-нонво буд? Модари оқилаву орифааш буд магар? Дӯстону дилбохтагоне чун Ҳамидулло, Нодира, Ҷаҳон, Надим… дошт ва ё не? Ҳаргиз аз Ҷумъазода дарсе гирифта буд? Умуман даргоҳи мактабу донишгоҳро дидааст ё не? Оё он лаҳзаҳои гуворои арӯсиаш низ ҷуз маҳсули хобу хаёл нестанд? Ва ё дунё ҳамеша ба мисли имрӯз буд? Марди тоҷик аз кай дайюс шуд? Домани зани тоҷик ягон вақт ин қадар нопок буд? Қиссаҳое, ки ҳафтаномаҳо интишор медиҳанд, асосе доранд? Чаро асос надошта бошанд, ки Таманно дар миёни чанд рӯз шоҳиди ҳодисаҳои гушношунид шуд. Чиҳое диду чиҳое шунид!

Ҷавонзан ба як кунҷи ҳуҷраи бепалос нишаст. Ва сари бесоҳибашро ба девори бетонӣ задан гирифт…

### Дафтари сеюм

## КУШОИШ

*Бо муддаӣ магӯед асрори ишқу мастӣ,*
*То бехабар бимирад дар дарди худпарастӣ.*[1]

Дари ҳуҷра беовоз кушода шуд. Зане, ки сатили сирдор дар даст дошт, оҳиста-оҳиста пеш омад. Сари зону нишаст. «Худоё, туро ба ин ҳоли забун кӣ афканд?» – зери лаб пиҷвок зад ӯ. Ба гирду атроф чашм андохту ягон латтапорае барои пок кардани хуни захми пешонии ҷавонзан наёфт. Аз сар қарси сап-сафедашро гирифта, як гӯшаашро даронд ва сару рӯйи хуншори берӯзиро поку тамиз кард. Сипас берун рафту пас аз лаҳзае бо пиёлаи оби хунук баргашт. Сари Таманноро сари зонуяш гирифта, ба лабонаш пиёларо наздик овард.

– Бинӯш, ҷони хола, ҳалқатро нам кун.

Таманно итоаткорона чанд қулт об нӯшид.

– Ба хаёлам, шикамат ҳам гурусна аст, каме оши бурида мехӯрӣ? Не нагӯй, мебинам, ки аз гуруснагӣ чашмат сиёҳӣ мезанад. Ин оши ҷурғотнок ба танат дармон мебахшад. Хӯрдани ин ош савоб ҳам ҳаст. Ман ҳар бегоҳии ҷумъа як сатил оши бурида пухта сари чорраҳа мебароям, ки ба мусофирони сари роҳ хӯронам. Шунидам, ки дар ин ҳуҷра Хатуба ба як ҳоли зор аст. Гуфтам, аз оши худойӣ чашиву дар ҳаққи рӯҳи ҳамсари раҳматиам дуое кунӣ.

Таманно ба зани ношинос бо тааҷҷуб менигарист.

– Ҳайрон нашав. Маро дар ин гирду пеш бисёриҳо мешиносанд. Мая-хола гуфта, ҳушашон меравад. Маро намешиносӣ? Ҳама мешиносанд-ку. Ма, ҷони хола, аз лаби коса ошом… ҳа, ана, боракалло.

Ба вуҷуди Таманно гӯиё ҷони тоза дамид. Ва беихтиёр ашк аз чашмонаш ҷорӣ шудан гирифт.

– Чаро гиря мекунӣ, Хатуба?

– Хоҳиш мекунам, холаҷон, маро чунин ном набаред.

– Хатуба нагӯям? Пас чӣ ном гирам?

– Номеро, ки падару модарам бо сад орзуву умед гузоштаанд.

– …?

– Таманноям ном баред.

– Чӣ номи зебандаву арзандае!

---

[1] Ин байт аз Хоҷа Ҳофиз

Таманно инони ихтиёр аз даст дод ва ҳой-ҳой гирист. Мая-хола низ беовоз мегирист. Вале худ намедонист, ки аз чӣ боис оби дида мерезад.

– Духтарам, мегӯянд, ки имрӯз-фардо сокинони ин хобгоҳро берун мекардаанду биноро аз нав ба ихтиёри донишҷӯён вомегузоштаанд. Ту куҷо рафтан мехоҳӣ?

– Худованд ҳар ҷоеро, ки насибам дониста бошад…

– Шояд ба кулбаяки ман гузарӣ. Ростӣ, рӯзҳои охир аз танҳоӣ метарсам. Дами якдигар зиндагӣ мекунем. Қуввати дили якдигар мешавем.

– …

– Чаро ҳарфе намезанӣ? Натарс, ман аз ту иҷорапулӣ намепурсам. Шукри Худо, ҳам нафақа мегираму ҳам маош. Дар мактаби махсус кор мекунам.

– Чӣ гуфтед? Дар мактаб кор мекунам, гуфтед?

– Дар мактаби бачаҳои душвортарбия тарбиятгар ҳастам.

– Бачаҳои он мактаб зиёд бетартибанд?

– Чӣ гӯям… на ҳамаашон тамоман вайроншудаанд. Ба ҳар ҳол, шогирдони дигар мактабҳо барин нестанд. Бисёрашон аз оилаҳои нокомиланд. Яъне, зиндаятиманд, волидонашон майпарасту айёшанд. Хуллас, бачагони аз тарбия дурмондаанд, андаке қонун вайрон карда, ҳукм гирифтаанд… Чӣ кор кунем, ҳамроҳам меравӣ ё худам рафтан гирам?

– Майлаш, гуфти шумо шавад, хола.

– Рафтем, духтарам.

Таманно итоаткорона аз ҷой хест ва бе ҳеҷ дудилагӣ аз ҳуҷра берун шуд. Аз паси ин кампири ношинос мерафту ваҳму ҳаросе надошт. «Ҳарчӣ бодо бод» намегуфт. Дилаш эҳсос мекард, ки ин рафтораш дуруст аст.

Мая-хола ӯро аз чанд кӯчаву тангкӯча гузаронда ба кулбаяке овард, ки даричаи даромадгоҳаш ранги сабз дошту рақами 66. Ва зери ин рақам сурати саги зотии олмонӣ сабт ёфта буд. Таманно беихтиёр катибаи зери аксро хонд: «Осторожно, злая собака!» Кампир даст афшонда хандид. Дили Таманно ором гирифт. Онҳо пасу пеш ба ҳавлича даромаданд.

– Духтарам, медонам, ки кулбаяки ман зиёд дилгиркунанда аст… – соҳибхона гӯиё узр пеш меовард, вале Таманно аз дил мегузаронид, ки «Аз кулбаи он номард беҳтар аст.» Кампир баъзе асбоби рӯзгорро, ки сари роҳ ғелида меистод, бероҳа гузошта, ҳамзамон суханашро идома медод, – одам, ки танҳо мемондааст, ба дилаш чизе

намеғунҷидааст: на либосу на палос. Умуман дилмонда шудаам аз зиндагӣ. Ҳеҷ чиз диламро намекушояд. Кор мераваму гӯё рӯз кӯр мекунам. Ҳамин, ки ба хона расидам, шом мехӯраму ба ҷогаҳ медароям. Аз Худо илтиҷо мекунам, ки амонаташро осон гирад, то дигар аз болин сар набардорам. Вале бо овози муаззин боз субҳи дигар оғоз меёбад ва ман боз тани фартути хешро аз ҷогаҳ базӯр меканам…

«Ба тоҷикӣ чӣ андоза фасеҳ гап мезанад ин хола, мегӯйӣ, наттоқе бошад», – аз дил мегузаронид Таманно.

– Холаат ҳамеша ин хел кампири пажмурдаи дунёбезор набуд, – пиразан ҳамраҳашро ба дарун даъваткунон гап медод, – мана, ин суратро мебинӣ, ба кӣ монанд аст? Ҳар кас бинад, актрисаи ҳиндӣ Ваҷантимала мепиндорад, ҳамту не? Бале, худам ҳам баъзан шубҳа мекунам, ки ин акси ҷавониам бошад, – кампир ҳасратомез механдад. Таманно ба сурат бо ҳавас менигарад. Дар ҳақиқат ин тасвири духтари нозанин ба қаҳрамони кинофилми машҳури «Сангам» сахт шабоҳат дорад, – Ана ин бошад, Гопали ман аст! – чашмони пиразан чунон медурахшанд, ки!.. Чӣ бахти бузургест дар дами пирӣ бо фахр аз ишқи ҷавонӣ ёд кардан. Мазмун, ин зан аз Гопали худ хиёнате чӣ, балки озоре надидааст, вагарна ин қадар бо фахр аз ӯ ёд намекард. Куҷои ин ҷавонмард ба Гопал монанд аст? На тарҳи рӯву на тарзи нигоҳаш. Шояд болои баландаш? Таманно ҳеҷ шабоҳате миёни ҳунарпешаи ҳиндуву ҳамсари холаи Мая намеёфт. Вале барои дили кадбону гуфт:

– Бале, шавҳаратон нусхаи дигари Гопал будаанд.

– Гуфтию мондӣ, духтарҷон. Ту ҳам замоне ошиқ будагистӣ. Росташро гӯй, ошиқат ба Алибобо монанд буд ё ба бародари ҳасуди ӯ? Чаро дам мешинӣ? Лекин ту аз Хатуба дида зиёдтар ба Марҷина монанд ҳастӣ. Худат инро пай мебарӣ? Вақте дар хиёбонҳо ҳунар менамудӣ, ман ба дил мегуфтам: «Ин зебосанам Марҷинаи ҳақиқист!»

Чеҳраи Таманноро ғубори ғам гирифт. Кадбону ҳолати меҳмонашро пай бурда пушаймон ҳам шуд, ки боиси гирифтахотирии ӯ гардид. Аз ин рӯ зуд мавзӯъро дигар кард:

– Таманноҷон, дар дег каме оши бурида мондааст. Тарбуз ҳам дорам. Дилат чӣ мехоҳад? Ё ягон дами гарми дигар пазам?

– Ташвиш накашед, холаҷон. Агар худатон гурусна бошед, гапи дигар. Ман серам.

– Ҳеҷ набошад, як карч тарбуз хӯр. Барои ҳазми таом.

– Майлаш, – Таманно сари миз гузашт. Кампир дар ҳуҷраи дигар барои ӯ ҷойи хоб ҳозир кард.

– Марҳамат, ба ҷойгаҳат гузару роҳат кун, духтарам. Гуфтагӣ ба-

рин, оби бӯчка аз офтоби тамуз қариб ба ҷӯш амадааст. Агар ба сарат як об мегирифтӣ, хобат бароҳат мешуд. Дастору либоси тозаро рӯйи ҷойгаҳат гузоштаам.

– Ташаккур, холаҷон.

* * *

Таманно аз бистар вақте сар бардошт, ки кайҳо офтоб як қади найза баланд шуда буд. Дар аввал нафаҳмид, ки дар куҷост. Пас аз лаҳзае ҳамаро ба хотир оварду аз ҷой ҷаста хест. «Хуб нашуд. Мая-хола чӣ мегӯяд? Гӯё дар бари модари хеш бошам, то чоштгаҳ хобидаам», – Таманно бо ин фикрҳо хиҷолатманд рахти хобашро ба тартиб овард. Сипас берун баромад. Соҳибхона наменамоид. Ҷойи хобаш батартиб. Маълум мегардад, ки кайҳо аз пайи кору бораш рафтааст. Дасту рӯй шуст, мӯйҳояшро шоназанон чанде ба оина назар афканду беихтиёр ашк рехт. Охир, аз рӯйи фаросат медонад, ки ин акси худи ӯст, вале гӯиё, ин шабоҳати зоҳирист. Таманно нест ин зан. Бояд ӯро ҷуст, бояд ӯро ёфт. Бояд ӯро маҷбур кард, ки ба ҳаёти воқеӣ ворид гардад. Аммо чӣ сон?

Рӯйи ҳавлӣ баромад. «Аз чӣ оғоз кунам? – ба гирду атрофи ҳавлие, ки кайҳо рӯйи ҷорӯбро надида буд, чашм партофт Таманно, – аввал чой мемонам, то ҷӯшидани об ба ҳавлӣ як панҷа шакароб[1] мезанаму пас аз ношто ба рӯбучин сар мекунам», – аз дил гузаронид ӯ. Аз ин фикри хеш хандааш омад, ки гӯё оғози худшиносиро аз рӯфту рӯби ҳавлии Мая-хола сар мекарда бошад.

Вақте саҳфаи уфқ ранги қирмизӣ мегирифт, ҳавлича ба як боғчаяки дилкушо табдил ёфта буд. Кадбону дар дамгаҳи дар ба кору бори Таманно бо ҳавас менигарист.

– Ҳазор сол боз хонаи холаат чунинин тартибу озодагиро надида буд. Офарин! Боракалло!

Таманно сар бардошта дид, ки холаяки меҳрубон ду халтаи пурбор дар даст рост меистод.

– Салом, холаҷон!

– Ваалайкум. Хуб монда шудӣ?

– Не-е. Шумо хаста нашудед? Халтаҳоро ба ман медиҳед, дастатон дард кардагист.

Кампир борхалтаҳоро ба дасти Таманно доду рӯйи кати ҳавлӣ гузашт.

---

[1] Ҳавлиро шакароб задан – ба хотири нахестани гарду чанг пеш аз рӯфтан бо панҷа сабук об пошиданро гӯянд.

– Пас аз кор як қадам ба бозори Шоҳмансур даромадам, – овозашро як парда баландтар кард ӯ, – Гӯр сари бекасӣ шавад, аз гулуи одами танҳо ҳеҷ чиз намегузарад. Ҳатто дар яхдон маҳсулот вайрон мешаваду ҳавсала карда ягон хӯроки дилкаш намепазам. Ҳамин ёди раҳматии шавҳарам маҷбур мекунад, ки бегоҳиҳои ҷумъа оши садақа пухта сари чорраҳа барораму ба мусофирони роҳ тақсим кунам. Мана, Худоба шукр, акнун дар хона ду нафарем. Бинобар ин ба бозор гузаштаму ину он харида омадам. Халтаҳоро холӣ куну ҳама чизро, духтарам, ба яхдон ҷо ба ҷо гузор.

– Ин кафшу куртаву поҷомаро-чӣ? Ба хонаи хобатон монам?

– Барои худат овардам, Таманноҷон. Чизи кирой не. Об ба об мепӯшӣ-дия.

– Ташвиш кашидаед, ташаккур.

– Ин гапҳоро мону аз пайи дегу табақат шав, духтарам.

– Ягон дами гарм пазам? – аз ошхона истода пурсид Таманно.

– Ман ним соат ин тараф чӣ гуфта истодам? Ҳатман, мепазӣ, духтарҷон.

– Оши палав мехоҳед ё ягон хӯроки сабук?

– Чанд вақт ин ҷониб дар хона палав напухтаам. Беҳтараш, палав-дия.

Таманно бо ҳавсалаи том аз пайи пухту паз шуд. Кампир ба дасту панҷаи печони Таманно бо ҳавас менигарист. Аз гиру монаш маълум, ки тарбияи хуб дидааст. Кӣ мегӯяд, ки ҳамин ҷавонзан Хатуба бошад… Тавба… Ба сари ин бечора чӣ сару савдое омада, ки?… Дар ҳаққаш ҳар гап мегӯянд. Кадомаш росту кадомаш бофта? Худову худаш надонад…

– Холаҷон, хобатон бурд магар? Хезед, ош тайёр.

Пиразан дар ҷойи нишасташ кайҳо ба ғанаб рафта буд. «Ина бин, хобам бурдааст-а», – гӯён аз ҷой хеста дид, ки Таманно дар шафаташ дастшӯву обдаста ба даст ҳозир аст. Кампир оби дидаашро дошта натавонист.

* * *

– Ман ба русзанҳо монанд не? Албатта, монанд не, ҷони хола. Кистаму куҷоиям? Аз таърихи номам гӯям? Гӯш кун, ҷони хола, ки туро бо асли насабу ҳасабам, бо зодгоҳам шинос кунам. Дар замони шӯравӣ Сироҷиддинро Сашаву Фарҳодро Федя гуфтан айб не, балки нишонаи соҳибмаданиятӣ ҳисоб меёфт, гӯям, ҷавонони ҳозира механданд. Падару бобоёни маро солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон аз Чиченистон ба Ҳайдаркан ном шаҳраки водии Фарғона, ки ҳоло ба ҷумҳурии

Қирғизистон тааллуқ дорад, муҳоҷир кардаанд. Мардуми аслии ин шаҳраки кӯҳканҳо асосан тоҷикон буда, намояндаҳои дигар халқу миллатҳо, аз қабили русҳо, олмонитаборҳо, ӯзбакҳо, уйғурҳо, тоторҳо, туркони месхетӣ, ингушу чиченҳо ҳама мардуми омада ҳисоб мееёфтанд. Аз рӯйи нақли сокинони маҳаллӣ, пештар хитоиҳо ҳам дар ин шаҳрак кору зиндагӣ мекардаанд. Онҳо нахустин кашшофони конҳои сурмаву симоби Ҳайдаркан будаанд. Баъди сард гаштани муносибатҳои Чину Шӯравӣ пайи пойи хитоиҳоро аз Хайдаркан руфтаанд. Дунганҳои Қирғизистонро қавми мусулмоншудаи чиноӣ ҳам мегӯянд.

Гирди номи ин мавзеъ ҳар кӣ ҳар хел ақида дорад. Ҳайдаркан, Ҳайдаркон, Хайдаркент ва ҳатто Айдаркен шунидаам аз забони мардуми гуногунаслу гуногунқавме, ки сокини ин шаҳрак буданд. Ман, ки хатмкардаи факултаи таърих ҳастам, дар сари номҳои таърихиву топонимҳо муносибати сарсариро намеписандам. Ба андешаи ман, ин яке аз ҳамон ҳафт канди таърихии Сӯхи бостон аст. Охир, дар Сӯху атрофии он номи мавзеъҳое, ки дар таркибашон вожагони «кат»-у «канд»-у «канда»-ю «қан»-у «қанд»-у «кон» доранд, зиёданд. Ба ҳар сурат, ман Бодкон, Симкат, Сариканда, Ҳайдаркан, Хокканак, Ҳафқан барин исмҳои хоси маконро ҳамреша медонам. Шояд замоне миёни Ҳайдаркану Ҳафтканд ё Бодкону Ҳафтканд, ки имрӯз бо унвони Апкент ба як деҳаяки қирғизнишин табдил ёфтааст, ҳафт шаҳраки ободи сӯхиён мавҷуд будааст. Дар гирду навоҳи ин ҳафт канд, чунон ки дар «Ҳудуд-ул-олам» зикраш рафта, шаст деҳи обод будааст. Воқеан, бесабаб нест, ки мардуми Сӯх нисбат ба зодгоҳашон ҳеҷ гоҳ вожаи «қишлоқ»-ро истифода намебаранд. Барои онҳо мардуми қишлоқӣ онҳоеанд, ки поёнтар аз Риштон, дар заминҳои шӯрхок зиндагӣ мекунанд. Онҳоро бо унвони «пойинӣ» низ ба забон меоваранд. Ман бар он боварам, ки исми зодгоҳи ман хоҳ Ҳайдаркон бошаду хоҳ Ҳайдаркан, яке аз ҳамон ҳафт канди Сӯхи бостон аст.

Аз кашолгапии холаат зиқ нашудӣ, Таманноҷон? Ин тавр бошад, гӯш кун. Аз рӯйи шунидам, ин макони пур аз ганҷ дар гузашта, воқеан, як пораи паҳнозамини Сӯх ҳисоб мееёфтааст. Аз ин рӯ тоҷикони Ҳайдаркан бо номи сӯхиён ҳам ёд мешаванд. То ба наздикӣ маҳаллаи Сӯхиёни Ҳайдаркан аз дигар гузарҳо фарқ мекард. Ҳавлиҳояш бо деворҳои баланди сархордор иҳота шуда буд. Падари ман ҳам дар таъсири тоҷикон гирди ҳавлиамонро девор кашида буд, аммо сонитар ҳукумати маҳаллӣ маҷбур кард, ки деворҳоро барҳам занем. Бурҷу бораи гиландова ҳусни шаҳракро мекоҳад, мегуфтанд. Солҳои шастум аз ҷониби шимоли шаҳрак хонаҳои дуошнаи хиштӣ сохтанд, ки дар навбати аввал ба ин хонаҳои замонавӣ мардуми рус-

забон сокин шуданд. Қирғизҳо, ки таърихан мардуми чорводоранд, асосан дар чарогоҳҳои водӣ ҳаёти кӯчӣ ба сар мебурданд. Туркҳову тоторҳо ва олмонитаборҳоро ҳам, ки ба Ҳайдаркан мо, чиченҳо барин маҷбуран оварда шуда буданд, ба қатори русзабонҳо медаромаданд, зеро на танҳо ин қавму қабилаҳо байни якдигар бо русӣ муошират мекарданд, инчунин забони коргузории ҳукумати маҳалливу коргоҳҳо русӣ буд. Мепурсӣ, ки олмониҳо асирони ҷанг буданд? Не, онҳоро немисҳои аслии Урал мегуфтанд. Солҳои ҷанг қавму халқиятҳои саркашро аз хоки Русия дуртар, ба кишварҳои Осиёи Миёнаву Қазоқистон мепартофтанд.

Хуллас, ман дар ҳамин шаҳрак дар як оилаи муҳоҷири чичен ба дунё омадааму номам Марям аст. Падарам Болатмирза, модарам Таус[1] ном доштанд. Аз чӣ бошад, ки тоҷикон моро «чечанҳо» мегуфтанд. Ҳанӯз ҳам онҳо духтареро, ки панҷ панҷааш ҳунар бошад, «чевару чечан аст» гуфта сифат мекунанд. Мо бо тоҷикон дар ҳамсоягӣ мезистем. Як ду ҳамсояи қирғиз ҳам доштем, ки онҳо ҳама ҳамкорони падарам буданд. Хонаҳои чиченӣ аз рӯйи сохт аз дигар манзилҳо фарқ мекард, ки тоҷикон онҳоро «заминкани чечанӣ» мегуфтанд. Падарам ҳам замини санглохро якуним метр канда, бо баландии як метр девор зада, ҳамин хел манзили гарму нарме сохта буд. Ӯ пас аз кори вазнини корхонаи маъдантозакунӣ ба касби бобоияш – дуредгарӣ машғул мешуд: гоҳвора, дару тиреза, тахтаву тирак месохт. Вай маҳсули дасташро ҳеҷ гоҳ ба бозор намебаровард, харидорон рост аз хонаамон мебурданд. Модарам хонашин бошад ҳам, дасташ ҳамеша бо коре банд буд. Ҳамин ки аз нигоҳубини бузу гӯспандон, аз пухту пазу шусту шӯ фориғ шавад, ба сари чархи ресандагӣ менишаст. Вай мошинаи дарздӯзии «ЗИНГЕР» ҳам дошт, ки вақти кӯчидан дугонааш Ингахолаи немка ба ёдгор дода буд. Ба назарам, ҷӯробҳои бофтаву нимтанаҳои пахтагини дӯхтаи модарам, назир надоштанд. Волидони ман дар Ҳайдаркан бо гулдастиашон ном бароварда буданд. Падарамро усто Пӯлодмирзои чечан, модарамро Товуси чевар гуфта эҳтиром мекарданд. Дар ҳақиқат, волидони ман, ба гуфти мардуми таҳҷойӣ, чевару чечан будандy дигар ҳамқисматонашон ҳам аз ягон кор рӯй намегардониданд. Аз назари ман, зиндагии мадуми шаҳрак бад набуд. Охир, маоши конканҳою коргарони заводи маъдантозакунӣ аз дигарон хеле баланд буду онҳоро бо гӯшту шири ройгон ҳам таъмин мекарданд. Мегуфтанд, ки таъминоти ин шаҳрак бевосита ба Маскав тааллуқ дорад.

Ман зодгоҳи зодмандонамро ҳеҷ надидаам. Аз рӯйи нақли мода-

---

[1] Болатмирза ва Таус – номҳои чиченӣ ба маънои Пӯлодмирзо ва Товус

рам, он хоки муқаддас ҷаннати рӯйи заминро монад. Вале ҳамсояи дигари мо, ки зодаи Қрим буд, дар бораи диёре, ки хуни нофаш рехтааст, айнан ҳамин гапро мегуфт. Аз ин тоторзани гирифтачеҳраи ҷанҷолӣ, ки Пера ном дошт, ҳатто сагони кӯча метарсиданд. Модарам ӯро Пирӯз ном мебурд. Вай ба рағми феълу атвораш бо модари ман хеле мулоимсухан буд. Онҳо муносибати хеле хубу самимӣ доштанд. Ҳайдаркан низ ба ранги Қафқоз мулки кӯҳист, замини корами кам дораду баҳораш – деррас, зимистонаш – тӯлонӣ. Қисса кӯтоҳ, Ҳайдаркан шаҳраке буд, чӣ навъ ки он замон мегуфтанд, интернатсионалӣ. Ҳеҷ кас якдигарро ту киву куҷоӣ ҳастӣ намегуфт. Яъне, мо, сокинони ин шаҳрак дӯсту тифоқ зиндагӣ доштему эҳсоси бегонагиву мусофирӣ намекардем. Бо вуҷуди ин, шабонгаҳ гоҳо модарам сари гоҳвораи хоҳарчаам байтҳое мехонд, ки ҳама дар васфи зодгоҳи азизаш буданд. Ман бо чашмони худ дидаам, ки падарам рӯйи бистар дароз кашида, бо чашмони пӯшида суруди аллаи модарамро гӯш мекарду аз оби дида болинаш тар мегашт. Уфф… Ёдам меояд, ки боре падар аз модарам хоҳиш карда буд:

– Зезаг[1], чӣ мешавад, ки суруди «Курачу цициган йиш»[2] – ро хонӣ.

– Кӯдак барин аҷаб нозе дорӣ, Аьрзу[3].

– Модом ки гули ман як пора пӯлоди[4] беҳисро Шаҳболи ман мегуфтааст, чаро аз худ наравам. Хайр, нанаҷонаш[5], гапамро нагардон.

– Бигзор, гапи ту шавад, Болатмирза, – модар ба хондани суруде пардохт, ки шояд ба ёди падар айёми тифлиашро меандохт:

*Ду со месал, ду со кура,*
*Писулиг ду Бабин со.*
*Бабас йоттахь молу шура,*
*Бабас тохахь доьлху со.*

*Суна корехь бен ца гина,*
*Арахь дог1у шийла ло.(Мяу)*
*Нанас пешан уллохь дина,*
*Пешан уллохь кхиъна со. (Мяу)*

---

[1] «Зезаг» (чиченӣ) муродифи вожаи «гул»-и тоҷикист.
[2] Курачу цициган йиш – суруди гурбаи нозпарвард.
[3] Аьрзу –шоҳин, шаҳбол, уқоб.
[4] Ишорат ба қисмати якуми номи Болатмирза аст, ки аз калимаи «пӯлод» бошад.
[5] Нана (чиченӣ) – модар

*Суна корахь бен ца гина,*
*Арахь дог1уш шийла ло,*
*Нанас пешан уллохь дина,*
*Пешан уллохь кхиъна со.*

*Суна корехь бен ца гина,*
*Арахь дог1у шийла ло.(Мяу)*
*Нанас пешан уллохь дина,*
*Пешан уллохь кхиъна со.(Мяу)*

*Сан дов дац-кха цкъа а цхьаьнца*
*Ж1аьлица йа дехкаца.*
*Маьнги т1е д1а парг1ат хаьрций,*
*Дижна 1уьллу дехха со.*

*Суна корехь бен ца гина,*
*Арахь дог1у шийла ло.(Мяу)*
*Нанас пешан уллохь дина,*
*Пешан уллохь кхиъна со.(Мяу)*

Нанаи ман чӣ қадар овози нозуку махмалин дошт! Вақте ӯ дар тақлиди гурбаи серпашму барроқи пири аз худрафта, ки дар хонаи гарм рӯйи ҷойхоби нарми соҳибаш, ба боридани барфи реза аз тиреза чашм дӯхта нишастааст, дар байти нақарот бо кашиши хосе «мяв» мегуфт, ман аз ханда базӯр худро медоштам, аммо дадаам[1] бо чашмони пӯшида оби дида мерехту мерехт. Ниҳоят падарро хоб бурд. Аммо додари хурдиам сарашро ба кӯрпа печонида бо овози паст такрор ба такрор мехонд:

*Суна корехь бен ца гина,*
*Арахь дог1у шийла ло.(Мяу)*
*Нанас пешан уллохь дина,*
*Пешан уллохь кхиъна со.(Мяу)*

Модарам орзу дошт, ки ҷашни арӯсии маро дар ватан бо риояи урфу одатҳои миллӣ барпо кунад. Ман, охир, аллакай духтари қадрас шуда будам. Вале дар бари хеш ҳеҷ гоҳ ҷавонмарди чиченро

[1] Дада (чиченӣ) – падар.

тасаввур карда наметавонистам. Шояд таъсири мактаби русӣ ё ҳамзистӣ бо қавмиятҳои гуногун буд, ки мо, ҷавонон худро одами советӣ медонистему бас. Модар шояд тарс аз он дошт, ки ман аз асли худ дур гардам, бинобар ин ҳамеша таъкид мекард, ки ту мусулмон ҳастиву нохчо[1]. Падар маро маҷбур мекард, ки ҳеҷ набошад, дар муҳити хона либоси миллӣ пӯшам. Аз ҳама пинҳонӣ ояҳоро аз Каломи шариф ёдам медод… Аммо чӣ кунам, ки қаламкаши азал дафтари қисмати маро дигаргуна рақам зада буд. Ман гирифтори Хусрав ном ҷавоне шуда будам, ки аслан аз Тоҷикистон буду дар яке аз донишгоҳҳои Русия таҳсилдида. Вай ба Ҳайдаркан аз корхонаи металлургии Анзоб якмоҳа командировка омада буд.

Чӣ хел шинос шудем? Хуб кунҷкови-куя, Таманноҷон. Агар ба ҳар пурсиши ту муфассал ҷавоб диҳам, тарсам, ки сухан рӯдаи гов барин дароз шавад ва ту, шунавандаи азизи ман, дар дарки ин ҳама саргум занӣ, шаб рӯз шаваду қисса поён наёбад. Муфассал нақл кардан гирам? Агар дер хоб рафта, ба намози бомдод хеста натавонам, гуноҳ ба гардани кист? Модом ки аз субҳи дигар нияти намоз хонданат ҳаст, охир, хоб кун, духтар. Хобат намебарад? Ман туро мефаҳмам. Бист соли дароз чунон хоб рафтӣ, чунон хоб рафтӣ, ки…

Хайр, то сухани ту шикастана гардани шайтон шиканад. Набошад, гӯш кун. Одатан, ҳар сол дар айни гармои тобистон ҳамкорони падарам бо аҳли байташон рӯзҳои якшанбе ба сайри оғӯши табиат мебаромаданд: ба Қадамҷо, ба Шоҳимардон, ба Водил, ба Чимён ва аксаран ба Ғовиён. Ҳарчанд баъзеи ин ҷоҳои хушбоду ҳаво ба вилояти Фарғона дахл дошта бошанд ҳам, аз Ҳайдаркани мо дур набуданд. Аз ҷиҳати дигар, дар он солу замон ба мисли имрӯза кай миёни ҳамсояҳо симхори ҷудоӣ мекашиданд? Озод мерафтему озод меомадем…

Ҳамон рӯз қарор шуд, ки ба Ғовиён меравем. Автобус дар даромадгоҳи корхонаи маъдантозакунӣ интизор буд. Дар вақти муқаррарӣ коргарон бо зану бачаҳояшон ҷамъ шуданд. Дар як он салони мошин хумдон барин тасфид. Занҳо беқарорӣ мекарданд:

– Ҳама омаданд, шофер-ако, буғкабоб шудем-ку. Ҳай кунед, охир, мошина!

– Эҳ занако! Дарди сари мардако! Намедонам, шумо дар шиками очаатон нӯҳ моҳ чӣ хел тоқат карда будед. Сӯзан занед.[2] Хӯҷаин биёянд…

---

[1] Яъне, чичен ҳастӣ.

[2] Сӯзан задан – ибораи рехта дар лаҳҷаи тоҷикони Фарғона, ба маънои сабр кардан , таҳаммул варзидан.

– Сӯзан занем? Бигиз занем-чӣ? Ба куҷоятон занем, шофер-ако.

– Агар тезтар аробая ҳай накунӣ, тарсам, ки бо гулмех хала кунанд ин занҳои шӯх.

– Ноилоҷам, рафиқон-сайёҳони ҷанҷолӣ, – гӯиё бо ҷиддияти том мегуфт ронандаи автобус. Ҳарчанд чамбараки фармони мошин дар дасти ман аст, вале чӣ кунам, ки худ фармонбардор ҳастам.

– Пас фармонро иҷро кунед, охир.

– Чӣ қадар содаед, рафиқ занако. Охир, шумо ҳама дар муҳити оила фармонравои мардакои худатон ҳастед. Ман-ку мардаки шумо нестам.

– Шӯхӣ аз ҳад гузашт, Раҳим-ако. Гӯед, ки сабаби аз ҷой наҷунбиданамон чист?

– Сабабгори фалаҷи барҷомонда барин ноҷунбон гаштани мову шумо товарищ Андреев ҳастанд. Он кас аз ҷойи дури дур меҳмон доштаанд. Мехоҳанд, меҳмони азизро низ ба Ғовиёни ҷаннатосо баранд, то куфти роҳаш бароянд.

Ҳамин лаҳза аз дари идораи корхона ду нафар пасу пеш баромаданд. Ҳамроҳи сарвари коргоҳ як ҷавони болобаланде буд, ки аз нигоҳи аввал ман ӯро ба Гопал монанд кардам. Мошин ба роҳ даромад.

Эҳ, агар ту Ғовиёнро боре медидӣ, Таманноҷон, як умр аз пеши назар дур карда наметавонистӣ. Мегӯйӣ, ин дараи бемисл макони шаҳнишине бошад. Аз миён чӣ андоза об ҷорӣ шуд, чӣ қадар вақт гузашт, вале аз лавҳи хотир он лаҳзаҳои умр зудуда намешаванд: пеши назар теппаҳои Ғовиёну мавҷ-мавҷ лолаву ҳолмон, дар даҳон таъми гуворои чукриву торон, паси гӯш хониши кабкҳои дархиром, садои ҷӯшиши чашмаҳои нуқрафом, он ҷавони хушсимою нигоҳи пурэҳтирос, синаи пуршарру шӯр орзуманди висолу розу ниёз… Бовар дорам, ки он мавзеъ ҳанӯз дар фасли гармо ҷойи сайру саёҳати мардуми коркуфтаи Ҳайдаркан аст.

Ману Хусрав он рӯз бо ҳукми тасодуф дар автобус бар ба бар нишастем, аммо дар бозгашт як ҷо нишастанамон тасодуфӣ набуд. Дар аввал ӯ маро тоҷикдухтар пиндошт, аз ин рӯ на Марям, ё чунон ки ҳаммактабонам ном мебурданд, на Мая, балки ба лаҳҷаи хеш Майрамҷон ном мегирифт, ки ислоҳаш кардам. Ёдам меояд, мактуби нахустине, ки аз вай расид, бо забони тоҷикӣ буд. Ҷавоби номаро ман бо забони русӣ баргардондам. Маълум гардид, ки хушкардаи ман дар забондонӣ низ беҳамто будааст. Аз навиштаи русиаш низ саҳву хатое намеёфтам. Охир, ӯ хатмкардаи яке аз донишгоҳҳои бонуфузи Русия буд. Ҳамин тавр, мо мукотиба мекардем, орзуҳои зиёд

дар дил мепарваридем. Ман бо талқини вай акнун китобҳои тоҷикӣ мехондам, бо духтаракони маҳаллӣ дӯстӣ мекардам. Ниҳоят мактабро ба итмом расонидам. Ҳарчанд зора кардам, ки иҷозати таҳсил дар донишгоҳи омӯзгории Душанбе диҳанд, волидонам розӣ нашуданд. Падарам мегуфт: «Кош тақозои хондан дар Грозный мекардӣ.» Ман ба маҳбуби дилам мактуб навишта маслиҳат пурсидам.

Муддате пеш падарам ҳамроҳи чанд нафар ҳамшаҳриҳояш ба зиёрати хоки бобоӣ рафта омада буд. Пас аз ин сафар бегоҳии якшанбе дар хонаи мо ҷамъ меомаданд. Одатан пеш аз ҳама Басадедаи[1] асобадасту Масхат-девашаи[2] ингуш даромада меомаданд. Додаронам мӯйсафедро мадад мекарданд, ки аз зинаҳо оҳиста-оҳиста ба заминкан фароянд. Мӯйсафед онҳоро дуо мекард:

– Могуш хуьлда шун гергара нах[3].

– Дар хонаанд на-дада[4]? – мепурсид Масхат-деваша.

– Беташвиш омадан гиред, ман ҳамин ҷоям, – ба пешвози меҳмон мехест падарам.

Одатан, дар суҳбатҳои якшанбегӣ сухан дар боби ҳаёти сиёсии ҷаҳон, дар ҳаққи роҳҳои бозгашт ба зодбум мерафт. Дар яке аз чунин шабнишиниҳо падарам гуфт:

– Тарсам, ки аз нишастҳои мо хабардор шаванд. Шунидагистед, хонаи кампири Пераро кофтуков карда, баъзе чизҳо ёфтаанд.

– Дарди онҳо ҳам аз дарди мо кам не, – гуфт Алӣ-деваша, – худи кампир наменамояд, тинҷӣ бошад?

– Чӣ гап мешуд, як пурсуҷӯ карда ҷавоб додагистанд-дия, – беparво мегуфт Масхат-деваша.

– Не, ҷӯра, ҳамту «як пурсуҷӯ» намекунанд. Ту медонӣ, ки мо, муҳоҷирони иҷборӣ ҳамеша зери назоратем. Мегӯянд, тоторҳои Қрим дар шаҳри Фарғона ташкилоти пинҳонкоре доштаанд. Шиорашон «Қрими ҷаннатосо танҳо барои тоторҳост!» будааст. Ва ин Перахолаи мо яке аз яъзои фаъоли ҳамон ташкилоти пинҳонкор будааст.

Ман, ки дар даҳлез гулдӯзӣ карда менишастам, ҳамаи ин гуфтушунидро мешунидам. Ва ба дил мегуфтам, ки ин ҳамсоякампири ҷанҷолии моро ба ташкилоти пинҳонкор чӣ муносибатест. Гуфти модари дугонаам Наргис, мардум бо пой не, бо забон мегарданд. Тавба… Ва аз тарсу ҳаросе, ки ҳаммаҳфилони падарам доштанд, дар дил

---

[1] Деда – бобо.
[2] Деваша – амак
22 Падару модаратон саломат бошанд.
[4] На-дада – зодмандон, падару модар, волидайн

хандаам меомад. Охир, ман ҳанӯз гармиву сардии ҳаётро надида будам. Бо вуҷуди он ки пас аз ҳар нишаст Баса-деда «Иман а, беркат а хуьлда шун доьзалехь!»[1] гуфта дуо мекард, омад ба сари падари ман рӯзи сиёҳе, ки аз он дар ҳарос буд. Ӯро бо ҷурми тамоман дигар ба маҳкама кашиданд. Гӯё падарам ба қочоқи симоби сурх даст доштааст. Баъди чанде Алӣ-девашаро гӯё аз беэҳтиётӣ дар завод барқ зада кушт. Ман орзуи давом додани таҳсилро фаромӯш кардам. Модарам ба идораи комбинат корковӣ рафт. Гуфтаанд, ки ҳоло ҷойи холӣ нест. Дуборав у себора рафт. Оқибат як кори сердаромад пешниҳод кардаанд: ранг задани ҳавзи кӯҳнаи симобрезии завод. Агар як ҳавзро дар давоми ҳафта ба сомон расонад, баробари маоши думоҳаи коргарон ҳақ медодаанд. Ин гуна ҳавзи таъмирталаб чорто будааст.

Модарам мегуфт:

– Ба ҳар ҳол раиси завод одами бад набудааст. Бин, Марямҷон, ин одами раҳмдил ба оилаи бесарпарасти мо бо ин роҳ дасти ёрӣ дароз мекунад.

Нанаам сидқан хурсандӣ мекард. Ману додараконам ҳам шод будем, ки дар набудани падар хору зор нашудем. Вале мо аз куҷо медонистем, ки ин ҳавзи симоб чоҳи аҷал асту дигар коргарон, аз сарашон тилло резанд, ки бе либоси махсус барои таъмири он розӣ намешудаанд. Модар дар рӯзи сеюми кор андак-андак аз ҳол мерафт, сараш чарх мезад. Ба ҳар сурат бо сад азоб таъмири як ҳавзро дар вақти муқарраpӣ ба охир расониду бо ҳамин аз пой афтод. Ӯро ба бемористон хобондем. Рӯз то рӯз чун шамъ об мешуд. Додараконам Дукхаваха ва Вахийта[2], ки аз ман шаш-ҳашт сол хурд буданд, парвои дунё надоштанд. Хобу хӯру бозиро медонистанду бас. Онҳо порсол дар беҳтарин истироҳатгоҳи мактаббачагон фасли гарморо гузаронида буданд. Одатан, падарам ҳамчун коргари пешқадам роҳхатро барояшон аз иттифоқи касабаи завод дастрас мекард. Акнун онҳо дар бораи урдугоҳ ё чунон ки мегуфтанд, лагери пионерон орзу намекарданд.

Ман додараконамро маҷбур месохтам, ки бузу гӯспандонро ба чаро баранд. Чун модарам таъкид мекард, ки вақти зоиданаш наздик омада, танҳо Якшохаро дар ҳавлӣ нигоҳ медоштам. Бузи мо аввал Ан-

---

[1] Ба хонадонатон имону баракат диҳад.

[2] Номҳои мардонаи чичениву ингушист, ки одатан бачамурон бо нияти дарозумрии фарзандон мемонанд, яъне, таҳтуллафз Дукхаваха «Умри дароз бин» ва Вахийта «Умр бидеҳ» тарҷума мешавад; исми хоси Вахийтаро бо навозиш Ваха низ мегӯянд.

горка ном дошт. Ин бузаки шохшикастаи сиёҳи ангорӣ як сол пеш дар чарогоҳ бо Чамбаршохи Наргисино шохҷанг карда, шикаст хӯрду мо номашро ба Якшоха табдил додем. Бечора бузак намедонад, ки ин лақаб нишони мағлубии ӯст. Якшохаро модарам сахт эҳтиёт мекард. Мехост насли ин бузро зиёд кунад. Охир, бузи ангории сиёҳ зотан кам аст. Модарам ба ивази ин буз ба холаи Батма[1] чор нимтанаи серпахта дӯхта додаст, ки амаки Қудайбергену се писараш кайф карда мепӯшанд. Модарам соле пеш аз пашми абрешимвор мулоиму ҷилодори Якшоха рӯймоли пурнақше бофта буд. Холаи Батма ба он харидор шуда гуфт, ки ба ивазаш боз як бузғолачаи ангории сафед медиҳад. Ду ҳамсоя нав гапро як карда буданд, ки амаки Қудайберген корро вайрон кард. Вай ба падарам арз кардааст, ки ҳамсарат сари кампирамро гаранг карда, ба моли ман рахна задан дорад. Падарам модарамро сарзаниш кард. Ҳамин тавр, савдои ду ҳамсоязан напӯхт. Мана, имсол насиб карда бошад, Якшоха мезояд. «Бузғолаи сафед мезоида бошад ё сиёҳ?» – мепурсид Ваха. «Албатта, сиёҳ-дия. Аз зангӣ зангӣ мерӯяд», – механдид Дукхаваха. «Ҳайвонот ҳамҷинси худро ба сафеду сиёҳ ҷудо намекунанд. Ин хислати пасти одамист. Агар Якшоха бузғолачаи сафед оварад, ҳеҷ аҷобат надорад. Охир, такаҳои чарогоҳ ҳама сафеданд», – мегуфт модарам. Акнун додаронам ҳамроҳи писарони амаки Қудайбергену амаки Ҳоҷиқурбон рамабонӣ мекарданд.

Модарам аз иштиҳо тамоман монд. Рӯзи дуюм буд, ки ба даҳон дами гарм намегирифт. Духтурон гуфтанд, ки ҷигараш дардманд аст. Боз гуфтанд, ки аз шаҳри Фрунзе[2] духтури калон ҷеғ занондаанду ҳамон нағзтар ташхис мекардааст. Дилам сип-сиёҳ шуд. Намехостам, аз пушти палатаи модарам дур равам. Аммо ӯ маҷбур мекард, ки дар хона бошам. «Бегоҳ шуда истодааст, додаронатро беназорат нагузор, Якшохаро хабар гирифта ист», – мегуфт. Ноилоҷ хона рафтам. Ҳанӯз ба хона нарасида, аз пешам хоҳараки дугонаам Наргис давида омад:

– Шодиёна диҳед, Якшоха дугоник зоид!

Ман ба рӯйи кулча барини ӯ бӯса задаму аз панҷарадевор ба ҳавлӣ ҷаҳида гузаштам. Очаи Наргис ба Якшоха атола мехӯронд.

– Холаҷон, бузғолачаҳо ку?!

– Ман дуздидам Алӯли ту, ман дуздидам Булӯли ту! – ин овози

---

[1] Батма – исми занонаи қирғизӣ, ки аслаш Фотима аст.

[2] Шаҳри Фрунзе – Маркази собиқ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Қирғизистон, ки баъди ба истиқлол расидан номи Бишкекро гирифт.

Хусрав буд, ки аз долони оғил меомад. Худойи ман, вай ин ҷост?! Ҳо, бале, ин Хусрав аст, ки дар ду даст ду бузғолачаро дошта меистод. Аз ғояти шодиву шарму ҳаё намедонистам, чӣ кор кунам. Даступо хӯрдаву осемасар сӯяш рафтам ва даст дароз кардам, ки яке аз бузғолаҳоро гирам. Аммо ӯ каме хам шуду дастамро дошт ва аз гунаам бӯсид. Вуҷудам гӯиё оташ гирифт. Даст ба рухсори лолагунам бурдаму бо ҳарос чашм ҷониби ҳамсоязан афкандам. Худоё, аз ҳар тараф моро назора мекарданд: модари Наргис, ки ба Якшоха ғизо медод, ҳолаи Батма, ки дар даст тӯрхалта аз бозор меомад, ҳамсинфам Вася, ки дар истгоҳ ҷомадонашро харвор савор шуда, интизори автобус буд, боз чанд писару духтаракони маҳалла, ки лаптабозӣ[1] мекарданд. Дар дил ба ҳукуматдорон сад лаънат хондам, ки деворҳои баланди моро ба замин яксон карда, ба ҷояш панҷараҳои паст насб кунонида буданд…

– Марямҷон, чӣ шуд ба ту?

– Ин чӣ коре, ки шумо кардед? – бо овози паст изҳори ранҷиш кардам ман. Ва интизори ҷавобаш нашуда аз дасташ бузғолаяки сафедро гирифтам.

– Сиёҳаш ба сиёҳкорон, – итоб кардам ман.

– Аз дӯст ҳар чӣ расад хуб аст, – хандид Хусрав, – аз беморхона меойӣ? Модар чӣ ҳол доранд?

Маълум ки ҳамсояи содафеъли мо тамоми гапро гуфтааст. Аздусар, дар бораи ҳабс гардидани падарам низ хабар додагист. Шармандаам. Марям – духтари контробандист… Беихтиёр оби дидагонам ҷорӣ шудан гирифтанд. Хусрав дилбардорӣ мекард, бароям бурдборӣ мехост. Ин замон додаронам бузу гуспандонро ҳаю бошгӯён аз чарогоҳ баргаштанд ва бо меҳмон чун ҷавонмардони ростин бағал кушода ошноӣ карданд. Ман гармобаи сангинро тасфонидам. Се тан ҷавонмард пасу пеш ҳаммом карданд. То онҳо сару тан мешустанд, ки шомона омода сохтаму мизро аз ошхона ба таги олучае овардам, ки шохаҳояш аз меваҳои расида марҷон баста буданд. Ва чун кадбонуи ҳақиқӣ ҳамаро сари миз хондам. Дар миёни ин чанд рӯз бори аввал дилам рӯшан шуда буд. Додараконам ҳам ҳушҳолӣ доштанд.

– Боду ҳавои Ҳайдаркан хубам салқин-дия. Дар ҷойҳои мо зардолуро қариб афшонда хушк карда шуданду ин ҷо нав олуча мепазад, – гӯён Хусрав аз ҷой хест ва аз хона як сабад зардолу баровард.

– Гиред, хӯред, ин зардолуи муллоҳамдӣ ном дорад. Аслаш аз

[1] Лапта – як навъ бозии тӯпи дастӣ (вожаи русӣ)

навъҳои зардолуи сергӯшти Фарғона аст. Мегӯянд, ки дар Исфараву Риштон хуб нашъунамо мекунад.

– Пас аз водии Зарафшон неву аз води Фарғона овардед ин дастовезро?

– Рости гап, Марямҷон, ман ҳоло аз Маскав омада истодаам. Имшаб тафсилоти сафари хидматиро қисса мекунам. Ҳозир, нағзаш, ба аёдати модар биравем.

– Ман ҳам меравам, – гуфт додари калониам.

– Ман бузичаҳоро пеши модарам мебарам! – сӯйи оғил тохт Ваха.

Аз зардолуҳо камтар ҷудо карда шустаму ба сабадаке андохтам. Якшоха беист «меъ-е-е» гуфта худро ба дару девор мезад. Аммо Ваха дар як гап меистод: «Ба нанаам бузичаҳоро нишон медиҳам!» Ба ӯ гап гузаронидан ғайриимкон буд. Ноилоҷ ҳама сӯйи бемористон равон шудем. Таҳи дилам сиёҳ мешуд, агарчи Хусрав андар барам буд. Вале баръакси нигаронихои ман ҳоли бемори мо хубтар шуда буд. Вай аз дидори меҳмон хурсанд метофт, ҳатто аз дастовези Хусрав ком ширин кард. Додараконам аз паси тиреза, бо гуфти Хусрав, Алӯлаку Булӯлакро нишон доданд.

– Яке сафеду дигар сиёҳ! Чӣ қадар хушрӯяканд! – чашмони модар медурахшиданд.

– Аз падарат ягон хабар нест? – баъди каме таваққуф бо овози паст пурсид ӯ. Ман бо ишораи «не» сар ҷунбонидам. Вай тарафи Хусрав рӯ оварда, ҳамчунон бо овози паст гуфт:

– Ба падари бачаҳои ман тӯҳмат заданд… Ман баъди ба ин дард печидан…эҳ, ҷонаме… – ӯ бо азоб каме якпаҳлу зад, – тӯҳмат буданиин қазияро амиқ дарк кардам. Моро бо ҳар роҳ нест мекунанд палидҳо!

Ҳарчанд аз чашмони модар оташи қаҳру ғазаб шарора мерехт, ҳамчунон бо овози паст сухан мегуфт. Ман ба пиёлача каме оби маъдании бегаз рехтаму модарро такя бардошта нӯшонидам.

– Шукри Аллоҳ … – ӯ бо рӯймолча лабонашро пок карда, боз ба гап даромад, – духтурҳои калони гуфтаашон ҳамин рӯз омада буданд…

– Чӣ гуфтанд? Сабаби бемориатон чӣ будааст? – бетоқатона мепурсидам ман, модар бо ишораи «ҳеҷ чиз намедонам» сар ҷунбонид. Аз ғояти бемадорӣ, чанд лаҳза чашмонашро пӯшид. Ҳамшираи шафқат ишора кард, ки беморро осуда гузорем. Оҳиста аз ҷой мехестем, ки модар чашм боз кард.

– Холаҷон, мо равем. Ман ҳанӯз аз ёру ошноҳо касеро надидаам. Насиб бошад, пеш аз бозгашт боз меоям. Иҷозат медодед…

Модар бо ишорат Хусравро ба худ наздиктар хонд ва дасташро гирифта бо меҳр ба чашмонаш дида дӯхт.

– Хусравҷон…

– Гап занед, холаҷон.

– Медонед-чӣ…

Пай бурдам, ки дар ҳузури ман намехоҳад, суханашро идома бахшад, бинобар ин аз рухсори заъферониаш бӯсидаму берун баромадам ва рӯйи хараки назди гулзор нишаста Хусравро интизор шудам. Баъди чанде вай ҳам берун омад. Абрувонаш гирифтаву нигоҳаш қатъӣ буд. «Рафтем», – ишора кард. Ман бесухан аз пасаш ба роҳ даромадам. Додараконам ҳам аз пайи мо равон шуданд. Хусрав моро ба хона оварда монду худаш куҷое баромада рафт. Хеле интизор шудам. Дидам, ки наомад, дари хонаи хобамро аз дарун бастаму ба бистар даромадам. Шаб аз ним гузашта буд, ки ӯ пайдо шуд. Зери олуча гузашт. Сигор дардод. Ҳар замон оташи сигораш рӯшан мешуд. Оқибат сар рӯйи миз гузошт. Хобаш бурд магар? Чаро пеши додаронам надаромад? Дар моҳи саратон ҳам шабҳо ҳавои Ҳайдаркан серун мешавад. Аз ҷой хестам ва аз ҷевон рӯймоли пашмиангориро гирифта берун баромадам. Хусрав ҳамчунон сар аз миз намебардошт. Рӯймолро ба сари китфонаш партофта, мехостам ақиб гардам, ки номамро гирифт.

– Лаббай!

– Тайёриатро бин…

– Чӣ гуфтан мехоҳед, наход ки модарам…

– Аз рӯйи васияти модар амал бояд кард.

– Чӣ?!!!

– Худатро ба даст гир. Ҳоло барвақт, овоз набарор. Бачаҳо бедор нашаванд…

– Модарам ягон вақт аз дарди ҷигар шикоят намекард. Духтуроне, ки аз Фрунзе омадаанд, ба чӣ хулоса омада бошанд?

– Аз афти кор, узвҳои даруниро симоб аз кор баровардааст. Хусусан, ҷигарро сӯрох-сӯрох кардааст, мегӯянд.

– Худи шумо бо онҳо вохӯрдед?

– Не, онҳо «Ҳолати бемор вазнин, ҳоҷати ба марказ бурдан нест», – гуфта баъди нисфирӯзӣ баргашта будаанд. Ин гапҳоро аз забони ҳамшираи шафқат шунидам.

Ман дарун-дарун мегиристам, Хусрав бе ҳеҷ таскиндиҳӣ мегуфт, ки то субҳ бояд ҳама ҷоро ба тартиб оварем. Дар давоми як соат хонаву дар саришта ёфт. Ҳамин ки субҳ дамид, вай ҳамсояҳоро аз воқеа огоҳ кард.

Дар ҳавли ҷойи сӯзанзанӣ набуд. Ман сахт бовар кардам, ки модари ман, бонуи дилёбу чеvару чечан дур аз диёри хеш дар ин шаҳраки дурдасти кӯҳканҳо миёни чандин қавму қабилаҳои бегона маҳбубияте доштааст! «Бубин, ин ҳама мардуми одиву омиёнапӯш, чи марду чи зан оби дида мерезанд. Ҳамсоязанҳо яке ба мисли денананаву[1] дигаре ненанана[2], саввумӣ децаву[3] чаҳорумӣ неца[4] сари бекаси мо, хоҳару додаронро ба сина зер карда овоз меандохтанд. Пас модари ту зиндагии барҳадар надоштааст. Саратро бардор, Марям! Ба ҷойи падари тӯҳматзадаат ин маъракаи ғамро обод кун! Бо забоне нола кун, ки раҳматӣ бо он лафз нахустин бор «НАНА» гуфтаасту аҷаб нест, ки бо гирифтани ҳамин калима ба забон нафаси охиринро баровардааст!» – мегуфтам ба худ. Ва ман ҳой-ҳой гиря оғоз кардам. Аз чӣ бошад, аз забонам ба ҷойи марсия суруди ғамангези алла ҷорӣ мешуд, ки модар сари гоҳвораи додаракам месароиду падар аз шунидани он ашк марҷон мекард. Издиҳом дам ба дарун кашид. Хусрав беибо миёни издиҳом даромаду бо ду даст китфонамро дошта сари болини модар овард ва бо овози гирои хеш гӯиё ба мардум расонида гуфт:

– Модар, аз фарзандонат дилпур бош, ки намемонам, ба пояшон хоре халад!

Нанаам, ба пиндор, дар бистари ноз хоби ширин медид, ки лабонаш моили табассум метофтанд. Бале, ӯ абадан оромиш ёфта буд, – Мая-хола таваққуф кард. Таманно тақозои идомаи қисса накард.

– Хобат бурд, Таманноҷон? Хоб кун, ҷони хола. Баъди чанде субҳ медамад. Ман оби таҳорат мемонам.

Кампир наҷвокунон аз хонаи хоб берун баромад. Килки субҳ бар лавҳи машриқ ангора мекард. Ситораи рӯшане чашмак мезад.

* * *

Тамоми рӯз аз пеши назарам зиндагии холаи Марям мегузашт. Бале, Холаи Марям. Ман дигар ин зани ҷафокашу сиддиқаро Мая-хола нахоҳам гуфт. Марям… Марям… Чӣ номи баландест! Ман ба ин номи бузург эҳтиром мегузорам. Замоне ҳамроҳи модар «Қасас-ул-анбиё» мехондем. Вай ҳар қиссаро шарҳу эзоҳ медод. Ёдам ҳаст, ки чун сари қиссаи модари барӯманди Исои Масеҳ расид, бо оби дида гуфт: «Ҳар гаҳ қиссахонӣ мекунам, дар рӯйи ин саҳфа беихтиёр

[1] Денанана – модаркалони падарӣ
[2] Ненанана – модаркалони модарӣ
[3] Деца – амма
[4] Неца – хола

ашк мерезам. Барҳақ, бо тамоми вуҷуд дарди ин бонуи покро эҳсос мекунам. Медонӣ, Таманноҷон, хулосаи ман дуруст аст ё не, ба ҳар ҳол аз мушоҳидаҳоям мегӯям: ҳар занеро, ки бо номи Марям мешиносам, саргузашташ басе сангин аст. Хаёлам, тамоми Марямони олам дарду доғи беҳисоби ин бонуи биҳиштиро як умр кашанд, ки поён намеёбад.» «Шумо аз чӣ ҳукм мекунед, ки Бибӣ-Марям ҳатман биҳиштист?» – пурсида будам аз модар. «Астағфуруллоҳ гӯй, духтарам. Ба зеҳнат ҷой кун: ба ҷаннатӣ будани чор зани баландмартабаи олам ҷойи шакку шубҳа набошад, ки яке аз онҳо Бибӣ-Марями пок аст.» «Отунҷон намегӯянд, ки се нафари дигар кистанд?»-шӯхиомез суол карда будам ман. «Нахуст, модари аҳли башар – Момо-Ҳавво, дувум, чӣ навъ ки зикраш рафт, Бибӣ-Марями пок, саввум, ҳамсари гиромии Расули акрам – Хадичаи Кубро ва ниҳоят, фарзанди боиффати эшон, ҳамсари Алӣ-шери Худо – Бибӣ-Фотимаи Заҳро. Бале, ин чор зани бузург бо номи занҳои китобӣ ёд мешаванд. Бесабаб нест, ки мардум бонувони боиффату кайвониро занҳои рисолангӣ гуфта сифат мекунанд. Ин ишоратест ба сифатҳои ҳамон чор бону, ки Ҳақтаолло мартабаи баданд додааст.»

Шаб холаи Марям чунон бо завқи том бо тамоми ҷузъиёт саргузаштшро қисса кард, ки… Худоё, вай чунон тарзабон аст! Монистаи Шаҳрзодест, ки бо нирӯи заковату чарбзабонӣ ҳазору як шабро ба рӯзҳои рӯшан пайваставу бар марг пирӯз гардида буд. Холаи қиссагӯйи ман шабро рӯз карду ба дидаам заррае хоб наомад. Вақте охирин бор пурсид, ки «Хобат бурд, Таманноҷон?» овоз набаровардам, то чанд лаҳза истироҳат кунад. Боз кай иштиёқи нақли саргузашташ бедор мешуда бошад? Давоми рӯзгори Марями ҷафокаш чӣ сон сурат гирифт? Қисмати падараш бо чӣ анҷомид? Бародаронаш куҷо шуданд? Хусрави ӯ кай даргузашт? Муҳаббати онҳо бор наоварد магар? Чаро вай дар дами пирӣ танҳо монд? Ба ин саволҳо ҷавоб мехостам. Ман акнун ҷавонии ӯро дар сурати актрисаи ҳиндие, ки зиёд шабеҳаш буд, тасаввур намекардам. Балки пеши назар симои дӯшизаи кӯдакбадастеро меовардам, ки нигоҳаш маҳзун буду сарафканда. Ва даври сари модару кӯдак ҳалқаи нурест бемисол. Чашм аз тамошои он доираи пурнур роҳат мекунад. Ин чӣ ҳолати аҷибест маро? Тасаввуротам чунон рӯшан аст! «Бояд навишт!», – аз дил гузаронидам. Ва коғазу қалам ҷустам.

*Абрӯвони нози Марям*
*Абри гирён аз алам,*
*Дидааш шуд чашмаи ҷӯшандае аз дарду ғам.*

*Зери пояш ашк дона – дона рехт,*

*Канд тораш шаддаи дурдона рехт.*
*Чор сӯяш саф кашида баддаҳонон,*
*Теғашон – неши забон.*
*ӯ ба зери чархи гардун бесипар,*
*Ҷуз Худояш такягоҳе не дигар.*
*Шак набошад бар қувои Кирдгор,*
*Рафъ гардид сахт дарду саъб кор,*
*Шуд пароканда ба як лаҳза ғубор.*
*Амр аз Халлоқ шуд,*
*Шарҳи ҳолаш тифли нозаш менамуд,*
*Покдомонии момаш месутуд.*
*Чун шаҳодат дод кӯдак ҳамзамон*
*Шуд мубаддал ҳам замину ҳам замон.*
*Ханда зад дӯшизаи модаршуда,*
*Буд ҳарчанд лаҳзае пеш*
*Дилфигор, афсурдаву хунинҷигар,*
*З – он ки омад тифли нозаш бепадар.*
*Шодмонӣ ҷогузини ғам бишуд,*
*Хоки хушк аз ашки шодӣ нам бишуд.*
*Ваҳ! Чӣ ҳолат хуб гашту беҳ шуд,*
*Дона – дона ашки Марям*
*шаддаи тасбеҳ шуд!*

Ҳамин ки ба навиштан анҷом бахшидам, худро сабук эҳсос кардам. Шеъргунаро бори дигар аз назар гузаронидам. Чанд мисраъро пасу пеш мондам, баъзе ҳарфу ҳиҷоҳоҳои ноҷоро ҳам иваз кардам. «Чӣ ном гузорам?» – худ ба худ суол мекардам, ки …

– «Ашки Марям»[1] унвони беҳтарин аст ба ин шеъри хуб, – ин овози холаи Марям буд, ки дар тори сарам рост меистоду ашк мерехт. Ман хиҷолат кашидам.

* * *

Ман акнун девони Хоҷа Ҳофизро хаёлан варақ мезанам. Ҳамин тавр аз рӯйи китобе, ки фаразан дар даст дорам, фол мегирам. Баъди гусели холаи Марям, дар ҳоле ки дастам ба тоза кардани ошхона

[1] Ашки Марям – гиёҳест, ки аз ҳастаи он тасбеҳ дуруст кунанд. Шояд ибораи «гули марям» низ аз ҳамин ҷо манша гирифта бошад.

банд буду фикрам ба ғазалиёти лисонулғайб, «китоб кушодам».

*«Лутфи илоҳӣ бикунад кори хеш,*
*Муждаи раҳмат бирасонад сурӯш.»*

Яке тақ-тақи дарвоза ба гӯш мерасад. Рӯйи ҳавлӣ мебароям, аммо овоз намедиҳам. Кӣ буда метавонад? Дар муддати ду ҳафтае, ки ман ин ҷоям боре ҳам касе дари ҳавлии холаро накӯфтааст. Нозирони идораи шабакаи барқи шаҳр бошанд? Тақ-тақи дар такрор меёбад.

– Кист, ки дарро мекӯбад?

– Дарро мекушодед.

Худоё, овози мардона аст. Кушоям?

– Дар хона касе нест…

– Чӣ ҷавоби содалавҳонае, агар дар хона касе набошад, пас шумо кистед?

– Гуфтан мехостам, ки соҳибхона ҳузур надоранд.

– Шумо ба янгаи Марям кӣ мешавед? Натарсида дарро кушоед.

– Не, наметавонам, маъзарат. Он кас баъди соати 17 аз кор мебароянд. Агар зудтар дидан хоҳед, ба мактаби бачаҳои душвортарбия равед.

Мард ақиб гашт. Намедонам, ки ин рафторам дуруст буд ё не, аммо ман дигар аз рӯ ба рӯ шудан бо мардон меҳаросидам. Ба ошхона даромада, ба шуғли дӯстдоштаам пардохтам, яъне, боз хаёлан девони Хоҷаро варақ мезадам:

*«Талқини дарси аҳли назар як иноят аст,*
*Гуфтам киноятеву мукаррар намекунам.»*

Бегоҳӣ холаи Марям бо ду борхалтаи пурбор ба хона даромад. Аз ҳад зиёд хурсанд буд.

– Чаро ба меҳмон дарро накушодӣ, ҷони хола? Ягон бор нашудааст, ки ба рӯйи ӯ дарро баста бошем. Вай мегӯяд: «Янга, иҷоранишинатон ба чӣ фикрҳое рафт, ки дарро накушод.» Гуфтам: «Ман кай хонаамро иҷора дода будам, ӯ духтархондам аст.» Хурсанд шуд, ки танҳо нестам. Ба ҳар ҳол, ба Салимзода барин инсон дарро накушоданат кори хуб нашудааст.

– Ман аз куҷо донам, ки Салимзодааш кист?

– Ҳо, рост мегӯйӣ, ту аз куҷо медонистӣ… Вай додарзодаи Хусрави ман аст. Чанд сол инҷониб дар хориҷи кишвар дар хидмати давлатист. Одатан, вай ҳар тобистон рухсатии меҳнатӣ гирифта,

аҳли байташро ба Тоҷикистон меорад. Бисёр қадрдон аст. Хотири амаки раҳматиашро пос медорад. Ин дафъа ҳам миқдоре пул дода рафт. Ба хона биё, бачаҳоятро ҳам биёр, гӯям, вақт нест, янгаҷон, мегӯяд. Бачаҳоро ба Исфара фиристодам, бибиашонро пазмон шудаанд. Ман аз пайи кори илмӣ дар Академия овораам. Ҳа, нагуфта, сафарамон ҳам пир мешавад, бозмегардем, мегӯяд.

Амакаш ӯро соҳиби истеъдод аст, мегуфту талқин мекард, ки таҳсилро давом диҳад. Баъди хатми донишгоҳ ба аспирантура дохил шуд. Дар донишгоҳ дарс ҳам медод. Сипас, ҳамчун кадри комсомол боло бардошта шуд. Сонитар мактаби дипломатиро хонду ба Маскав даъват карданд. Ҳамон ҷо ба як донишҷӯйдухтари исфарагӣ хонадор шуд. Ҳанӯз аз ватан дур асту бо корҳои давлатӣ гоҳ дар ин кишвару гоҳ дар он кишвар банд. Мегӯяд, ки ҳеҷ аз кори илмӣ дил канда наметавонад. Аз ин рӯ, дар баробари хидмати давлатӣ канда-канда бошад ҳам, аз пайи пажӯҳиш аст. Ҳоло кори докторӣ менависад.

Ба хона омада будааст, ки ҳамроҳ сари манзили гузаштаҳо равем. Ҳарду ба мазори Сариосиё рафта, ба арвоҳи амакаш ва дигар гузаштагонаш дуою фотиҳа кардем.

– Волидони вай куҷо хок шудаанд?

– Куҷо мешуд, ҳама дар Сариосиё мадфунанд.

– Гуфта будед, ки шавҳаратон дар Комбинати маъдантозакунии Анзоб кор мекарданд…

– Аз рӯйи нақли Хусрав, бобояш аслан аз мавзеи Тамошотеппаи шаҳри Кӯлоб будаанд. Солҳои инқилоб мардҳои хонадон муваққатан аз урус гурехта ба он сӯйи Омӯ гузашта рафтаанду дигар роҳи бозгашт наёфтаанд. Модаркалони Хусрав чанд сол бо хориву зорӣ дар Кӯлоб умр ба сар бурда, оқибат бо ду писари шаш – ҳаштсола дар ҷустуҷӯйи қути лоямут ба Душанбе омада, муқими ин шаҳр шудааст. Модари баору номус фарзандонро бо нони фаррошӣ калон карда, хононда соҳиби хонаву дар кардааст. Хусрави ман зодаи маҳаллаи Сариосиёи пойтахт аст. Ӯро аз рӯйи ихтисосаш ба Комбинати маъдантозакунии Анзоб фиристода буданд. Сонитар дар мактаби олии ҳизбии Тошканд таҳсил кард. Баъди хатми ин мактаб рӯзгори ҳарҷойии мо сар шуд. Агар ту ба дафтарчаи меҳнатии ман назар мекардӣ, эҳ-ҳе, қариб мӯҳри тамоми шӯъбаҳои маорифи навоҳии кишвар ҳаст.

Холаи Марям баъди намози хуфтан зуд ба ҷойхобаш дароз мекашад. Аз афти ҳол, пойи пиёда то мазори Сариосиё баромадан лакоташ кардааст, ки тез хоб мебарадаш. Ба дидагони ман ҳеҷ хоб намеомад. Аздусар, падару модари ман ҳам дар ҳамон мазор манзили охират ёфтаанд. Ба зиёрати онҳо кӣ меравад? Ҳеҷ кас. Дар кадом

гӯшаи мазор мадфунанд онҳо? Кӣ нишон медиҳад ба ман?

Дилам бухс мекунад. Яке ба оинаи барқад мутаваҷҷеҳ мешавам. Худоё, дар ин чанд рӯз чӣ қадар лоғару пажмурда гаштаам ман. Ин тораҳои мӯйи сафед кай пайдо шуданд? Дирӯз холаи Марям синну соламро пурсид. Гуфтам: «Ҳазорсолаам.» Сахт хандида гуфт: «Шӯхӣ накун, бачам.»

Худоё, минбаъд чӣ кор кунам? Аё, Хоҷаи бузург, агар ба ҷойи ман мебудед, чӣ роҳеро пеш мегирифтед?

*«Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,*
*Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак!»*

* * *

Чандест, ки Ҷаҳон худро намешиносад. Чӣ мехоҳад вай? Магар ӯ набуд, ки аз таги дар Таманнои ҳайратзадаро маҷбуран ба хобгоҳ бурд, то ҳамсараш бедор шуда, аз воқеият огаҳ нагардад? Бале, худи ӯ буд. Аммо ҳоло гӯё ба тамоми ҷустуҷӯйи нобарораш Гуля гунаҳгор бошад, занашро заҳру зақум медиҳад.

– Мардак, ба ту чӣ шуд? Аз ман чӣ кӯтаҳӣ сар зад?

– …

– Охир, бисёр диққатам накун. Чанд рӯз аст, ки ба даҳон талқон гирифтаӣ.

– Дафъ шав!

Занак қаҳр карду ба анбонаи кӯҳнае чанд куртаву поҷомаашро ҷой кард. Ҷаҳонро парвое набуд.

– Мана бин, мардак, вақте ки аз ҳамин остона берун пой мондам, дигар роҳи бозгаштро фаромӯш мекунам, фаҳмидӣ?

– Маро ором гузор!

– Будон, ки Гуля як гап дорад!

– …

– Модом ки пинакатро вайрон намекунӣ, ана, ман бебозгашт рафтам!

Занак рафт. Вале Ҷаҳон бовар дорад, ки ӯ бармегардад. Соате ҳамроҳи занакҳои лаби об чақчақ мекунаду баргашта меояд. Ин ҳол на як бору ду бор рух додааст. Ҷаҳон бепарво худро рӯйи бистар гирифт.

Албатта, дили Ҷаҳон ба Гуля низ месӯзад. Ҳамин ҳисси раҳму шафқат буд, ки ин зани аслу насабаш номаълумро ба хона овард ва никоҳ басту ҳамхонагӣ оғоз кард. Дуруст аст, ки Гуля пеш аз ин аз саргузашташ баъзе лаҳзаҳоро нақл карда буд, аммо кӣ кафолат

медиҳад, ки рост мегуфт? Занак ба хонаву дар чандон дилбастагӣ пайдо накард. Ҳамин ки Ҷаҳон ба бозор мерафт, Гуля низ бадар мешуд ва соате пеш аз баргаштани шавҳар ба хона меомаду ягон хӯроки саридастие омода месохт. Ҳамсояи девордармиёнаш холаи Гулзинат ҳар сари чанд Ҷаҳонро гӯшрас мекунад, ки ҳамсарашро сахт гирад.

– Бачам, каму зиёд бисту панҷ сол мешавад, ки ман худата мешиносам. Падару модари раҳматиату Таманнoю Садбарга мешинохтам. То ҳоло паси гӯшам шавқуну шағалони бачаҳоят шиштагӣ. Ҳарчӣ буду шуд, гузашт. Акнун худата ба даст гир. Заната беназорат намон. Нағзаш, ҳамроҳат ба бозор бар, ҳамроҳ тиҷорат кунед. Хонаатонро обод кунед. Замона андак-андак дигар шудан дорад. Акнун мардум ба хонаву дар эътибор медиҳанд. Вақти чор болорро болои чор девор монда зиндагӣ кардан гузаштааст. Одам барин зистан даркор.

Аз як ҷиҳат кампир дуруст мегӯяд. Гирду атроф иморатҳои нав ба нав қад меафрозанд. Дар ҳақиқат диду назари мардум дигар мешавад. Аммо ба кампир «Хола, бо чор панҷ тангае, ки мо майдафурӯшу шиштафурӯшон меёбем, сохтани чунин хонаҳои бодабдаба хаёли хом аст. Барои соҳиби чунин манзилу рӯзгори обод шудан ё «гера»-фурӯшу ё соҳибмансабе бошӣ, ки пишакатро касе пишт гуфта натавонад», – гӯю қандатро хӯр. Ҳатман «Эҳ бачам-а, ин чӣ замоне шудааст, ки мардум бо пой нею бо забон мегарданд… Чаро оби шикаматонро ҷунбонидан намехоҳеду ҳамаро бо нашъафурӯшию порахӯрӣ муттаҳам мекунед? Дунё то ин андоза бедарвоза шудааст, ки фақат ҳаромхӯрон иморат кардаанд? Мана, дар пушти масҷид хонаҳои хушсохти замонавиро мебинӣ-а, дар ҳамон қатор муаллими донишгоҳ Каримӣ ҳам иморат андохтааст. Албатта, ӯ баробари бизнесменҳо дар давоми як-ду сол хона насозонд. Чанд баҳору тобистон кам-кам пӯшонид манзили наваша. Офарини зану фарзандони Каримӣ. Ҳама якҷону яктананд, баробар мечаспанд ба кор. Занаш мисли ту дар бозор мешишт, писарони донишҷӯяш баъди дарс дар компутерхона кор мекарданд, худаш бегоҳиҳо ба хонаи шогирдонаш рафта дарси иловагӣ медод. Пул ёфтан осон не, аз ёфтани маблағ дида, ҷо ба ҷо сарф кардани он боз муҳимтар аст, ба фикри ман», – талх мегӯяд холаи Гулзинат. Ӯ борҳо ҳамон Каримии муаллимро ба Ҷаҳон намуна оварда, насиҳат кардааст. Хуллас, Ҷаҳон наметавонад, ҳатто, пеши як кампираке, ки кайҳо хонашин шудааст, худро сафед кунад. Чӣ хел худро сафед кунад, ки қисман гапҳои холаи Гулзинат дуруст ҳам ҳастанд. Масалан, дар мавриди ҳамон устоди донишгоҳ ҷаҳон бо кампир ҳамфикр аст. Воқеан, Каримиву аҳли байташ ҳама мӯрчавор иттифоқанду меҳнатдӯст. Зану шавҳар ҳамфакултаҳои

Ҷаҳонанд. Ба онҳо ҳам ҳанӯз айёми донишҷӯйӣ волидонашон як хоначаи заҳзадаро «Аз иҷорахона беҳтар-куя» гуфта харида дода буданд. То он кулбаяки заминканмонанд шакли хонаи чор кас медидигиро гирифт, ки аз миён бист сол гузашт. Ҳалолашон бод.

Ҷаҳон ҳам метавонист ҳамин хел хона обод кунад, агар ба сараш чанд бор хонавайронӣ намеомад. Қисмат ба ӯ ҳеҷ рӯз нишон надод. Ҳама орзуҳояшро дар дилаш кушт. Вай ҳозир танҳо оромӣ мехоҳад. На ҳавсалаи ҷоҳу ҷалол дораду на дилхушӣ. Ба ҳеҷ кас бовар ҳам надорад. Бовар надорад, ки дар мактаб кор карда, бо гуфте, насли наврасро тарбия карда метавониста бошад. Ӯ аз камии маоши омӯзгорӣ рӯ ба бозор наовардааст. Ба як сару гӯши танҳояш ҳамон маош мерасид, дар ҳоле ки ба хона ҳанӯз Гуяро наоварда буд. Ҷаҳон аз худ гурехтан мехост, аз хаёлоти мағшуш дур будан мехост. Хаёлаш, ки ҳаёти дар ҷӯшу хурӯши бозораш фурӯ мебарад, худро ба чунин муҳит зад. Холаи Гулзинат Ҷаҳонро бизнесмен мегӯяд, ки хандаовар аст. Ӯ куҷову тоҷири ҳақиқӣ будан куҷо? Агар аз Аҷинабозор миқдоре ину он харида, дар бозорҳо рӯйи сангу хок шишта фурӯхтан бизнесменӣ бошад… Ҷаҳон ҳеҷ кӯшиш накард, ки як тинаш ду тин шавад. Агар дар дил чунин ният медошт, дар ин чор-панҷ сол қадре дастмоя ҷамъ меоварду сари кореро мегирифт. Ба ин ақлаш ҳам мерасид. Вале намехост, зеро ӯ дигар ҷисми беҷон ё рӯҳи беқолабро мемонд. Ҳар саҳар халтае дар даст беҳавсалаву ланҷ сӯйи Аҷинабозор меравад, аз нахустин деҳқони ростомада маҳсулоте мехараду ба бозори Шоҳмансур меояд. Ба болои як даҳро зам намекунад, балки аз дигарон каме пасттар нарх мегузораду тезтарак борашро мефурӯшад ва халтаашро афшонида, ба таги каш мезанад. Вай аллакай медонад, ки чанд сомонӣ даромад дорад. Мувофиқи ҳамон ғизои якрӯза мехараду пойҳои бемадорашро кашолакунон ҷониби кулбааш роҳ пеш мегирад. Либоси танаш ҳам ба ҳоле. Вай одатан аз фурӯшгоҳе, ки дар назди бозор бо номи «Second hand»[1] боз кардаанд, пӯшоки нимдошт мехарад. Ба андешаи ӯ, ин кӯҳнаколаҳо аз лашу луши наве, ки аз Чин оварда мефурӯшанд, даҳҳо бор беҳтару пурдошттаранд. Ва аммо Гуля дар ин маврид фикри дигар дорад. Мегӯяд, ки либосҳои харидаат бӯйи мурда мекунанд.

Ҷаҳон аз он рӯзе, ки Таманнорo боақлу ҳуш дид, гӯиё дар умқи торикистони дилаш чароғи мил-милаке нури хирае афканда бошад, ноаён як дирам-ду дирам ба таги киса маблағе партофта, баъди

[1] «Second hand» – аз ингилисӣ дар тарҷумаи таҳтуллафз «Дасти дуюм», фурӯшгоҳи либосҳо истифодашуда.

ҳафтае тавонист кӯрпаву кӯрпача ва болину рӯйҷои тозае харад. Болину бистарро ба рӯйҷо лӯлавор печонида ба хобгоҳи Таманно рафт. Вале тарбузаш аз бағал афтод. ӯ Таманноро дубора гум кард…

Аз Гуля дарак нашуд. Мана, бегоҳии дуюм аст, ки Ҷаҳон аз бозор омада, занакро дар хона намеёбад. Шӯхӣ ба шӯхӣ тамоман омаданӣ нест-чӣ? Ба сари пурсавдои Ҷаҳон ин зан ҳам ташвиши дигар меорад магар? Акнун дар ҷустуҷӯйи Гуля куҷо тозад? Шояд ба милиса хабар додан лозим бошад… Ба нозирони ҳуқуқу тартибот чӣ мегӯяд? «Дафъ шав, гӯям, баромада рафт?» Ҳмм… Дар дасти Ҷаҳон аз ин занак на расме мондаву на донад, ки дар қайди кадомин манзил аст. Умуман Гуля шиноснома дошт? Аз афти ҳол, не. Баҳар ҳол, Ҷаҳон надидааст.

Вақти никоҳ бастан мулло пурсида буд, ки агар тоҷик бошӣ, номи аслиат чист? Занак гуфт, ки дар ятимхона ҳам Гуля мегуфтандам. «Аз рӯйи ҳуҷҷат чӣ ному насаб дорӣ? Ку, ҳуҷҷатата биёр.» Занакро сахтгапии мулло маъқул нашуд ё сабаб дигар буд, ки барошуфт ва рӯймолакеро, ки ба эҳтироми домулло гуфта, холаи Гулзинат ба сараш партофта буд, як сӯ ҳаво доду «Гӯё никоҳи қонунӣ мебаста бошад, ки пурсуков мекунад»,-гуён ҷониби мулло беэътиноёна нигаристу аз хона баромада рафтан хост. Вале холаи Гулзинат сад бор мураму зиям гуфта миёни муллову арӯс муросову мадоро андохт. Мулло паст фаромада бошад ҳам, ба ҳар ҳол гуфт: «Дониста бошед, ки пеш аз ҳама, никоҳи шариатӣ қонунист, зеро шариат худ қонун гуфтанӣ гап аст. Модом ки шумо тоҷик бошеду худро мусалмон донед, бояд мувофиқи шариати Ислом амал кунед.» «Агар бисёр донистанатон шарт бошад, Гулсум духтари Исломуддинам», – бо ҳамон оҳанги беэътиноӣ гуфт арӯс. «Баҳ-баҳ, чӣ ному насаби баланде! Аз ин ном ифтихор бояд кард! Маълум мегардад, ки гузаштагонатон одамони аз фарҳанги Исломи азимушшаън бохабар будаанд. Ҳеҷ гап не, ин ҳам пеш аз ҳама аз қисмат аст ва дигар айби замона буд, ки шумо барин бархеҳо ба дарки шариати пок нарасидаанд. Ху-уш, ки бошад, бо умеди тавфиқу ҳидоят ёфтанатон, Гулсумбибӣ, аз он сар мекунем, ки бояд калимаи шаҳодат ба забон овindependent.» Ҳамин тавр, холаи Гулзинат ба даҳони занак калима меандохту ӯ ба мулло бозгӯйӣ мекард. Ва ниҳоят никоҳи Ҷаҳону Гулсум хонда шуд. Аммо, воқеан, он зан Гулсум духтари Исломуддин буд ва ё не? Ҷаҳон то ҳол намедонад. Пас ӯро аз куҷо ҷӯяду аз куҷо ёбад?

* * *

Ҳарчанд холаи Марям хастагиашро нишон намедиҳад, вале Таманно мебинад, ки ин зани чақчақӣ рӯҳан монда шудааст. Бинобар ин бо тамоми дилу ҷон мекӯшад, ки хола бардам бошад. Охир, ин

бонуи нексириштро дар ин дунё ягона такягоҳи худ меҳисобад, гумон дорад, ки аз ӯ монад, аз ин олам мемонад. Ягона холаи Марям аст, ки ба гапҳои Таманно бовар мекунад. Бовар дорад, ки ӯ Хатуба – як раққосаи ҳиндуваши хавоспарешон несту Таманност. Итминон дорад, ки Таманно духтари нозпарвардаи Усмон-нонвою Хосият-отуни Самарқандист. Бовар дорад, ки ӯ яке аз шогирдони аълохони Донишгоҳи омӯзгорӣ буда, мебоист пас аз як сол онро хатм мекард. Агар Худо нокарда, холаи Марям аз сар равад, Таманно худро дубора гум хоҳад кард. Боз мардум ӯро Хатуба хоҳанд пиндошт… Худоё, худат ин зани кони маърифатро, ки аз сад тоҷик тоҷиктар аст, дар паноҳат нигаҳ дор!

Дирӯз хола аз кор бо димоғи сӯхта баргашт. Таманно сабаб пурсид, хола даст афшонда гуфт:

– Мон, бачам, ба хотирам набиёр. Беҳтараш як чойи кабуди талх дам кун, ки сарам ба кафидан наздик мерасад.

Таманно аз пайи иҷрои хоҳиши соҳибхона шуд. Пас аз хуроки шом холаи Марям худаш ба сухан даромад.

– Қариб ду сол пеш ба мактаби мо духтараки тахминан дувоздаҳ-сенздаҳдаҳсолаеро оварда буданд. Чунон хушрӯ, чунон дилкаш, ки мондан гир. Аз ҳама худро канор мегирад. Мегӯйӣ, вуҷудашро тарсу ҳарос пахш кардааст. Кӯшишҳои равоншиносу омӯзгорон беасар мемонд. Ҳамеша сархам буду ба саволи кас «ҳа»-ву «не» гуфта ҷавоб медоду бас.

– Шояд ягон мушкилоти равонӣ дошт?

– Албатта. Аз парвандае, ки додгоҳ фиристода буд, мушкилоти ин духтар аён буд. Лекин гап дар сари чизи дигар. Ягон ду ҳафта шуд-дия, модари духтар ба мактаб омада буд. Чӣ мегӯйӣ, ки қуфли забони духтарак кушода шуд. Чӣ таънаҳое зад модарро! Мушт бар сар зада чӣ нолаҳое кард он берӯзӣ! Модар сарафканда буду ашк мерехт… Ҳатто духтароне ҳам, ки кайҳо аз одамият дур шудаанд, оби чашм мекарданд. Духтарак Зебогул ном дорад.

Духтар даъво мекард, ки агар воқеан ту модар мебудӣ, ба хотири мо ду тифли норасида ба ҳар заҳру зақуми падарамон тоқат мекардӣ. Бигзор, туро хушдоман бекас гуфта паст занад, бигзор хусур бедаступо гуфта таъна занад, тоб меовардӣ. Модом ки ҷойи рафтан надоштӣ, касе надоштӣ, ки дастатро гирад, чаро моро аз хонаи падар баровардӣ? Мегуфтӣ, ки ман ба падари латтаи шумо чӣ буданӣ зиндагиро нишон медиҳам! Дар як сол соҳиби ҷоҳу ҷалол нашавам, номам Гулсум набошад. Соҳиби манзилу нону ош шудӣ? Маро бесавод монондӣ, ба мисли сагбачаҳо дар хонаи иҷора қулф карда

монда, худат шаби дароз гум мешудӣ. Гумонат, ман намедонистам, ки ту куҷо мерафтӣ? Бигӯ, дар тарабхона кор мекардӣ? Хестӣ, ки хобат! Дугонаҳое, ки ёфта овардӣ, онҳо ҳамкоронат буданд? Дар куҷо кор мекардед шумо? Онҳо ҳам ба мисли ту шабкорони сабукрафтор буданд. Ёдат ҳаст, Кариму Умед ном ҷавонони аз худатон чанд сол хурдро ба хона овардед. Ҳамон шаб пас аз айшу нӯши зиёд маро аз хонаи хобам зӯран пеши меҳмононат бароварда гуфтӣ: «Шинос шав, ин – Умед, братишкаи ман, шавҳари дугонаам Сарвиноз, ана ин бошад, Карим – шавҳари ман, то есть падари туву Беҳрӯзҷон. Яъне, ту акнун падардор шудӣ, Зебо! Муборак бошад!»

Ҳама қарсакзанон моро табрик карданд ва барои оянддаи дурахшони мо қадаҳ бардоштанд. «Падар» Беҳрӯзи хурдакро бо як даст бардошту бо дасти дигар аз китфони ман сахт фишӯрд. Ту таъкид кардӣ, ки ба тарбияи мо минбаъд Карим машғул мешавад. Баъди ин ту моро рӯзона гоҳ-гоҳ ба сайру гашт рухсат медодию худат ҳамроҳи Карим хилват мекардӣ. Шабона одатан аз пайи «кор»-ат мешудӣ. Шавҳарат бо мо мемонд. Гоҳо ҷӯрааш Умедро бо худ меовард. Як бегоҳ дар кушода шуду братишкаат Умед пайдо шуд. Дарро аз дарун маҳкам карду ба ман дарафтод. Зӯрам нарасид. Ба мақсад расиду баромада рафт. Тани афгорамро бардошта наметавонистам. Нимишабӣ шавҳарат ҳозир шуд.

– Корат тамом шуд? Умед бачаи зӯр-а? Мо ҳам аз ӯ кам нестем. Модом, ки ба вай мумкин будааст, ба мо ҳам мумкин.

– Охир, ту шавҳари модарам мешавӣ! Ба ҷойи падарам ҳастӣ! Айб аст, дада…

– Синну соли модарат баробари апаи калонии ман аст. Орзу кардааст шавҳара, – Карим аз мӯям кашида ба ҷойхобаш ҳаво дод.

Паси ҳам чанд рӯзу шаб аз ту дарак набуд. Ин кор борҳо такрор ёфт. Ҳар дафъа аввал то мурданам мезаду сипас коми дил меситонд. Ниҳоят як бегоҳ телефон карда гуфтӣ, ки аз Маскав баъди як-ду рӯз бармегардӣ. «То омаданама аз гапи дадаат набаро, ҳар чӣ хоҳад, иҷро кун!» – фармон додӣ ту. Ман аз хоҳишҳои ӯ безор шуда будам. Карим мегуфт: «Агар ба модарат як даҳон гап занӣ, сари ҳамаатонро як-як мегирам. Шумо ҳама бесоҳибед, ба касе даркор нестед, фаҳмидӣ!» Бале, вай шӯхӣ намекард. Ман бо ишораи «фаҳмидам» сар ҷунбонидам. Шаб Карим шароби зиёде хӯрду бехуд шуда дар дамгаҳи дар афтода монд. Бо азобе аз кисаи шимаш калидро баровардам. Ба хонаи хобамон даромадаму аз рухсораҳои додарам бӯсидам ва оҳиста дарро кушода худро берун гирифтам. Ба хонаи падар рафтан маънӣ надошт. Бо домани олуда ба назди падаре, ки аллакай муносиби ху-

дашро ёфтааст, рафтан воқеан бемаънигист. Бинобар ин, аз Хонаи матбуот то лаби дарёи Душанбе пиёда тохтам. Аниқ худкушӣ кардан мехостам. Аммо… мошине дар назди бозори Баракат пеши роҳамро гирифт ва низомипӯшоне маҷбур карданд, ки ба мошин нишинам.

– Ҷазояшонро кашида истодаанд он ду номард. Касе, ки бо ҷурми таҷовузи ноболиғон шишта бошад, ҳолаш он ҷо аз килла бадтар. Духтараки азизам, ман аз куҷо медонистам, ки ту ин қадар дар азоб будаӣ? Агар ба ман мегуфтӣ… Агар медонистам, ки…

– Магар ту намедонистӣ? Медонистӣ!!! Ақл надоштӣ?! Девона будӣ?! Намедонистӣ, ки духтари дувоздаҳсолаат аллакай ба чашм намоён гаштаасту ҳамнишинонат ҳама нашъакашу майпарастанд?!

– …

– Чаро хомӯш ҳастӣ? Сухане надорӣ? Рав ба роҳат. Милиса Беҳрӯзҷонро ба сағирхона супорид? Хуб шудааст. Аз паси вай ҳам нарав.

Модар берун баромад. Ба ман илтиҷо кард, ки ба Зебогулаш нағз нигоҳ кунам. «Апаҷон, – мегуфт ӯ, – духтарам ҳар таънае, ки мекунад, ҳақ дорад. Аз ман бисёр гузашт. Лекин Худо яктост, намедонистам, ки Кариму Умед дар ҳаққи фарзанди норасидаи ман чунин корро раво дидаанд. Ман аз ин қазия баъди як соли аз маҳбас баромадан огаҳӣ ёфтам. Бале, Зебогул гуфт-ку, дар Маскав будам. Борро беосеб расонидам. Ҳаққи хизматамро доданд. Ба тайёра чипта ҳам доштам. Гумон кардам, ки ҳамааш бо хубӣ анҷомид. Вале… Аз афти кор, аз пайи ман кайҳо афтода будаанд. Ҳашт сол доданд. Дунё дар назарам торик шуд. Дар маҳбас бо Анжелика ном духтари ҷавон шинос шудам. Ба ҳамдигар дарди дил мекардем. Вай ҳам аз Тоҷикистон, аз тарафҳои Дарбанд будааст. Аслаш Фаришта ном доштаасту дар маҳбас Анжеликааш меномиданд. Баъди чанд моҳи ҳамкамерагӣ ӯро аз назди ман дигар ҷо бурданд. Сонитар шунидам, ки ба иллати беморӣ озодаш кардаанд.

Пас аз як сол дар асоси авфи умум озодӣ насибам шуд. Рост ба маҳаллаи Соҳили наҳраки пойтахт омадам, ки дар яке аз кулбаҳои он Анжелика бояд мезист. Лекин дарро баста дидам. Ҳамсояҳо гуфтанд, ки бародараш танҳо зиндагӣ мекунаду ҳеҷ кас намедонад, ки Фаришта куҷост. Ҳамин вақт халтае дар даст марди сарсафеди лоғарандоме пайдо шуд. Вай бародари ҳамон сиёҳрӯзии ҳамкамераам будааст.

Он шаб дар кулбаи ӯ мондам. То нисфи шаб аз хоҳараш Фаришта мепурсид. Ба гапҳои рости ман гоҳо бовар намекард. Мисли занак оби дида мерехт. Раҳмам омад. Субҳи дигар рафтан мехостам, ки намонд. Гуфт, ки то ҷойи муайяне ёфтан дар ҳамин ҷо зиндагӣ кардан гир.

Мондам. Сонитар зиндагии якҷоя оғоз кардем. Рости гап, ин зиндагӣ нест. Дар як ҳелчаи саг нимсеру нимгурусна рӯз гузаронидан… Кош кушодачеҳра бошад. Гӯиё барои тамоми бадбахтиҳояш ман сабабгор бошам, ҳамеша бо асабоният гап мезанад. Метарсам, ки аз фарзандонам гӯям. Умуман вай намедонад, ки ман Зебогулу Беҳрӯз дорам.

Холаҷон, ният дорам, ки ба дуриҳои дур равам. Ба ягон деҳаи дурдасте равам, ки касе маро нашиносад. Фарзандаконамро бо худ барам у ҳалол зиндагӣ кунам. То муҳлати озод шудани Зебо мерасад, ки дар хонаи он марди берӯҳу шумнигоҳ тоққат мекунаму баъд аз ин шаҳр баромада меравам.»

Таманно ранг мебурду ранг меовард. Хушбахтона, холаи Марям ҳолати вайро пай набурда берун баромада рафт ва баъди чанд дақиқа ба хона даромада, қиссаашро чунин хотима дод:

– Медонӣ, бачам, имрӯз директори нав гапи тоза ёфта омад, ки ҷасади ҳамон зан, яъне, модари Зебогулро аз канали Ҳисор ёфтаанд. Дилам ба ҳоли ятимонаш сӯхт. Директор мегӯяд, ки ҳамсараш ба тафтиши ин қазия вобаста будааст. Назар ба гапи зани директор марги модари Зебогул тафтиши кори як гурӯҳи ҷиноятпешаро ба бумбаст бурдааст. Гӯё ин зан ба пурокурори шаҳр аз болои Карими катазан шикоят оварда будааст.

Ҳар ду чанд дақиқа сукут варзиданд. Ниҳоят хола «Канӣ, бинемчӣ, дар дунё чӣ гап», – гуфта, тукмаи телевизорро зер карду пас аз лаҳзае ба духтархондаш рӯ овард:

– Таманноҷон, ба ту гуфтам-а, директории мактаби мо нав шуд. Директори аввала ба нафақа баромад. Медонӣ, киро ба мо сарвар таъин карданд? Номзади илми педагогика Ҳабибуллоевро! Баъди Қӯчқоров чанд даҳсола мактаб роҳбари дилсӯзеро пайдо карда наметавонист. Марҳум Аҳмадбек Қӯчқоровро, ки марги пурасроре насибаш гардид, Макаренкои тоҷик мегуфтанд. Инак, оҳи моро Худованд шунид. Худи Ҳамидулло Ҳабибуллоевро, ки мавзӯи кори илмиаш мушкилоти бачаҳои хиёбонӣ будааст, сарвари мактаби махсус таъин карданд!

Аҷабо имрӯз Таманно аз забони холаи Марям пайи ҳам номҳои шиносро мешунавад. Ҳамсинфу ҳампартаи Таманно низ Ҳамидулло Ҳабибуллоев ном дошт. Ҳо, ҳамоне, ки дафтари баёзи Таманноро пинҳонӣ гирифта мехонд… Дар воқеъ, хола пеш аз ин гуфт, ки зани директор тафтиши марги модари Зебогулро ба уҳда доштааст. Исто, Таманно, зани Ҳабибуллоев дугонаи ҷамолакиат Нигора нест магар? Бале, бале, Нигора бояд бошад! Охирин бор ту онҳоро дар ҷашни арӯсиат дида будӣ, ки дар зиёфат бар ба бари якдигар менишастанд.

Он вақт Ҳамидулло нав аз хизмати ҳарбӣ баргаштаву аҷаб ҷавони тануманду зебо шуда буд…

* * *

Холаи Марям бо тамоми вуҷуд ғарқи тамошои телевизор аст. Вай одатан ҳангоми тамошои барномаҳои хабарӣ ба гӯшу ҳуш табдил меёбад. Таманно ба соҳиби хона бо меҳр менигарист. Аҷаб занест ин холаи Марям. Дар баробари сухандону суханвар будан шунавандаи хуб ҳам ҳаст. Вай метавонад соатҳо ба ҳамсуҳбаташ гӯшу ҳуш диҳаду бо калимае нақлашро набурад. Таманно чанд шаб пеш аз нӯки сӯзан то гиреҳи ришта тамоми саргузашташро ба ин зани пуртаҳаммулу бурдбор нақл кард. Холаи Марям дар анҷом гуфт:

– Акнун фаҳмидам, ки чаро «Ман ҳазорсолаам» мегуфтаӣ.

Ва Таманно он шаб боз қалам ба даст гирифт, то алами дилро нишонад. Мурғи аввал бонг мезад, ки навиштаи хешро дубора хомаи таҳрир кашида шуд:

*Ман дар ҳаваси диёри Ишқам,*
*Сарбозаму сар ба дори Ишқам.*

*Сад ҷӯй сиришки ман равон шуд,*
*Аз Чашмаву чашмасори Ишқам.*

*Сад таън бизад хирад ба сӯям,*
*К-андар раҳи беқарори Ишқам.*

*Бин дирҳами аҳди Доқёнус,*
*Ман чилланишини ғори Ишқам.*

*То парда биафтаду расам ман*
*Бар манзили шаҳсавори Ишқам!*

Холаи меҳрубон парерӯз як дафтари муқовасабзи ғафсе дода гуфт: «Шеърҳоят дар варақҳои ҷудогона гум нашаванд, гуфта харидам.» Дафтар ҷилди чармӣ дошт. Таманно модари худро ба ёд овард, ки ҳамин гуна туҳфае карда буд. Таманно аз ин шабоҳат мутаассир шуду ба гӯшае чашм дӯхта монд. Пеши назараш ҳавлии барҳавои падар омад.

Духтари хона дасту остин барзада тирезаҳои равоқро мешуст. Яке занги телефон садо дод. Таманно, ки дар пағонаи баланди нардбон

буду қисмати болоии чашмакҳои равокро мешуст, зуд ба даҳлез расида наметавонист. Ба дил гуфт: «Бийичонам мебардоранд.» Аммо модар ба чашм намерасид. Шояд сари чойнамоз буд. Занг такрор ёфт. Модар аз хона садо кард: «Таманночон, телефона бардорӣ-чӣ.» Не, модар аз хона набаромад. Кош мебаромад, ки Таманнои сарсахту дарбадар як бори дигар ба дидори азизи модари сар то ба по ғарқи нураш мерасид. Занги телефон бори сеюм такрор шуд. Таманно барқасд аз тирезашӯйӣ даст накашид. Хаёлан Хосият-отунро маҷбур мекард, ки ба чашми духтараш намоён шавад.

– Таманно, магар бардоштани гӯшӣ бароят ҳамин қадар душвор буд… – ин овози модар нест. Таманно аз олами хаёлот берун омад ва дартоз ба даҳлез расид. Ку телефон? Садои зангӯлаи нозук аз кучо меояд? Садо қатъ ёфт. Пас аз чанде холаи Марям аз душхона баромад.

– Кӣ телефон мекард?

– …

– Набардоштӣ телефона?

– Ҳеҷ ҷо телефон набуд.

Хола хандаи сахте кард. Таманно ҳеҷ чиз намефаҳмид.

– Мебахшӣ, духтарам, мебахшӣ… – хола аз анбонаи рангпаридааш қуттичаи сиёҳеро гирифта кушод ва чанд тукмачаро пахш карду ба гӯш дошт.

– Ало! Ваха, азизи ман! Чӣ ҳол дорӣ? Хуб? Худоро шукр! Аз аҳволи доьзал[1] гап зан. Зуда[2], бераш[3], марда[4], марнана[5]? Ҳама хубанд? Шукри Аллоҳ! Бовар намекунам! Ина бин-а, Вахаи нозпарварди мо аллакай чаҳор карат деда. Шукр! Ном ёбам? Не, азизам. Ин дафъа ихтиёрро ба падару модари ҷавон вогузор. Охир хонаат пури номи мурдаҳо шуд: Таус, Болатмирза, Дукхаваха. Акнун Хусрав мемонӣ? Ин хоҳиши Ширин аст? Модом, ки Хусрав маъқулаш бошад, маҷбур мешавад, ки пас аз сари ман ба яке аз наберагонаш Марям ном гузорад. Вай намедонад магар, ки таърихан Маряму Ширин[6] дар як хонадон намеғунҷанд? Шӯхӣ мекунам… Таърихашро гӯям? Эҳ, ин қиссаи дуру дароз аст, азизам Ваха. Барои ин достони Низомии Ганҷавиро хондан даркор.

---

[1] Доьзал – оила
[2] Зуда – зан, ҳамсар
[3] Бераш – кӯдакон
[4] Марда – хусур, падарарӯс
[5] Марнана – хушдоман, модарарӯс
[6] Ишорат ба ду зани Хусрави Парвиз; Марям духтари қайсари Рум (ҳамсари нахустини Хусрави Парвиз) аз шавҳар хиёнат дидааст.

Таманно беихтиёр вобаста ба рӯҳияи Марям ин байтро хонд:

*Чун бинозам, нест бо ман Хусраве,*
*Кай бисозад Маряму Ширин, бигӯ?*

Хола ҷониби духтархондаш бо ифодаи миннатдорӣ сар ҷунбониду бо додараш гуфтугӯйи телефониро давом дод:

– Ҳамин тавр, зуд-зуд телефон карда ист. Не, Вахаҷон, наметавонам. Фарҷомгаҳи падар ин ҷост. Хоки поки Хусраву Дукхаваха ин ҷост. Чӣ? Ҳа, Надим чанд рӯз пеш омада буд. Ба Исфара рафт. Мегӯяд, ҳатман аҳли байтро ба Ҳайдаркан мебарам. Сари мазори модаратонро гулпӯш мекунам. Гуфтам, гумон аст, ки мазори ғарибон побарҷо бошад… Вай соҳиби қавлу қасам аст. Модом ки меравам гуфт, меравад. Шиносномаи дипломатӣ дошта бошад, кӣ ба вай монеъ шуда метавонад? Рост мегӯйӣ. Илоҳо падару модараша раҳмат кунад. Занаш? Одами тилло. Бачаҳои хуб дорад. Дигар, Ватан тинҷӣ? Хабарҳои охирин дилғашкунандаанд-ку? Гӯшу ҳушам ба Чеченистон. Аз «Новости» мебинам. Радиоҳои «Амрикои озод»-у «Би-Би-Си»-ро мешунавам. Ширин ёди Тоҷикистон намекунад? Падару модараш дар Маскаванд? Тоҷикистони ҷангзадаро ба мо монда ҳама фирор карданд? Ширин бо падару модар вохӯрд? Бахшидандаш? Тавба, ӯ чӣ гуноҳ карда буд, ки… Хайр, оқибаташ бахайр шудааст. Дер ояду шер ояд, гуфтаанд. Ман – хурсанд. Аз ман хавотир нашав. Танҳо нестам. Ту шарм намекунӣ… Магар ёди Хусравамро ба ягон марди дигар иваз карда метавонам… Бо ин гуна масъалаҳо шӯхӣ намекунанд. Дар дами пирӣ Худо маро танҳо нагузошт, духтаре ёфтам. Бале, Таманно ном дорад. Дилат пур бошад, фариштаҳӯ. Хайр, ба ҳама салом гӯй. Хусрави маро азиз дор. Илоҳо, умраш дароз шавад! Хайр!

Таманнои ҳайратзада тамоми ин лаҳзаҳо гоҳ ба телефони дастии холаи Марям менигаристу гоҳ ба суҳбати телефонии ӯ мутаваҷҷеҳ мешуд. Кампир ба ҳолати духтархондаш сарфаҳм мерафт, албатта. Бечораи Таманно. То ба воқеият мутобиқ мешавад, ки…

Он шаб то бонги мурғи аввал Таманно аз холаи Марям давоми қиссаи рӯзгори ӯро мешунид. Акнун вай медонист, ки пас аз чили модар Хусрав онҳоро аз Ҳайдаркан ба Душанбе овард. Марям ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи таъриху филология супориду донишҷӯйи ғоибхон шуд. Дар аввал наздикони Хусрав ба заношӯйии ду дилдода рӯйхуш надода бошанд ҳам, сонитар феълу хӯйи хуби арӯс онҳоро дилгарм кард. Хусрав то ба Маскав нависонавис карду Болатмирзаи тӯҳматзадаро аз маҳбас озод кунонид. Бечора мӯйсафед то дами вопа-

син дуои ҷони домодашро мекард. Аммо аз чӣ бошад, ки бехи дуои падар сабз нагардид, яъне, аз Хусраву Марям фарзанд нашуд. Хусрави садоқатманд додарарӯсонашро фарзанд хонд. Дукхаваха ба касбу кори шавҳари хоҳарбузургаш ҳавас карда, ба мисли ӯ мутахассиси соҳаи геология шуд. Пас аз хатми донишгоҳ ӯро, ки Хусрав Воҳидҷон ном мегирифт, ҳамчун афсар ба Афғонистон бурданд. Ҳамагӣ пас аз шаш моҳи хизмат ҷасадашро оварданд. Хусрав барои Воҳидҷонашончунон сӯхт, ки!... Болатмирза умри дароз дид. Дар синни ҳаштод даргузашт. Вахийта ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Ленинград дохил шуд. Ҳанӯз аз курси чорум ба Кувайт сафар кард. Аз ӯ Хусрав умеди калон дошт. Соле ки донишгоҳро хатм кард, духтари ҳамсоя – Ширини нозанин, ки ҳарду ҳамсинф буданд, дипломи духтурӣ гирифта буд. Ваха ӯро «дуздида» бо худ ба Русия бурд. Онҳо чун мутахассисони варзида солҳо дар мамлакатҳои Араб кор карданд, ба Маряму Хусрав, ки солҳои ахир дардманд шуда буд, қариб ҳар моҳ мадад мерасонданд. Ҳамин телефони дастиро ҳам Ваха ба Хусрав-дадааш тухфа кардааст. Хусрав бо ин телефон фахр мекард! «Ин хелашро, ҳатто, мири шаҳр надорад», – мегуфт раҳматӣ. Ваха аз рӯйи васияти падар амал карда, сонитар бо аҳли оилааш муқими Чеченистон шуд. Чунон ки Ваха ба апааш аз тариқи телефон хабар дод, ҳоло онҳо соҳиби чаҳор набера ҳам шудаанд. Маълум мегардад, ки дар хонадони Вахаву Ширин эҳтиром ба забони тоҷикӣ дар баробари забони чиченист. Вагарна Вахаву Марям бо забони тоҷикӣ ҳарф намезаданд.

– Падару модари Ширин бахшидаанд, гуфтед?

– Аслан, ҷавонон кори баде накардаанд. Дили ошиқро ба дину миллат сару коре нест. Дӯстии Вахаву Ширин, ки ҳар ду мактаби рақами 9-и пойтахтро хатм кардаанд, аз синфи ибтидоӣ оғоз гирифта буду оҳиста-охиста ба ишқ табдил ёфт. Ваха ба Русия хонданӣ рафта бошад ҳам, муносибати онҳо канда нашуд. Пайваста мукотиба доштанд. Баъди бозгашт ҷавон фаҳмид, ки падар Ширинро ба писари яке аз одамони маъруф доданист, ба пӯстинаш кайк даромад. Ҳарчанд Вахаро фаҳмондем, ки падари Ширин як кӯҳистонии базарда аст, донистаи худашро кард: як субҳ ҷевони либосҳояшро холӣ ёфтем. Ҳамон рӯз фиғони модари Ширин ҳам ба фалак дакка зад! Падараш якзайл қасам мехӯрд, ки рӯдаи ин чиченбачаи беандешаро ба гарданаш напечонам, ман Салами дарвозӣ набошам.

– Баъд чӣ шуд?

– Оқибаташро шунидӣ-ку. Салами дарвозии базарда дар солҳои ноороми ҳои сиёсии Тоҷикистон ба Русия паноҳ бурда буд. Бесабаб нагуфтаанд, ки «гаҳе пушти зину гаҳе зинбапушт.» Ҳар баландӣ рӯзе

пастӣ дорад ва ҳар пастӣ ҳам баландие. Мана, оқибат об ба лаби ҷӯй баробар шудааст.

Агар падари одамшавандаи Ширин аз рӯйи ақли солим кор мекард, ин ду дилдода солҳо аз ин шаҳр ба он шаҳр овора шуда намегаштанд. Падари ман ҳам ақаллан бо дастони худаш ба мардум оши никоҳи писарашро дода орзу мешикаст. Умеди Хусрав ҳам ба Воҳидҷони ягонааш буд. Додари ман аз кӣ кам буд? Ҷавони чашму абрӯсиёҳи болобаланд, соҳибмаълумоту боақлу ҳуш, ғайридин не. Бо гуфте, тоҷики тапа тайёр. Мана, чанд соли ахир рӯзномаҳо менависанд, ки тоҷикдухтарон дар орзуи зиндагонии серу пур шавҳари амрикоиву ҳиндиву чинӣ меҷӯянд. Яъне, худашон эълон медиҳанд. Ба инаш чӣ мегӯйӣ?

Холаи Марямро кайҳо хоб бурдааст. Таманно бедорхобӣ мекашад. Тавба, боре дар ҳашари пахтачинӣ донишҷӯён латифагӯйиву лофзании зиёде карданд. Латифае, ки як ҳамкурсашон нақл карда буд, ҳанӯз ба хотири Таманност. Мазмуни латифа чунин буд: як ҷопониву як чукча, ки ҳамсабақ будаанд, бо ҳам суҳбат мекардаанд. Ҷопонӣ нақл кардааст:

– Ҳангоми кофтуковҳои бостоншиносӣ падари ман ноқилеро ёфт, ки таърихи панҷу ним ҳазорсола доштааст. Олимон муайян кардаанд, ки ин бозёфт сими телефоне будааст, ки ниёкони мо панҷу ним ҳазор сол муқаддам истифода мебурдаанд.

Чукча ҳамон замон ба гап даромадааст:

– Падари ман ҳам бостоншиноси маъруф аст. Вай ҳам бо умеди ба даст овардани нишонаи тамаддуни қадими миллат чанд сари сол ковишҳои илмӣ мекард. Вале ӯ, хушбахтона, ягон ноқил наёфтааст!

– Намефаҳмам, чаро хушбахтона мегӯйӣ? – изҳори ҳайрат кардааст ҷопонӣ.

– Маълум мегардад, ки ҳанӯз панҷу ним ҳазор сол пеш, – бо ҷиддияти том гуфтааст чукча, – мардуми мо бо телефони бесим муошират мекардаанд!

Сари Таманно гирд мегардад. Магар афсонаҳо ба ҳақиқат табдил меёбанд? Ин хел гапу корро дар асарҳои фантастикии Абдумалик Баҳорӣ хондан мумкин буд. Фарқи қаҳрамонони он нависанда аз ин зани солрафтаи ҳамадон дар он аст, ки онҳо нодарӣ гап мезаданд. Холаи Маряму додараш, ки аслан тоҷик нестанд, бо лафзи дарӣ сухан мекунанд. Таманно телефони дастии холаро гирифта ба таври худаш ҳарҷониба омӯхт. Рост мегӯяд холаи Марям, ин хелашро Таманно дар дасти ягон кас надидааст. Ин мӯъҷизаро бин-а.

Хола мегӯяд, духтарон аз намояндагони ҳар дину ҳар миллат

ҳамсар интихоб мекунанд. Рост бошад? Охирзамон шудааст, аз афти кор. Дирӯз буд, ки Таманно барои ба муроди дил расидан пеши модар зорӣ мекард, ки падарро ба гап андозад, то садди роҳи бахти ду ҷавони ҳамзабону ҳамватан нагардад. Имрӯз бошад, духтарон худ эълон медодаанд, ки…

Воқеан, аз оҳанги гапи холаи Марям пай бурдан душвор нест, ки додарзодаи шавҳараш ҳамон Надими патриот аст. Тавба, кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад, гуфтанӣ гап рост будааст. Хайрият ки Таманно он рӯз дарро ба рӯйи ӯ накушод. Вагарна Надим Таманноро ба ин ҳоли зор, ба ҳайси қарории даргоҳи мардум медид, ки хуб намешуд. Таманно як оҳи ҳасратомезе кашиду ба даст хома гирифт. Боз як шаби сиёҳмилаи обистан тифли ширбӯйи субҳ ба дунё овард, то ин ғазалгуна комилан рӯйи коғаз рехт.

*Ба худ қатъи даво кардам, надонам,*
*Чӣ пиндори хато кардам, надонам.*

*Чӣ шабҳое, ки оби дидаам рехт,*
*Ба номарде вафо кардам, надонам.*

*Дуторе шуд ду тора ашки чашмам,*
*Чаро дардам наво кардам, надонам.*

*Ба даст овардани мақсад чӣ мушкил,*
*Ба осонӣ раҳо кардам, надонам.*

*Зи пеш омад умеди растагорӣ,*
*Чаро рӯям қафо кардам, надонам.*

*Бигуфтандам, ки шоҳӣ шодӣ орад,*
*Матои ғам қабо кардам, надонам.*

*Ҳазорон монеа дар роҳи фарҳанг,*
*Ба худ мушкил чаро кардам, надонам.*

*Нагуфтан беҳ аз он бошад, ки гуфтан,*
*Хато андар хато кардам, надонам.*

* * *

Холаи Марям лаб дар баногӯш аз дари кӯча даромада омад. Таманно, аз анборча мошинкаи чопии кӯҳнаеро ёфта буду онро боҳавсалаи том тоза мекард, аз омадани соҳибхона бехабар монд.

– Ба металлом месупорӣ магар?

Таманно якқад парид.

– Мебахшед, холаҷон, саргарми кор шуда нафаҳмидаам, ки … Дар анборчаатон ба ғайр аз ҷони одам дигар ҳама чиз ёфт мешавад. Мана, «ЗИНГЕР»-и модаратонро ҳам коршоям карда мондам. Мошинкаи чопӣ ҳам наппа-нав шуд.

– Бовар кун, ҳамин шаб модарро хоб дидам, ки дар Ҳайдаркан рӯйи сӯфаи ҳавлӣ дарз медӯзаду чеҳрааш кушода. Дар бараш Якшоха зону задаву Алӯлаку Булӯлак бозӣ доранд. Чунон хоби рӯшан буд, ки … Мехостам саҳарӣ бароят хоб гузорам, ки ширин мехуфтӣ. Дилам нашуд, ки бедор кунам. Хаёлам имшаб ҳам парии илҳом меҳмонат буд. Шеъратро хондам. Мошинаи дарздӯзиро дарун медорем, аммо ба ин дардисар чӣ кор мекунем?

– Шуморо намефаҳмам, холаҷон, магар мошинкаи наппа-нав дигар ба дарде нахӯрад? Ман солҳои мактабӣ курси махсуси мошиннависиро хатм кардаам. Бо гуфте, қориёна чоп мекунам. Аз чанг зер карда истоданаша, хуб нест, ки ман истифода барам?

– Хуб аст, ки чунин ҳунар доштаӣ. Аммо, духтарҷон, ҳоло аз ин мошинка қариб истифода намебаранд. Ҷойи инро кайҳо компютер гирифтааст.

– Ком… компутараш чист?

– Эҳ, ҷони хола-е, ба ту чӣ хел фаҳмонам… Компютер як василаи замонавии чопкунӣ. Барои касе ки бо мошинка озод кор карда тавонад, омӯхтани компютер кори душвор нест. Исто, Таманно, ба сарам як фикр омад. Биё, туро ба ягон курси компютеромӯзӣ барам.

– Магар ин мумкин аст?

– Чаро не? Як духтари хушсаводу бофаҳму фаросат чаро аз замона қафо монда, дар миёни чор девори холаи Марямаш мешиштааст?

– Ман-ку бо ҷону дил мехоҳам, лекин дар даст на шиноснома дораму на шаҳодатномаи хатми мактаб.

– Барқарор кардани ҳуҷҷатҳои гумшуда аз имкон берун аст магар? Ман бо маслиҳати як шахси боэътимод ба бюрои маълумотдиҳӣ рафта, ҳуҷҷате ба даст овардам, ки мувофиқи он, Имронхоҷаева Таманно Усмонҷоновна, тоҷикдухтар, таърихи таваллудаш – 17 ноябри соли 1969 то имрӯз дар қайди хонаи падари хеш аст! Ба ин чӣ мегӯйӣ?

Таманно моту мабҳут буд! Дар даст маълумотнома намедонист, чӣ рафторе кунад. Бихандад? Ё бигиряд? Ҳарчанд лабонаш моили табассум буданд, вале чашмонаш пур-пури об гардиданд ва бо як мижа афшонидан қатраҳои бешумори ашк сарозер рехтанд. Кадбону сари духтархондашро ба сина зер карда мегуфт:

– Гиря кун, ҷони хола. Шарм накуну ашк рез, ки ғубори дилат шуста шавад.

Дар паси гӯши Таманно овози малакутие мерасид:

*«Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,*
*Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак!»*

Анҷоми қисса

*15 августи соли 2010*

## ГАР МЕТАВОНӢ, БАХШО…
***(қисса)***

Баҳруллоҳ хабар дод, ки Соима нотоб аст.

– Хабар гир, охир, – зоҳиран беэътиноёна гуфт Файзуллоҳ.

– Чанд бор ба аёдаташ рафтам… Маро мебахшед.

– Чаро бахшиш мепурсӣ? Рафтаӣ, рафтаӣ-дия. Вай аз ман дида ба ту наздиктар буд. Шумо ҳамсинфони собиқед.

– Ростӣ, дилам ба ҳолаш сӯхт. Ба рӯҳи поки Шайх Абулқосими Гургонӣ қасам, ҳоли табоҳе дорад. Кӣ медонад, чӣ мешавад… Ба ҳар ҳол як хабар мегирифтед… Шуморо аввалҳо дар омади гап мепурсид. Сонитар, то он ки аз забон монд, бо оҳанги илтиҷо сухан мекард. Кош як бор медидам, мегуфт.

– Ҳмм… Ба ҳар ҳол хуб намешавад. Яке муаллим дарак ёбанд. Танҳо набудагист. Фарзандонаш…

– Муаллим чӣ мегуфтанд? Аввало, он кас ҳамеша аз оилаашон дилпур буданду ҳастанд, дигар ин ки ҳоло вақти рашку ҳасад нест. Аз умри Соима чанд рӯз мондааст, кӣ медонад …

Бо ин суханон Баҳруллоҳ ба дили реш-реши Файзуллоҳ теғе зад.

– Даҳонатро пӯш. Ҳоло аз маргу мир ҳарф назан. Умр ба касе вафо накардааст. Вақташ ояд, ҳама пасу пеш мешавем. Ҳоло чӣ умр дидаем, ки…

– Ба хаёлам, рӯзаш баҳисоб мондааст. Оқибат инсулт корашро кард... Афсӯс, ҳамин хел зан... Тарсам, ки дер кунед, – чашмони Баҳруллоҳ об гирифтанд.

Аз ин гапи амакбачааш дили Файзуллоҳ ганда сих зад. Ҳарчанд ба шӯхии навбатии қалби дардкаш эътибор додан намехост, нашуд. Ба хараки сари роҳ нишаст. Баҳруллоҳ «Як дақиқа, ако…» – гуфта, тез-тез қадамзанон ба кадом як биное даромада рафт. Файзуллоҳ аз паси амакбачааш бо ҳавас нигоҳ мекард. Танаш дард надораду дилаш ғам, ҳарчанд ки раҳпӯйӣ аз пайраҳаи язнааш обрӯманд нагардонд… Ба мисли падараш, ки зоҳиран дунёро об барад, парво намекард, чусту чолок аст.

– Ако, об нӯшед. Дар киса дору доред?

Баъди андаке ҳоли Файзуллоҳ беҳ шуд. Аз ҷой хесту гуфт:

– Хайр, рафтем.

Амакбачаҳо хапу дам мерафтанд. Ҳарчанд ба беморхона наздиктар мерасиданд, мадори пойҳои Файзуллоҳ камтар мешуд. Баҳруллоҳ ӯро пушти тирезаи палатае роҳбаладӣ кард, ки чанд тан паст-паст суҳбат доштанд. Файзуллоҳ касеро нашинохт.

– Ако, инҳо додарзодаҳои муаллима ҳастанд, – аз афти ҳол ӯ муаллима гуфта Соимаро дар назар дошт.

– Ассалому алайкум, – ҷониби марди тақрибан чилу панҷ – панҷоҳсолае даст дароз кард Файзуллоҳ, – шумо, агар хато накунам, Рустамҷон ҳастед?

– Ваалайкум ассалом. Хато накардед.

– Ина бинед-а, аз миён ин қадар вақт гузаштаасту симои кӯдакиатон аз пеши назарам дур намешавад. “Шумо Рустами достон ҳастед”, – гӯям, “Не, нуми ман – Луштами даштон ”, – мегуфтед. Ман ҳамдеҳаатон Файзуллоҳ ҳастам.

– Шунидаем. Шумо нағзед? Фарзандо нағзанд?

– Шукр, шукр.

– Инҳо – хоҳарони ман.

– Яке Заҳрову дигаре Суро[1]. Ҳамин тавр не?

Занҳои деҳотӣ, ки дар бар нимча доштанду рӯймолҳоро аз зери манаҳ баста буданд, ба ҳамдигар бо тааҷҷуб чашм партофтанд.

– Хоҳарони ҷун, шумоюн ҳама нағз ҳастетун? Саломат ҳастетун? – Файзуллоҳ бо шеваи хоси фалғариён пурсу пос мекард, – амметуна хабаргирӣ умадетун? Нағз-нағз.

– Мо ҳам дӯсти бачагимона хабар гирем, гуфта омадем, – гуфт Баҳруллоҳ, – одама мешинохта бошанд?

– Мешиносанд. Аз забон монда бошанд ҳам, ҳама чизро дарк мекунанд. Гоҳо фикрашуна кӯтоҳак навишта ҳам медиҳанд.

Ду амакбача ба аёдати бемор шитофтанд. Баҳруллоҳ бо зораву илтиҷо аз духтур барои Файзуллоҳ рухсат гирифт.

– Мариз баъди сӯзандору нав ором гирифтааст. Бинобар ин, як назар бинеду баргардед.

– Як сомонӣ, – бо нигоҳи карахт зани дарбон ба Файзуллоҳ хилъати дарзмолнодидаи ҳаворангеро дод. Баҳруллоҳ дарҳол сесомоние дароз кард.

– Раҳмат, – чеҳраи зан кушода шуд, – ба палатаи якум дароен, ака!

Файзуллоҳ худро басе ноҳинҷор эҳсос мекард. Дарро кушодан замон аз дил гузаронд: “Ё пирам, мадад!” Ва пештар рафт. Худоё, наход ҳамин зан Соима бошад? ӯ чашм пӯшид. Пеши назар дӯшизаи ҳаждаҳсолаеро овард, ки дар тан ҷомаи майдагули чит дошту ба сар рӯймоли гардии гулобӣ, кокулони занҷирвор майдабофиааш пеши барашро гирифта. Шояд аз шарму ҳаё ва ҳаяҷони ботинӣ буд, ки

---

[1] Яъне, Соро

духтар ғунчаи лабонашро мегазид. Ин волаву шайдо даст ҷониби он офати ҷон дароз карда мегуфт:

***“Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро...”***

Дӯшиза давом медод, ки:

***“Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро!”***

Ошиқ мепурсид, ки:

***“Ман чӣ гӯям, к-он чунон бошад, ки ҳадди ҳусни туст?”***

Маъшуқа тараннум мекард, ки:

***“Ҳам ту худ фармо, ки чунӣ, то чунон гӯям туро!”*** [1]

– Мебахшед, вақти баромаданатон шуд, – аз таги дар бо овози паст гуфт ҳамшираи шафқат.

Файзуллоҳ чашм во кард. Бемор таҳайюромез ба ӯ менигарист. Ҳарчанд гирди чашмони як вақтҳо шаҳлои Соимаи соҳибҷамол вараму халта ва нигоҳи масткунандааш хаставу хира метофтанд, Файзуллоҳ аз онҳо маъние меёфт, ки дигар кас гумон аст, дарк кунад. Мард бо овози хаста он абёти шиносро такрор хонд:

*Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,*
*Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро!*

*Ман чӣ гӯям, к-он чунон бошад, ки ҳадди ҳусни туст?*
*Ҳам ту худ фармо, ки чунӣ, то чунон гӯям туро!*

*Ҷони ман, бо он ки хос аз баҳри рафтан омадӣ,*
*Соате биншин, ки умри ҷовидон гӯям туро.*

*То рақибонро набинам хушдил аз ғамҳои хеш,*
*Аз ту бинам ҷабру бо худ меҳрубон гӯям туро.*

*Баски мехоҳам, ки бошам бо ту дар гуфтушунид,*
*Як сухан гар бишнавам, сад достон гӯям туро...*

Ашк андар косаи чашмони мариз лабрез шуд. Ва дасти рости бемадор оҳиста ба ҷунбиш даромад. Файзуллоҳ ҳадаҳа ба зону зад ва дасти он фариштаро гирифту ба лабонаш наздик бурд. Аз ду гӯшаи чашмони ёр оби дида ба чоки гиребонаш рехтанд. Аз берун шарфаи пои касе шунида шуд.

– Ака, духтур моро сарзаниш мекунанд. Вақт шуд, – мегуфт

---

[1] Ин мисраъҳо порае аз ғазали Ҳилолианд.

ҳамшираи шафқат, дар ҳолате ки аз роғи дар ба берун хавотиромез чашм мепартофт.

Бемор ба чизе ишора кард.

– Чӣ? Чӣ мехоҳед, азизам?

– Ин кас қаламу коғаз мепурсанд, – ҳамшира тарҷумонӣ кард.

– Марҳамат, – Файзуллоҳ аз бағалкисааш дафтарчаву худнавис баровард. Соима бо азобе навишт: “Шеъре, ки ваъда карда будед, эҷод нашуд?” Ҳамшираи шафқат ба хати райҳонии ниёгон, ки Соима нигошта буд, бо ҳавас нигариста пурсид:

– Муаллима бибиотун ҳам ҳастанд?

– Бале, эшон ҳам отун ҳастанд! Ҳам бону ҳастанд, кадбонуи кайвонӣ ҳастанд! Шаҳбонуву шаҳрбонуву шаҳдбону ҳастанд!

Чашмони бемор маҳзун механдиданд.

– Шумо ба ин кас кӣ мешавед?

– Дар қатори даҳҳо гирифторонашон яке манам. Яъне, аз дӯстони бачагии эшон ҳастам.

– Аҷоиб! Ба хаёлам, ин гуна дӯстӣ дар замони мо намондааст.

– Ба шумо ҳам Худованд ҳамин гуна муҳаббати бузург насиб гардонад.

– Ташаккур!

– Бону, ман ҳатман меоям. Он шеъри ваъдагиро ҳатман меорам.

– Файзуллоҳ дасти Соимаро оҳиста фишурду рӯйи бистар гузошт. Бемор дар ҷавоб бо ишорати чашм худоҳофизӣ кард. Ҳангоми баромадан нигоҳи Файзуллоҳ ба ҷавонзани фарангипӯше афтод, ки рӯ ба тиреза беовоз гиря мекард...

* * *

Чандин сол мешавад, ки ӯ муқими Ёвон аст. Аз ҳамон ҷо хонадор шудааст. Соҳиби фарзандони баркамолест. Дар ноҳия соҳибобрӯ ҳам ҳаст. Калонсолон язна ном мебарандаш. Маъракаву маҷлисе нест, ки бе иштироки Файзуллоҳ гузарад. Дар вақташ ҳам ӯ аз дарду ғам худро ба паноҳи ҳамин мардуми шӯху дарёдил гирифта буд. Агар давраҳои пурнишоти дӯстони ёвониаш намебуданд, сурудҳои дилнишини Қорӣ намебуд, дарди дил хоки ӯро кайҳо ба боди фано медод. Ҳар сол як-ду маротиба дар шӯъбаи касалиҳои дили беморхонаи пойтахт бистарӣ мешавад. Он рӯзҳо маҳфили бачамардони ёвонӣ гӯиё ба Қаряи боло мекӯчад. Ҳарчанд духтури муолиҷагар ба ёру ошноҳои Файзуллоҳ таъкид мекунад, ки ба бемор муҳити орому осоишта лозим аст, онҳо омаданро бас намекунанд. Роҳе меёбанду «медуздандаш». Дар даруни мошини сабукравашон тағйири либос

мекунонанд. Ва мебаранд ба дараи хушманзараи Варзоб. Баъди ду-се соат бо ду дасти адаб чунон оварда мемонанд, ки … Хаёлашон, духтур хабар намеёбад. Аммо Зарифиро фиреб кардан мешавад магар?

– Мефаҳмам, Файзуллоҳҷон. Бе сухани соқӣ май дар шишаҳо боқӣ мемонад, давра наметасфад, ғам аз синаи ҳабибон дур намешавад, вале ғами дили дардманди шуморо кӣ мехӯрад?

– Шумо-дия, духтурҷон.

– Ҳабибон, ки натавонистанд, ниёз ба табибон мемонад, гӯед…

Ӯ чеҳраи гарму нигоҳи нарми духтурро пеши назар оварда табассуме кард. Чӣ шариф мардест Зарифӣ. Воқеан, шеъри хуб ҳам мегӯяд.

Файзуллоҳ дар хонааш низ ором наёфт. Ба «Ҳозир омадӣ, боз ба куҷо?» – гуфтанҳои ҳамсараш эътиборе надода, худро ба кӯча зад. Куҷо равад? Ку Қории булбуловоз? Ку он марди равшанзамир, ки чашми дили садҳо хунинҷигаронро об медод? Рафт. Бебозгашт рафт. Уфф… Ба хонаи Миршакар равад? Чӣ мегӯяд ба ӯ? Дуруст аст, ки ҷавонмардии вай гузарост. Вале аз азобе, ки имрӯз Файзуллоҳ мекашад, огаҳӣ ёфтани ӯ хуб нест. Ба ҳар ҳол Миршакар бародари ҳамсари ӯст. Миршакари улфатбоз замоне аз дарди Файзуллоҳ дарак дошт. Онҳо дар як мактаби олӣ мехонданд, дар як иҷорахона мезистанд, ҳар ду ангуштнамои донишгоҳ буданд. Аслан, онҳоро ишқи шеър ба ҳам унс гиронда буд. Дар факултаи суханшиносӣ, ки Миршакар таҳсил мекард, маҳфили қаламкашони ҷавон фаъол буд. Дар он шоиршавандаҳо, бале, аксаран шоиршавандаҳо қариб аз ҳамаи факултаҳо ҷамъ меомаданд. Албатта, аз сӣ-чил нафаре, ки он солҳо гули сари сабади маҳфил буданд, чанд нафар ба мақсад расиданду халос. Вале Файзуллоҳ амин аст, ки дар дили аксари иштирокдорон оташаке буд. Он оташаки завқ агар аланга назаду он соҳибдилон маъруфу машҳур нашуда бошанд ҳам, адабиётдӯст монданд.

Ба раис занг занад? Не, гумон аст, ки бо суҳбати телефонӣ занги дилро зудуда тавонад. Қодири дастархондор ҳам аз дӯстони давраи донишҷӯйии Файзуллоҳ аст, ки узви маҳфили «Навқалам» буд. Ӯ ҳамон солҳо ҳам ба эҷод сару коре надошт. Худ қоил мешавад, ки аз паси Миршакар ба маҳфил мерафту ҳамеша шунавандаи хуб буд. Рост мегӯяд раис. Вай завқи баланди идроки шеърро дорад. Имрӯз раиси шоирпарвар ном гирифтааст. Ӯст, ки дар Ёвон чунин давраҳои пуршарру шӯрро зуд-зуд барпо мекунад. Барҳақ, чунон ки худи раис мегӯяд, маҷлиси унси Ёвон давомдиҳандаи маҳфили донишҷӯёни солҳои ҳафтод аст. Андар ин ҳамойишҳо адибону зарифону латифону шарифону… баъзан як-ду нафар аҳмақону шалақон ҳам гирд

меоянд. Онҳо худашон ба истилоҳ доирахабар меоянд ба чунин нишастҳо, аммо раиси дарёдил ба тарафи ононе, ки аз ҳузури бемуроот ҳозиршудагон изҳори нохушӣ мекунанд, як чашмакӣ мезанад, ки маънои «Парво накунед»-ро дорад. «Ва бепарво ҳам набошед», – аз дил мегузаронад дар ҷавоб Файзуллоҳ. Ӯ суҳбати баъзе аз ин ҳамнишинонро хуш надорад. Раис баъд аз мутолиаи «Наводир-ул-зиёия»[1] ин қабил одамонро ба тоифаи «ҳумақо» дохил карда бошад ҳам, аз давра намеронад. Аммо Файзуллоҳ аз «суҳбат»-и онҳо худро дур гирифтан мехоҳад. Вале Воҳид, ки Қатаған лақаб дорад, маҳз бо Файзуллоҳ бар ба бар нишастан мехоҳад. Дӯстони қадима ба ҳоли Файзуллоҳ механданд:

– Чӣ илоҷ? Магас ҳамеша ба асал мечаспад.

Диданд, ки Файзуллоҳ заҳрханде мезанад, шӯхиро давом медиҳанд:

– Чӣ хуш гуфтааст Пури Сино:

*...Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,*

*Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст.*

– Намедонам, ин байт барои ман баринҳо гуфта шуда бошад ё барои ҳамрангони шумо?

– Ё ҳарду.

Аммо Қатаған ба маънои ин байт сарфаҳм намеравад. Одатан, вай дар зиёфатҳо лоф заданро дӯст медорад.

Файзуллоҳ ба меҳмонхонаи раис рафт. Қодир имрӯз низ аҳли унсро зиёфат медод. Суҳбат дар тасф буд. Мазмун, кадоме қисса мекард. Ҳо, лаҷоми сухан дар дасти Қатаған аст. Файзуллоҳ дар пушти дар таваққуф кард.

– Катаи мо, Худай рахматуш букна, аҷаб адами зӯр будай. Умри сарушда ба даст кетман[2] гириптагӣ набудай. Кӯху пуштада молбоқарӣ[3] накарда будай. Лекин хамиша дегуш пури гӯшт будаю хумуш пури мой.

– Пирамард шаробу кабобро дӯст медоштаанд? – мепурсид раис.

– Ошна, aроғ[4] нагуптум, мой гуптум. Мой, демак[5] рӯған гуптани гапай, дӯстум, пахмиден-ма?

– Андак-андак фаҳмидам.

---

[1] Асари Шарифҷон Махдуми Садри Зиё дар назар аст.
[2] Кетман – каланд
[3] Молбоқарӣ – подабонӣ
[4] Арок – арақ, май
[5] Демак – калимаест, ки дар оилаи забонҳои туркӣ одатан пеш аз ҷумла ё ибораи тафсирӣ меояд, муродифи калимаи «яъне».

– Чӣ гапи нопахмо задум, ки андак пахмидену андаки дигар напахмиден?

Раис механдид. Ба гап Миршакар ҳамроҳ шуд.

– Охир, катаат чӣ касе буд, ки кор накарда рӯзгори шоҳона доштааст?

– Катаи мо, яъне, атамона аташа аташ будагӣ. Катаи мо аз хисоби мардуми беақл зиндагии шохона доштагӣ.

– Нафаҳмидам... Он кас талбандагӣ мекарданд магар? – кунҷкобӣ мекард Миршакар.

– Гапа медонум, гупта, аз худ нарав, ошна! Катаи мо дузд будагӣ. Ошур – ном доштагӣ. Дузди одӣ набудагӣ. Қароқчи[1] будагӣ.

– Чӣ хел? Ошур-дуздак... дузди калон? – изҳори тааҷҷуб мекард кадоме.

– Катаи мора қадуш паст будагӣ, барои хамин номи Ошур-дуздак қатӣ донгаш[2] буромадагӣ будай. А так, худуш дузди калон будагӣ, – аз афти ҳол Қатаған нарангушти дасташро рост гирифта нишон медод, – Анамин хел, одами зӯр будагӣ!

– Ҳмм...

– Ай чӯби заранг як тӯқмоқ[3] доштай ӯ. Хар бега, хамин ки вақти хуптан шуд, ба шикор мебаромадай катаи мо. Момакалонамон, ки зани хурдии катаамон будагӣ, хавотир шуда “Боз куҷо?” гупта мепурсидай. “Шумо чор зану қариб сӣ парзанда хӯрондан осон набоша, ризқковӣ меравум. Якта-нимта бевақт мондахо пайдо шуда мемондагист, ахир”, – тӯқмоқаша сари китпаш гирипта тарапи собот мераптай қароқчӣ-катам. “Ризқа аз Раззоқ талаб кун, мардак”, – ба инсоп мекашидай тоҷик-момa. “Рӯзи дароз дахана кушода, Парвардигари раззоқ, ризқамоя бите, гупта хав раптем, ҳеҷ чиз надод. Мана, як тарапойи Гургон равем-чӣ, Худай, ки надод, зора тоҷик бута”, – аз рах намегаштай вай. Шиоруш “ўғлон сўзидин кечмас, арслон йўлидин!”[4] – будай, ахир. Катаи мо марди шердил будай-да. Иш қилиб[5], мардака ягон ягон бор шикоруш бебарор намешидай. Ай дасти катаи мо мардуми қишлоғойи Санггирдаку Хиндустондара ба дод омада будагӣ будай. Хозир он қишлоғода одам намундай. Хукумат ба водихо кӯчондагӣ.

– Чун мардуми деҳоти кӯҳии Ҳиндустондараву Санггирдакро ба

---

[1] Қарақчӣ – роҳзан
[2] Одами донгаш буромадагӣ – шахси овозадор, маъруфу машҳур
[3] Тӯқмоқ – гурз
[4] «Мардбачча аз гапаш, шер аз роҳаш намегардад.» Тарҷумаи таҳтуллафз.
[5] Ишқилиб – коре карда, ҳаройина

поён кӯчондаанд, минбаъд ризқи бобкалони шуморо кӣ медодааст? – ба гулхани суҳбат гӯиё чанд параха мепартофт раис.

– Э, ошна, ин гапойи эски[1]. Катаи мо, кӣ медонад, вақти амири Бухорода яша[2] каагӣ-ма, ё даври босмачигарида-ма...

– Бобокалони шабзиндадорат одатан чиҳо шикор мекардааст? – ин овози Миршакар аст, ки гапковӣ мекард.

– Ҳар чизи дастушда омадара. Зану духтаракои хушрӯ бошад, ҷон-ҷон гупта медуздидай. Момакалони мо Парида ном доштай.

– Момакалонат Парида ном доштааст ё Фарида?

– Намедонум, шояд Фарида бошад. Вай духтари як бечорахаки санҷидакӣ будай. Падари беақлуш духтари қадраси фахтадак оппоғаша[3] қатиш ай Санҷидак ба хонаи момаи модариаш Санггирдак мебурдай.

– О, Воҳид, духтарак пахта барин будааст ё фохтак барин?

–Хой, барака топгур[4], ман фохтакдак гуптам-ма? Фохтак куррок не-ма? Қойдаш, одам фохтакда мундок[5] мешидай-ма?

– Худат фахта барин гуфтӣ-ку...

– Э Худайим-е, Парида гӯям, Фарида гӯй, меген, фахта гӯям, гоҳ пахта мегену гох фохтак меген. Шумо одамои аҷиб ҳастен! Ана, Паридара Фарида гуптан пас, Парира чӣ меген!? Фарӣ меген-ма!? Дидед, тӯғрӣ намебияд, – чашму рӯйи Воҳиди Қатаған чун тоҷи хурӯс суп-сурх шуд.

– Зап забондон шудӣ-да, ҷӯра. Хайр, бе сурху сафед шудан гап зан акнун...

– Ҳа, ором шав, Воҳидҷон, – раис мулоим гап мезад.

– Аслида, шума чӣ мехохен? Лапзи мана намепахмен-ма? Тоҷикмомаи мо ҷавонзани пахтадак оппоқ, яъне, как белая вата[6] будагӣ. Энди[7] пахмиден-ма?

– Фаҳмидем, фаҳмидем, қиссаи Ошур-дуздакро давом деҳ.

– Гапа қисқаш[8], ярим йӯлда[9] торикӣ паромадай. Падару духтар ягон дехаи сари рахда шаба рӯз мекунем, гупта, балои азимда мон-

---

[1] Эски – кӯҳна
[2] Яша кардан – зиндагӣ кардан
[3] Оппоқ, оппоғ – сап-сафед
[4] Барака топгур – барака биёбӣ.
[5] Мундок – моно, мониста, монанд
[6] Пахта барин сап-сафед
[7] Энди – акнун
[8] Гапа қисқаш – хулласи калом, қисса кӯтоҳ
[9] Яримйӯл – нимароҳ

даанд. Як хамгашти рахда Ошур-дуздак ба сари марди мусопир бо тӯқмоқ зада бехуш кардаю дахани духтаруша баста, ба сари эгар[1] кундаланг партопта, ба Ғарав овардай. Духтари бечорара, ба нею нестонуш нигах накарда, ким-сан донгаш буромадагӣ Ошур-дуздак никох карда гириптай.

– Во, баччағаре!!!

– Бобокалонат аз худат монданӣ надоштааст-ку.

– Вах-ха-ха-ха!!!

– Таъсири ирс-дия.

– Ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ!!!

– Гени[2] Ошур-дуздак бақувват будааст, ба Худо!

– Ҳой боракалло! – ҳозирин, ки аллакай ширакайф шуда буданд, Воҳиди Қатағанро шерак мекарданд.

– Лекин, чӯрахо, ман ай Ошур-катам хеҷ чиз гириптагӣ не. Тамоми хунари ун касра хешбаччаи мо Восид сохиб шудагӣ буд...

Файзуллоҳ нахост дарун дарояд. Ба замин туф карду номаълум ақиб гашт. Ин бегаҳ "маҷлиси унс"-ро намояндаи "Ҳумақо" метасфонид. Пеши назари ӯ чеҳраи гарми КаромаТиллоҳ меомаду паси гӯшаш садои нарми ин овозхони ҷавонмарг.

*"Санги мазорам, ҳой, санги мазорам..."*

"Эҳ фалаки наркушу модапарвар..." – аз дил гузарониду дами сарде кашид Файзуллоҳ ва тез-тез қадам партофта ба хамгаште тоб хӯрд.

* * *

Аз пеши назараш қомати раънои Соима дур намешуд. Чӣ ҳусну ҷамоли оламгире дошт духтар! Бо гуфти дӯстон, Файзуллоҳ бачаи нодида не, яъне, аз ҷинси латиф даҳҳо ёру ошно дорад, ки дар ҳусну малоҳат бекамианд. Ҳамнишинон ба ӯ ҳавас ҳам мекунанд, ки бе сарф кардани пулу пайса, танҳо бо ширинсуханиву лутф зебосанамонро ба худ волаву шайдо мегардонад. Қодир гоҳо шӯхикунон мегӯяд: "Бо ҳамин сохту сикка, бо ҳадяву бахшишҳои бебаркаш мо чени ин булҳавасак натавонистем парирӯёнро тарафи худ моил кунем. Мо тан додаем, Файзуллоҳҷон, ошат шавад. Рост мегӯям, ошат шавад, дӯстам!" Аммо раис чӣ медонад, ки дили Файзуллоҳ аз чӣ дардманд аст? Агар медонист, ки васли садҳо соҳибҷамолонро ба

[1] Эгар – зин
[2] Ген – ирс

хоки пойи Соима иваз нахоҳад кард, ҳаргиз дӯсти хешро ҳатто ҳазломез булҳавас намегуфт...

Бале, ишқи он офати ҷон буд, ки ба қаламу дафтар унс гирифт. Дар имтиҳони дохилшавии донишгоҳ аз иншо баҳои “аъло” гирифта буд. Шояд ҳамон иншо боис шуда бошад, ки ҳанӯз дар дарси аввал ҳангоми ҳасту нест кардани шогирдон олими шинохта Шарифзода ба ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда буд.

– Кабиров.

– Ман.

– Файзуллоҳ шумоед, писар?

– Бале.

– Воқеан, шумо аз куҷо ҳастед?

– Ватанам – СССР, – бо ҷиддияти том ҷавоб дода буд Файзуллоҳ. Донишҷӯён ҳама хандиданд. Вай медонист, ки агар зодгоҳашро гӯяд, албатта, ин муколама дароз мешавад ва устод ҳатман мепурсад, ки ба фалонӣ қаробате надоред? Файзуллоҳ намехоҳад, ки аз паси бародари номвараш калонӣ кунад. Бародари эҷодкораш бо мадади касе ба ин мартаба нарасидааст. ӯ табъи худодод дорад. Агар фаҳмад, ки номи ӯро ба савдо мегузоранд, сахт хоҳад ранҷид. “Ватанам – СССР” гуфтани Файзуллоҳ барои Шарифзода ҷавоби ногаҳонӣ буд магар, ки ранги рӯяш тағйир ёфта бошад ҳам, табассумкунон гуфт:

– Офарин, аммо ман фаҳмидан мехостам, ки муаллими забону адабиёти шумо кист?

– Хаёлатон, ҳамаи муаллимони забону адабиёти ҷумҳуриро мешиносед, устод?

Дигар дами ҳамсабақон ба дарун афтода буд.

– Агар хатмкардаи ҳамин даргоҳ бошанд, чаро нашиносам? Ба ҳар ҳол, муаллиматон хуб хизмат карда будааст. Аҳсан!

Агар Файзуллоҳ сидқан қоил мешуд, ки устодаш ишқ буда, яқинан Шарифзода меранҷид. Аз ин рӯ, “ташаккур” гуфта ба ҷояш нишаст. Он рӯзҳо саргарми ишқи Соима буд ин ҷавони бебок. Худро хушбахти хушбахтҳо мешуморид. Аз муҳаббат миннатдор буд, ки барояш пирӯзӣ овардааст! Қариб ҳар рӯз мактуб менавишту мактуб мегирифт. Аз ҳар лаҳзаи ҳаёти донишҷӯияш номаҳое менигошт, ки обу ранги бадеӣ доштанд. ҳНавиштаҳояш оҳанги шеър мегирифтанд. ӯ ёри хешро бо тамоми зебоиҳои олам ташбеҳ медод. Ва ҳамон сон мактубҳое мегирифт, ки накҳати нозуки атри гесувони Соимаро дошт. Одатан, номаҳои маҳбубааш бо шеър оғоз мегардиданду бо шеър анҷом меёфтанд. Гӯиё ӯ ба гирифтори хеш дарси шеър меомӯхт! Маъмулан, духтар дар ҳар нома таъкид медошт, ки пас аз хондан ҳатман руқъаро

сӯзонад. Файзуллоҳ ҳамин хел ҳам мекард, вале аввал борҳо мехонд, то ҳадде, ки азёд мешуданд он сатрҳои рӯҳафзо. Ба ин васила ашъори қудсии Ҳофизро ҳифз мекарду ғазалиёти ошиқтарин шоири клоссик Ҳилолиро, беҳтарин байтҳои Бедилро, ки он вақтҳо барои ҷавони каммутолиа муаммое беш набуданд. Гоҳо духтар аз забони Саъдӣ гирифтори хешро панд ҳам медод, ки дар шаҳри калон худро гум накунад. Файзуллоҳ чун ғуломи ҳалқабаргӯш амал мекард. Аз ҳадди эътидол берун пой гузоштан чӣ? Балки ӯ тасаввур карда наметавонист, ки ба ҷуз ёди ёри беназири худ номи дӯшизаи дигареро ба хаёлаш ҷой диҳад. Он гуна амал мекард, ки Соима мехост, яъне, пайваста дониш меандӯхту ҳамеша дар ангораи хаёл бо он ёри якто якҷо мебуд. Худ тасаввур намекард, ки ҳатто дар семинарҳои "Таърихи КПСС"[1] бо панди ниёкон суханро зевар мебахшид, шеъргуна ҳарф мегуфт. Ин ҳама аз чашмҳо дур намемонданд. Ноаён миёни ҳамсабақон ҳамчун як ҷавони суханвару хушзеҳн маҳбуб мегардиду сонитар ангуштнамои факултаи шарқшиносӣ. Бо талқини дӯсташ Миршакар баъзе аз чакидаҳои қаламашро ба рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" бурд. Дастандаркорон аз байни шеърҳо дутояшро ҷудо карда гирифта, супориш ҳам доданд, ки аз ҳаёти донишҷӯёни донишгоҳ хабару мақолаҳо нависад. Иттифоқо, он рӯз муҳаррири шӯъбаи "Ҷавонӣ"-и родиё ба идораи рӯзнома ба чӣ коре омада будааст. Ӯ чанд шеъри дигарро интихоб ва муаллифи навқаламро ба ҳамкорӣ даъват ҳам кард. Ҳамин тавр, бо мадади қаламкашони номӣ ҳам хомаи ӯ тезтар мешуду ҳам моҳе панҷоҳ-шастсӯмӣ ҳаққи қалам мегирифт.

Ниҳоят соли аввали таҳсил анҷом меёфт. Ӯ хурсанд буд, ки аз санҷишҳо комёб гардидаву аллакай ду имтиҳонро бо баҳои "аъло" супорида тавонист. Насиб бошад, дар миёни ҳафта имтиҳони охиринро низ месупорад. Ана, сонӣ сӯйи зодгоҳ бол хоҳад кушод! Ба висоли парипайкари худ хоҳад расид! Бо ҳамин хаёлҳои ширин буд, ки КМ ВЛКСМ донишҷӯёнро ба ҳашари умумииттифоқӣ даъват кард. Файзуллоҳ ҳамчун донишҷӯйи фаъол наметавонист ба даъвати комсомол лаббай нагӯяд. Дар ин хусус зуд ба Соима навишт. Ёри рамузфаҳм дар ҷабҳаи мардонагӣ барояш барори кор хост. Ҷавонон имтиҳони охиринро пеш аз муҳлат супорида, ба даштҳои Қазоқистон баҳри ҷамъоварии ғалла раҳсипор гардиданд. Он солҳо иштирок дар ҳашарҳои Умумииттифоқӣ шарафмандӣ ба ҳисоб мерафт. Албатта,

---

[1] Таърихи КПСС – Таърихи ҳизби коммунист; солҳои Ҳукумати Шӯро дар макотиби олӣ таърихи ин ҳизб ҳамчун фанни муҳим ба таври ҳатмӣ омӯзонида мешуд.

баъдтар аз забони котиби генералии ҳизби коммунист, ки амалан сарвари давлат буд, “Нон бошад, суруд ҳам мешавад!” ҳамчун шиор садо дод. Вале дар асл ин нидои қалби мардуми меҳнаткаши солҳои ҳафтодум буд, ки сериву пурии замони хешро васф мекарданд. Дӯстдоштатарин сарояндаи ҷавон Ҷӯрабеки Мурод шеъри маъруфи устод Турсунзодаро бо оҳанги марғубе бо садои фалаксой мехонд:

*Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,*
*Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм!*

Аз ёди мардуми шӯравӣ солҳои ҳукмронии Н.С.Хурушёв ҳоло набаромада буд. Файзуллоҳ ҳам ба хотир дорад, ки чанд сол шӯравиён аз зағорахӯрӣ ба дод омадаву қариб бӯйи ҷонбахши нони гандумиро фаромӯш мекарданд. Бачаҳои даҳ-дувоздаҳсола буданд. Субҳи солеҳон ба кӯча метохтанд. Аз маркази ноҳия ба саҳни масҷиди кӯҳна мошини нонкаш меомад. Мардум чун дар солҳои қаҳтӣ баҳри нони сиёҳе, ки агар дар каф фишор диҳӣ, ба хамир табдил меёфт, навбат мегирифтанд. Нони дилнокаше буд булкаи сипсиёҳи вазнин. Одатан сӯбҳонаро онҳо дар лаби оташдони хонае мехӯрданд, ки ҳам ҷойи хоб буду ҳам ошхона. Модар Файзуллоҳро, ки дар навбати нон хунук хӯрда буд, ба лаби оташдон ҷой медод. Ба рӯйи дастархон дар қатори нони булка як табақча шакар ҳам мегузошт. Кӯдакон бурдаи нонро аввал ба табақчаи шакар зада, сонӣ ба даҳон мебурданд. Нон қадре мазаи беҳтар пайдо мекард. Гоҳо ба ғайр аз нону шакар андак тутмавизу ғӯлинг, чормағзу мавизи ҷойдорӣ низ медод модар. Лахчаи оташдонро қадре пеш кашида, дунбули ҷуворимаккаро кабоб карда медоду мегуфт:

– Шукр кунед. Солҳои ҷанги ҷаҳун дар деҳа ҳар рӯз чандин кӯдак нун гуфта ҷун медод. Мардум як каф орд наёфта, решаи гулу гиёҳ мехӯрданд. Дар кӯҳу камар на пиёзи анзур мунда буду на торуну на гули ҳолмун. Ҳамая решаков карда меоварданд. Аз решахойии зиёд баъзеҳо варам карда мемурданд. Ҳа, шукр кунед, фарзандунам. Илоҳо, аз ин бад накунад, мо дидагӣ рӯзҳои гушнагия шумо набинед...

Вале дар ҳамон рӯзҳо ҳам шиками бархе аз нони гандумӣ сер буд. Масалан, аз оилаи амаки Миронқул касе дар навбати нони булка намеистод. Писари хурдии вай – Умарқул ба мактаб ҳар рӯз нимто нони сап-сафеди ширмол меовард. Бародари ӯ, СардорқулиЧилдурӯғ дар Ҷамъияти матлуботи ноҳия сармуҳосиб буд. Ҳоло Чилдурӯғ дар маҳбас аст. Бо ҷуҳудҳои Самарқанд, ки бо тило доду гирифт мекардааст, ба даст афтодааст. Зани ҷавонаш ҳамроҳи чаҳор тифлаш се сол

инҷониб роҳпоянд. Назар ба гуфтаи мардум, Умарқул аз ҳоли зану фарзандони акояш хабар намегирифтааст. "Он молу маноле, ки давлат аз бародарам мусодира кард, аз дарё қатраест. Хушдомани золаш ҳамаро аз худ карда, гирди хазинаи бародарам аждаҳовор ҳалқа зада гирифтааст. Дороии бародари ман бо хӯрдан тамом намешавад", – мегуфтааст.

Файзуллоҳ ба ҳаракати комбайнҳо дар гандумзорҳои нопайдоканори чӯли Қазоқ дида медӯхту ин ҳамаро пеши назар меовард. Ӯ хӯшаеро дар каф молиш дода, пуф-пуфкунон донаҳоро тоза карда, ба даҳон андохт. Чӣ маззаи хуше дорад гандуми расида. Пеши назар модараш омад, ки аз суфра ба корсон орди сап-сафеди дубезаро меандохт. Оҳ, кулчаҳои сурху сафед пухтаи модар кулчаҳои рӯйи Соимаро мемонданд!...

* * *

Он бегоҳ оши палав мепухтанд. Дар ҳаёти донишҷӯйӣ ҳар рӯз пухтани палавхонтӯра аз имкон берун аст. Деги донишҷӯй он гаҳ гӯшту равғану биринҷи девзираро мебинад, ки аз деҳа ягон нафар дастовез орад. Албатта, донишҷӯй моҳе як бор пулдор ҳам мешавад, аммо рӯзе, ки идрорпулӣ ба даст мерасад, ҳеҷ кас чун мардони рӯзгордида ҷониби бозор намеравад, то гӯшту равғану сабзавот харида, ғами якмоҳаи рӯзгорашро бихӯрад. Ҳармоҳа пуле, ки донишгоҳ медиҳад, ба маоши серӯза базӯр мерасад. Дар чунин рӯзҳо донишҷӯён ҷавонмард мешаванд! Натарсида духтаронро ба кинову консерт даъват мекунанд, ҳамроҳи ҷӯраҳо ба қаҳвахонаву чойхонаҳо медароянд.

Ин бегоҳ ба Қодир аз Ёвон даҳ-понздаҳ кило биринҷу хелеяк қазиву қайла, ним халта кулчаву фатир фиристода буданд. Се ҳамхона даст ба даст дегу табақ мекарданд.

– Агар медонистам, ки ин бегаҳ дастархони мо моломоли нуқлу наво мешавад, бе ҳеҷ истиҳола Ҷамиларо ба хона даъват мекардам, – гӯиё дар омади гап гуфт Миршакар. Ҷӯраҳо дар ҷавоб чизе нагуфтанд.

– Ҳоло дер шуда бошад...

– Вақт рафт, хеле дер шуд, – гуфт Қодир.

– Не, – пардаи тирезаро як тараф ғундошта ба берун назар кард Миршакар, – ҳоло шом нашудааст, давида равам-чӣ? Хобгоҳи онҳо – як қадам.

– Мана бин, Ҷамилаи ту миёни се ҷавонмард шарм намекунад? Духтар гуфтанӣ камтар ору номус дошта бошад! – Файзуллоҳ бозар-

да гуфт.

– Вай пеши ту намеояд. Қодирҷон акааш барин гап. Мо ҳама аз як ноҳияем.

– Пас, ман баромада равам? Шинед шумо ҳамшаҳриҳо акаву хоҳар шуда.

– Ман нагуфтаам, ки...

– Файзуллоҳ рост мегӯяд, хуб нест, ки шабона духтари танҳо дар миёни се ҷавон бошад, – Қодир ба тарафдории Файзуллоҳ гап мезад.

– Ба ту мефорад сабзиву пиёз пора карда шиштан? Ҷамила дар чанд дақиқа ин корро иҷро мекард. Агар хоҳӣ, духтарони ҳамхонаашро низ даъват мекунем. Се ба се чақчақ карда мешиштем. Баъди таом дегу табақро ҳам шуста мерафтанд.

Файзуллоҳ табақи биринҷро, ки тоза мекард, ба гирди миз тела доду аз ҷой хест. Қодиру Миршакар ба якдигар чашм партофтанд. Онҳо чунин пиндоштанд, ки ин гапҳо ба ҷӯраашон нафорид.

– Мегӯянд, “Улфати се, дар он маза не”... – боз ба гап даромад Миршакар.

Файзуллоҳ бесухан аз кисаи пиҷакаш рӯймолчаи гулобии тӯрбофишударо гирифта чорқат кард ва назди плитаи газ рафта онро ба оташ наздик бурд.

– Ҳа, боз дард кард? – Қодир дилсӯзона пурсид.

– Сабил боз ба дард даромад-ку...

– Намакоб карда диҳам? – Миршакар тахтачаи сабзипоракуниро як сӯ гузошт.

– Ташвиш накаш, – Файзуллоҳ рӯймолчаи доғро ба лунҷаш зер кард.

– Ман ба ҷойи ту мебудам, кайҳо ин хел дандонро канда мепартофтам.

– Пас чаро дина сари худатро канда напартофтӣ? – Қодир ба он ишора мекард, ки дишаб Миршакарро дарди сари сахт дошта буд. Файзуллоҳро ханда гирифт ва нафаҳмида монд, ки рӯймолча аз дасташ лағжида ба рӯйи оташ афтод. Ӯ паҳ-паҳкунон рӯймолчаро чанг зада гирифт, аммо аллакай як қисмати он, ки кашидадӯзии “Ф+С=Л” дошт, сӯхта ангиштвор сип-сиёҳ гардида буд. Ҷавонро димоғ сӯхт. Охир, ин туҳфаи Соима буд...

– Эҳтиёт накардӣ, ҷӯра... – Миршакар бо таассуф сар меҷунбонид.

– Парво накун, агар дӯст дорад, боз навашро туҳфа мекунад, – Қодир дилбардорӣ мекард.

Занги дар садо дод.

– Ба хаёлам, улфати чор омад, – гуфт Қодир, ки ҷониби дар мерафт.

Дар остона Умарқул пайдо шуд. Азбаски вай ҳамеша бо шеваи зодгоҳаш гап мезад, Миршакар барои шӯхӣ ӯро “ҷӯраҷун” ном мебурд.

– Ассалому алайкум.

– Мана, Ҷӯраҷун омад. Акнун дигар дегу табақшӯй кофта намегардем, – хурсандӣ кард Миршакар.

– Ваалайкум ассалом. Биё, Умарқул. Хушдомани ояндаат дӯст медоштааст, – Қодир аз ҷой хест.

– Дӯст надорад, духтараша намедиҳад. Боз палавхонтӯра? – Умарқул кафи дастонашро ба ҳам соиш медод, – бе бандаи ганда ошро ба таги бинӣ заданӣ будетун-чӣ?

– Аз ту ҷои гурез нест,Ҷӯраҷун. Хаёлам, якон зоғи роҳгузар хабар дод, ки нияти неки мора барбод додӣ, – шӯхӣ кард Миршакар.

– Хӯранда хӯрандая бад мебинаду соҳиби палав ҳамая, мегӯянд, ки рост будааст, – нозук ишорат кард меҳмон.

– Чӣ даркор ҳамин гапҳо? Як дег ош ба ҳамаамон мерасад, агар камӣ кунад, қайлаи тайёр ҳаст. Марҳамат, – Қодир меҳмонро ба сари миз гузаронд.

– Бо итминони том гуфта метавунам, ки хушдумани ояндаам бо ҷунаш баробар дӯст медорадама.

Ба ҳамаи ин гапҳо Файзуллоҳ тамоман эътибор намедод. Вай акнун дастгираки чойҷӯшро дар оташ тасфонида ба лунҷаш мемонд. Ба саломи ҳамшаҳриаш бо ишорати сар алек гирифту бас.

– Зоғони ҳаво ягон хабари обнарасида оварданд-чӣ? – ба одати Умарқул ишора кард Миршакар.

– Аз Боғи зоғун бошему хабаре набиёрем, ҳайфи нуми мо. Обнарасидааш ин ки Мулло Амирҷун духтарашуна ба Мирзоолимов додаанд.

Чизе андаруни Файзуллоҳ канда шуд. Нафасаш печид...

– Вот это да... Ира хабари хунуки хунук мегӯянд, зоғбача. Садқаи палав шавӣ, ку даф шав! – Миршакар аз гиребони меҳмони нохонда дошт.

– Ҳай-ҳай, айб мешавад-а, меҳмонро аз падар бузург дор, гуфтаанд... – Қодир ба миёни Миршакару Умарқул даромад.

– Ман чӣ гуноҳ дорам? Шунидагема гуфтам.

– Тӯй-пӯй намешавад! – гӯё зимоми духтари Мулло Амирҷон дар дасти Миршакар бошад, ба рӯйи миз муште кӯфт ӯ.

“Бале, ҷашни арӯсиро Мирзоолимов дар хоби шабаш мебинад!” –

аз дил гузаронид ҷавони ошиқ.

– Хеле дер ҳукм баровардӣ, ҷӯра, аллакай ҳафтаи пеш тӯй барпо шуда будааст.

– Чӣ-й-й!!! – Файзуллоҳ латтаи дасташро бо хашм ба сӯе ҳаво дод.

Зоғ писхандзанон аз ҷой мехест, ки Миршакар бо як зарба аз дар берун паронидаш.

* * *

Хаткашони Соима Баҳруллоҳ буд. Одатан, Файзуллоҳ ба рӯйи лифофа ному насаби амакбачаашро менавишту дар ақиби он "Беосеб расад!" менигошт, ки ин рамзе дошт. Яъне, ин номаро беосеб ба дасти ӯ бирасон. Мувофиқи маслиҳати пешакӣ Баҳрулло номаҳоеро, ки чунин нишона доштанд, ба дасти ҳамсинфаш Соима медод. Рӯзи дигар духтар мактуби ҷавобиро ба дасти ӯ месупорид, ҳарчанд ки қуттии почта дур не, назди бинои мактаб насб гардида буд.

Файзуллоҳ баъди ҳашари дарави ғалла аз Қазоқистон тавассути роҳи Самарқанд ба деҳа баргашт. Аз миён ду рӯзи тамом мегузашту Файзуллоҳ ҷавон ба дидори духтар расида наметавонист. Аз таги дарвозаи Мулло Амирҷон чанд маротиба гузашт. Бори охир дар дами дарвоза ҷияни Соимаро вохӯрд.

– Рустамҷон, хурусқанд мехоҳӣ?

– Ман хулушқанда нағж намебинам. Ман майдача не-ку.

– Медонам, ту Рустамча не, Рустами достон ҳастӣ. Аммаи Соимаат ҳамин тавр ном мебарадата-а?

– Не.

– Ҳамин хел ном мебурд-ку...

– Аммаам бешавод не. Вай Луштами даштон мегӯядама, фаҳмидед?

– Ина бин-а, ман ғалат карда, дастонро достон гуфтаам. Дар воқеъ, аммаат наменамояд, ба ягон ҷо рафтааст магар?

– Амаам дал шали жамин. Жамини мо дал қалибии Эматк.

– Медонам. Аммаат ба сари замин набурдата?

– Ман шабуна аж ун ҷа металшам. Аж ағбаи Кучуко овожи шагбаччаҳои бишёл мебиёяд.

– Наход Рустами дастон аз овози кучукҳо тарсад?...

– Аммаам мегӯяд, ки дал ағбаи яхиштун ҳеҷ гуна кучуко нештанд.

– Ху-уш?

– Унҷа килми балф ҳашт.

– Барф ҳам кирм мекардааст магар?

– Ҳа, дал аға пилях ҳашт. Пилях килмои шап-шафед долад. Ҳамин ки толикӣ далояду ҳама ҷо олум шавад, уно шагбачадак овож мебалоланд.

– Ба ҳар ҳол, бояд Рустами дастон на аз сагбачаву на аз кирмҳои сафед тарсад.

– Ман калун шавам, аж ҳеҷ чиж наметалшам.

– Тезтарак калон шав. Хайр, ҷӯра, – Файзуллоҳ ба бача даст дод.

– Хай, шумо ҳам калун шавед.

Ҷавон фарох хандид. Аҷаб бачаи калонгирест ин Рустамча. Ҳмм... маълум мегардад, ки Соима дар деҳа нест. Аз дусар падару модараш ҳамроҳаш ҳастанд. Ба хонаи Баҳруллоҳино рафт. Янгаи Мунир ба пешвози Файзуллоҳ хест.

– Биёед, биёед, писари ҷун! А чӣ дами дарвозаба меистед?

– Асалому алайкум, янгаҷон!

– Ваалайкум ассалом, шаҳписари янга. Канӣ, гузаред. А рӯйи кӯрпача чорзону занед, гардам, – кадбону ба болои кӯрпачаи рӯйи кат боз як қабат кӯрпача андохт, – модаратун дуруст ҳастанд? Худатун нағзак ҳастед? Кай аз Душанбе омадед, садқетун шавам?

– Шукри Худо, ҳама созем. Ду рӯз шуд аз Қазоқистон омадам, янга.

– Аз Қазоқистун? Шумо а Қазоқистун мехунед-чӣ, ҷунам садқетун? Баҳруллоҷун мегуфт, ки аком а Душанбе мактаби калуни муллоҳоба мехунан-ку?

– Баҳруллоҳ гуфт? Шӯхӣ кардааст-дия, янга. Ман дар шӯъбаи арабии факултаи шарқшиносӣ мехонам.

– Арабӣ мехунам гуфтед? Арабӣ омӯзед, ҷойи Мулло Куббора худатун мегиред-дия. Баҳруллоҳҷунам дурӯғ намегӯяд.

– Бале, агар гапи дурӯғ наёбад, гоҳ-гоҳ аз ноилоҷӣ рост ҳам мегӯяд, – шӯхӣ кард Файзуллоҳ. Модар хандае карда, “Бача-дия” – гуфту тарафи ошхона равон шуд.

– Янга, беҳуда ташвиш накашед, ман вақт надорам.

– Не, ҷунам садқа, а як зум оташ мегиронаму чой кард, овард[1]. Ин чӣ умадан буд, ки аз дарвоза саратун надарумада, потун бармегардад? Аслаш, шумоюн ҳама мардуми дарундору бемеҳр ҳастетун,

[1] А як зум оташ ***мегиронаму*** чой ***кард, овард*** – Дар як лаҳза оташ ***мегиронаму*** чой ***мекунаму меорам*** (тарзи хоси чидашавии феълҳо дар шеваи мардуми болооби Зарафшон).

гардам. Апетун[1] ҳам аз ман хафа. Як вақтҳо дугуна будем. Чӣ кунам, тақдир будааст. Ман, ки зани ҷавун бевамундаи аскарбача будам, амакатун а ҳолу ҷунам намунда ба никоҳаш даровардама. Замонаи баъдиҷангӣ вазнин буд, бачам. Мардаки солим кам мунда буд. Ҷавонмардони сарҳуя чилчароғ катӣ кобӣ, ки намеёфтӣ. Амакатун марди андак-мундак набуд, охир. КаромаТиллоҳи Баркаш мегуфтандаша. Чанд кило гандум катӣ дили як қиёмат занакоя меёфт. Танҳо ман фиреби Баркаша нахӯрдаам. Зомини ӯзбакистун-ба зан дорад, Панҷекат-ба зану духтар дорад...

Медунам, хотири фарзанди падар аз ҳама болост. Барои хоҳарашун месӯхтанд дугунекам. Мана, ҳаққи ҳалоли хоҳарашун ба худашун насиб кард. Миёни Кarому ман Баҳруллоҳу Сайфуллоҳ шуду мо ҷудо гаштему холетуну амакатун дубора якҷо шуданд. Умри писари хурдӣ кӯтаҳ будааст, набошад, Баҳруллоҳ додаракаш а баракаш, гурдекаш бақувват мегашт. Аслан, амакатун марди оила набуд, холетун ҳам сараш сап-сафед шуду маззаву лаззати шӯдория надид. Аз палонҷҳо[2] ҷойи гила нест, сатқетун шавам. Гоҳо хешбачаҳои апетун кӯю кӯча-ба а бачаи бечораам чаққа мешудаген[3]...

– Ман ба масъалаи оиладориву муносибати палонҷҳо кордор нестам. Баҳруллоҳ ҳам гуноҳе надорад. Ҳар гаҳ ки вай ба хонаамон равад, апем ҷойи шинондан намеёбанд. Ба мо ҳам насиҳат мекунанд, ки Баҳруллоҷона дар қатори додару бародари айниатон донед. Ҳар чӣ набошад, вай ҳамхуни шумоён аст.

– Илоҳо, барака ёбанд дугунекам, – кадбону дар ин миён ба рӯйи дастархон нуқлу наво кашида буду меҳмонро муроот мекард, – гиред, гардам, а дастархун нига кунед. Аз ин шириниҳо гиред. Мана, чойи наваду панҷ. Гиред, нӯши ҷун шавад.

Баҳруллоҳ дар даст пиёлаи чойи хушбӯй ба қанду конфетҳои ранг ба ранг бо назари ҳайрат менигарист. Гапҳои Умарқул, ки аз ину он шунида буд, ба ёдаш мезаданд: “Он молу маноле, ки давлат аз бародарам мусодира кард, аз дарё қатраест. Хушдомани золаш ҳамаро аз худ карда, гирди хазинаи бародарам аждаҳовор ҳалқа зада гирифтааст. Дороии бародари ман бо хӯрдан тамом намешавад.”

---

[1] Апа – дар баъзе деҳаҳои водии Зарафшон ин вожа ба маънои модар корбаст мешавад.
[2] Палонҷ – бохчун, зани дувуми никоҳии як мардро нисбат ба зани аввала палонҷ гӯянд.
[3] Мешудаген – мешудаанд (аз лаҳҷаи Зарафшон)

– Янгаҷон, ман мехостам Баҳруллоҳро бинам. Наменамояд.

– Бечораи бачам кӯва[1] рафт. Вай ба мактаби магазинчиҳо дохил шуда баргашт. Мегӯяд, ягун сӣ-чил дарза ҳезуми бурсу заранг овар-да мунам, ки то умадани ман бе ҳезум азоб мекашед.

– Танҳо худаш рафт?

– Э, аз куҷо... Ҳамроҳи ҳамсинфунаш рафт. Се рӯз инҷониб вазза мекашанд.

– Галахар бурда буданд?

– Ҳа, ягун сӣ хар бурданд-дия.

Файзуллоҳ оҳанги хестан кард. Янгаи Мунир баъди фотеҳаи дас-тархон сад бор "Дар пеши потун мурам, боз биёед, бачаҷун", – гӯён аз паси меҳмон то дари кӯча баромад.

Ҷавони ошиқ то рӯзи дигар сад бор ба қади кӯча баромаду даро-мад. Дар кӯча ҳам ба ғайр аз кӯдакони пойлуч, ки бозӣ карда мегаш-танд, касе аз ёру рафиқон ба чашм наметофтанд. Калонсолон дар ин мавсим аз пайи парвариши тамоку дар заминҳои колхоз заҳмат ме-кашанд. Молу ҳолдорон дар авуланд.

Субҳи солеҳон, ҳанӯз зоғ насиба нахӯрда Баҳрулло даромада омад.

– Ассалому алайкум, ако!

Онҳо оғуш ба оғӯш шуданд.

– Ина бинед-а, бачаҳое, ки дар Русия мехонанд, дар як сол дуборӣ ба деҳа омада рафтанду шумо дар Тоҷикистон истода, дар чордаҳ моҳ як бор омадед.

– Гуноҳи мо нест, Баҳруллоҳ, гуноҳи падару модарон, ки моро дар миёни чор кӯҳ ба дунё овардаанд, – шӯхӣ кард Файзуллоҳ, – ноҳияи мо дар як сол шаш – ҳафт моҳ, аз охири октябр то нимаи май аз маркази ҷумҳурӣ ҷудо. Ба Худо, дар ҳеҷ ҷойи олам ягон ҷунбанда мисли мо дар азоб нест. Дар фасли сармо омада наметавонистам, албатта. Боз ин сафари Қазоқистон баромад.

– Э акоҷон, ҳамин шароити танги деҳаи кӯҳӣ ба дили кӣ назада-аст, мегӯед. Худо гуфта шиштаам, ки тезтар ба шаҳр равам.

– Ҳоли модари пир бе ту чӣ хел мешавад?

– Аввалан, ин кас, Худо хоҳад, умри Хизра мебинанд. Дигар ин ки барои апем аз ману ин хонаву дар дида, духтарашон Гулсуму набераҳошону моли ҳарому ҳариш ёфтаи домодашон беҳтар аст. Га-пи амаки Миронқулу писаронашона нашунидед? Мегӯям: "Апа, гап бисёр шуда истодааст. Ҷуллу ҷиғелатона ғундореду ба хонаи худа-мон омада шинед." Не-дия. Гапи ман гап не. " Гӯсолаҳо гов шаванду

[1] Кӯва – кӯҳ

хешако – чудо? То ту соҳиби гап мешавӣ, ки ҳоло хеле вақт ҳаст”, – мегӯянд. Рӯзи дароз дар хонаи духтарашон. Ҳавлии мо ба оғилхонаи домодашон мубаддал гардидааст. Тамоми гову гӯсфанди Сардорқул дар хонаи мо. Рӯзе даҳ бор мокувор меоянду мераванд. Рости гап, дилам мехост, ки ба шӯъбаи мусиқии педфак ҳуҷҷат супорам. Ду пояшона дар як мӯза ҷой карданд: “Ё ҳӯ! Акои Сардорат барин магазинчӣ мешавӣ!” Хайр, бинем-чӣ, оқибати кор чӣ мешавад...

Ин гапҳоро монеду аз таассуроти сафари Қазоқистон гап занед. Аз он ҷо ягон хат ҳам нанавиштед.

– Э Баҳруллоҷон-е, гумонат, мо дар Алмаато будем? Селиноградро шунидаӣ? Ин мавзеи навобод ба номаш шаҳр. Мо бошем, дар як дашти нопайдоканоре қарор доштем, ки то аввалин мавзеи аҳолинишин савори мошин се-чор соат роҳ тай кардан лозим меомад. Селиноградро ҳам ҳамагӣ як бор дидем. Дар ҷое, ки мо қарор доштем, на почта буду на адреси муайян.

– Духтаронаш чӣ хел? Бо ягонтааш шинос нашудед?

– Ман ним соат боз дар бораи чӣ гап мезанам ба ту?

– Хайр, гӯед...

– Дар баҳри пурмавҷи гандумзорони нопайдоканор комбайнҳо ба сони киштиҳо шино мекарданд.

– Баҳ-баҳ-баҳ!

– Вале сад афсӯс, зану духтарони нозукмиёнеро надидам, ки ба тан комбинзон пӯшида сари рӯли ин киштиҳо нишаста бошанд. Он ҷо асосан ҷавонмардони ҳузарб ва занони мардмизоҷ ин кори заҳматталабро иҷро мекарданд. Яъне, ҳар ҷинс ба ҷойи худаш. Дуруст аст: зан бояд зан бошаду мард мард!

– Ман дар андешаронии шумо мантиқ наёфтам. Гоҳо як не, сад афсӯс мехӯред, ки зану духтарони мурчамиён сари рул намешинанд, гоҳи дигар, мегӯед, ки зан бояд зан бошад?

– Ман ба он сабаб як не, сад бор афсӯс хӯрдам, ки дар дашти Қазоқ ақаллан мисли духтарони тоҷик як дӯшизаи химчамиёну ғунчадаҳону зеби ҷаҳонро надидам, ки ба ту васф кунаму таноби даҳон канда, аз худ бехуд шавӣ. Албатта, ман занҳои мардсифатро ҳам дар қатори мардҳои ҳақиқӣ ҳисобидам, фаҳмидӣ?

Баъди ношто Баҳруллоҳ барои муайян кардани вазъият харакӣ ҷониби Эматк раҳсипор шуд. Баъди зуҳр рост харсавор ба ҳавлӣ даромада омад.

– Ҷонам садақаи номи Худо, бахтатон хандид, ако. Мулло Амирҷон ин субҳ тарафҳои Дашти Қозӣ рафтаанд. Рӯзи дигар меомадаанд.

– Занашона ҳамроҳ набурдаанд? – шӯхиомез пурсид Файзуллоҳ.

– Худо диҳад, ҷуфт-ҷуфт медиҳад, ако. Арӯсашона дарди зоиш гирифтааст, ҳангоми рафтан дар роҳ бо холаи Салима вохӯрдам, ки ҳамроҳи набераашон ба деҳа меомаданд.

Хуллас, ҳарду боз роҳи Эматкро пеш гирифтанд. Баҳруллоҳ ягон дусад метр аз каппаи Мулло Амирҷон пештар дар таги дӯлонае монд. Файзуллоҳ ба дидори он дилбари ягона рафт. Офтоб аллакай дар сари кӯҳ расидаву сояҳои дарахтон дарози дароз шуда буданд. Духтар кокулони то хами зонуи худро бозикунон дар назди буттаи хуч рост интизори ёри хеш буд. Худоё, Файзуллоҳ он лаҳзаҳоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард. Ӯро ҳамон сон зебову дилкаш шояд садҳо бор хоб дидааст: нозанини ҳаяҷонзада аз ҳаё ғунчаи лаб мегазад. Кокулони майдабофии тобдораш бо ниҳоли қоматаш ҷанг мекунанд!

Баҳруллоҳ даст ҷониби он офати ҷон дароз карду гуфт:

*“Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро...”*

Соима давом дод, ки:

“*Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро!”*

Ошиқ пурсид, ки:

*“Ман чӣ гӯям, к-он чунон бошад, ки ҳадди ҳусни туст?”*

Маъшуқа тараннум кард, ки:

*“Ҳам ту худ фармо, ки чунӣ, то чунон гӯям туро*!”

Дилдодагон даст ба даст доданду паси буттаҳои анбӯҳи гулхор ғайб заданд...

– Соима! Ҳо-о-ой Соима-ю!!!

Вале он ду тан аз оламу одам канда шуда буданд.

– Ҳа, воқеан, ҳанӯз бахшида ба канизатон байте нагуфтаед.

– Бонуҷон, маро шарманда накунед. Шумо на канизу банда, балки шаҳбонуи шаҳри Ишқ ҳастед, ки расидан ба мақоми шумо на ба ҳар кас насиб мекунад. Ман ҳамеша орзу мекардам, ки агар андалебе гардаму ба бӯстони шаҳри Ишқ роҳ ёбам, ҳатман дар васфи ҳусни оламгири шумо нағмасарой хоҳам кард.

– Ман ҳамвора таманно доштам, ки агар хешро дар маснади канизи шумо бубинам, хушбахти хушбахтҳо хоҳам буд. Файзуллоҳҷон, вақт рафт, хуб нест, ки моро дар торикӣ ду ба ду якҷо бубинанд. Ман равам...

– Натарсед, азизи ман, қаламрави кишвари Ишқи мо посбони боэътимоде дорад, – пичиррос зад Файзуллоҳ, – ҳа, воқеан, Баҳруллоҳ дигар дар деҳа намешвад. Ман шояд дигар ба шумо мактуб навишта натавонам. Бинобар ин, дилтанг нашавед. Ба модарам

менависам, ки шуморо хостгорӣ кунанд.

– Хайр ман равам, ки модарам омаданашон мумкин.

– Соима-ҳей!!!

– Апем... – овози духтар меларзид.

– Гапамро фаҳмидед-а?

Духтар бо ишорати тасдиқ сар ҷунбонид ва ҷавонро аз худ дур карду рӯймоли гардии гӯлобиашро, ки онсӯтар мехобид, ба даст гирифт. ӯ пас аз лаҳзае аз хучзор хеле дуртар рафта буд. Ҷавон ҷон ба каф меистоду зери лаб ин байти Туғрали анқошикорро мехонд:

*Ҳофизат аз чашми бад бодо Худованди таол,*
*Бод, ё Раб, нахли қаддат дар маҳалли эътидол!*

– Соима-а-а!!!

– Барои чӣ дод мегӯед, ман бузичеки алоя кофта рафта будам.

– О, бузғола очеша макида истодааст-ку?

– Наход?

Овози модару духтар аз назди каппа меомад.

– Бачаи Баркаша дар роҳ дидам. Саҳарӣ тарафи Эматк барои ҳезум мерам, гуфта меумад. Ҳамин ҳозир хараш аз паси мочахаре чорхез мегирифту худаш аз пайи хар тарафи қишлоқ метохт. На як дарза ҳезум дошту на алаф.

– ...

– Ту вая надидӣ?

– Э, не-е. Янгем сабук шуданд?

– Худо осун кард. Ҳамту рафтаму ним соат нагузашта духтарча ба дунё умад.

– Муборак шавад!

– Илоҳо, қадамаш муборак гардад! Нумаша Суро[1] мундем.

– Чӣ хел нағз, ҳамоҳанги номи апчекаш[2] – Заҳро! Янгем бо кӯдакҳои майда азоб намекашанд магар? Шумо омадед...

– Модарашу бивешино аллакай умада буден. “Шумо дилпур ба сари замин равед, Соимаҷун натарсад”, – гуфта гуселунданама. Ҳа-а, эҳтиёт шав-а. Чашму рӯйи ҷунимаргзеб ранги додош беҷо.

– Намефаҳмам, шумо чиҳо гуфта истодаед? – овози Соима қаҳролуд буд.

---

[1] Яъне, Соро
[2] Апчек – хоҳарбузург

– Бачаи Баркаша мегӯям-дия.

– Э, дафъ кунед вая!

Файзуллоҳ лаб-лаби Ҷӯйи чибдуна поён мефаромад. Ӯ ба хуни амакбачааш ташна буд. Ба вай дигар боварӣ нест. Баҳруллоҳро Файзуллоҳ ба дидбонӣ монда буд. Мувофиқи маслиҳат, ӯ бояд ду чашм сӯйи деҳа меистод. Агар аз он ҷониб сояи касе аз наздикони Соима намояд, бояд зуд омада хабар медод. Файзуллоҳ аз амакбачааш ин ноодамиро интизор набуд. Қариб буд, ки духтар назди модараш шарманда шавад. Аҳмақ!

Вале ба хар ҳол дили Файзуллоҳ аз фараҳ лабрез буд. Аз сари замини Амирҷон хеле дур шуду бо овози фалаксой ба хониш даромад:

*Бозор равам, харид кунам собуни мушк,*

*Ишқи духтари Мулло Амирҷун мана кушт!*

Яке дар сари роҳ сӯроби харакиеро дид. Аз дусар Баҳруллоҳ аст, ки нархарашро аз мочахар ҷудо карда ба Эматк бармегардад. Мехост давида рафта, аз нухтаи хар гираду сарзанишаш кунад, ки овози марди солрафтае шунида шуд:

– Эй шабгарди беимон, ту кистӣ?! Ту кистӣ, ки ҳаваси духтари Мулло Амирҷуна мехӯрӣ?!

Ҷавон ҷо ба ҷо шах шуд. Худоё, ин шармандагӣ аз баҳри чӣ? Охир, ин харсавор падари Соима-ку...

– Мебахшед, амак. Ассалому алайкум! Аз... сафф... аз Дашти Қозӣ зуд бар...г...гаштед?

– Ту кистӣ? Ту лаънатӣ аз кучо медонӣ, ки ман Дашти Қозӣ рафта будам? Исто, чунон занамата, ки камарат шиканад!!!

Ҷавон худашро шиносонидан нахост. Зуд худро миёни ҷуворизори колхоз андохт. Баъди чанде овози Мулло Амирҷони қаҳролудро шунид, ки аз дуртар меомад:

– Их-а, ҷонвар!

Файзуллоҳ ба деҳа ними шаб омада расид. Дар ин бевақтӣ дари янгаи Мунирро кӯфтан хуб набуд. “Пагоҳ адабашро медиҳам!” – ба дил гуфт Файзуллоҳ ва ба ҳавлиашон даромада рафт.

Аммо Баҳруллоҳ субҳи барвақт аллакай дар деҳа набуд.

* * *

Тамоми шаб дандони Файзуллоҳ дард мекард. На, на танҳо дандонаш, балки тамоми вуҷудаш дард мекашид, месӯхту хокистар мешуд. Чӣ чора созад, чун кор аз кор гузаштааст? Наход Соимае, ки дар ишқварзӣ дар баробари ёраш ҷасорату мардонагӣ нишон медод,

ба хиёнат қодир бошад? Албатта, барои падару модари духтар ҳамчун домод аз Файзуллоҳ дида Мирзоолимов беҳтар аст. Вале Соима... магар ӯ метавонист ишқро бо дипломи олимии касе, ки дӯсташ намедорад, иваз кунад? Вале ақл мегуфт, ки хархаша бардоштану номи Соимаро сари забонҳо овардан маънӣ надорад. Мехост, барои таскини дили хиёнатдида ақаллан худ ба худ дар ҳаққи Соима бад гӯяд, вале забонаш намегашт. Вай ормони қалби ин гирифтор буд, охир! Қарор кард, ки дигар ба деҳа наравад. Ҳеҷ гоҳ ба духтаре дил набандад. Соли дувуми хониш Файзуллоҳ на он донишҷӯе буд, ки таърифаш дар забони омӯзгорон буд. Устодон танбеҳаш медоданд. Ҳатто бархе гумон карданд, ки ӯ бемор шудааст. Дар сессияи зимистона аз як фан қарздор шуд, яъне, ба қавле, аз имтиҳон афтод. Бародараш аз қазия огаҳ гардиду аз пайиислоҳи кор шуд. Бо ректори донишгоҳ гапзанон карду салоҳи корашро ёфт. Ҷавон мувофиқи аҳде, ки бо худ карда буд, ба деҳа рафтан нахост. Қодиру Миршакар маҷбуран ба Ёвон бурдандаш. Дар меҳмонӣ аз се рӯз зиёд истода натавонист. Қодир дар ноҳия монду Миршакар ҳамроҳаш ба Душанбе баргашт. Ҷӯраҳо бо маслиҳат дар фабрикаи “Ширин” ба ҳайси боркаш коргари муваққатӣ шуданд. Худро ба кор андармон мекарду мехост он ишқи бебарорро фаромӯш созад. Дар чунин рӯзҳо Умарқул занги дари иҷорахонаашонро пахш кард. Дарро Миршакар кушоду баробари Умарқулро дидан гуфт:

– Ба хона ба шарте медарорам, ки ягон хабари хунук наоварда бошӣ.

Зоғ хира-хира механдид. Дар сари дастархон гуиё дар омади гап гуфт:

– Духтаруни деҳаи мо ҳам андак-андак пеш рафта истоден.

– Наход ба кайҳон парвоз карда бошанд? – ба ифодаи ҳайрат чашмонашро калон-калон кушод Миршакар.

– Не-е. Гуфтанӣ ҳастам, ки то ин замун аз ҷинси латиф омӯзгор доштем, духтур доштем, муҳосиб доштем, аммо шарқшинос надоштем.

Файзуллоҳ натавонист худро бепарво нишон диҳад.

– Яъне, гуфтанӣ ҳастӣ, ки ба факултаи мо... Аз кадом деҳа? Духтари кӣ будааст вай?

– Аз деҳаи худамун. Зани муаллими донишгоҳ Мирзоолимов.

Файзуллоҳ ранг бохт. Миршакар чизеро пай бурд магар, ки хавотиромез гоҳ ба ҷӯраашу гоҳ ба Зоғ чашм мепартофт. Меҳмони шумхабар вазифаи худро адошуда ҳисоб карда, аз ҷой хест.

– Хайр, ман равам. Мирзоолимов гуфта буданд, ки вақтат бошад,

як-ду ҷӯрета ҳамроҳ биёр. Мошин ба Ромит бурда мемунад. Бӯстонсаройро каме ба тартиб биёред, ки янгетуна рӯзи истироҳат бурданӣ ҳастам. Ту ҳамроҳи ман намеравӣ, Файзуллоҳ?

Панҷаҳои Файзуллоҳ ба мушт табдил ёфтанд. Теғи нигоҳаш талхаи Умарқулро кафонд.

– Ку, тезтар пою қадаматро аз ин ҷо кан, шумхабар! Мир, дарро аз пасаш пӯш.

Миршакар фармони ҷӯраи ҷониашро бечуну чаро иҷро кард. Баъди чанде Файзуллоҳ ҳам бачаҳои бародарамро хабар гирифта меоям, гуфта баромада рафт. Аз миён соате нагузашта бозомад.

– Хез, Мир!

– Чӣ гап шуд? Ба хонаи бародарат-ку оташгирӣ нарафта будӣ...

– Гап инту шуд, дӯстам. Яъне, ... ман гуфтанӣ ҳастам, ки ... ҳуҷҷатҳоямро аз донишгоҳ гирифтам.

– Ту чиҳо мегӯйӣ? Девона шудӣ магар?! Ё шӯхӣ карда истодаӣ?

– Ҷойи шӯхӣ нест. Ба Русия меравам. Аввал кор мекунам. Ҳоло ҷавонем, хондан гурехта намеравад. Агар дар насибам бошад, рӯзе мегирам дипломи мактаби олиро.

Миршакар зиёд ғамгин шуд. "Чаро бемаслиҳат ба ин кор даст задӣ?" – гуфта сарзаниш кард. Аммо гапи Файзуллоҳ якта буд. Баъди се рӯз озими Русия шуд. ӯ рафту бародараш хабаргирӣ омад. Аз воқеа огоҳ шуда, ба Миршакар сахт гуфт. "Наход аз роҳаш баргардонда натавониста бошӣ?! Модом ки гапи туро нагирифт, ба ӯ нафаҳмонида, оҳиста пешам мерафтӣ. Шояд он буздилро аз роҳаш мегардонидам." "Охир, вай аллакай ҳуҷҷатҳояшро аз донишгоҳ гирифта буд..." "Дер намешуд. Боз илоҷашро меёфтам. Ба вазорат мерафтам шояд. Акнун пеши падару модари пир чӣ мегӯям? Аслан, аз паси ин додари ношуд пеши касоне сар фаровардам, ки... Кош ба қадри меҳнати кас расад... Аммо инро модарам мефаҳмида бошанд? Ҳеҷ гоҳ!" "Зиқ нашавед, муаллим." "Ту нафаҳмидӣ, ки ин ношуд аз чӣ сабаб ба чунин кор даст задааст?" "Як ҳамшаҳриатон, Умарқули Зоғ мегуфт Файзуллоҳ-ку, ҳамон омада буд. Хабар овард, ки ба факултаи мо зани ҷавони муаллим Мирзоолимов дохил шудааст. Аз шунидани ин хабар кайфи Файзуллоҳ парид." " Ҳеъ? Дар падари духтардор...астағфуриллоҳ... Хуш, ин хабар чӣ бадие доштааст, ки кайфи ин ношуд мепаридааст?" "Охир, Файзуллоҳҷон Соимаро баробари ҷонаш дӯст медошт, магар хабар надоред?" "Исто, Файзуллоҳ дӯст медошт ё Баҳруллоҳ? Охир, мактуберо, ки духтар ба номи Баҳруллоҳ навишта буд, янгаи Мунир ба ман нишон дода, илтимос карда буд, то Соимаро хостгорӣ кунем. Ману амакам хостгорӣ ҳам кардем. Модараш худашро кушту басту

розӣ нашуд. Падари духтар ҳам, аз афти кор, ба дили завҷааш рафт. Рӯзи дигар дар роҳ дида, боз як бор узр хосту ҳатто гуфт, ки агар барои додари худатон мепурсидед, не намегуфтам. Баҳруллоҳи шабгард ба ман маъқул нест.” “Касе аз дили духтар хабардор нашуд магар? Ман бовар намекунам, ки як духтари деҳотӣ якбора сари ду амакбачаро гаранг карда бошад. Охир, аз рӯйи донисти ман, ин ҳар ду дилдода тавассути Баҳруллоҳ хат дода, хат мегирифтанд...” Бародари Файзуллоҳ андешаманд баромада рафт.

Аз Файзуллоҳ чанд моҳи аввал хату хабаре наомад. Ниҳоят аз ноҳияи Ханти-Мансийски вилояти Самаровск мактуб навишт. Дар он ҷо бо чӣ коре машғул буд, маълум намекард. Миршакару Қодир танҳо аз рӯйи як хабари рӯзномаи “Комсомолская Правда” фаҳмиданд, ки ҷӯраашон дар қатори ҷангалбурон обрӯи баланд дорад. Баъди як сол аз шаҳраки кӯҳканҳои Норилск нома фиристод. “Файзуллоҳ, насиб бошад, дар ин ҷо ҳам номбардори Тоҷикистон мешавад” – шӯхӣ мекард Миршакар. “Тарсам, ки бача як умр худҷӯйӣ кунаду ба чизе нарасад...” – андешамандона мегуфт Қодир. Дигар мактуб наомад. Даҳҳо номаҳои ҷӯраҳо беҷавоб монданд...

Ва ниҳоят ӯ рӯзе дар Ёвон пайдо шуд, ки ёрони ҷавониаш аллакай соҳиби ду-се фарзанд буданд. Қодиру Миршакарро дипломи дасти Файзуллоҳ зиёд мутаҳайир мекард. Охир, ин дипломи кадом як донишкадаи номашҳур не, балки дипломи факултаи химияву технологии Донишкадаи давлатии Урал ба номи С.М.Киров буд. ДДУ-и дорои Ордени сурхи меҳнат!

– Ана акнун ин гурезаи ба дастафтодаро зуд хонадор кардан даркор, – ҳукм баровард Мир.

– Ҳатман! Зуд ба хонаи пират хостгорӣ рав, ки дер нашавад, – гуфт Қодир. Ӯ хоҳари Миршакарро муносиби дӯсташон меҳисобид.

Файзуллоҳ ихтиёрро ба дӯстони бахтёраш дода буд. Вай қаноатманд механдиду бас.

* * *

Файзуллоҳ кайҳо ба бозиҳои қисмат тан додааст. Ӯ на шоир шуду на шарқшинос, мақоланависӣ ҳам як ҳавасе будааст, ки гузашту рафт. Вай дар вазифаҳои масъули корхонаи кимиёи Ёвон солҳо заҳмат кашид. Яъне, ба табақаи зиёиёни синфи коргар мансубият пайдо кард. Вале аз ҳар ҳарфе, ки зебо гуфта шуда бошад, ҳанӯз кайф мекунад. Пайваста китоб мехонаду образнок сухан мегӯяд. Дар хотирааш ҳазорон байти классикон чун дар лавҳи сангин нақш бастаанд, ки дар мавридаш сари забон меоварад. Миршакар мегӯяд, ки

гапи одии ту худ шеър аст. Вай баъди ба Русия рафтани Файзуллоҳ ба хонаи бародари эҷодкори ҷӯрааш рафтуо оғоз карда буд. Дасти устоди суханро гирифт. Назди устод машқи қаламаш расо шуд. Ҳоло вай шоири шинохтаест. Файзуллоҳ ӯро лутфан "Мири шоирони Ёвон" ном мебарад. Бо гуфте, соҳибдевон ҳам ҳасту соҳиби шогирдон ҳам. Бо вуҷуди ин гоҳо ба дӯсташ унвони "Асои пир"-ро медиҳаду гоҳи дигар "Домодро пайғамбарамон иззат кардаанд, аз боло гузаред" гуфта, аз худ боло мегузаронад. "Напахмидам. Пайзулаҷона чида "Асои пир" ном мебаред?" – ҳайрон мешавад Қатаған. "То ба ту мефаҳмонам, ки мӯи сарам рехта тамом мешавад." "Эъ, чида ин хел мегӯед, мо хаптапахм не-ку?" "Мо ҳам замоне аз бузургони сухан пире доштем!" "Напахмидам?" "Боз нафаҳмидӣ? Кайф кайфи худат!" Хандаи маҷлиси унс шифтро метарконад. Файзуллоҳ ин манзараро пеши назар меоварду худ ба худ механдад. Раис аз суҳбати "ҳумақо" чӣ лаззате мебурда бошад?

Баъди он ки бо исрори Баҳрулло ба дидори Соима расид, дар як шаб худашро гиронд. Яъне, дарди дил боз хурӯҷ кард. Ёрии таъҷилӣ ҷеғ заданд. Баъди сӯзандору гузаронидан каме ҳолаш беҳ шуд. Аҳли байт нӯг-нӯги пой қадам мегузоштанд, то оромӣ халал наёбаду бемор бихуспад. Ва ин имкон медод, ки Файзуллоҳ дафтари ишқи нобарори хешро варақ гардонад. Пеши назар симои Соимаи афтодарӯҳро меоварду дилаш тазйиқ мееёфт. Амиқ дарк кард, ки барои ин ҷинси латиф ҳам кашидани бори сангини фироқ осон набудааст. Баъди ин қадар солҳо боз қалам ба даст гирифт ва ин ғазалгунаро рӯйи саҳфа рехт:

*Ай ёри баччагиям, ай ишқи нозанинам,*
*Дар олами муҳаббат уммеди охаринам.*

*Дар асбрези ишқат чобуксавор кам не,*
*Дар пайгаҳи висолат як умр вопасинам.*

*Аз чашми ту бихондам посухи сад суолам,*
*К-«Эй меҳри аввалинам, африштаи заминам!*

*Ҳадди ҷамол дидам, авҷи камол дидам,*
*Тавъам бигашта дар ту, ай ёри маҳҷабинам.»*

*Таҳрир кай пазирад авроқи санги тақдир,*
*Гар метавонӣ, бахшо ту саҳви аввалинам.*

Ва як субҳи солеҳон рафт беморхона. Дар сари болини бемор, ки як дасту як пояш аз кор монда буд, ҷавонзани тақрибан бисту панҷсолае, ки тарҳи рӯяш ҷавонии Соимаро ба хотир меовард, андешаманд ба тиреза чашм дӯхта менишаст. Ӯ шарфаи пойро шунида аз ҷой хест. Мард худро дар пеши фарзанди Соима шарманда эҳсос мекард.

– Хиҷолат накашед, амак. Шумою амаки Баҳруллоҳро дида, андак дилашон рӯшан шуд. Хуб шуд, ки боз омадед. Хеле шуд, ки хоб рафтаанд, шояд ҳозир бедор шаванд. Мана, ба курсии ман нишинед. Ман берун мебароям.

Файзуллоҳ ба дасти бемордор халтаеро дода, "Аз зардолубоғи Эматк гирондам" гуфту курсиро ба кати бемор наздиктар кашид. Бо вуҷуди коҳидани ранги рӯйи бемор, ки дар айёми ҳаждаҳсолагӣ сурху сафеду пуртаровват ба сони себи Самарқанд метофт, барои Файзуллоҳ Соима ҳамон буду ҳамон. "Худоё, ҷисми мо пир шудаву қалби мо ҳанӯз кашоли ишқи ҷавонист", – хиҷолатзада аз дил гузаронид вай. Дасти беморро ба даст гирифт ва коғази чорқатро ба кафи ӯ гузошт. Бемор панҷаҳояшро ба мушт табдил дод.

– Маро мешунавӣ? – нахустин бор буд, ки Соимаро "ту" мегуфт Файзуллоҳ. Ғунчаи лабони бемор оҳанги шукуфтан кард, аммо чашм во накард. Шояд ӯ худро ҳамроҳи ёри бачагии хеш дар қаламрави кишвари Ишқ медид. Оё худро канизи беминнати он шаҳриёр медид ё шаҳбонуву шаҳдбонуи он ёри ширингуфтор?

– Маро бубахш, ки бехабар мондаму ҷавонӣ кардаму беҷуръатӣ. Ману ту побанди русуми бобоӣ будем ё бозичаи дасти тақдир, то ҳанӯз наметавонам фарқ кардан. Агар ақли имрӯзаам мебуд, ҷон ба гарав мегузоштаму роҳе меёфтам... – давом медод суханашро марди солрафта.

Аз ду гӯшаи дидагони Соима аранге ашк намоён шуд, аммо чашм во накард.

Он бегоҳ Файзуллоҳ боз ба беморхонаи амрози дил бистарӣ шуд. Рӯзи дигар баъди пешин ҷиянҳо ба дидораш расиданд. Вале нагуфтанд, ки рост аз оромгоҳи Сариосиё меоянд...

*11.01.2010*

## МАНУ ИШҚИ ЛӮЛИДУХТАР

– Сақич, ӯсма, сурма, ҳино! Ҳо-о, усмаву сурма, ресмони ранга! Ба духтарон луфтакча, ба писарон сурнайча! Ҳо-о-о-о!!! – қию чии

бачаҳоро пахш карда садо медод ҷӯгимарде. Ин, албатта, ҳамон ҷӯгиест, ки дирӯз бегоҳӣ зери чанори бузурги роҳи калон аробаи четандорашро[1] боздошта, савдо мекард. Чандест, ки ман дар кӯчаҳо ба ин қабил савдогарон рост наомадаам. Пештар, вақти бачагиам, ҳамин ки зардолу аз шохаш фаромад, ҷӯгизанакҳои асобадасту хӯрҷинбакитф бо бачаву качаашон дар кӯчаҳои деҳа пайдо мешуданд. Чӣ мардуми хираву берӯ буданд ин хӯрҷинбакитфон. Аз онҳо ба осонӣ халос хӯрдан намешуд. «Худо имсол ҳосила фаровон дод, бигӯ, чойнаки чинӣ меҳоҳӣ, ё косаву табақ? Ба ивазаш? Нахо аспу шутур пурсам, ана ҳамин симэлака аз қоқ пур кунӣ, шуд-дия», – беларво парвезанеро, ки бемуҳобо чени тағора чиз мебурд, нишон медоданд. Кадбонувонро ваҳми бо ғӯлинг пур кардани ин зарфи на он қадар хурд аз савдо бозмедошт. Сипас роҳи дигари пулёбӣ ба кор бурда мешуд. «Фолат мебинам. Дида истодаам, вуҷудат ба ҷоду печида. Корат пеш намеравад. Касе ҳаст, ки туя ба шӯят, ба элу авлоди шӯят шумрӯ мекунад, – як хамёза кашида боз гапашонро давом медоданд, – вой-войе, бор доштай, ҷони ман, ки бошӣ…», – ба дили занони сода ваҳму тарс андохтанӣ мешуданд онҳо. Агар диданд, ки нашуд, «Хайр, дугонаҷон, ба даргоҳат бо умед омадем, ноумед гусел накун, ки дари хайру саховат ба рӯят баста гардад. Биё, аз барои бачу качат, бахри дафъи балову қазо хайре бикун», – гӯён дурусттар чорзону мезаданд. Кадбону ноилоҷ мемонд. Як табақча қанд, дуто нон ё чанд гард чойи хушк мебахшидашон.

Одатан, ба бачаҳои сип-сиёҳи онҳо менигаристаму яқинан бовар мекардам, ки маро аз хӯрҷини лӯлӣ ба ивази чакса[2] сабӯс нахаридаанд. Охир, ман ба гуфтаи аммаам, як коса қаймоқ барин сап – сафеду бомаза.

– Зиқ нашав, Иноят туро додарвор дӯст медорад. Дӯст медораду ба ғашат мерасад. Вақте янгаат ба ин хонадон арӯс шуда омад, ҳамагӣ яксола будӣ. Аз дасти бибии маъюбу пират коре намеомад. Падарат рӯз то бегоҳ дар кори саҳро буду аз ин хона худро канор мегирифт. Охир, мардҳо дар пеши дарду ғам тез таслим мешаванд. Хуллас, ҳамин Иноят буд, ки туро фарзандвор калон кард. Ҳама ӯро апаи калони Шарифҷон мегӯянд. Одам аз апаи худаш намеранҷад, фаҳмидӣ?

Ба гапи аммаам бовар мекардам, зеро янгаам куҷое равад, барои ман ҳадяе меовард. Гоҳо аз акаам чанд танга гирифта медод, ки сари

[1] Четан – шиғ, тавора, чапарӣ, ки аз навдаҳои дарахтон сабадвор бофта ба ҷойи девор истифода мебаранд.
[2] Чакса – ченаки орду равған барин маҳсулот.

бозор рафта катагӣ кунам. Ҳар саҳарӣ аз дастам дошта ба кӯдакистон мебурд. Ман ба роҳи ӯ ҳар бегоҳ дар рӯйи ҳавлии кӯдакистон интизор мешудам. Вай ҳангоми аз кори саҳро баргаштан ҳамроҳаш маро ба хона меовард. Дар роҳ одатан мепурсид, ки «Шарифҷон, имрӯз дар боғча чӣ бозиҳо кардӣ? Чиҳо хӯрдӣ? Ягон шеъри нав ёд гирифтӣ? Ягон кас назад? Мураббия ҷанг накард?» Ман ба ҳамаи саволҳои янгаам ҷавоб медодаму лекин ҳаргиз намегуфтам, ки фалонӣ зад ё ҷанг кард. Чунки янгаам қасам мехӯрд, ки агар туро касе занад, ман гӯшашро шарта бурида ба пеши пишак мепартоям. Ман ба гапи янгаам бовар мекардам. Чунки борҳо дидаам, ки дар ошхона ҳангоми хӯрокпазӣ аз гӯшт ғадуду рагу пайвандашро бо корди тез шарта бурида ба пеши гурба партофтааст. Ман намехостам, ки ҷӯраам Қобил ва ё мураббиям бегӯш монанд. Охир, ман ҳамаро дӯст медоштам.

Дирӯз пас аз супоридани имтиҳонот ба таътил баромадам. Дар роҳ ҷӯгии аробадорро дида, хоҳу нохоҳ бачагиам ба ёдам омад. Дилам гум зад. Хаёлам, ки ман аз нав кӯдак шудам, бо бачаҳои побараҳнаи деҳ чанги кӯчаро ба фалак хезонда аз паси ҷӯгиҳо метохтам:

– Ҳой, лӯлӣ, лӯлӣ, лӯлӣ! Дар хӯрҷинат чӣ дорӣ?

– Ҳо-о, шона, ойина, сӯзани мошина! Ҳо-о!!! – гӯиё дар ҷавоби нидои бачагии ман овози ҷӯгимарди аттор аз дуртар садо дод. Ҳамин дам дари кӯчаро сахт тела дода ҷиянам Хумор давида омад.

– Амакҷон, лӯлӣ омад!

– Шунидам. Чӣ буд?

– Вай лабчанг ҳам дорад.

– Харида диҳам?

– Намефурӯшад, охир. Бо шиша иваз мекунад. Мо шишаи арақ надорем. Шишаи равған ҳасту лабаш паридагӣ.

– Гард-чӣ, – бо умеди он ки шояд илоҷе карда аз ҷӯгӣ лабчанг харида тавонам, ба кӯча баромадам. Дар хамгашти роҳ савдо дар тасф буд. Бачаҳо сурнаю пуфакҳояшонро ба якдигар сӯз медоданд. Занҳо баробар манаҳ мезаданду колои марди тоҷирро тагу рӯ мекарданд:

– Амак ранг доред?

– Дорам.

– Чӣ хелаш?

– Ба ғайр аз ранги сафед.

– Ҳой, амак, пилтаи чароғ-чӣ?

Аҷаб мардуманд рустоиҳои мо. Ҳамаи ҳамин чизҳо дар магазин чанг зер карда мехобаду…

– Амакҷон, ана лабчанг, Хумор аз дастам кашида ба кунҷаки ароба ишора кард.

– Лабчанг чизи дигар, аз магазин ёфтан душвор, – зери лаб гуфтам ман.

– Чӣ гуфтед, амак?

– Ҳеҷ чӣ не. Мегӯям, барои ту лабчанг гирифтан даркор.

Мардум як-як пароканда мешуданд. Аттор ҳамроҳи духтараш чизу чораашро ҷо ба ҷо кардан гирифт.

– Амак, лабчанг доред?

– Лабчанг? Ҳа, чангқавуз гӯй. Бале, дорам.

Ӯ чанд лабчангро ба дастам дод. Якеро интихоб кардам ва пул дароз кардам.

– Не-не, намешад. Ман бо пул савдо намекунам, ҷавони нағз. Ба ман шиша даркор. Ин тараф бите чангқавуза.

– Не нагӯед, амак, духтарча хафа нашавад.

– Ҳе, ту чӣ хел одам будаӣ. Не, гуфтам-ку. Ман ҳам пилон дорам. Бифаҳм, охир. Ба капаратуф месупорам. Бите гуфтам чангқавуза. Рав-рав, намешад.

Ман пулро ба кисаи сарисинагиам андохта истода:

– Зиқ нашав, Хумор. Ман аз шаҳр ба ту лабчанги кори калон меорам. Ин лабчанг он қадар нағз набудааст, – гуфтам.

– Хайр, биё, писар, ба ту як нағзӣ кунам. Аз чӣ бошад, ки вазъи мард дигар шуд, – ин аҷаб духтарчаи дӯстрӯ будааст-дия.

Вай се сӯми дарозкардаамро гирифта:

– Як сӯмаш кифоя, бигир зиёдатиша. Ба Ширхони аттор ҳаққи мардум намефорад, – гӯён бақияи пулро ба кисаам худаш андохт, ки ман аз вай ҳаргиз инро интизор набудам. Ташаккургӯён ақиб гаштам.

– Додо, ин чӣ кори кардагиат?! – сахт карда гуфт касе. Ба онҳо нигаристам. Муқобили ҷӯгӣ духтараш меистод.

– Ҷим исто, лаънатӣ!

Савдогар ба сари асп тозиёна бардошт.

Хурсандии Хумор беандоза буд. Янгаам ҳам якзайл шодӣ мекард, гӯиё ман ба духтари ӯ шаҳре гирифта дода бошам.

– Ку, ба ман бите, – вай аз Хумор лабчангро гирифту чунон моҳирона ба навохтан даромад, ки! Вуҷудамро оромии аҷоибе фаро гирифт. Роҳат кардам. Дар ҳақиқат ягон асбоби дигари мусиқӣ ин оҳанги дилфиребро дода наметавонад.

– Акнун худат навоз-чӣ, Хуморҷон, лекин дигар инашро гум накун. Кӣ медонад, ки ҷӯгӣ ба тарафҳои мо боз кай меояд.

Духтарак ба нағмапардозӣ шурӯъ кард.

– Биёв, биёв, лӯбиё,

Духтарова шӯ биё, – шӯхиомез ба оҳанг ҷӯр шуд янгаам. Хумор хандакунон ба кӯча тохт.

Бегоҳии ҳамон рӯз ба мақсади гардиш кардан тарафи сой равон шудам. Ҳар гоҳ ки ба деҳа меоям, қувваи ниҳоне маро ин ҷо мекашад. Сабаб чӣ бошад, ки ин мавзеъро Сойбозор ном мебаранд. Ман тасаввур карда наметавонам, ин мавзеи хилват, ки як тараф рӯдаки шӯхе ҷорӣ мегардаду тарафи дигар дараи сабзу хуррам ҷилванамоӣ мекунад, замоне макони хариду фурӯши мардум бошад. Ин ҷо сол – дувоздаҳ моҳ садои хониши мурғони гуногун қатъ намегардад. Болотар аз Санги навишта рӯйи таҳкурсии нирӯгоҳи барқии обие, ки кайҳо аз кор мондааст, нишастам. Ин иншоот аз он вақт, ки аз нирӯгоҳи пуриқтидор қувваи барқи баландшиддат расид, матрук шудааст. Аз миён бисту панҷ-сӣ сол гузашта бошад ҳам, ба ин иншооти хурд боду борон чандон таъсир нарасондааст.

Яке ба гӯшам садои нарм-нарм погузорӣ ва хишироси либос расид. Аҷабо, лӯлидухтар ин ҷо чӣ кор мекунад? Вай рост тарафи ман меомад.

– Салом!

Рости гап, каме хиҷил шудам, ки аз ман пеш салом кард.

– Мумкин наздат шинам?

– Бемалол.

Ман чунон вонамуд мекардам, ки ҳузури ӯ бароям фарқе надорад. Мазмун, рафторам ба вай маъқул набуд, ки беқарорӣ мекард: сангчаҳои зери пояшро як-як чида ба пастӣ ҳаво медод, тез-тез гулӯ меафшонд. Ман оҳиста зери чашм ба ӯ менигаристам. Шайтон-е, вай ҳам duздида нигоҳ мекардааст. Хандид.

– Чаро механдӣ?

– Худат-чӣ?

– Ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Аз паси ту омадам.

– Омадӣ, ки пули мондагии лабчангро рӯёнӣ?

– Ин чӣ гапе, ки ту мегӯйӣ?! Ман… ман магар гунаҳгорам? Охир, падарам… Аз ҷониби ӯ, ба ҳар ҳол, аз ту узр мепурсам.

Аз гапҳои берабти духтарак чизе намефаҳмидам.

– Чӣ хел узр? Охир, падарат ба ман лабчангро арзон фурӯхт, ту аз ин норозӣ будӣ…

– Пас ту хабар надорӣ…

– Аз чӣ?

– Эҳ, ту чӣ хел бачаи лабкашол будаӣ, боз эшон – донишҷӯй. Дар рӯзи равшан дар зодгоҳи худат кисаатро буранд, намефаҳмию дар шаҳр…

– Чиҳо мегӯйӣ, духтарак? Аз куҷо медонӣ, ки ман донишҷуй ҳастам?

– Ма, бигир, бисотата.

Ҳангам канд. Бо як даст ҳуҷҷатҳоямро мегирифтаму бо дасти дигар кисаи холиамро медоштам. Аҷаб, ҳуҷҷатҳои ман кай ба дасти ин духтар афтод? Ҳмм… Вай навак аз номи падараш узр хост. Наход мардак… Гуфтам-а, чаро ҷӯгӣ якбора нарм шуд?… Падарқусур ба ивази як «нағзӣ» сад чизи дигар бурданӣ будааст.

Ҳуҷҷатҳоямро аз назар гузаронидам.

– Ҳамааш ҳаст?

– Бале.

– Дурусттар бин.

– Нобуди чанд сӯмаки гумшуда. Барои ҳуҷҷатҳо ташаккур. Миннатдорам.

– Ман ҳуҷҷатҳоятро наёфтаам-ку. Вақте инҳоро аз таги болини падарам гирифтам, дар байнашон пул набуд…

– Биё, мон ин гапҳоро. Муҳимаш ҳуҷҷатҳо гум нашуданд.

– Минбаъд ҳушёр бош.

Ман ба чашмони духтарак зеҳн мондам.

– Чаро ту ин тавр кардӣ?

Саволам ноҷо намуд, ки шӯрид:

– Магар мо ҳақ чиву ноҳақ чӣ, дарк намекунем? Аз авлоди ҷӯгиён милиса ҳам ҳаст, – аз афти кор ҷумлаи охиринашро ба ҳақшиносии қабилаи хеш далел пеш меовард. Сахт хандидам.

– Чӣ механдӣ?

– Духтур ҳам доред?

– Дорем. Вай зани амаки Рамат. Аз Русия овардагӣ.

– Артист доред?

– Дорем. Номаш – Илёс. Писари амаки Рамату холаи Марусия. Вай аввал дар тӯю маъракаҳо ном баровардааст. Раққоси зӯр-дия. Сонӣ, модараш урус не-мӣ, роҳу равиш ёфта Илёса ба Душанбе мактаби артисто бурда мондагӣ. Расоям бачаи хушрӯ-дия. Ду бор зан гирифтагӣ. Як бор намедонам, урус бошад, Жоле гуфтанӣ овозхона гирифтагӣ. Лекин вай иқаям урусба монанд не. Тоҷики тапа-тайёр, мегӯйӣ. Расо зӯр мехонад-ку. Аммо нашуд а сиёқ, дуюм бор духтари амаки Марабати хирсбоза гирифт. Номаш – Лочин. Мегӯн, аз ҳамон рӯзе, ки Илёс Лочина гирифт, ба хонааш баракат даромадааст. Пеш-

тар ба хонаи вай ҳеҷ кас намерафт. Жоле рӯйхуш намедодааст. Ҳозир ба рӯйи хурду калони авлод дараш кушодагӣ. Агар меҳмонат ҷӯгӣ бошад, дар ҳақиқат, вай атои худо. Чува ки хӯрҷини ҷӯгӣ ҳиҷ вақт холӣ не, мегӯд падарам. Писари Рамат дар вазорат кор кунад ҳам, якаш ду набуд, мана, ба пою қадами Лочин ҳамеша ба хонааш хӯрҷин-хӯрҷин нону кулча медарояд, мегӯянд мардум.

Ман риштаи суханро боз ба мавзӯи аввала кашидам:

– Аз қавми шумо муаллим ҳаст?

– Ҳаст. Сардор-муаллим. Вай аз тоҷикҳо дида хубтар дарс метияд. Дарса бо зувони худамо метияд. Зӯр мефаҳмонад.

– …?

– Масалан, намегӯд, ки «об». Мегӯд, ки «майоб». Намегӯд, ки «Ин ҷо биё!» Мегӯд, ки «Индак варс!»

– Сардор-муаллим насаб дорад?

Якбора фаҳмид, ки ман гӯлпурсӣ мекунам. Даст афшонд. Духтарак ҷаҳл карда буд. Ҳамин дам овози занонае ба гӯш расид: «Истам, ҳо-о, Истам!»

Духтарак бе хайру хуш тозон фаромада рафт. Духтараки ғалатӣ будааст Истам. Вайро чӣ маҷбур карда бошад, ки дуздии падарашро назди шахси бегона ошкор кард?

Ман аз паси лӯлидухтар нигоҳ мекардам ва беихтиёр ҳар чизеро, ки дар ҳаққи ин қавми сарҳуй дидаву шунидаам, аз лавҳи хотир варақгардон мекардам.

Аҷаб мардумеанд ин ҷӯгиён. Боре гурӯҳи ҷавонон аз назди бинои Идораи бозрасии автомобилӣ мегузаштем, яке баробар овоз баланд кардани тӯдаи калони одамон диққатамонро ҷалб кард.

– Ваҳ, ҷӯгиён митинг мекунанд! – гуфт нафаре аз мо. Аз роҳ бозистодем.

– Андрей, ини мо – якта!

– Нахо, миёни ҳамиқа бачаҳо ини мо ҷудо шуда монад-а, Андрей? Охир, ини мо…

– Андрей, як мардӣ кун, ини мо – якта!

Ҷавонмарди рус дастонашро шоф карда чизе мегуфт, аммо ҷӯгиён истодагарӣ мекарданд.

– Андрей, мо аз ту, ҷӯра, як илтимос кардем-да. Гапа нагардон, охир, канса да кансоф, мо ҳам одамем!

Ина бинед, ки дар баробари калонсолон кӯдакону наврасон низ ба Андрей гап гузаронданӣ мешуданд:

– Акаи Андрей, нағзӣ катӣ кора буд кун!

Ҳангоматалабон ҷамъ мешуданд. Андрей (мазмун, вай нозири роҳ буд, ки аз ронандагони оянда имтиҳон мегирифт) ба обу арақ

ғӯтида аз лӯлиён талаб мекард, ки садди роҳ нашаванд, вагарна оқибати кор хуб намешавад. Вале мардону занони якрав ва кӯдакони побарҳна парвои «оқибати кор»-ро надоштанд.

– Мо дар давоми қариб ҳафтод соли Ҳокимияти Шӯравӣ овоз баланд накардем. Аз мо ягон одами номдор набаромад. Мана, акун замони ошкорбаёнӣ омад. Монед, ки ҳаққамоя талаб кунем!

– Рост мегӯяд Сардор-муаллим!

– Мо то кай ба тоҷикон гардан каҷ мекунем? Таи як сол мешавад, ки бо фалон пул мошини сабукрав харидаем! Аммо мошини як авлоди бузург аз набудани шофир занг зада хоб рафтааст. Ягон «права»-дорба илтимос кунем, ки бо мошини худҳомон ба ҷое бурда биёрад, ҳақ талаб мекунад. Ин гапи куҷо? Мошин ини худат, бензин ини худат, боз шофирба пул те будааст! – овози ғулғулаафкани марди бузургҷуссае, ки Сардор-муаллимаш мегуфтанд, доду фарёди дигаронро пахш мекард, – О, қойда, ба одамоне, ки ба ин касбу кор якум бор даст мезананд, сабукӣ метиян. Ман якумин муаллим аз авлод ҳастам. Вақте ба донишгоҳи омӯзгорӣ дохил шудам, ҳарчанд ки номам Сардор бошад ҳам, каллаам чандон мағз надошт, яъне, балоя намедонистам. Дар имтиҳони забони русӣ худи Успенская «Первая ласточка» гуфта ба ман баҳои аъло гузошта буд. Ҳо, ана вая намояндаи хақиқии миллати бузург гӯйӣ, мешад, – гилаомез гуфт Сардор-муаллим ва оҳанги нутқашро як парда баландтар бардошт:

– Бас, ба ҷон расид! Мо Тайлоқа бо азобе розӣ кунондем, ки мактаби шофирӣ хонад. Ана имрӯз шон (ба нозир ишора мекард мард) вая аз имтиҳон ғалтондаанд!

– Ҳеҳ, вай кайҳо аз имтиҳони мо гузаштагӣ.

– Чандин бор мошини ҷӯгиён ба деҳаҳои гирду атроф рафта омад, ту ғами вая нахӯр, мошин ронда метонад!

– Ҳо, метонад! Метонад! – баробар дод мезад издиҳом.

Ҷавонмарди рус бо овози паст чизе гуфт.

– Чӣ-ӣ! Ту ба Сардор-муаллим бовар намекунӣ?! Вай фол намекушод, дидаву донистагиша мегӯд. Тайлоқ шофири тапа-тайёр. Фақат ҳуҷҷаташа нависта метийию бас! Ана он вақт ҷонат аз мо халос.

– Бале, ҳуҷҷат нависта те! Ини мо даҳта не. Тайлоқ якта! – баробар талаб карданд ҷӯгиён ва Андрейро ба идора гирифта даровварданд.

* * *

Янгаам маро баъд аз хӯроки шом дарун даъват кард. Аз чизе па-

решон менамуд.

– Чӣ шуд, апа?

– Ман аз ту чизеро пурсиданӣ, Шарифҷон.

– Марҳамат.

– Ту қиссаи Лӯ ва Лиро ҳеҷ шунидаӣ? Набошад, гӯш дор. Лӯ ва Лӣ ду додару хоҳар буданд. Онҳо…

Ин чӣ гап? Янгаам бо чӣ мақсад ба қиссагӯйӣ сар кард? Вай аз чӣ дар ташвиш аст? Наход дар Сойбозор бо лӯлидухтар соате гуфтугӯ карданамон аллакай ба ӯ маълум? Хабаркаш кист? Тавба, ман ба хона нарасида, ғайбатгаре кайҳо кори худро анҷом додагӣ барин-ку.

– Чаро имрӯз якбора ин қиссаро ба хотир овардед?

– То ту донӣ, ки ҷӯгидухтар ҳаргиз ба фарзанди мусулмон раво нест.

– Шумо чиҳо мегӯед? Чаро равшантар гап намезанед?

– Ту хурд нестӣ, Шарифҷон, Ҳама гап ба худат аён. Шӯхӣ-шӯхӣ сари моро хам накунӣ, мегӯям. Охир, касеро, ки ба ҷӯгӣ наздикӣ мекунад, ҳафт пушташ ҳаром, мегӯянд.

– Аҷаб содаед. Ин гапҳоро мардум барои паст задани ин қавм бофта баромадаанд…

– Тавба, ба ин бача гап зану гап шунав! – оҳанги ситеза дошт суханони янгаам.

Маро ҳеҷ хоб намебурд. Ин чӣ гап? Ман чӣ ҳаракати ноҷо кардам, ки апаи Иноятам ташвиш мекашад? Магар бо духтараке, ки дар росткорӣ ҳатто муқобили падар истода метавонад, чанд сухан раду бадал кардан гуноҳ аст? Бечораи ин мардум аз чӣ ба таҳқири дигарон дучоранд?

«– Шарифҷон, медонӣ, ки мо чаро дарбадарем, дар як ҷо қарор намегирем?

– Шунидаам, ки вақте Офаридгор рӯзӣ тақсим мекард, лӯлиён ба ин маърака ақиб мондаанд. Қисмати ками насиба монда будааст, ки ба ин халқи сернуфус басанда набудааст. Худованд як мушт ризқро ба сари оламиён пошида ба бенасибаҳо «ҷӯю гир» гуфтааст. Аз он рӯз ҷӯгиён аз паси ризқу рӯзии чошу пошашон дар тамоми ҷаҳон овораанд.

– Вале бибии раҳматиам ба ман қисса карда буд, ки аҷдоди мо аз Мултони Ҳиндустони афсонавӣ будаанд. Халқи он сарзамини бостонӣ чолоку зирак, ҳозирҷавобу ҳунарманд ва рақосу суханпардоз мешудаанд. Дар ҳар як хонадони мӯлтонӣ камаш ҳашт-даҳ фарзанд ба дунё меомадааст. Табиист, ки хӯрондану пӯшондани оилаи

калон кори осон нест. Нодореро зиндагӣ зӯр омадааст магар, ки дар ҷустуҷӯйи зиндагии обод рахти сафар бастааст. Дар як аробаи шалақ ҳам зану фарзанд, ҳам лоқу пари рӯзгорашро базӯр ҷо додаст. Роҳ ноҳамвору тӯлонӣ будааст, аз ин рӯ шабҳангом аз ароба гоҳ ин меафтидаасту гоҳ он. Бечораи лӯлимард сари ҳар чанд аспи мондаву лакоташро боздошта, афтодаҳоро боз ба ароба бор мекардааст. Аммо баъзан мешудааст, ки ягон кӯдаки ғанабрафтаи лӯлӣ аз ароба меғелидаасту волидайни хобзеркарда бехабар мемондаанд. Дар роҳ боз фарзандони нав таввлид меёфтаанд ва ҷойи гумшудагонро мегирифтаанд. Ҳамин тавр, оилаи ҷӯгӣ дар ҷустуҷӯйи қути лоямут ҷаҳон гашта, тухми худро саросари дунё паҳн кардааст.»

Субҳи барвақт аз ҷойгаҳ хестам. Дастору собун гирифта ба сой фаромадам. Хуб шустушӯ кардам. Яке хоби шабдидаам ба ёдам зад. Бо тамоми ҷузъиёташ пеши назар овардам. Гӯиё ману Истам ривояти гузаштагонро ба ҳамдигар нақл кардаем. Тавба, хоб дидам, гуфтам? Наход одамро дар хоб чунин возеҳ бинӣ ва гуфтугӯ то ин андоза равшан сурат гирад? Аммо мешудааст. Вагарна кӣ ба ман дар ҳаққи ҷӯгиён хикоят кард? Ман боре шунида будам, ки Пушкин аксари шеърҳои беҳтаринашро дар хобаш эҷод мекардааст. Яъне, хоб медидаасту хотирааш, ки мустаҳкам будааст, баробари бедор шудан қалам ба даст мегирифтааст. Пас одам метавонистааст, ки дар як он чанд корро иҷро кунад: ҳам хоб рафта истироҳат кунад, ҳам ба касе мулоқот варзад, ба эҷод машғул бошад, гиреҳеро, ки рӯзона кушода натавониста буд, во созад. Аммо шахси дуюм-чӣ? Масалан, Истам имшаб бо ман дар мулоқот буд ё не? Ҳикояти мӯлтонии оворагардро ба хотир оварда метавонад? Ва ё ӯ он лаҳзаҳо тамоман чизи дигарро хоб медид? Ин тавр бошад, ин ҳикоят ба хоби ман аз куҷо даромад? Пас ин афсона аз куҷо? Ва ё ман онро дар хоб бофтам? Яъне, ман эҷодкорам? Ва шояд ин ҳикоятро ягон вақт аз касе шунида ва ё аз китобе хонда бошам. Боре ба ман як шарикдарсам гуфта буд, гоҳо воқеаҳоеро бо тамоми майдаву резааш ба хотир меорад, ки намедонад он ҳодисаро шоҳид будааст, дар кино дидааст ва ё аз асаре хондааст?

Ногаҳ чашмонамро касе бо дастонаш зер кард. Аз чӣ бошад ки чеҳраи Истам пеши назар омад.

– Истам!

– Хестӣ, ки хобат, – овози духтарак аз дигар тараф омад.

– Пас, кист, ки шӯхӣ мекунад?

– Дарёб!

– Ёрӣ деҳ, – илтиҷои дурӯғин кардам ман.

– Ба ивазаш чӣ медиҳӣ?

– Ҳар чизе, ки хоҳӣ.

– Кош…

– Бигӯ, чӣ мехоҳӣ?

– Чизе не. Кушо чашмонаша, Начот.

Чанд сония пеши дидагонам торик буд. Ду сояи пасту баланд оҳиста-оҳиста ба Истаму писарбачаи хандонрӯе табдил ёфтанд. Писарак ва Истам себи дукафон буданд. Пай бурдам, ки онҳо додару хоҳаранд. Аз кӯзаи дасти Истам маълум буд, ки онҳо барои об ба сари чашма омадаанд.

– Тарсидӣ?

– Аз чӣ метарсам? Аҷаб гапҳое мегӯйӣ.

– Охир, тоҷикон кӯдаконро бо номи ҷӯгизанакҳои хӯрҷиндор метарсонанд-ку.

– Ҳо, рост мегӯйӣ. Бачаҳои гапнодароро ҳам аз лӯлӣ ба ивази сабӯс харидем, мегӯянд. Масалан, то комилан худро шинохтан бовар мекардам, ки маро апаи Иноятам аз лӯлизанаке ба ивази чакса[1] сабӯс харидааст. Аз ин рӯ, агар да кӯча ягон лӯлии хӯрҷиндорро бинам, мегурехтам, ки маро duздида дар ҷойи дигар ба ивази сабӯс нафурӯшад.

– Акнун наметарсӣ?

– Чаро тарсам, ки аввалан, ман кӯдак нестам, сонияп, ту ҳам аз он занҳои хӯрҷинбакитф нестӣ.

– Яке тарсӣ… – Истам нигоҳи озмоишӣ дошт.

– Харгиз! – бо ҷиддияту бовари том гуфтам ман.

– Аз гапу калочаи одамон-чӣ?

– Ман ба ҳама маънӣ аз касе бим надорам. Ба роҳам рост бошам, чаро тарсам?

– Ин тавр бошад, гардиш мекунем?

Начот кӯзаи пуробро аз дасти апааш гирифта ба чодирашон бурд. Мо оҳиста-оҳиста лаб-лаби рӯдаки Обишир боло рафтем.

– Туро имшаб сарзаниш карданд?

– Фол дидӣ-чӣ, лӯлидухтар?

– Ин ҳунар аз дасти ман намеояд, ҳарчанд ки набераи Нозуки фолбин ҳастам.

– Нозуки фолбин гуфтӣ?

– Бале. Фолбинӣ касби азалии ҷӯгиён аст. Зеро аз паси ин ҳунар

---

[1] Чакса – як миқдор (шояд ин калима ифодакунандаи ченаки миқдор бошад).

сабаби зиндагӣ[1] ба даст меояд. Аммо фолбинии Нозук барои дарёфти молу пул набуд. Вай худоназаркардае буд. Фолаш доимо рост мебаромад. Дар суроғаш мардум деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр мегаштанд.

– Ман дар бораи он фолбини машҳур аз модаркалонам шунидаам. Пас ту набераи Нозук ҳастӣ. Қавми шумо солҳои ҷанги Гирмон чанде дар Сӯх сокин буданд, медонӣ? Модаркалонат аслан лӯлӣ набуд, медонӣ?

Истам ба манои тааҷҷуб китф дарҳам кашид. Мазмун, намедонистааст. Лӯлиён пинҳон медоштаанд, аз афти ҳол.

«Замоне дар як рустои тоҷикнишин Исмоил ном марде зиндагӣ мекард. Вай марди тануманд, чашму абрӯсиёҳ ва ҳунарманд, дар айни ҳол ниҳоят бадқаҳр буд. Аз ин рӯ, бо ин ҳама сурати зебо дар назар шахси зиште менамуд. Хусусан, бачаҳо ӯро беҳад бад медиданд. Ба боғу токзори пурбораш даст намезаданд. Зеро аз ӯ ҳар чизро интизор шудан мумкин буд. Ҳатто сагу пишакҳо аз тавораи ҳотааш ҳаққи гузаштан надоштанд!

Он тобистон ҳам боғу киштзори Исмоил нашъунамо дошт. Ҳамин ки пӯсти харбуза ба замин афтид, ба Такоб чун ҳарвақта ҷӯгиён чодир заданд. Чӣ мегӯед, ки чашми калонсолонро хато карда ҷӯгибачае аз шиғдевори Исмоили бадхӯ ба дарахти себи ҷавпазак часпидааст. Бечораро аҷал пеш карда оварда будааст, вагарна кӯчиёни калонсол ҳаргиз ба ин худдонамӣ роҳ намедоданд. Ба онҳо феъли Исмоил маълум буд, охир.

Эҳ-ҳе, он бегоҳ дар русто қиёмат қоим шуд. Ҷӯгиён мӯру малах барин зер карда омаданд. Доду ғирев, оҳу фиғон ба фалак дакка зад. Кас намедонист, ки соҳиби мурда кист. Ҳама гӯиё падару модар ва хоҳару додарони маит буданд. Яктаниву якҷонии қабиларо дида, аҳли деҳ гиребон доштанд. Ҳис карданд, ки пеши ин мардуми ба ғазабомада оҷизанд, ноилоҷ пири тадбиркори деҳаро бо таваллою зорӣ назди кӯчиён оварданд, то аз ҳуҷуми фалокатовар амон ёбанд. Пири деҳа мусибатдоронро ба бурдбориву оромӣ даъват кард, аммо ҳамоно саллааш аз каллааш парид. Мӯйсафед фаҳмид, ки ба кори нашудание доварӣ кардааст. Ва ноилоҷ гуфт:

– Ман аз номи аҳли деҳа ваъда медиҳам, ки ҳар чӣ қадаре ки мехоҳед, хунбаҳоятонро медиҳем. Фикр кунед, бародарон, марг ҳақ аст ва мурда дигар зинда намешавад. Илоҷи дигар нест…

– Мо мурда намефурӯшем!!! – пирамардро дигар гап задан намонданд онҳо, – Қасд мегирем! Хун бар хун! Ҷон бар ҷон! Исмоили

---

[1] Сабаби зиндагӣ, яъне, ризқу рӯзӣ.

хунхор фарзандашро барорад.

Пири соҳибназар чӣ кор карданашро намедонист. Тӯдаи ҷӯгиён лаҳза ба лаҳза меафзуд. Деҳаро хавф таҳдид мекард. Ногаҳон Исмоил духтарчаи панҷсолаи худро пешандоз карда баромад. Ҳама моту мабҳут шуданд. Аз ҳавлӣ фарёди ҷонкоҳи зани Исмоил шунида шуд. Ришсафед дасти духтарчаро ба дасти модари маит дод. Тӯда ақиб гашт. Субҳи дигар дар Такоб чодире наменамуд. Ҷӯгиён фирор карда буданд.

Пас аз чандин сол дар ин тактак ба Нозук-ҷӯгии фолбин касе баробарӣ намекард. Вай ҳамон духтараки гаравии Исмоили бадхӯ буд, ки лӯлиён ба чашму абрӯи сиёҳ ва қадду қомати чун сарв базебаш муносиб Нозук ном карда буданд. Вале ӯ аллакай аслу насабашро намедонист, «тоҷик будан»-ро ба шаънаш таҳқир меҳисобид.»

Ман ӯро барои худам кашф мекардам. Чеҳрааш гарм, гӯиё шахси наздикеро ба хотир меовард, нигоҳаш ҷаззоб, ростгӯву қасосгир метофт.

Шилдир-шилдири ҷӯйчаҳои тезоб, ки болотар аз наҳраки Обишир ҷудо шудаанд, гуворо ба гӯш мерасид. Хаёл мекардӣ, оҳанги нотакрори мусиқист, ки ба суруди мурғони хушхон таносубан офарида шудааст. Ин нағмаҳо якдигарро пур ва баобу ранг мекарданд. Истам ба лаби ҷӯйбор нишасту аз оби нуқрафом чанд каф нӯши ҷон кард. Ман ҳам аз бараш ҷой гирифтам.

– Шарифҷон.

– Лаббай.

– Ба донишгоҳ дохил шудан душвор?

– Ин ба донишу тайёрӣ вобаста. Хондан мехоҳӣ?

– Бале, аммо… Ман ҳайронам, ки барои чӣ мардуми мо худро қадр намекунанд? Шарифҷон, магар ба қавми мо хондан мумкин нест?

– Не, чаро? Шумо духтур доред, милиса ҳам. Пас барои чӣ хондани ту номумкин будааст?

Вай ба шӯхии ман хандае кард. Оҳ, дар ин лаҳза чашмони сиёҳаш чӣ қадар дилфиребӣ, раддаи дандонҳои садафсояш чӣ миқдор дилкашӣ доштанд! Масти ин нигоҳу ин малоҳати беҳамто гашта будам, ки ин мисраъҳо беихтиёр ба забонам меомаданд:

*Дил ташнаи шароб шуд, бингар, рубобхоҳ,*
*Ҷойи шароб лӯливаши мо майобхоҳ*[1],

---

[1] Майоб – дар лафзи лӯлиёни Осиёи марказӣ ба маънои об корбаст мешавад.

*Бебода маст гашта, дигар рахти хобхоҳ...*

Ман ин мисраъҳоро мегуфтаму бехудона ба баёзи гардани базебаш даст меандохтам.

– Дастата букаш! Буқаи бешохбанд барин чӣ бехуд шудӣ?!

Дар пешам духтараки сиёҳчурдаи хашмолуде меистод. Вай ба Истаме, ки лаҳзае пештар бо хандаи латифаш дилрабоӣ мекард, заррае шабоҳат надошт. Раги ҷӯгигиаш кашида буд.

– Бубахш, – нимғурма кардам ман.

– Апа, ҳей апа!

Аз паси дарахтони анбӯҳ додари Истам намоён шуд.

– Чӣ гап шуд ба ту, Наҷот?

– Акаи Тайлоқ омад!

– Куҷост ӯ?

– Пеши очам. Ҳар ду ҷанг карданд.

– Да чӣ?

– Тура кашокаш карданд. Тайлоқ мегӯд, кадом ҷӯгидухтар хонда одам шудааст, ки Истам шавад.

– Очам чӣ гуфт?

– Ман ихтиёри ӯра ба худаш додам, гуфт.

– Додом-чӣ?

– Вай гап назада сурнайсозӣ мекард.

– Ту рав, додарҷон, ман ҳозир меоям. Ҳа, воқеан, ҳамон китоби муқовасахтро ягон ҷо пинҳон кун. Чаро намефаҳмӣ? «Тоҷикон»-ро руст кун мегӯям, ки дасти нопоки Тайлоқ ба ин китоби табаррук нарасад.

Духтарак ҳарчанд табъи хуш надошт, вале аз ҳузурам намерафт. Ман намедонистам, чӣ кор кунам. Вай боз бадхашмона ба поён сангреза ҳаво медод ва ҳар сари чанд бо гӯшаи чашм ба ман зеҳн мемонд. Аммо ин ҷониб ҷуръати гапкушоӣ надоштам.

– Чӣ дам мешинӣ?

– …

– Намепурсӣ, ки Тайлоқ кист?

– Вай Тайлоқи шофир?

– Бале. ӯ амакбачаи падарам аст. Ту мешиносӣ вая?

– ӯро кӣ намешиносад? Вай дар байни ҷӯгиёни Қапчуғай ягона аст. Ягона ронандаи ҳуҷҷатдор!

– Ҳоло Тайлоқ ронанда нест. Каллаи хомаш дар вақти хондан чизе қабул накарда будааст, ки аз дасти ӯ мошинаи кампири Чинӣ тамом шуд. На мошин монду на шофирии Тайлоқ.

Ба ҳоли ронандаи зӯракӣ хандаам омад. Хайр, мошини ҷӯгиён тамом шуда бошад, ронанда чӣ лозим? Нағз шудааст.

– Чаро вай хондани туро намехоҳад?

– Дилакаш, ки тезтар хонадор шавад.

Духтарак асабиёна ба ҷарӣ сангча ҳаво медод.

– Ту ӯро намехоҳӣ?

– Намехоҳам, ки зиндаву мурдаша ба дӯш бигирам. Одам барин зистан мехоҳам. Чува мо, ҷӯгиён наметавонем, ки ҳалол меҳнат кунем, рӯзӣ ёбем, ба каси дилхоҳ ишқ варзем, комёб гардем, ба мақсад бирасем?! Чува ҳанӯз мо, занҳо бо асову хӯрҷин дарбадар гардем? Чува мардҳоямон худҳошона ба корҳои сабук зада, аксаран мурдашона ба гардани занҳо мепартоянд?! Аз чӣ аз байни ин қавми, бо қавле, накбатзада одамшавандае, олиму доное намебарояд?! Ҳама бо чашми кушода кӯранд?!

Истам гоҳ ба худ меомаду файласуфвор фикр меронд – рӯзгори азалии қавмашро бемаънӣ мехонд – хуни тоҷикиаш ҷӯш мезад; гоҳ аз худ мерафт, сойро сангборон мекард, каси номаълумеро ҳақорат медод – раги ҷӯгигиааш мекашид. Оқибат ором шуд. Мо аз ҷой хестем ва оҳиста – охиста ақиб гаштем.

– Истам, фаҳмидан мехостам, ки ту набераи духтарии Нозуки фолбин ҳастӣ ё набераи писариаш?

– Ба ту чӣ фарқ дорад?

– Ҳамту… Медонам, ки Нозук аз косатарошони Андиҷон буд, аммо падарат амакбачаи Тайлоқи қабчуғайӣ будааст.

– Худат дар факултаи лӯлишиносӣ мехонӣ магар? – чеҳраи духтар кушода шуд.

– Агар ту дар донишгоҳ хонию олиму доно шавӣ, чунин факултаро асос хоҳӣ гузошт.

– Пас, ин маълумот ба ту аз куҷост?

– Модаркалони раҳматиам бо Нозук-ҷӯгии андиҷонӣ аҳди хоҳархондӣ дошт. Аз рӯйи гуфти ӯ, солҳои ҷанги Гирмон лӯлиёни косатароши Ҷомашӯйиро ба Сӯх оварда, дар колхоз маҷбуран кор фармуда будаанд. Бибиам мегуфт, ки он қавми саркашро Нозук ном зани оқилае сарварӣ мекард. Вай ҳеҷ ба ҷӯгиён монандӣ надошт. Мегуфтанд, ки аслан ин зани паричеҳра лӯлӣ набуд.

– Рост гуфтааст бибии ту. Нозуки фолбин аслан тоҷик буд. Шояд қиссаи рӯзгори ин фолбини машҳур ба гӯши ту ҳам расида бошад. Охир, ҳар куҷо, ки мегардем, аз забони мардум дар ҳаққи ӯ қисаҳои нав ба нав мешунавем. Албатта, дар ҳаққаш мардум нек мегӯянд. Модарам ба касе «Нозук – модари ман», – намегӯяд, аммо аз шуни-

дани ин зайл гапҳо хурсанд мешавад. Хуллас, падарам ба духтари Нозуки фолбини андиҷонӣ гирифтор шуда, бо сад азоб дили хушдомани ояндаашро ба даст дароварда, хушбахт мегардад. Нозуки фолбин бо шарте духтараша ба Ширхон медиҳад, ки мисли дигарон мурдаву зиндаша ба сари китфони нозуки занаш напартояд. Балки мард бошаду рӯзгора худаш таъмин кунад. Ширхон розӣ мешад. Шарти дигар ин будааст, ки домод зиндагии муқимӣ ихтиёр кунад. Зеро лӯлиёни Чомашӯй дигар гардандагӣ намекунанду аз азал талбанда ҳам набудаанд. Бесабаб онҳора косатарошон намегӯянд. Онҳо асосан аҳли касбанд. Падар ба ҳама шарт розӣ шуда бошад ҳам, хумори зодгоҳ ҳеҷ оромаш намегузоштагӣ. Оқибат, баъд аз марги модаркалонам моя бо зориву золӣ ба Қапчуғай овард. Албатта, ба модарам, ки ба ҳар ҳол дар муҳити шаҳр калон шудагӣ, ҳаёти нимкӯчии қавми падарам хуш намеомад. Падар ҳам дар қавлаш истода, бо гуфти худаш, модарама рӯйи даст мегирад, вая ба талбандагӣ маҷбур намекунад. Мардуми Қапчуғай падарама таъна ҳам мекунанд. Занкалон мегӯянд. Ана ҳамин хел гапҳо, фаҳмидӣ?

Истам лаҳзае хомӯш монд ва боз илова карл:

– Ман ба ғайр аз ту ба касе қоил нашудагиям, ки зоти ман ба кадом дудмон мерасад.

– Чаро? Магар байни лӯлиён хуни тоҷикӣ доштан айб ҳисоб меёбад?

– Гап дар сари ин ҳам не. Гап дар он ҷост, ки намехоҳам аз паси ҳунару истеъдоди худододи каси дигар, агарчи вай модаркалони ман бошад, сарфарозӣ кунам. Модарам ҳамеша ина таъкид мекунад. Вагарна нағз медонад, ки дар ин воҳа модараша хуб ба ёд доранд. Вақте ба ин ҷо омадем, модарам гуфт: «Ҳарчанд хурд будам, аз ин ҷо хотироти зиёд дорам. Мо чанд сол муқими ин деҳа будем, ки раиси колхозаш Бобо Калон ном дошт. Хонае ки мо мезистем, дар шафати масҷид буд. Модарам бо кадбонуи он хонадон аҳди хоҳархондӣ дошт. Аз миён солиёни зиёд гузаштааст. На модари ман барҳаёту на хоҳархонди вай. Бо гуфте, калон шуданд хурдако, ҷудо шуданд хешако. Имрӯз мисли солҳои ҷанг кӣ ҷӯгиҳоя эҳтиром мекунад? Он солҳо бадбахтии ба сари кишвар омада ҳамая яктану якҷон карда буд...»

Сонӣ... медонӣ, Шарифҷон, боз...

– Барои чӣ забон мехойӣ? Чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Гуфтаҳои мана ба ҳиҷ кас нагӯ, фаҳмидӣ? Агар ба гӯши падарам расад, хафа мешад. Чунки ба мо калонтарамон ҳамеша таъкид мекунанд: «Худатона ба бегонаҳо пурра шинос накунед, нагӯед, ки аслан аз куҷоеду номатон чист. Агар байни худатон аз ягон сирри

ҷӯгиён гап заданӣ бошед, бо лафзи хоси худамон гӯед, ки бегона пай набарад.»

– Падарат чунин таъкид мекунад?

– Натанҳо падарам. Таомул ҳамин хел.

– Пас Хоҷа Ҳофиз дар ин маврид ба иғроқ нарафта будааст:

*Дилам рамидаи лӯливашест шӯрангез,*
*Дурӯғваъдаву қаттолвазъу рангомез.*

Чӣ гуфтӣ, Истам?

– …

– Мана, чодири шумо ҳам намоён шуд.

– Шарифҷон…

– Чӣ мегӯйӣ?

– Ту дар бораи лӯлиҳо бисёр байт медонӣ?

– Чӣ гӯям ба ту… Шоирон барои ифодаи хӯю хислати маъшуқаи бебоку ҷасур, ширинишамоили саркаш маҷозан аз ин вожа истифода мебаранд. Масалан, Хоҷа Ҳофиз байти маъруфе дорад:

*Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯху ширинкори шаҳрошӯб,*
*Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони Яғморо.*

Аз адабиёти хазорсолаи мо бо истифодаи вожагони «лӯлӣ», «лӯливаш», «лӯлисон», «лӯлии ширинишамоил» садҳо ғазал ёфтан мумкин. Лекин, ба хаёли ман, ин мавзӯи таҳқиқношуда аст. Ҳоло дар насри тоҷик қиссаву ҳикояҳое мавҷуданд, ки қаҳрамонашон сирф ҷӯгиёнанд.

– Шунидаам. Сардор-муаллим гуфта буд. Гуфта буд, ки нависандааш… ҳозир… ҳозир ба хотирам мебиёрам…

– Сорбон.

– Бале, худи худакаш. Агар ин китоба ёфта медодӣ, худам мехондам.

– Аввал ту ба донишгоҳ дохил шав. Охир, бе тайёрӣ донишҷӯй шудан аз имкон берун аст.

– Гуфти ту шавад. Аммо мехостам, ки дар аввали суҳбат хондагӣ шеърата як бори дигар хонӣ.

– Тарсам, ин дафъа ҳақорате шунавам, ки аз «буққаи бешохбанд» дида сахттар бошад.

– Метарсидагӣ бошӣ, аз ман дуртарак истода, боадабона шеър хон, – худи Истам аз пайроҳаи борик як зина боло баромада фармон дод:

– Хон акун!

– Ба чашм! – шӯхиомез таъзим кардам ман.

*Чун қомати расои ту дар баҳру дар бар аст,*
*Сад сарв чокар асту ғуломат санавбар аст.*
*Густарда хон ба пешат, бин, гулбашаккар аст,*
*«Боғи маро чӣ ҳоҷати сарву санавбар аст,*
*Шамшоди хонапарвари ман аз кӣ камтар аст?»*

*Дил ташнаи шароб шуда, бингар, рубобхоҳ,*
*Ҷойи шароб лӯливаши мо майобхоҳ,*
*Бебода маст шуда, дигар масти хобхоҳ.*
*«Чун нақши ғам зи дур бубинӣ, шароб хоҳ,*
*Ташхис кардаему мудово мукаррар аст.»*

*Ай дилрабо, ки ҳусн зи маҳи шаб гирифтаӣ*
*В-он нури чашми худ зи кавокиб гирифтаӣ,*
*Лаб бар лабат гузоштам, таб гирифтаӣ.*
*«Эй нозанин санам, ту чи мазҳаб гирифтаӣ,*
*К-ат хуни мо ҳалолтар аз шири модар аст?»*

*Ин Оби Раҳмат*[1] *аст, чӣ обе ба пойи ӯст?*
*Ин обрӯйи мост, ки раҳмат зи ройи Дӯст,*
*Чун об рӯшанист, чу дору барои туст,*
*«Фарқ аст аз оби Хизр, ки зулмот ҷойи ӯст,*
*То оби мо, ки манбааш Аллоҳу акбар аст!...»*

Истам чашм пӯшида буду аз шунидани мухаммас кайф мебурд. Ман метавонистам ҳамагӣ ду қадам ба пеш гузораму дар бараш бошам, то бо таъми як бӯса ҳалво даҳон ширин кунам. Аммо …

– Истам! – шунида шуд овози пурхашми Ширхони чӯгӣ.

Духтар бо ду ҷаҳиш дар як он аз назар ғоиб гардид.

* * *

– Ҳой, хез, саги дайду, хез мегӯям!

Аз ҷоям ҷаста хестам. Ман бародарамро ҳеҷ гоҳ дар ин сурат надида будам. Ранги рӯяш сап-сафед канда, лабонаш пир-пир мепари-

---

[1] Оби Раҳмат – мавзеи хушбоду ҳаво дар Самарқанд

данд.

– Чи гап, ако?

– Ман аз ту пурсиданиам, ки чӣ гап? Ҳеҳ дар гӯри ту барин аҳмақ…

Янгаам аз паси тиреза гузашт. Ман зуд либос пӯшидам.

– Монед, акоҷонаш. Шарифҷон хатояшро фаҳмид, дигар номаъқулиашро такрор намекунад. Ҳамту не, Шарифҷон? – ӯ ба маънои «ҳамин хел гӯй» ба ман чашмакӣ зад.

– Ту ҷим шин, мӯйдарози кӯтаҳақл! Моро танҳо мон, агар не…

Янгаам ғайб зад. Аз пасаш бо кароҳат менигаристам. Зан аз тухми шайтон мерӯяд, мегуфтанд, ки рост будааст. Гоҳ оташ дармедиҳаду гоҳ об соф мекунад.

– Забонат ба комат часпид? Вақти бо ҷӯгии бӯгин мулоқот карданат булбули гӯё будӣ-ку! Ту, аз афти кор, маро сархам карданӣ! Не, ман ба ин шармандагӣ тоб намеорам! Дастонатро мешиканам, то ҳаргиз ҳалқаи гардани ҷӯгиҳои кӯча нашавад! Фаҳмидӣ, ҳаром?! Аз ин музофот номатро гум мекунам!

– Хайр, бас! – ман чӣ гуфтанамро надониста, аз бозувонам дастони бародарамро дур кардам.

– Бас будааст-а! Ҳозир аз ду якеро интихоб мекунӣ: ё хешу табор, ё он зоғчаи бадбӯй!

Бо гуфти бародарам, забонам ба комам часпида буд. Ман чӣ гӯям ба ӯ? Гӯям, ки бо духтарак муносибати ҷиддие надорам, бовар намекунад. Чӣ сон дилашро ором кунам?

– Гап зан, ҳаром, кадомаш?

«Ҳаром» мегӯяд? Вай аз ман чӣ мехоҳад? Агар домани маъшуқаамро сар надиҳам, аз деҳа дур шавам? Аз баҳри ёру диёр бароям? Чӣ хел забонаш мегардад? Магар намефаҳмад, ки ману зодгоҳам решапайвандем? Ва зиёда аз ин, ӯ чӣ ҳақ дорад, ки ба дили ман фармон диҳад? Ҳоло-ку ҳеҷ гап нашудааст, агар дар ҳақиқат ман Истамро дӯст дорам-чӣ? Магар намеарзад? Вай аз зани акоям ва духтарони деҳ чӣ камӣ дорад?

– На ину на он! – раги якравиам он лаҳза воқеан таранг шуда буд.

Ваҳ! Шӯре бархост!

– Номаъқул кардӣ! Агар ин тур, худам ҳал мекунам. Нест мекунам ту барин расворо!!!

Вай анбӯри панҷаҳояшро ба гулӯям андохт.

– Додош! Девона шудед-чӣ?! Хумор, дав, тағота ҷеғ зан!

* * *

Дергоҳ вассашуморӣ кардам. Майнаам равшан намешуд, вале ба ҳар ҳол, ман зану шавҳарро мефаҳмидам. Ба қавли янгаам, онҳо як пора гӯштро шири даст дода калон кардаанд. Ояндаи маро бетараф нестанд. Онҳо ҳам фалсафаи худро доранд, охир. Аз гапу калочаи мардум метарсанд.

Бародарам ба номи модарам қасам хӯрд, ки ин корро ҳамту намемонад.

Оҳ, модар! Модарҷон, ман туро дар хотир надорам, аз навозишат баҳра набурдаам. Мегӯянд, модар – силаи меҳр асту дилаш пахтавор нарм. Фарзандро бо ним нигоҳ мефаҳмад. Агар ту барҳаёт мебудӣ…

Ман кистам? Дар ин хонадон кӣ меҳисобандам? Узви комилҳуқуқи оила ё фармонбардоре? Чаро бо иродаи хеш коре карда наметавонам? Бо дилхоҳе чор даҳон дарди дил кардам, чӣ шуд? Ба андешаи «шири даст»-е, ки наздикон додаанд, то кай аз хати кашидаашон набароям?

Истам… Нигоҳат ниёзманд аст. Вале ман бо ин сохту суммот орзуятро шикаста наметавонам. Заифам. Урфу одати куҳан поямро ишкел аст. Ман ҳоли туро мефаҳмам, аммо нодида мегирам. Пас, чӣ тур ҷавонмардам? Охир, Саъдии бузург ҳикмат карда, ки: «Банӣ одам аъзои якдигаранд».

* * *

«– Ниҳоят меравӣ?

– Бале.

– Фаромӯш намекунӣ?

– …

– Чаро хомӯшӣ?

– Ман назди ту гунаҳгор, Шариф.

– Чӣ хел?

– Як чизакат дар ман.

– Чӣ будааст вай?

– Ҳамон рӯз расматро нигоҳ дошта будам. Наханд. Бубахш. Туя ғам додам. Хайр, ман меравам.

– Боз кай меойӣ?

– …

– Дигар намеойӣ? Истам! Истам! Иста-а-ам!!!»

Як лаҳза худамро гум кардам. Нафаспеч шуда будам, дилам гурсгурс мезад. Як табақи тиреза беист кушодаву пӯшида мешуд. Ба гӯш садои шамолу шир-шири борон мерасид. Мизони вақтро гум карда

будам. Янгаам паси тиреза рафтуо дошт.

Рӯйи ҳавлӣ баромадам. Боду борон бухси диламро зиёд кард. Хонагиҳо кайҳо ношто карда, аз пайи кору борашон рафта буданд. Янгаам ба ман беэътиборӣ мекард. Ҷигот андохта буд.

Оҳиста-оҳиста кӯча баромадам. Деҳа гӯиё холӣ буд. Обишир туғён дошт, оҳанги дили ман мекард. Шамоли рӯдаку нам-нами риштаборон тасфи диламро паст карда наметавонист. Таънаву маломати бародарам ҳанӯз дар паси гӯшам садо медод, пеши назарам нигоҳи бегонаавзои янгаам. Худамро танҳои танҳо ҳис мекардаму хориам меомад.

Ба Сойбозор фаромадам. Хостам бо Истам вохӯрам. Чодири сурх ку? Лӯлиён куҷо шуданд? Охир, Истам ваъдаи дидор карда буд-ку? Не, вай маро надида рафта наметавонист. Бо ҳар роҳ маро мeёфт.

Аз пушти анбӯҳи буттаҳои ангат ва раддаи шамшодҳои соҳили наҳраки тезоб чодири алвонӣ дигар ба чашм намерасид. Вале ман ба фирори кӯчиён ҳаргиз бовар кардан намехостам. Манзили собиқи лӯлиён бесару сомон буд: қуттиҳои тунукагӣ, ки аз онҳо Ширхони ҷӯгӣ сурнайчаву гӯшвораву дастпонаҳо месохт, шишаҳои чиркину лабшикаста ҳар сӯ паҳну парешон мехуфтанд. Ман карахту музтар ба як гӯшаи Санги лағжонак нишастам. Яке чашмам ба китоби бемуқовае афтод. Ба даст гирифтаму дунё дар назарам тор шуд. Саҳифаҳои ғиҷиму даридаи «Тоҷикон» хунолуда буд! Ман яқин кардам,ки Истам бо хоҳиши худ нарафтааст, ӯро зӯран бурдаанд, агар не, чаро ин китоб, ки духтарак табаррук медонист, дар чунин ҳол аст? Ин хун аз куҷост? Мабодо…

Борон шиддат мекард, раъду барқ ба дил кора мекард. Оқибат ба қароре омадаму сӯйи хона тохтам. Дар як лаҳза ҳарчӣ ба ман тааллуқ дошт, ғундоштаму бори баста кардам. Ва ба сари бозор шитофтам. Хуморро вохӯрдам, ки дар дарвозахонаи бибии модариаш ҳамроҳи духтарчаҳо сангчабозӣ мекард.

– Амакҷон, – аз роҳ боздошт маро. Борро сари роҳ мондаму Хуморро ба оғӯш кашидам.

– Ба донишгоҳатон меравед? Ду моҳ меистам, гуфта будед-ку… Боз кай меоед?

– Меоям. Меоям, аз ин ҷо дил канда мешавад магар… Фақат кай? Инашро намедонам. Хайр!

Сабукраве дар қади роҳ интизори мусофир буд. Ба мошин нишастаму гуфтам:

– Рафтем, пули чор касро худам медиҳам.

Пас аз дақиқае сӯроби Хумор, ки даст меафшонд, аз назар ғойиб шуд. Мошин бо суръати тез пеш мерафт.

*Соли 1983 (соли 2010 таҷдиди назар шуд).*

# МАН ЧУНИН ДЕВОНААМ

*« Худванд ин кишварро аз душман,*
*аз хушксолӣ, аз дурӯғ нигоҳ дорад!»*
*(Дуои Доруюши Кабир дар Тахти Ҷамшед)*

Дар оташи ишқи ӯ месӯхтам. Аммо намедонистам, ки чӣ ном дораду куҷоист. Чандест ки ӯ дар деҳаи мо пайдо шуда. Дар рустое ки аз хурд то калон ҳама якдигарро ном ба ном мешиносанд, ӯ шахси бегона буд. Ин вуҷуде, ки маро бандаву шайдои хеш гардонида, ба назарам, на танҳо дар деҳи мо, балки дар ҷаҳон назире надошт. Тарҳи рӯйи зебои ӯро, саропойи нурполои варо чӣ навъ тасвир созам? Паричеҳра буд, лафзаш шаккар, лабаш майгун, рухаш гулгун, саропо оташе буд, ки маро месӯзонду месузонд.

Медонам, ба ҳолам хоҳед хандид. Хоҳед гуфт: «Ту ӯро чунин тасвир месозӣ, ки гӯиё дилдодаат ҷавонмард неву дӯшизае бошад.» Бовар кунед, мани ошиқ наметавонам ӯро дигаргуна тафсиф созам. Албатта, ҳуснаш зиёда аз онест, ки ман мегӯям. Вуҷудаш салобату савлати мардонае дорад, ки амсолашро дигар дар ҳеҷ кас надидаам. «Чӣ ном дошт? Насабу ҳасабаш аён буд?» – мепурсед шумо? Чӣ гӯям… Беҳтараш ман он мавҷуди беҳамторо ном намебарам. Зеро… охир, номашро напурсидаам. Шояд ӯ ҳам номи маро надонад. Саҳеҳтараш, ману вай ниёз ба номи якдигар надоштем. Балки мо ба дили ҳамдигар сарикор мегирифтему бесухан месурудем, қиссаҳои ошиқӣ мегуфтем. Хуллас, то он ки тақдир моро абадан ба ҳамдигар вобаста кард, хеле гапу корҳо гузашт

Ман ҳамвора дар оташи ҷонгудози ишқ месӯхтам. Оташи шавқу шааф чунон баланд буд, ки ақлу ҳуш мебохтам, худро идора карда наметавонистам. Пойҳоям беихтиёр ба роҳ медаромаданд. Куҷо мерафтам? Маҳаллаи боло мерафтам, маҳаллаи поён меомадам, росткӯчаву тангкӯча медаромадам. Хуллас, тамоми деҳаро давр мезадам, давр мезадам... ва оқибат ӯро меёфтам. «Куҷоҳо мегардӣ?» – хаёлан мепурсидамаш. «Ман ҳамроҳи ту будам. Ҳамнафаси ту будам», – мегуфт вай бо забони безабонӣ.

Он шаб қариб то рӯз хобам намебурд. Дар авроқи тираи шаб бо килки зарини хаёл тарҳи рӯйи беназирашро ончунон нурпошу нурбор тасвир месохтам ва он лавҳи муҷаллоро ба қафаси сина пахш мекардаму аз як паҳлу ба паҳлуи дигар бармегаштам. Оҳ мекашидаму ашк мерехтам. Ҳамин зайл шаби навбатии фироқро бо хондани чунин абёт паси сар кардам:

*«Паризоде маро девона карда,*
*Зи хешу ошно бегона карда...»*[1]

Яке нобаҳангом чашмонамро гармӣ бурдаву лаҳзае ғанаб кардаам. Вале сурати он паричеҳра аз пеши назар дур намешуд. Акнун он тасвири хаёлӣ ҷон гирифта буду ба канори нопайдоканорам мекашид. Ман аз ғояти шодмонӣ як кад паридам ва тифли субҳро дар домони шаби фироқ бидидам. Осемасар аз ҷой хестам, бо шабнами атргул ҳастиямро пок шустам, атри нозбӯй ба баногӯш задам, пироҳани ҳарири испед ба бар кардам ва пой аз бӯсагоҳи[2] хона берун ниҳодам. Қалбам ҳис мекард, ки ӯ дар кӯча не, дар ҳойит, паси себи намангонӣ, ки ғарки гули настарании сурх аст, интизорӣ мекашад. Дилам рост мегуфт. ӯ либоси шаҳӣ пӯшидаву аз лигоми асби шаҳпар медошт. Мо бесадо салому паём гуфтем. Вай бо як ҷаҳиш сари зини Шаҳпари сафед, ки ёлу думаш ба атрофу акноф шуълаи симранг мепошид, нишаст ва маро сабук ба сари даст гирифт. Шаҳпар шиҳае кашид ва пеш давид. На, на, асб намедавид, балки мепарид. Оҳ, ин деҳи хуфта, ин бӯстони беҳамто, ин кушкакҳову айвон-кайвонҳои тунукапӯш... ҳо ана бинои мактаби мо, майдончаи варзишӣ, гулбоғи ҷамоати деҳот, шоҳроҳи мумфарш, раставу дӯконҳо, бозоргоҳ... Аз боло чӣ манзараи дилфиреб дорад зодгоҳи ман! Мо болои боло мепарем. Шаҳпар фазои деҳаро се бор чарх зада, оҳиста поин мешавад. Ман намехоҳам, ки парвози мо ба ин зудӣ қатъ ёбад. «Мо боз парвоз хоҳем кард. Аввал боястӣ русуми мардумӣ ба ҷо биёрем, ҳама дар тамошоҷо моро интизоранд. Сипас Шаҳпар ба аршамон хоҳад расонд. Он ҷо қадаҳи васл ба сар хоҳем кашид». Сарам чарх мегашт, дилам ширин гум мезад. Маҳбуби ман паси гӯшам бесадо ҳарфи муҳаббат мехонд. Бале, ӯ беовоз гап мезанад: лабҳо баста, қалбҳо бо лаҳни эҳсосот арзи ишқ мекунанд.

О, ваҳ, чӣ миқдор одами бисёр! Ҳама паричеҳра, ҳама гуландом, кабкхиром, чашмҳо сурмасо, лабҳо майгуна, моҳҷабин, сунбулкокул, покҷома...Ҷавонмардон мардони одӣ не, шаҳмард, қавипайкар, рехтабадан, варзида... ҳама кушодадил, шӯху шангу ҳазлкаш. Ҷонибе созандагон, ҷонибе бозандагон, яке чанг ба каф, дигаре даст ба даф, яке бас нағмапардоз, дигаре бо ӯ ҳамовоз, яке дар рақс устоз, дигаре дар ишваву ноз. Дар ҳавои оҳанги ҷӯр овозхонон суруди «ёр-ёр» мехонанд, арғуштиён чархзанону пойкӯбон доди ҳунар медиҳанд!

---

[1] Ин байт аз Ҳозиқ аст.
[2] Остона, даромадгоҳи хона.

Ниҳоят, Шаҳпари симиншуо миёни даври хунёгарон таваққуф мекунад. Мутрибон ба нағмаи нав мегузаранд. Атрофиён моро гулборон мекунанд. Ду нафар бачаи камарбаста, ки лухтаквор оро ёфта буданду нав мӯйлабашон майса мезад, тахти равон ҳозир сохтанд. Дӯшизагони хушхирому хушлибос ба хидмат ҳозир шуданду ману ӯ андар тахти равон ангуштнамои хосу ом. Тахти моро ба пешгаҳ ҷой доданд ва аз ду тараф рӯйи мизҳои мунаққаш дастархони ҷашнӣ густурданд. Дар миёна ба як мижа задан дор кашиданд. Дорбозон дар ҳавои рези табл рӯйи расанҳо метохтанду масхарабозон ширинкорӣ менамуданд. Сарам ҳамвора сабук чарх мезад. Ин манзара бароям ҳам ошно буду ҳам ноошно. Мардум ҳама ношинос буданд, вале ба ҳар ҳол ин базмгоҳ бозори калони деҳкадаи мо буд, ки ба тарзи нав оро додаанд. Дилам мехост, ки дар сургоҳ наздикони ман ҳам бошанд. Рӯйи суриҳои[1] ороста хамсояҳову ҳамқадонам, дӯсту ёрони ман низ нишаста фароғат кунанд. Аз хидмати ғуломони камарбаста ва канизони хончадор[2] баҳра бардоранд. Онҳо шоҳид бошанд, ки ӯ шаҳи хуштолеи ин маъракаи осмонкаф асту ман арӯси анӯшаи муносибе дар бари ёр. Мо ҳар ду... на, на, балки ҳамаи мо хушбахту беғашем. Аммо ҳоло ҳамаи ҳузурдоштагон на аз ҷониби ман, балки аз қавми андаҳоянд. Аз ҷониби арӯс касе нест. Не-е, ман дар ин шаббазм ҳар замон сурати шиносеро мебинам. Аҷабо, ӯ кист? Подабони деҳаи мо Барзу нест магар? Бале, ҳамон Барзуест, ки ҳар бегоҳ дарвозаеро мезанад: «Оши ҳалол!» Вай дарвозаи моро низ чанд бор «оши ҳалол» – гӯён тақ-тақ зада буд. Боре бобоям ӯро ба сари суфра хонда буд. Барзуи подабон бе бисмиллоҳ хуб дулунҷа палав мезад. Чунон саросема, чунон чашмгурусна метофт ӯ! Инак, ҳозир ҳам табақи кабобро аз дасти хидматпешае қариб кашида гирифт. Чумчаву чангаку кордро як сӯ тела дода, дасту остин барзада, лӯла-лӯла кабобро ба даҳон меандохт. Хайрият, ки касе ба Барзу эътибор намедод. Ногаҳ луқмаеро нахоида фурӯ бурду нафас дар гулӯяш дармонд. Вай месурфиду ба мизбон ишорат мекард, ки шарбат резад. Пешхидмат ба қадаҳи хурде чанд ҷуръа нӯшокӣ рехт. Барзу на қадаҳро, балки шишаи дасти ҷавонро чанг зада гирифт. Беихтиёр қоҳ-қоҳ хандидам. Ҳама мутаҳайир ба ман чашм андохтанд. Шаҳи ман хиҷолат кашид ва ба атрофиёнаш ишорат кард. Раиси базм, ки ҷавонмарди паҳлавонсурати шакарланге[3] буд, эълом

---

[1] Сурӣ – кати чӯбин.
[2] Хонча – табақи чоргӯшае, ки рӯяш чоршарбат гузошта, дар тоқи сар аз ҷое ба ҷое мебаранд; ба ифодаи мардуми имрӯз-паднӯс.
[3] Онеро шакарланг гӯянд, ки сабук мелангад.

дошт, ки шаҳу арӯсро ба арш мехонанд. ӯ маро рӯйи дастонаш гирифту Шаҳпар сӯйи Каҳкашон бол кушод. Осмон ситоразор буд. «Магар субҳ ангора накарда буд?» – аз дил гузаронидам ман. «Субҳи козиб буд, ки гузашт. То субҳи содиқ вақт ҳаст», – шунидам овои қалби ӯро.

Корвони бахти мо сӯйи Каҳкашон мешитобид. Ҳанӯз ҳам садои дафу дойра, тору рӯбоб, чангу чағона баланд буд. Ҳама «ёр-ёр» мехонанду Моҳу Парвин нозу адо менамуданд, ситораҳои шӯх чашмакзанон чилванамоӣ мекарданд. Чӣ аҷаб, ки он гаҳ кордонони нӯҳ фалак ба ҳам омада, ҳар яке камарбаста ба хизмате буданд. Ва ниҳоят қофилаи бахт ба ҷойе маҳмил кушод, ки намедонистам, чӣ маконе буд. Ҳама давра гирифтанд. Меҳтариён[1] оҳанги шӯхе гирифта, базми осмонкафро давом доданд. Бо ҳидояти чанд нафар мо даст ба даст дода паси пардаи ҳарири абр гузаштем. Оҳ, чӣ манзаран зебое! Зери по пойандоз аз парниёни абр, атроф ҳамчунин бо пардаи саҳоб печонида. Ҷиҳози ин кохи ширранг ҳама симгун. Чилчароғи бузург ҳам шӯълаи нуқрафом мепошад. Моро марди бузургсоле, ки чавгони ду абри маҳпӯшаш аз зери аммомаи оҳарӣ баромадаву худ саропо нуру зиё буд, ба наздаш талабиду бо ризояти мо, ҳарду хутбаи никоҳамон хонд.

«Баъд чӣ?» – мепурсед шумо? Мо ба нишони васли ҷовид ба ангуштони ҳамдигар ангуштарӣ гузаронидем? На. Балки мо чунон тавъам шудем, ки гӯиё андар як ҳалқаи ангуштарӣ будем. Ман дар он лаҳзаи ҳаяҷоновар беихтиёр қалби нозуки хешро аз сина баркандам ва рӯйи дастони ёрам гузоштам. Туҳфаи вай ба ин гирифтору вола килкеву лавҳи муҷаллое буд, ки шамшеру сипарро ба ёд меандохт.

*«Ту хушбахтӣ?» – аз нигоҳи гарми ёрам ин суол ҳувайдо буд. Ман беихтиёр килки мурассаъ ба лавҳи ширгуна бурдам:*

*Э навшаҳи беназири хушком,*
*Як сина сафо муборакат бод!*
*Э Шаҳпари симранги хушном,*
*Ин фатҳи само муборакат бод!*

ӯ ба нишони арзи сипос дастони маро бибӯсид. Пирзане, ки ҳамчунон либоси фохири испед ба бар дошт, ду қадахи лаълфом ба дасти мо дод ва фотиҳаи бахти сафедамон хонд. Пас он бонуи некӯхисол оинаи хумоюнӣ ба рӯямон дошт. Он асбоби муҷалло танҳо чеҳраҳои моро не, ботини моро низ мунъакис мекард, балки

[1] Меҳтар – сурнай; меҳтариён – сурнайнавозлон.

худ оинаи поке дар ваҳдати вуҷуди мо буд. Ҳар ду басе саодатманду пирӯз будему шукргузор. Ба якдигар савганди садоқат меҳӯрдему дар айни ҳол мешунидем, ки аз ғайб моро касе хушдор медиҳад:

*«Ғам мадор, эй покдил, дар синаат,*
*Пок дор аз ҳар ғубор ойинаат».*[1]

«Зуд бошед, охир, сапеда медамад!!!» Мо худро ношунида мегирифтем. Шаҳнукарон Шаҳпарро зӯран пеши мо овардан мехостанд, аммо ин ҷонвари безабони рамузфаҳм ба хости дили мо амал мекарду ба ишон сар намефаровард. Ситораҳо аз поён чашмакӣ мезаданд, моҳ аз паси абри сабук ними абрӯ менамуд ва ба поён ишора мекард. Ман ноилоҷ мондам ва ба шаҳмарди хеш арз доштам: «Шояд биравем…» «Боз каме, як лаҳзае…» – илтиҷо мекард азизи ман. «Ҳоло шабҳои зиёд дар пеш», – ором мекардам ӯро. «Вале лаззати шаби аввал дигар аст», – мегуфт вай. «То вақти азон бояд дар он ҷо бошӣ», – панд медод пири нуронӣ. «Ман расидани субҳро чашми дидан надорам!» – итоб мекард шаҳсавори ман. «Ман ҳам!» – ба ӯ ҳамовозӣ кардам ман.

Чаро шумо бо исрор мепурсед, ки «Муколамаатон бо кадом забон баён мегашт?» Магар нашунидаед, ки Унсурии Балхӣ чӣ гуфта?

*Чу бо одамӣ ҷуфт гардад парӣ,*
*Нагӯяд парӣ ҷуз ба лафзи дарӣ.*

Хуллас, субҳи пархошҷӯй найзаи алам баланд мекарду лашкари парокандаи ситорагони аз ҳолрафта тан ба таслим медоданд. Ва мо ноилоҷ сари зини Шаҳпар нишастем. Аз зери сӯми Шаҳпари бодинон шарора мерехт ва он шуълаҳо ба ҳам меомаданду ситораи саҳарӣ тавлид меёфт.

Танҳо чашм пӯшидаму кушодам, ки худро рӯйи рахти хоб ёфтам.

Модарам сурфакунон хумраи шири навдӯшидаро ба чанбараки айвон меовехту мегуфт:

– Гурдофариди ҷон, хез, модагова ба подаҷо бар. Хез, ки вақт меравад.

Падарам обдаста дар даст аз таҳоратхона мебаромад. Аз манзар ба берун менигаристаму фикру хаёлам ба ӯ банд буд.

Хоб буд ё хаёл буд? Вале лавҳу килки дастам гувоҳи ҳақиқати

[1] Байт аз Ҷалолуддини Балхист.

ҳол буд. Куҷо рафт ӯ? Шояд вай чун ҳамешагӣ дар қади роҳ маро интизор аст? Ман саросема бархостам ва банди модаговро кашолакунон ба кӯча баромадам. Халқаи ресмони модаговро суст мекардам, ки ҳолати аҷиберо пай бурдам. Аҷабо, ин субҳ аз ҳамаи субҳҳои дигар фарқ мекунад. Кӯча серғавғо, гову гӯсолаҳо гулу раёҳини кӯчабоғро поймол мекунанд, модаговҳо ба подаҷо не, балки ақиб метозанд: ба-а, бӯ-ӯ... кадбонувон дубора говҳоро берун ҳай мекунанд.

– Чӣ гап, Гулҷон, чиба пода ақиб гаштааст?

– Имрӯз пода намешавад, аз афти кор.

– Чиба?

– Мегӯянд, ки Барзуя аҷина задааст. Бечора нотоб, аз кому забон монда хоб рафтааст.

– Не-е. ин гапа аз кӣ шунидед?

– Мулло Исматуллоҳи девбанд гуфтанд, Нисоҷон. Подабони мо кадом як гови гурезая кофта-кофта таги ағба рафта будааст, дер баргаштааст. Аз сари бозор мегузаштааст, ки... Эҳ, баданам виҷирос зад-е.

– Гӯед, ки сонӣ чӣ шудааст?

– Хуллас, ба чашмаш менамояд-дия. Ҷинҳо дар саҳни бозор базми арусӣ доштаанд. Барзу ҳам аз рӯйи одати деринааш меҳмони нохонда шуда, хуб кабобу шароб хурдааст. Маст шудаасту яке ба худ омадааст, ки...

– Эъ, дурӯғ будагисте, наход, акнун... куҷое кайф карда, ғелида мондагист-дия.

– Бовар кунед, Нисоҷон. Медонед, Барзу чӣ гуфтааст? «Ҳушёр шуда бинам, базмгоҳ куҷо, ҷойи хобам молбозор. Ун дори баланде, ки дорбозони боҳунар бозӣ мекарданд, аз се чӯбчаи якваҷабии дорвор росткарда иборат асту халос. Дастархонҳои пур аз нозу неъмат куҷо, ба пешам дар як дамтабақи лабшикаста саргини аспу дар куттии консерва пешоби бӯйноки кадом ҷонвара гузоштаанд.»

– Ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ!!! Ба ҷойи шароб пешобу ба ҷойи тарёк саргин катӣ хуб кайф кардааст-дия Барзуи бангӣ.

– Эҳ, ҷонкании мушу бозикунии гурба гуфтанашон ҳамин будааст-дия. Ҳамсоя, чиба ба бадбахтии як бечораи балозада механдед? Аслан, бадбахтии Барзу бадбахтии мо нест магар?

– Яъне, чӣ хел?

– Чӣ хел мешуд, гуфти Мулло Исматулоҳи девбанд рост бошаду Барзу ба чунин ҳоли табоҳ афтода бошад, дар ин замон кӣ подабонӣ мекунад? Ҳатто ҳамин Баходури биникашол бизнесмен шудааст, мегӯянд.

– Якум ин, ки Мулло Исматулоҳ рост мегӯяд ё дурӯғ, ҳеч кас намедонад, – ба гап ҳамроҳ шуд ҳамсоязани дигаре, – чунки агар Барзу аз забон монда бошад, сафсатаи базми аҷинаҳоя кӣ мебофт? Дуюм ин, ки ба подабон дигар қирон наомадааст. Фаразан, Барзу шал шуда бошаду Баҳодур – тоҷир, Соҳиби девона-чӣ, аз саҳар то шом чорбозоргардӣ мекунаду таги бинии ҳар раҳгузар сипанд дуд дода, базӯр ризқу рӯзӣ меёбад.

– Эҳ, ҳамсояе, ёфти якрӯзаи талбандаву қаландарҳо аз маоши якмоҳаи муаллимону духтурон бештар. Набошад, чор писари муаллими ман чанд сол боз номи пасти муҳоҷири меҳнатия гирифта, дар Русия заҳмат кашанд ҳам, якашона ду карда наметавонанду ҷӯгиёни талбанда аз Русия халта–халта пул оварда, хонаҳои дуқабата месозанду мошинсавор мегарданд?

– Ризқи ҷӯгӣ – болои мардум. Аввал онҳо дар ҳамин гирду атроф мегаштанд, имрӯз бо номи «тоҷики гуреза» майдони фаъолияташона васеъ кардаанд. Мегӯянд, ки бачаҳои лӯлиҳои тоҷикзабон дар Русия андак-андак забон гум кардаанд. Бо русӣ чунон тоза гап мезадаанд, ки…

Аз назди ҳамсоязанҳо дур мешавам. Ҳмм... аз ин мебарояд, ки Барзуро чиз[1] расидааст. Ва ман беихтиёр он лавҳу килкеро, ки рӯйи мизи хатнависӣ гузошта омадам, пеши назар овардам. Модом ки он ҳадя ба дасти ман аст, арӯсии мо маҳсули хобу хаёл нест. Бале, имшаб ман арӯс шудам. Ҷуфти ман домоди одие набуд, шаҳсавори беназире буд. Шаҳпараш асби симандуде буд, ки аз наълҳояш ситораҳо мерехтанд, ситораҳои нуқрафом.

Ман тамоми кӯчаву тангкӯчаҳои деҳаро мегаштам. Дар ҳар гардиш ба пасу пеш назар меафкандам, ки шояд ӯ аз рӯйи одати дерин ноаён маро пайгирӣ мекарда бошад. Не, аз вай дараке набуд. Хаёлан ӯро даъват мекардам: «Шаҳи ман! Маҳбуби яктои ман! Кучойӣ ту? Худро аён соз, хоҳиш мекунам! Маро масӯзон, овораву саргардон макун...» Аммо ҷавобе набуд. Магар ӯ маро намешунавад ҳамсони фалаки кар? Пас, бубояд чунон овоз дардиҳам, ки сақфи фалакулафлок шикофад? Агар нидои сипеҳрсой дардиҳам, мардум чӣ мегуянд? Беҳтараш, ман паст-паст сухан мегуям. Нолидани ошиқ ба гӯши ёри мувофиқ бояд бирасад. Охир, мо то имруз ҳамдигарро беовоз, бесухан ҳам мешунидему мефаҳмидем. Ва инак:

– Ёри беҳамтои ман! Яктову нопайдои ман! Чаро пешам намеойӣ?

---

[1] Гӯяе ҳаст, ки деву аҷинаро ном гирифтан маънои даъвати онҳоро дорад. Аз ин рӯ, мардум чунин мавҳумотро «беном» ва ё «чиз» ном мебаранд.

Чӣ хомӯшӣ? Намеоӣӣ? Биё, биё, ки девона мешавам. Мегӯянд, ки Барзуро чин задаст. Ин чӣ маънӣ дорад? Ҷашни васли мову базми аҷинаҳоро чӣ иртиботест? Биё, биёву банди ин муамморо кушо...

Ӯ ҷавобе намедиҳад, пайдо намешавад. Ман ҳамвора раҳ мепаймоям. Мебинам, ки раҳгузарон ҷонибам ҳайратзада чашм мепартоянд. Ман ба он лавҳи муҷалло, ки ҳар лаҳзаи дилхоҳ пайдо мешавад, килки адаб кашидам:

*Ҷашмони ман роҳинтизор,*
*Зор астаму ҳай, зор-зор.*
*Гулғунча метобад чу хор.*
*Хор астаму ҳай, хор, хор.*

– Бигӯ, манзили ту куҷост? Қавми ту куҷо шуданд? Ҳамон паричеҳрагони симинқабо, ки қофилаи бахти моро то сипеҳри барин ҳамраҳӣ мекарданд, манзилашон куҷост? Шаҳпари ту куст? Айб намешавад, ки синҳорро пас аз шаби аввал ба хонаи падар биёриву партоиву равӣ? Ман чиладорам. Бубояд чил шабу чил рӯз чароғи хонаи бахтам хамӯш набошад. Ту ҳамвора ҳамнафаси ман бошӣ ва паёпай қадаҳи васл даркашем. Вале ту дар чунин рӯзи саид, ки бояд арӯсатро рӯйкушоён мекарданд, маро танҳо гузоштӣ. Ва ё қавми нуриён чунин расму оин надоранд? Шояд нотоб шудӣ? Шояд фалокате ба сарат омад? Ва шояд Шаҳпари бодпои туро дарде расид? Не! Не!!! Набояд қисмати холадухтари ман такрор ёбад. Шояд, Шаҳноз чун ту ёри беҳамто надошт. Шаҳи ӯ як ҷавони одӣ буд, ҳамту як шарикдарсаш аз шаҳри дур. Шаҳноз, ки паривор хушрӯю хушгӯй буд, он ҷавон девонавор ошиқаш шуд. Миёни рустои мову он шаҳри дур хостгорони Шаҳноз мокувор дар рафтуо буданд, то чанд моҳу чанд сол гузашт. Падари духтар розӣ намешуд. Духтарашро ба ҷойи дур, ба одамони ноозмуд додан намехост. Аммо муҳаббати Шаҳнозу он ҷавони шаҳрӣ ба сари афлок мешуд. Ин буд, ки ҳеҷ кас аз ҳамдеҳагон ба умед дари мардакро накӯбид. Духтаре, ки дар шаҳри дур панҷ соли тамом аз назорати волидайн берун мехонам, гуфта, ишқварзиву дилбозӣ карда бошад, ба кӣ даркор? Ва оқибат синни Шаҳноз ба таги сӣ расид. Пойу қадами талабгорони шаҳриаш ҳам аз ин русто канда шуд. Таънаю маломати занҳои бедаҳон ба ҷони духтар расид магар, ки рӯзе худаш ба дилдодааш тилфон карду хостгоронро талабид. Бе ризояти зодмандон дар ошхонаи мактаб зиёфати хурде доду ҳамраҳи шаҳу ду нафар наздикони ӯ буғчаяке дар даст ба сабукраве нишаст ва

деҳаро тарк гуфт. Оҳанги рафтанаш чунон ҳузнангез буд, ки ҳатто дили бадгуёнаш ганда шуд. Муаллимаҳои ҳамкораш оби дида рехтанд, кампири Санам аз паси мошин об пошиду модарвор дуои нек кард.

Ва аммо дуои кампираки дилсӯз мустаҷоб нагардид. Баъди се рӯз хабари марги Шаҳноз расид. Мазмун, тарафи андаҳо бо нияти шикастани тамоми орзуи ду дилдодаи содиқ, ки солҳои дароз басе азобҳо кашида буданд, ҷашни арӯсиро хеле бодабдабаву хотирмон гузаронидан хостаанд. Баъди маросими ақди никоҳ шаҳу арӯс ва ёрони онҳоро ба киштиҳои ороставу гулфишон нишонда, тамоми шаб дар Баҳри тоҷик сайр кунондаанд. Аз қазо, яке муҳаррики киштичаи домоду арӯс аз кор мондаву фалокат рух додааст.

Хешовандоне, ки ба шунидани хабари шум ба он «шаҳри гумном» (модари Шаҳноз чунин сифат дода буд он шаҳрро) рафта буданд, бозгашта мегуфтанд, ки домоди ноком девонаавзо шудааст. Қасам мехӯрдааст, ки баъд аз ин на хона обод мекунаду на ёди ҳамсари дигаре.

Падари Шаҳноз маъракаи ғам обод кард, ба халқ оши кавар дод.

Азизи ман, аз туву аз толеи нек умед дорам. Ману ту ҳаргиз ҳамқисмати Шаҳнозу шаҳи номуроди ӯ нахоҳем шуд. Шаҳпари нуқрафоми мо, ки суръати парвозаш баробари суръати рӯшноист. киштичаи баҳри сунъие нест, ки дучори садама гардад. Ин асби шаҳбол зудпар аст ба сони хаёл, нерӯе дорад ба мисли барқ, хушрӯияш бемисол. Ва моро Шаҳпари хушбол ба арши бахт хохад расонд. Дигар шабҳои васли мо калтаву кӯтаҳ нахоҳад буд, балки мо шабу рӯз дар канори ҳам хоҳем буд. Садоқати субҳи содиқу солеҳро тан хоҳем гирифт.

* * *

Модарам пайваста ашк мерезад. Падарам чашми андеша аз чашмаки тиреза намеканад. Мулло Исматулоҳи девбанд беист дуо мехонад:

– Аузу би-л-лоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим. Бисмил-лоҳи-р – раҳмони-р-раҳим. Мо, ки фармонбардори Худоем, ба ҳаққи «Тавротп»-и Мӯсо, ба ҳаққи «Инҷил»-и Исо, ба ҳаққи «Забӯр»-и Довуд, ба ҳаққи «Фурқон»-и ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳи алайҳи ва олиҳи ва-с-саллам.

Як бор гуфтам Раҳмон, сад бор гуфтам Раҳмон, ба ҳаққи ҳазрати Сулаймон, ба ҳаққи ҷамъи анбиёи мурсалин:аввалаш Одам сафи-уллоҳ ва охираш ҳазрати Муҳаммад мустафо саллаллоҳи алайҳи ва

олиҳи ва-с-саллам…

Дев ҳастӣ, девзодаӣ? Ҷин ҳастӣ ё аҷинаӣ? Албастии нобастаӣ? Ба номи ҳазрати Сулаймон, ки чун ба тахти подшоҳӣ нишаст, Худои таолло фармуд: «Ва вариса Сулаймону Довуда ва қола: Ё аюҳа-н-носу гуллимно минтақа-т-тайри ва утийно мин кули шайъин инна ҳаза лаҳувва-л-фазлу-л-мубин.»

Ай инсу ҷинс, ай шайтону шаётин, ки дар қатори лашкари ҳазрати Сулаймон (а) будед, ба ҳаққи номи поки он ҳазрат вогузоред ин духтари бечораро, аз ҷисму ҷони поки ӯ даст кашед! Вагарна дасту поятон барбандам, бо гурз занам ва чун коҳ ба бодатон афканам! Суф-суф-суфф…

Тавба, ин чӣ гап? Инҳо маро чун Барзу балорасида мепиндоранд? Ман бо қаҳр аз ҷой хестанӣ мешавам, вале муллои девбанд фиғон мекашад:

– Ё ба қудрати Худо! Зиёнаш қиём кард! Ӯро пахш кунед, таноб биёред, ки дасту пояшро бубандем!

Дар як он дасту поямро баста мебинам. Модарамро берун мебароранд. Падарам ба девбанд ёрӣ медиҳад, яъне, аз китфонам дошта, то ҷон дорад, пахшам мекунад. Мулло боз ба хониш медарояд. Сарам чарх мезанад, дилам беҳузур мешавад. Садои мулло ба гӯшам чун ғингоси паша мерасад. Чунон ба асабам мерасад ғингоси пашаи хира.

Мулло пас аз он, ки як карати дигар ҷонибам «суфу пуф» мекунад, бо овози паст мегӯяд:

– Ҳо, бале, духтари нағз, мана, андак-андак ором шудан дорӣ. Лекин барои батамом сиҳат ёфтан бояд ба ман худат ёрӣ диҳӣ. Яъне, вақте ман «Ёсин» мехонам, ту бояд ҳушу ёдатро ба як ҷо ҷамъ кунӣ, ҳамин ки ба чашмат чизеву касе тофт, онро боястӣ ном гирӣ, то ман ӯро дар банд дарорам, чилбандаш кунам ва он бандро ҳамроҳи тумори тарс ту дар худ нигоҳ дорӣ. Фаҳмидӣ, духтари нағз?

Мулло Исматулоҳ бандеро, ки аз риштаҳои ранга омода сохта буд, ба даст гирифт ва пас аз нӯшидани чанд қулт чойи кабуд боз ба кор давом кард:

– Аузу би-л-лоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим. Бисмил-лоҳи...

«Чаро бетоқатӣ мекунӣ. Ором бош». Оҳ, ин зангӯлаи овози ӯст! Ман чашм мекушоям ва дар ойинаи қаднамои рӯ ба рӯям чеҳраи беназири ӯро мебинам.

«Ором, ҳеҷ чиз нагӯй, мон, ки инҳо корашонро тамом кунанд». Мехоҳам гӯям: «Ай азизи ман, медонӣ, ки ман девона наям. Пас чаро инҳо дасту поям бастаанд?!» «Бигзор, чунин фикр кунанд. Охир, инҳо наметавонанд дигаргуна андешанд, чун ба ҳоли ту наафтода-

анд. Ҳар кас ба андозае ақида меронад, ки Худояш додааст. Онҳо харгиз ба ченаки диду бардошти ту сарфаҳм намераванд. Аз азал ононе, ки ҳамонанди ту тахайюли баланд доштанд, аз ҷониби чунин содафикрон «девона» хонда шудаанд. Соданазарон харгиз дарк нахоханд кард, ба ғайр аз оламе, ки асосаш чор унсури азал бошад, Худованд туву ту баринҳоро дар ботин ҷаҳони нопайдоканоре эҳдо кардааст. Зудранҷ мабош, азизи ман», – ҷавоб мегирам ба саволи ҳанӯз надодаам аз вай.

Мулло талаб дорад номи онеро, ки шабаҳаш ба чашмам менамояд, ба забон орам. Вале ман чашм аз оинаи қаднамо намеканам. Кому забонам гирифтааст? Шукри Парвардигор, ки не. Лекин ман ҳаргиз намехоҳам ин муллои соданигоҳ азизи маро деву аҷина пиндорад ва ӯро ба сони ман дар банд андозад.

Хуллас, Исматулоҳи девбанд ба мақсад нарасида, корашро бас мекунад. Бо вуҷуди ин падару модари содадилам ба назди вай бастаи сару пову дастаи пул мегузоранд.

– Ташвиш накашед, Содиқбой, – мегӯяд мулло, дар ҳоле ки дастаи пулро ба ҷайби даруни яктаҳаш ҷой мекунад, – ҳоло дарди Гурдофарид кӯҳна нашудааст, иншоаллоҳ, тез ба по мехезад, ба шарте ки боз чанд дафъа зер карда хонем. Лекин ҳоли Барзу бисёр бад. Тамоман ҳушу ёд надорад.

– Наход? – нигоҳи модарам тарсолуд буд, – Рост аст, ки мегӯянд, вая ҷин асар кардааст?

– Кош, ҷин мебуд!... Бадбахт аз Сойбозор мегузаштааст, ки ба лашкари девҳо рост омадааст. Як девҳое, ки ҳар кадомашон кӯҳ барин ҷусса доранду ғор барин даҳон!

Маълум набуд, ки ба ҳодиса худи Мулло Исматулоҳ ҷомаву тоқӣ мепӯшонид ё Барзуи пиён ба ӯ ҳамин тавр воҳимаангез нақл карда бошад.

– Аз нигоҳшон нури сарду аз даҳонашон оташ мерезад, – нақлашро давом медод мулло, – пеш-пеш лашкаркаши лангашон. Барзу лолу карахт мешавад. Бечораро мебардоранду ба базмгоҳашон – молбозор мебаранд. Бовар кунед, мардум то ба балои азим дучор нагарданд, насиҳатро гӯш намекунанд. Ҳазор бор мегӯем, ки бозорҷову партобгоҳи порӯбу хокистар, ҳаммом, осиёб, ҳатто масҷид барин ҷойи муқаддас шабҳангом хавфнок мешавад. Чӣ ҳайрон мешавед, рост мегӯям. Бобоям мегуфтанд, ки агар дар ғурбат афтиву ҷой наёбӣ, беҳтараш дар қабристон шабатро рӯз куну дар масҷид махоб.

Ҳа, дар воқеъ, назди духтар касеро нагузоред. Модараш

нигоҳубин кунад. Иншоаллоҳ, баъди чил рӯз «ту дидӣ, ман надидам», хеста меравад. Илоҳо, Худо осон кунад. Омин, Аллоҳу акбар!

Падарам муллои девбандро гусел мекунад. Ман ба ҳоли хеш, ба дасту пойи бастаи худ менигараму хориам меояд. Аз дарунам чизе ҷӯшида мебарояд, чизе, ки гоҳ борабт асту гоҳе бенизом.

– Дастамро кушоед, ки ман дарди хурӯшандаро тавассути хомаи баён ба дафтар резам, таҳрир созаму тақтеъ кунам!

Касе ҷавобам намедиҳад ва ман овоз медиҳам:

*Манзилам хароб бошад,*
*Наҳри ман сароб бошад.*
*Чӣ кунам? Чӣ чора созам?*
*Баҳри ман ҷавоб бошад?!*

Ва ҳой-ҳой гиря оғоз мекунам. Чунон мегирям, чунон мегирям, ки олам зери об мемонад. Яке ҳис мекунам, ки дасту поям кушода асту аз банди тазвир осоре нест. Ман ба ин муллотарош, ки бо афсунгарӣ киса медамонад, ҳеҷ эътиқод надорам. Дарди дили ошиқро ҷуз ошиқ надонад. Ку Муллои Рум? Дарди дили манеро, ки ба чашми атрофиён мушаввашу ошуфта метобам, ҷуз ӯ кӣ дарк карда метавонад? Ман аз ҷой мехезам, рӯймоли сарамро пешонабанд ва мӯйҳои қиргунамро ғоз-ғоз паҳну парешон мекунам. Пой мекӯбаму чарх мезанам ба оҳанги само:

*Ман саволам ё ҷавобам?*
*Ман гуноҳам ё савобам?*
*Хештанро ман наёбам,*
*Пас чиро пайваста кобам?*

*Ӯ маро девона донад.*
*Дар ҷунун якдона донад.*
*Ман, ки ҳоли худ надонам,*
*Аз куҷо бегона донад?*

*Ман на болову на пастам.*
*Ман на ҳушёру на мастам,*
*Бо ҳама озодфикрӣ,*
*Мурғаке дар банд ҳастам...*

Чарх мезанаму чарх мезанам, то ба андозае, ки мадори пойҳоям

хушк мешавад. Ва аз пой меафтам. Лаҳзае ноҷунбон мехобам. Батадриҷ тапиши дилам муътадил мегардад. Ва ҳис мекунам, ки касе дар ҳамин наздикӣ нафас мекашад. Сар мебардорам. Кист ӯ? Дар куҷост? Дар хона ба ғайр аз ман касе нест. Акси худро дар ойинаи барқад мебинам. Ба сурати хеш зеҳн мемонам. Яке ҳис мекунам, ки аз умқи чашмонам нигоҳи ӯ бармеояд. Яъне, чӣ хел? Чӣ хел мешавад, ки ман дар акси худ гӯиё ӯро бо хештан тавъам мебинам? Аҷабо, ин чашмони сабзранг чашмони ёри ман нест? Ин тарзи нигоҳе, ки ҳамеша таъқибгари ман буд, магар айни нигоҳи ман аст? Ва шояд ин на манам? Балки манам! Манам, ки бо вай ба ҳам омадаам! Ва мо бояд шодӣ кунем, базми фараҳ ороем!

Мо гирдгардон рақси само меравему дастафшон месароем:

*Дар ишқи Сулаймонам, ман ҳамдили мурғонам,*
*Ман шахси паридорам, ман марди парихонам...*[1]

Ману ӯ то аз ҳол рафтан пой мекӯбему даст меафшонем, месароему арғушт меравем. Олам ба сари мо чарх мезанад, аз чашмаки тиреза сӯроби модарам намоён мешавад, ба назар, вай ҳам дар баробари мо чарх мезанад...

Дар миёни рӯзҳои чиланишиниам қариб тамоми занҳои деҳа ба ҳавлии мо омаду рафт доштанд. Ҳеҷ кас пеши роҳи онҳоро гирифта наметавонист. Охир, дар деҳа дарро рӯзона аз дарун бастан айб бошад… Аз рӯйи гуфташон, Мулло Исматулоҳи девбанд овозаи деви ҳафткалларо паҳн кардааст. Албатта, модарам меҳмононро ба хонаи хоби ман иҷозати даромадан намедод. Онҳоро рӯйи кати ҳавлӣ мешинонд, аммо баъзеашон бе пушт-пушт ба хона даромадан мехостанд. Модарам бо нармӣ мефаҳмонид, ки Гурдофарид хоб аст. Аён буд, ки ҳамдеҳагон ба саломатии ман чандон мароқ надоранд. Аксари онҳо рост ё дурӯғ будани овозаеро, ки гӯё ба ғӯли якчашмае наздикӣ доштаам, донистан мехостанд. Мазмун, ин гап аз забони Барзуи подабон баромадааст. Аҷаб набошад, агар ӯ олами поки нуриёнро ин қадар нопоку ғажд бубинад ва ба чашми кажбини ӯ шаҳи беназири ман, ки дар тавоноӣ Рустами дастону дар зебоӣ Сиёвуши замон аст, ғӯли якчашма намояд…

– Ин чӣ гап, охирзамон шуд-чӣ? Дар як шаб якеро деви ҳафткалла занаду дигареро ғули якчашма? – кампири Зулайхо баланд-баланд мегуфту ба пиндорам, гиребон медошт.

---

[1] Ин байт аз Ҷалолуддини Балхист.

– Хола, шумо кадом ғулро мегӯед? Ин овоза аз куҷо пайдо шудааст? – аз овозаш модарам ранҷидахотир метофт.

– О, Мулло Исматулоҳи девбанд, ки бе айнак пушти деворро дида метавонаду ҳазрати Сулаймон барин деву аҷинаҳоро лаҷом зада, савор мешаванд, дурӯғ мегӯянд магар? Албатта, деву аҷина ба чашми одамҳои одӣ ҳар вакт намудан намегирад. Аммо муллои девбанд дигар гап. Вагарна Барзуеро, ки девонаи тапа-тайёр шуда буд, дар андак вақт ба худ намеоварданд. Муллоя пушташон зӯр-дия. Ҳафт пушташон домуллоҳои бузург гузаштагӣ. Мегӯянд, бобокалонашон Мулло Илёс дар Ҳиндустон таҳсил дидаву илми ҷодуро об карда хӯрда будаанд. Ҳарчанд ки бадгӯёнашон он касро Илёс-кофир гуфта ба қудрату тавонашон шак меоварда бошанд ҳам, дар айни ноилоҷӣ боз ба мулло Илёс рӯйи ниёз оварда, тӯмору таштоб мегирифтаанд. Ба Мулло Исматулоҳ аз бобокалонашон «Канз-ул-ҳусайн» гуфтанӣ китоб мерос мондааст, мегӯянд. Ин китобро дар вақташ Илёс-кофир...не-е, гуфтанӣ будам, ки Мулло Илёс аз ху-у-ди Кашмир оварда будаанд. Муллои девбанди мо аз рӯйи ана ҳамон китоби табаррук амал мекунанд-дия. Дар ин музофот ба ғайр аз Мулло Исматулоҳ каси дигар «дуои кашмирӣ» намедонад. Ҳа-а, гардам. Ба ун кас шак овардан гуноҳ.

– Рост мегӯед, илми Исматулоҳ зӯр, – ба гап ҳамроҳ мешавад холаи Нисо, – дар ёдатон ҳаст, ки мардаки ман дар хӯкхонаи колхоз кор мекард? Айёме, ки мо навхонадор будем, як нимишабӣ хумори ҷогаҳи гарм мегираду бо гуфти худаш, постро ба ҳоли худ гузошта, аспакӣ хона омадан мехоҳад. Яке дар миёнаи роҳи калон як бузғолаяки сапсафедро мебинад, ки лундаяк шуда хобидааст. «Аз подаи чакана[1] ақиб монда раҳгум задааст», – аз дил мегузаронад бечораи мардак ва он моли ғаниматиро ба хона оварданӣ мешавад. Хуллас, бузичаи худододро рӯйи зонувонаш кундаланг мегузораду аспро пеш меронад. Ба купрӯки ҷӯйбори калон мерасаду аз куҷое ба сараш фикре мезанад, «ин ҷонвар така бошад ё серка?» Тавба кардам. Худоё Худовандо! Ҳанӯзам ба хотир биёрам, мӯйи танам рост мехезад.

– Баъд? – беқарорӣ мекунад модарам. Холаи Нисо бафурҷа гулу равшан карда, чой мепурсад, сипас ба сухан давом мекунад:

– Мардаки бечора аниқ карда наметавонад, ки бузича серка аст ё така. Яке чӣ мешавад, гӯед?

– Хуш – хуш?

– Ба қудрати Худо, бузак бо забони одамӣ маслиҳат медиҳад, ки «Дурусттар қапида бинед, мефаҳмед». Мардак пок талхакаф меша-

---

[1] Подаи чакана – рамаи бузу гӯспанд.

вад. Ӯ бузғоларо ба қади кӯча ҳаво медиҳаду аспашро тозиёна мезанад. Аммо он махлуқи беном ба тахтапушти марди ман сахт часпида мегирад. Асп ба обу арақ ғӯтида пеш медавад, лекин ҳеҷ не, ки савораашро ба манзил расонад. Ногаҳ мардак пай мебарад, ки давидани асп бефоида, чунки ҷонвар дар як ҷой чорхез мегираду навори роҳ баръакс ба пеш кашида мешавад. Шавҳарам ақиб гашта чӣ мебинад, гӯед? Махлуқи кампирсуммоти лахчачашме! Гесувони он махлуқ чунон дароз, чунон дароз будааст, ки... Мӯйҳои хокистарангаш зери пойи асп тасмавор тоб мехӯрдааст. Аз афти ҳол, мардак батамом ақлу ҳуш набохта будааст, ки ба сараш барқвор фикре меояд: «Ин – албастӣ!» Ва якбора бо қудрати Худо қулфи даҳонаш кушода мешаваду «Бисмиллоҳ...-» гуфта, калима мегардонад.

Ман аз шиҳаи баланди асп бедор шуда берун бароям, дар пушти дарвоза ҷонвар беист пой мекӯбаду мардаки бечораам бузи сарзада барин дар қоши зин кундаланг партофтагӣ. Агар ҳамин Мулло Исматулоҳ намебуданд, намедонам, оқибати кор чӣ мешуд. Чил шабу чил рӯз зер карда хонданд-дия. Аз рӯйи гуфтаашон, он беном балои бузурге будааст, ки аз чунинаш на ҳар кас имкони халосӣ меёфтааст. Тахтапушту ду сари китфи шавҳари бечораам сип-сиёҳ шуда буд. Баръало изи панҷаи сеангуштаи албастӣ ба чашм мерасид. Забони мардак лакнатдору дасту пойи росташ беҷон шуда бошад ҳам, девона нашуд, сад шукр. Дар сари фарзандакош саробон шуда шиштагиш ҳазор тило не?

– Албатта, албатта, – тасдиқ мекарданд дигарон, – шал аст, кал аст, кӯр аст, мардака будагиш хуб. Хонаи мардакдор – девори басархор.

Хуллас, ҳар рӯз гуна-гуна қиссаву афсонаҳои аҷибу ғарибе мешунидам, ки қаҳрамононаш ҳама ҳамдеҳагони ман буданд. Яъне, яке бо деву дигаре бо албастӣ дар набард буду савумӣ ҳамхобаи ғули пашмин гаштаву чаҳорумӣ – париёр. Апаи Гулҷон мегуфт:

– Ба шарофати дилу гурдаи бузурги бибӣ-Марзиям мо-авлод аз зарару зиёни балоҳои осмонӣ эминем. То канда овардани ҷӯйи Ровон деҳа аз камобӣ азоб мекашидааст. Дар сари як чуй об баъзан ҳамсояҳо то хунрезӣ мерасидаанд. Мардум ҳар шаб бо навбат киштзашонро об медодаанд.

Бибикалонам зане будаанд мардҷусса, дастонашон панҷшохвор, пойҳояшон – сапали шутур, чашмонашон коса барин...

Апаи Гулчон гӯиё шаклу шамоили худашро тасвир месохт. Аслан, волидайнаш ба ӯ на Гулҷон, балки Ғулҷон ном мемонданд, басе муносиб номе мебуд. Ман аз ин «кашфиёт»-и худам ба завқ омада, беихтиёр қоҳ-қоҳ зада механдам. Апаи Гулҷон лаб аз қисса мебан-

дад. Модарам пардаи тирезаро бардошта, хавотиромез ба ман менигарад ва лаб газида, оҳиста ба маънои «айб аст» сар меҷунбонад. Дар ҳоле ки мавҷи ханда аз синаам бармехезад, танҳо ба хотири он, ки модарам назди «ҳолпурсон»-ам хиҷолат накашад, каф ба даҳон зер мекунам ва хурӯҷи шайтони хандаро дар худ менишонам.

Апаи Гулҷон баъди каме таваккуф боз ба қиссафурӯшӣ давом мекунад:

– Хуллас, навбати оби бибикалонам мерасад. Ун кас то ними шаб базӯр чоряки заминро об дода мешаванду бас. Аз он ки вақт кам мондаву то субҳ ҳамаи кишт об намехӯрад, кампир сахт асабӣ мешаванд. Чанд бор сари ҷӯй мераванду меоянд. Касе обро надуздидааст. Ҳар дафъа ба сари ҷӯй мераванд, мебинанд, ки як ҷӯй оби калон тарафи заминашон ҷорист, аммо ба сари замин мерасанду пай мебаранд, ки ҳатто аз панҷ як ҳиссаи об ба мазра расида намеояд. «Ҳм, – рамузфаҳмона андеша меронанд бибикалонам, – ин ҷо гапе ҳаст. Падарлаънати беном ман катӣ ҳазлу шӯхӣ мекунад. Ҳоло ист, – бибикалонам чун мардони таҳамтан, ки ришро қабза карда арзи қасд мекунанд, беихтиёр манаҳашонро дар қабза гирифта мегӯянд, – чунонат кунам, ки шармандаву шармсор шавӣ ва ин қисса, то оламу одаме ҳаст, даҳон ба даҳон гардад. Агар сад ҷон дошта бошӣ, ба номи поки ҳазрати Алӣ қасам мехӯрам, ки якаш халосӣ намеёбад».

Бибикалонам ин дафъа бо роҳи дигар ба сари чашма мерасанд. Мебинанд, ки албастии шовасинае ҳафтод газ мӯйи ғулиашро ба даҳанаи ҷӯй банд андохта, чашм ба роҳи калон шиштааст. Бибӣ-Марзияам аз ақиб ноаён меояндy бо як ҳамла мӯйи ҳафтодгазии он балои беҷомасарро[1] ба дасти чап мепечонанд ва дасти ростро ба бағали чун оташ сӯзони алайҳилаъна андохта, китобчаашро кашида мегиранд.

– Ваҳ-ваҳ-ваҳ! Нотарсия бинед-а!

– Одамойи пешин бадилу гурда буданд-дия. Ҳозираҳо баъди шом аз сояи худашон тарсида, ба ҳоҷатхона намераванд. Ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ...

– Қисса кӯтоҳ, – суханашро давом медиҳад апаи Гулҷон, – доду ғиреви албастӣ ба фалак мепечад. Аз чашмонаш шӯълаи хунуке пошида, осмонро замин мекунаду заминро осмон. Вале бибикалонам мардак барин меистанд. Албастӣ ҷуръат намекунад, ки ба кампир наздик шавад.

– Бибӣ – Марзия мӯйи албастиро сар дода будаанд-чӣ?

– Ҳо, чунки асосан ҷину аҷина побанди ҳамун китобчаи зери

[1] Киноя аз албастӣ ё зани албастинамо.

бағалаш мешавад. Китобча барои беномҳо ҷон ҳисоб меёбад. Ҳамин ки китобчаашро гирифтед, аз дасти албастӣ чизе намеояд, – апаи Гулчон тарзе гап мезад, ки гӯиё бибӣ-Марзияаш неву худаш қаҳрамонӣ нишон дода бошад, – ва албастии берӯ оҳиста-оҳиста аз авҷи хурӯш мефарояду роҳи фиребу найрангро пеш мегирад: қасри шоҳона ваъда мекунад. Неъ, бибикалонам фирефта намешаванд. Кӯҳи тило ваъда мекунад. Неъ, бибикалонам розӣ намешаванд. Ун кас бо қарору тамкин ҷониби заминашон роҳ пеш мегиранд. Албастӣ ба ҳазор шаклу шамоил медарояд: гоҳ духтари чаҳордаҳсола мешаваду гоҳ кампири пажмурдарӯй, гоҳ тӯтии сухангӯй мегардаду гоҳ мори афъӣ... Вале бибикалони мо бо тамкину ором як-як ҷӯяҳои киштзорро хабар гирифта, ба беноми лаънатӣ гӯиё эътибор намедиҳанд. Оқибат он зиёнкори ноасл ба зону меафтад ва илтиҷо мекунад:

– Ай, инсони некдил, аз ман чӣ мехоҳӣ? Чаро азобам медиҳӣ? Оё ту намедонӣ, ки ман бе ин китоби муқаддас ҳеҷ ҳастам. Хоҳиш мекунам, китобамро баргардон. Вагарна ман ҳамеша пушт-пушти ту мегардам, дар хобу дар бедорӣ дунболагират мешавам. Бидеҳ китоброву ҳар кас ба роҳи худ меравем.

Аз афти кор, ҷангу арбада, гиряву нола, ҳилаву найранги он албастӣ ба дили бибикалонам задааст. Дигар ин ки кӣ мехоҳад қувваи нопоке ҳамеша домангираш бошад? Бинобар ин, бибикалонам роҳи якдигарфаҳмиро мегиранд.

– Китобчаатро он гаҳ бармегардонам, ки ту қасам хӯрӣ, – мегӯянд.

– Хуб, ана, қасам хӯрдам, – масхарабозӣ мекунад албастӣ.

– Неъ, ин найрангат намегузарад, – мегӯянд бибикалонам, ту ба номи ҳамин китобат, ба номи шайтони алайҳилаъна қасам мехӯрӣ, ки ба ҳафт пушт авлодам зарар намерасонӣ.

– Ҳеҷ не, ба ду-се... – савдо карданӣ мешавад албастӣ. Аммо бибикалонам бо ӯ чору панҷ карда шиштан намехоҳанд.

– Гап – якто! – мегӯянд. Ва албастӣ ноилоҷ розӣ мешавад. Чунки субҳ сафедӣ мекард ва барои ӯ дар қаламрави рӯз ҷойе набуд. Албастӣ савганд мехӯрад, ки ба ҳафт пушт пасояндони бибикалонам зарар намерасонад. Ман авлоди сеюми ин хонадони бегазанд ҳастам! Камаш панҷоҳ сол лозим аст, ки авлоди ҳафтуми Бибӣ – Марзия ба дунё биёяд. Бинобар ин маро парвое аз ҷину аҷина нест, – бо оҳанги тафохур сухан кӯтоҳ карданд «намояндаи авлоди бегазанд».

– Бибикалонатон хуб одами худхоҳ будаанд-дия, – нимшӯхию нимҷиддӣ гила мекунад холаи Нисо, – албастия қасам намедиҳанд, ки тамоми ҳафт пушт ҳамдеҳагони ояндаашонро зиён нарасонад? Он

гоҳ на мардаки ман шал мешуду на Барзу – девонаавзо.

– О, Барзу сип-сиҳат шудааст, гуфтед-ку.

– То тамоман тоза шудани фикраш хелояк гап ҳаст. Аммо аз аввала дида андак ба худ омадааст. Мегӯянд, ки банди забонаш кушодаву зану барзанаш камтар шудааст.

– Гоҳо ба рост будани чунин қиссаву гӯяҳо бовари кас намеояд, лекин...

– Шак набиёред, гардам, шак набиёред, – ба даҳони модарам мезанад апаи Гулҷон. Албастӣ ба обу саргаҳи об, ба осиёбу обҷувоз, ба гармобаву туршоба барин чизҳо сахт алоқаманд мешавад...

Занҳо то дергаҳ радду бадал мекарданд. Мавзӯи суҳбаташон қиссаҳои наву кӯҳнаи деву париҳо буд.

Хоб дидам. Бале, хоб дидам, ки оби Дувахши[1] мо чун ҳамешагӣ зулолу мусаффо набудааст. Оби наҳраке, ки аз чашмаҳои бешумори деҳаи Чашма обшор мегардад, ҳамчун Вахши ваҳшӣ дар мавсими обхез гилолудаву бутонаву[2] девонаавзо шудааст. Аз саргаҳи Дувахш парии обии даригуфтореро, ки доимо вазъи Чашмаи покро нигаҳдориву посбонӣ мекард, бо макру фиреб албастии сарднигоҳу мелағозе[3], ки гуфтораш нодарӣ буд, дуздидаву ба паси кӯҳи Лазар[4] – маскани нави ғулони чашмтангу рафидарӯй бурдааст. Албастии хокрангу хунукрӯй, кулухчашму хошокмӯй, дағалгуфтору бадхӯй ба оби ширину сардгини Чашмаи пок мӯйҳои чилгазии хошоквор дурушти хешро ғав гузоштааст. Батадриҷ оби Дувахш хушк, замини чун фалла нарму хушбӯйи Варган[5] лабташна ва мардуми озода гадойи як қатра оби ҷонбахш гардидаанд. Лабони ёқутвор сурхи парирӯёни ин мулки биҳиштӣ торс-торс кафидааст. Аз пушти

---

[1] Номи ҷӯйбори дуобаест, ки аз Чашма об мегирад. Доир ба номи ин ҷӯйбор фарзияҳо гуногунанд. Бархе гӯянд, ки решаи калима «вахш» бошад аз вожаи «Вахшу» ба маънои худои об ё парии обӣ ва аммо бахши дигар бар онанд, ки шояд асли ин калима «Дубахш» бошад, зеро дар лаҳҷаи сӯхиён агар пеш аз ҳамсадои «б» овози садонок ояд, «б» ба «в» мубаддал мегардад, чунон ки: бово (бобо), лав (лаб), афтов (офтоб), шав (шаб)…

[2] Ин вожаи форсӣ имрӯз дар забони ӯзбакиву қирғизӣ шакли (бутқана)-ву (бутана)-ро гирифтааст; яъне, хингоб.

[3] Зани девонаавзо; зане, ки мӯйҳои нобофтаву паҳну парешон дорад; маҷозан албастӣ.

[4] Номи кӯҳест дар қисмати ҷанубии Фарғона.

[5] Вожае аз вожагонизабони суғдӣ; номи мавзеъ. Киштлохи зояке дар зодгоҳи муаллиф, ки аз наздикии он хатти минзори сарҳади давлатӣ мегузарад.

яхистонҳои кӯҳи Лазар, ки тимсоли кӯҳи Қоф аст, овози нолаи парии обие, на, на, овози қавми нуриён, ки ҳама аъмолашон некиву некиву некӣ бошад, ба гӯш мерасидааст: «Ай, мардуми нек! Ай, қавми покнажоду озода! Ай, мардуми аслнасабу тоза! Ба ғулони чашмтанг тан надиҳед! Чашмаро наҷот диҳед!!!»

Ва маро ин нидои пур аз изтиробу дард бедор кард. Ҳарчанд ин овоз аз дурии дуриҳо ба гӯш мерасид, гӯиё бонги хатаре буд, ки ба умқи майнаам расида, маро ҳадаҳа мекард.

Бо пироҳани хоб берун баромадам. Во аҷаб! Шаҳпари симинбол шиҳа мекашиду пой бар замин мекӯфт. Аз зери наълаш ҳар сӯй шарораи симфом мепарид. Вале он лаҳза ман волаи шаъшапошии Шаҳпар набудам, балки дилам фарёд мекард: «Куҷост шаҳсавори ман? Ай Шаҳпари хушбол, шаҳсавори симинқабоятро куҷо афкандӣ?!»

Шаҳпар якзайл сум мекӯфту ноилоҷу музтар шиҳа мекашид. Назди асби ёрам шитофтам. Дар қоши зин рӯймолаке ҳамоил меистод, ки бо сад ҳазор орзуву ҳавас ин байти Савдоро кашидадӯзӣ карда будам:

«Гар ишқи паривашон гуноҳ аст,
Ман пешрави гуноҳгорон.»

Чаро ин тухфа ба дасти ёри ман нест? Ӯ куҷост?

Ман дасту по гум кардам. Ва аз ғояти осемасарӣ бо сад сактаву лакнат овоз андохтам:

Бо ҳамдигар ҳампо шавем,
Ҳамроҳ то кубро шавем.
Шохобаҳои роҳгум,
Якроҳаву якҷо шавем!
Дувахш не, Вахши бузург,
Мо нахр не, дарё шавем!
Шебу барозиҳо дигар
Паҳнои беҳамто шавем!
Ту тор бошӣ, ман пудам,
Мо миллати якто шавем!!!

Бале, хоби дидаам бебало набудааст. Бояд шитобид, вагарна парирӯёни моро ғулони бинипучуқу рафидарӯй мебаранд. Оби Чашмаро тангчашмони тунукриш болотар аз Дувахш банд андохта медузданд, лабҳои паривашон парсин мебандад, торс-торс мекафад.

Тарсам аз он бошад: ин мулк, ки мӯъҷизаи Худовандист ва миёни ҷӯлистон монистаи гулистону бӯстонест, аз он ки бо симхорҳо печонанду обаш бидузданд, оқибат хористон гардад. Мурғони ҳазордастон, тӯтиёни шакаргуфтор аз хониш монанд. Чордараи хушбоду ҳаво ба монанди Киштуду Зардолуяку Дараи зебоманзар, ки замоне нишемангоҳи кабкони дарӣ ва даригуфторони кабкхиром буд, урдугоҳи қавми пакана гардад, забони ғосибони тоҷрабо батадриҷ ба гӯшҳо нишинад, оқибат суруди ҷонбахшу дилнавози «Ёвайло»-и фалакӣ фаромӯш гардад ва нағмаву хиргоҳии «Гӯрӯғлӣ»-хонон пардаи гӯшҳо харошад. Ва ман дигар ҳаргиз ба он ёри паричеҳра нарасам. Ба ёди он шаби нотакрори висол пайваста нолон бошам. Бинолам, бинолам ва оқибат пир шавам, пажмурдаву бенур шавам, беному бенишон биравам. Ҳеҷ чун Илёс-кофиру бибӣ-Марзия, ки мардум дар ҳаққашон росту дурӯғ мегӯянд, ба ёди касе намонам. На! На!!! Он рӯз мабодо! Ман ба сари зини Шаҳпари симгун хоҳам нишаст, қаламро шамшер сохта, лавҳи нурпошро чун сипар дар ҷанги девону балоҳои беҷомасар, ғулони тангчашм, офату гармсерҳои тоҷиккуш ба кор хоҳам андохт. Корзор хоҳам кард, вагарна баргузидаи он ёри паричеҳра набошам. Маро майдонгурезиву гӯшанишинӣ ор бошад. Меравам ба саргаҳи Дувахш, он дарғотро – дастаи мӯйи ғулии албастии нобастаро ҳамчун банди ҷудоиандоз, ҳамчун банди тилисми шайтонӣ аз беху бун бо шамшери адолат қалам-қалам хоҳам кард. Ба хотири пок мондани буду бодам албастии замонро бо номи муқаддаси Сулаймон савганд хоҳам дод, ки ба қавми ману ёрони ман, ба ҳафтод ҳазор пушт ба пушт пасояндони ман зарар нарасонад. Оби зулоли Дувахшро хингоб накунад – наолояд. Чашмаро кӯр накунад, то паҳнозамини Варган нозо нагардад. Бале, ман корзор хоҳам кард. Сипас савори Шаҳпар паси кӯҳи Қоф хоҳам расид ва занҷири макру ҳиялро аз дасту пойи ёри хеш хоҳам барканд. Бадкирдориҳои албастиро ба мулки Зулмот хоҳам ронд, балки кулли аъмоли бадро занҷирбанд хоҳам кард, дару дарвозаи Зулмотро қулф хоҳам зад ва калиди онро ба қаъри Чашмаи бетаг, ки обаш ба чашмони сабзгуни ёри ман ҳамранг аст, ҳаво хоҳам дод, то ба дасти бадкирдори дигаре наафтад. Варна Гурдофарид номам набошад! Бале, агар ёри хеш дар маснади аслиаш нашинонам, ман чӣ Гурдофаридам?

Шаҳпар бетоқатӣ мекунад: маҳмез мезанад, шиҳа мекашад. Ба ангор, ҷонвар ҳушдор медиҳад, ки «Зуд бош, вақт меравад!» Ман пой ба рикоб мегузорам.

# ҲИКОЯҲО

## ОЗАРМ

*Эҳдо ба устоди муҳтарам Ардамеҳр*

«Маъшуқаи хориҷиён! Танфурӯши беномус!»– ин садоҳои пур аз таҳқир гӯшамро ба дод меорад. Қадамамро кушодтар мегузорам, вале ҳаёҳу баландтар мешавад: «Маъшуқаи хориҷиён!!!» Худоё, маро кай ба ҳолам мегузоранд?

Магар ин рӯзро интизор набудам? Ба ҳар занги тилфун гӯш ба қимор наменишастам? Акси ӯро рӯйи сина гузошта шабро саҳар намекардам? Вале ҳоло маро вазъест, ки ба вақти наздик омадани они дидор мебояд аз ӯ бигрезам. «Танфурӯш! Маъшуқаи хориҷиён!!!» – ба пиндор тӯдае маро мазамматкунон дунболагирӣ мекунанд. Ай ноҷавонмардони нопидром, агар ҷурме дар ахлоқи мани нокордида мебинед, магар аз пастии шумову амсоли шумо сар назад?

Ақиб менигарам, касе нест, вале аз худ чӣ сон гурезам?!

Аё Халлоқ, моро чӣ махлуқе офаридаӣ? Аз чӣ ба марзҳову фирқаҳо қисматамон кардаӣ? Чаро моро аз мо ҷудо, худношиносу бегонапарвар халқ кардаӣ? Ин чӣ ҷомиаест, ки шоирашро аз шофираш наметавон тафриқа кардан? Тафовут байни қаламбадасту каландбадаст нест?!

Ай Офаридгор, аёнам кун! Баҳри чӣ он шом аз банди тӯдаи айёшу тарёкӣ бо дасти нафаре халосам кардиву имрӯз зери пойи тоифаи гургхислат чун бара ҳавоям додӣ? Ин чӣ мазоҳе буд? Кош он шаби манҳус касе ба имдодам намерасид ва бе донистани он ки ҷомиаи инсонӣ ҳам Шарру ҳам Хайр дорад, кӯру кар ҳамчу коное мемондам! Ту худ имконам додӣ, ки зиндагиро бо чашми дигар нигарам, ба олудагон нафрат бихонаму ба раҳсипарони ҷодаи пок дил бубандам. Пас, ба ин роҳи ноилоҷ гирифтор гардонидани чун ман як духтари бекасу нодор чӣ маънӣ дошт? Акнун бо чӣ мӯҷиб зиндагӣ кунам, ки бидуни шармандагӣ нест?

Худоё, лаҳзае чанд қувваи хотираам пурзӯр гардон, то нируе биёбам аз барои сатр ба сатр хондани саҳфаҳое, ки дар он баъзе лавҳаҳои умри кӯтоҳи ман нақш гашта. Номи ӯро бо кулли тавсифот ба забонам ор, ки бо охирин нафас аз гулӯям бароядд.

Шукри беҳад, аё Эзад, ки чеҳраи ӯро бо ҳамаи покиву софӣ пеши назарам овардӣ.

Неъмати ман! Биншину гӯш кун аз садои қалби як нафар қурбонии ҷаҳолат. Ту ишқро неъмати бузург медонӣ. Ман аз он дар-

гурезам, вале пойи пиёда то чанд битозам, ки муҳаббат чобуксавор аст?!

Азизам, маро бубахш, банда низ ҳамчун як узви ин ҷомиаи тангназар ночору ноилоҷ ҳастам. Вагарна лаънат ба он рӯзе, дақиқтараш, шоме намехондам, ки Офаридгор бо ту рӯ ба рӯ гардонидам.

Он рӯз бо илтимоси сардор то шом дар коргоҳ мондам. Аз садои чиқ-чиқи мошини чопӣ ва рӯйбардор кардани коғазҳои нохоно сарам ба дард омада буд. Чун корро анҷом додам, вақт рафта ва рӯзи кӯтоҳи тирамаҳ кайҳо тира гашта буд. Ҳанӯз мардум дар кӯча зиёд буданд ва ман бебок қадам мепартофтам. Автобусҳои пуродам аз мардум гӯиё мегурехтанд: дур аз истгоҳ як исти кӯтоҳе карда, мардумро ба шӯр меоварданд. Вақт мерафт, вале ҳеҷ имкон намеёфтам, ки ба ягон нақлиёти мусофиркаш часпам. Дарди сарам авҷ мегирифт. Фикр мекардам, ки ҳоли модари дардмандам чӣ тур бошад… ӯ, бешубҳа, чашм ба роҳи ман даҳҳо бор хаёлан дари кӯча баромадагист.

Ногаҳон сабукраве бо садои гӯшхарош дуртар аз ман таваққуф кард ва аз он се ҷавон берун шуданд.

– Салом, духтарак!

Ҳеҷ фикр намекардам, ки онҳо ба ман муроҷиат мекунанд.

– Салом додем! – яке даст ба китфам партофту дигаре аз оринҷи ростам дошт.

Ман бесухан худро ақиб кашидам, аммо шахси саввумӣ аз миёнам дошт.

– Овоз набарор, духтари хушрӯ. Рафтем, беҷанҷол ба мошин мешинем ва танҳо соате бо мо мемонӣ.

Аллакай маро иҳотакунон чанд қадам пеш андохта буданд. Даҳшатам фаро гирифт, охир нафари чорум дари ақиби мошинро кушода, ба рафиқонаш ёрӣ додан мехост. Тамоми қувватамро ҷамъ карда дасту по задам ва мардумро ба ёрӣ хостам. Аҷабо, ҳама худро нодида меангоштанд… Авбошон ҳарчанд зӯр заданд, натавонистанд, ки ба мошин андозандам. Яке ба сару рӯям ду-се мушт фаровард, худро гум кардам. Аз мӯям кашиданд, сарам чарх зад. Бори дигар аз атрофиён мадад пурсидам, ҷавобе нашуд, танҳо чашмони мардуми тарсу бо ваҳм наззораам мекарданд, бархе чашмони худро гурезондаву дуртар аз моҷарогоҳ буданро авло медонистанд. Гӯиё ин манзараи манфур лаҳзае на, мавриди мадиде кашол ёфт, балки ҳанӯзам давом дорад, ки наметавонам ҳеҷ онро аз пеши назар дур андозам.

Ай мардум, ай қавми бо ҳам ноошно, ай бузургҷуссагони бунҷишкдил, магар шумо намебинед, ки дар ҳузуратон ваҳшонияте сар мезанад? Номусе дар айни поймолгардист? Бегонае не,

ҳаммиҳани шумо, ҳамқавми шумо аз дасти ҳамчунон ҳамдиёру ҳамхунони шумо беобрӯ мегардад?!!!

Аллакай бо даҳони баста дохили мошин гашта будам ва дар дил мегуфтам: «Тамом!»

Вале… боварам намеомад, ки Худованд мададгоре фиристода… Берун аз мошин чанд тан часпу талош доштанд. Намедонам, кӣ киро мекӯфт, кӣ нола мекард, кӣ наъра мекашид. Яке ба худ омада дидам, ки касе дар ёди ман нест. Хестаму берун ҷастам ва худро паси дарахтон гирифтам. Дар истгоҳ ҷуз тӯдаи ҷанҷолиён дигар касе наменамуд. Аён набуд, ки одамон «аз бало ҳазар» карда роҳ пеш гирифтаанд ва ё автобуси холие омада, ба мақсад расондашон. Дигар ҷуръати ин ҷо истодан накардам ва то ҷон доштам, таг-таги сояи дарахтон гурехтам.

Модарам… Ҳоли модари бечораам тасвир нокарданӣ буд. Чун гиребони дарида, чашму рӯйи варамида ва мӯйҳои парешону пойи урёни маро дид, ранг аз рӯяш парид ва танҳо оҳиста ғурунгид: «Вой, хонем сӯхт!»

Мо он шаб ва чанд шабу рӯзи дигар аз ваҳшати он шоми наҳс ба худ намеомадем. Ман худро ҳабси хонагӣ карда будам, охир, наметавонистам, бо сару рӯйи кафидаю вараму сиёҳ кӯча бароям. Модарам ҳоле надошт, ки ба коргоҳ аз нотобиам хабар диҳад. Аслан ӯ ба сардорам лаънат мехонд, ки дар чунин солу замони ноором духтари ҷавонро то дергоҳ нигаҳ дошта, қариб сабабгори фалокати бузурге гаштааст.

Пас аз ҳафтае ба дафтари корӣ ҳозир шудам. Сардор ба қабулаш хост. Сар зер афканда будаму дар муқобилаш меистодам.

– Ба хайр? Бе ҳеҷ дараку хабар ба кор наомадӣ? Бемор будӣ? Куҷост варақаи корношоямиат?

Ӯ мепурсиду ман лаб во намекардам. Агар росташро мегуфтам, аз дусар бовар намекард.

– Хуш, акнун чӣ кор карданистӣ? Мо аллакай котибаи дигар ёфтем. Аз аввали моҳи нав корро оғоз мекунад.

– Ман аз хона берун баромада натавонистам. Ҳоли модарам ба худатон аён аст.

– Ба ҳамон ҷавони хориҷӣ мегуфтӣ, ки хабарамон диҳад.

– Намефаҳмам…

– Аз кай инҷониб? Беҳтараш, гапро кам куну лашу лушатро ғундор. Ин идора ҷойи сакалтуҳои сабукпой нест. Ҳа, ба он ҷавони пулдор ҳам гӯй, ки ба ин даргоҳ дубора пой нагузорад.

– Шумо чиҳо мегӯед? Чаро туҳмат мекунед?

– Тавба, ҳам ғариву ҳам пешхезӣ.

Тилфун садо кард, сардор гӯширо бардошт.

– Бале, ҳамин ҷост. Марҳамат…

Ҳайратзада гӯширо гирифтам. Ношиносе салом мегуфт. Ман дар ҷавоби ин овози ноошно намедонистам чӣ бигӯям.

– Мунис, маро интизор шавед, ҳамин лаҳза пешатон ҳозир мешавам.

– Шумо кистед? Ман шиноси хориҷие надорам…

– Осемасар мабошед. Меоям, пас мегӯед, ки маро мешиносед ё на.

– Хоҳиш мекунам, ба коргоҳ наоед.

– Пас, ман дар истгоҳ нигарони шумоям.

Нигоҳи тамасхӯромези сардор тирвор дилу ҷигарамро мешикофт.

Неъмат, ман ҳамон лаҳза эҳсос кардам, ки занги тилфун ба моҷарои он шаби наҳс алоқаманд аст. Гумонам, ҳанӯз он ноҷавонмардон аз пайи дастгир кардани ман ҳастанд, аз ин рӯ ёрои берун баромадан накардам.

– Мунис,– сардор аз ҳад зиёд ба қаҳр омада буд,– ман туро дигар ин ҷо нигоҳ доштанӣ нестам. Ягона некие, ки метавонам анҷом диҳам, «бо хоҳиши худат» гуселонидан аст.

Нахостам, ки худро паст занам, ҳарчанд аз кор рафтан маънои гурусна монданро дошт. Дар ин айём чӣ миқдор мардуме, ки бекору сарсону нимгуруснаанд.

Бо дастони ларзон ариза навиштам. Ва пас аз лаҳзае дафтарчаи меҳнатиам дар дастам буд.

Азизи ман, агар ту медонистӣ, ки ҳамон вақт чӣ қадар дилам торик буд… Дасту поям аз замину осмон канда, ноумеду ноилоҷ. Ман аҳд кардам, ба истгоҳ бароям ва агар он хориҷӣ шери жаён бошад, ки ба ӯ дарафтам ва алами хеш бистонам. Аҳ, номард! Дидӣ, ки бо зӯрӣ натавонистӣ, бо чарбзабонӣ ба мақсад расиданӣ ҳастӣ. Хоб мебинӣ!

Истгоҳ мисли он шом даҳшатангез набуд. Чор-панҷ одам дар интизори мошин буданд. Ман ноаён ба атроф чашм андохтам. Гумонам, аз паси дарахти бузурги кастона ҷавони ҷинсипӯше аз паси айнаки сиёҳ назораам месозад ва ҳамин дам чун саги хапгир пахшам мекунад. Вале дар пушти дарахт касе набуд. Рӯйи харак як кампираку ҷавони сафедчеҳрае сӯҳбат доштанд. Ҳамин ки наздик омадам, он ҷавон, мазмун, писари пиразан буд, аз ҷой хест.

– Марҳамат, шинед.

Ташаккур гуфта нишастам ва ба ҷавони «хориҷӣ» дар дил суханҳои тезу тунд тайёр мекардам.

Автобусе ба истгоҳ расид ва гурӯҳе фаромаданду гурӯҳе баромаданд. Кампир рафту ҷавон монд.

– Мунис… – ӯ дар шафатам ҷой гирифт.

Ман ӯро, ки зоҳиран аз ҷавонони таҳҷоӣ фарқе надошт, аз ин пеш ҳеҷ гоҳ надида будам. Наздаш лол мондам, охир, суханони талхи ман на ба ӯ, балки ба яке аз он дарандасиратон, ки он шом чун шер ба оҳубарае дарафтода буд, боястӣ нигаронида мешуд. Ин ҷавон ба ягон нафари онҳо шабоҳат надошт.

– Мунис, маро нашинохтед?

Бале, ин одам соҳиби ҳамон овозест, ки соате пеш аз тариқи тилфун ҳарф зада буд.

– На.

– Фикр кунед, шояд ягон вақт, ҳатто, як назар дида бошед?

– На, – сар ҷунбонидам ман.

– Ин захм аз он шаб аст? – ҷавон ба лабам ишора кард.

– Шумо… шумо…– сару рӯям тасфид ва худро басе шарманда эҳсос кардам. Чаро то ҳол фикр накардаам ҳоли шахсе, ки ба муқобили шӯрапуштон размид, чун бошад? Худоё, ин ҷавони миёнақад, ки зоҳиран ҳеҷ қуввату ғайрате надорад, магар аз халосгарони ман аст? Агар ҳамин тур аст, ман наздаш чӣ хел сар бардорам, ки он шом фурсатро ғанимат шуморида гурехтам ва то ин лаҳза андешае аз ҷони вай накардам.

– Мунис, ҳолатон бад шуд?

– На… Он шаб ман шуморо надидам, онҳо ба назарам, чор кас буданд.

– Бале.

– Шумо-чӣ?... Ду нафар?

– … – ӯ хандид.

– Чӣ механдед?

– Ақаллан ду нафар мебудем, онҳо халос намехӯрданд.

Ман нобоварона ба чашмони ҷавон нигаристам. Оҳ, онҳо чунон зебоянд, ки… Ва аз он як ҷуфт чашмони шаҳло дастаи нуре мерехт, ки ман ҷасораташ хондам.

Неъмат, ту айбам макун, иқрор ҳастам, ки ҳамон лаҳза он дастаи нур синаамро шикофт ва тухми ишқ ба қалбам корид. Ман ҳис кардам, ки дигар ихтиёр аз даст додаам ва вуҷудам беҳол аст, наметавонам худро гирду ғун кардан.

– Мунис, ҳамин чизҳоятонро расондан хостам, аммо дар коргоҳатон…

Ӯ халтаи селофаниеро ба дастам дод. Мутаҳайир будам.

– Гиред, он шаб ин ҷо пахну парешон буд, ҷамъ овардам, вале шумо набудед. Аз рӯйи шаҳодатномаи коратон ёфтам шуморо.

Дар халта анбона ва пойпӯшҳои ман буданд. Хиҷолатзада будам,

вазъи онрӯзаи худро пеши назар меовардаму сар бардошта наметавонистам.

– Коргоҳ меравед?

– Ман дигар он ҷо кор намекунам.

– Чиро?

Даст афшондам ва гуфтам, ки хона рафтанӣ ҳастам.

– Иҷозат бидиҳед, то гусел кунам.

– Рӯзона аз кӣ метарсам? Шаб набошад, ки… – ин суханҳо нӯкизабонӣ буданд, дар дил мегуфтам, ки кош фаросат кунад. Ба ҳар ҳол аз рӯйи хоҳиши дилам амал кард.

Ҳар субҳ ба ҷустуҷӯи кор мерафтам ва ҳар бегоҳ ду нон дар тӯрхалта ба хона меомадам, модарамро аз асли воқеа хабардор кардан намехостам. Ҳеҷ гап не, каме сарсон шавам ҳам, кори дурусте меёбам ва боз об ба лаби ҷӯй баробар мегардад.

– Мунисҷон, корхонаатон маош намедиҳад? – оқибат пурсид модарам.

– Қариб дар ҳама ҷой аҳвол ҳамин аст, оча. Се-чор моҳ аст, ки рӯйи пулро надидаанд.

– Ин чӣ рӯзест, ки ба сари мо афтод?... На ба пирону дардмандон нафақае медиҳанду на ба кормандон маоше. Ду рӯз инҷониб дилам ба хомшӯрбои тунд меравад…

Дилам фишурда шуд. Чӣ кунам, ки ҳамин хоҳиши ночизи модарро ба ҷо оварам. Беҳтараш ягон ҷиҳозро ба бозор мебарорам.

Бевақт мешуд, аммо поям сӯйи хонаамон пеш намерафт. Хаёлам, охирин шахсе, ки аз ин ҷо мегузарад, харидори колои ман мегардад. Ман дар қатори кампиракони куҳнафурӯши гӯшаи шаҳр рӯзро бегаҳ кардам. Ягон-ягон мардум ба куҳнаколаҳо харидор мешуданд, аммо ба моли банда – матои махмали хушгул, ки модарам ба рӯзи муроди ман бо нияти курпаворӣ харида буд, касе таваҷҷуҳ намекард.

– Чанд мефурӯшед?

Забонам ба комам часпида, чизе ба ҳаҷми тухми мурғ ба гулӯям дармонд ва бо азобе ба оби дида мубаддал гардид.Сурати ҷавон пеши дидагонам хира метофт. Ман ба кӯдаке шабоҳат доштам, ки ҳини муздӣ дар ҳотаи бегона ба даст уфтода бошад.

Ӯ матои маро аз рӯйи коғазпора бардошт.

– Биравем.

Ман муқобилият накардам ва напурсидам, ки куҷо. Дур набуд манзили ӯ. Дари яке аз биноҳои нуҳошёнаро боз кард. Бо гӯшаи чашм тамоми ҷиҳози хонаро аз назар гузаронидам. Ва дар қиёси хонаи ободи ӯ худро ҳақиру ночиз эҳсос мекардам, вале тавре вонамуд месохтам, ки ин кошонаи муҷаҳҳаз ва ин ҳама чизҳои мурассаъ

ҳеҷанд. Ӯ дар як лаҳза рӯйи мизро бо анвои ғизоҳои хушхӯр чун дар рӯзи сур орост.

– Меҳрубон бошед.

– Ташаккур, – ҳарчанд аз гуруснагӣ сарам чарх мезад, чашм аз телевизор намекандам ва бо нӯки даст аз ину он мечашидам.

– Мунис, бигӯед, аз кай чаканафурӯшӣ мекунед?

Худро ба даст гирифтам ва амсоле, ки савол ҳеҷ малолам наомада бошад, гуфтам:

– Аз ҳамин рӯз. Ва аз аввали шуғл фаҳмидам, ки дар ин кор пешрав нахоҳам шуд.

– Чиро? Арзон мепурсанд?

– Худ намедонам, ки ин матоъ чӣ қимате дорад. Ва касе ҳам харидораш нашуд.

– Охир, худи шумо ба чанд гирифта будед?

Беихтиёр оҳи сарде кашидам.

– Меонед, ин матоъ аз сандуқи модарам аст, ки ба рӯзи неке ният карда буд.

Ӯ аз ҷой бархост ва бо камоли ҷавонмардӣ дастае пул оварда ба пеши ман гузошт.

– Ин махмал бароям зиёд хуш омад. Моли хуб, бегона нашавад.

Оҳ, мушкили ман осон шуда буд. Акнун ин ҷо истодани ман маънӣ надошт. Ҳадаҳа узр пурсида, азми рафтан кардам. Вай маро то хамгашти кӯчаамон гуселонид.

– Минбаъд ҳар моле ки доред, бозор набаред, ки қадр намекунанд, – дар айни хайру хуш гуфт ӯ. Дар аввал ба гапаш эътиборе надодам. Охир, ман дигар чизеро фурӯхтанӣ нестам. Дар ҷайб хеле пул дорам ва то тамомшавиаш коре хоҳам ёфт ва ҳаргиз ба сандуқи модар даст нахоҳам зад.

Лабони камхуни модарам моили табассум шуданд. Худам ҳам чанде дилпур будам. Вале рӯз аз паси рӯз, ҳафта аз пайи ҳафта мерафту коре намеёфтам. Ба Маркази шуғли аҳолӣ дар талаби кори муносибе борҳо рафтам, аммо он ҷо ваъда медоданду бас. Охирин сӯмҳоро барои нон сарфа мекардам. Акнун ӯ зуд-зуд аз кӯчаи мо раҳгузар мешуд ва гӯиё мо тасодуфан бо ҳам вомехӯрдем. Он рӯз ҳам чанд дари идораву ширкатҳои хусусиро кӯфта, ноумед, мондаву лакот ба хона бармегаштам, ки ногоҳ аз паси дарахте намоён шуд. Ман басе дар хиҷолат будам, аз он ки дар ин ҷомиа меҳнати ман ба касе лозим нест, аз он ки ақаллан наметавонам ба модари бистариам ғизои дилкаше биоварам. Ду буханка нони тӯрхалтаро намедонистам куҷо пинҳон кунам.

Ӯ ба чашмони ман дуру дароз чашм андохт.

– Мунис, медонам, ки сахт дар азоб ҳастед. Вале намедонам чӣ тавр мадад расонам. Саҳеҳтараш метарсам, ки ёриамро қабул накунед.

– Ман дигар чизи фурӯхтание надорам.

– Эҳ, сода.

– Биравам, ки модар интизор аст.

– Ихтиёратон. Ба ҳар ҳол манзили маро медонед. Агар ҳис кардед, ки бароятон ёрии ман зарур аст, биёед. Хиҷолат накашед.

Саранҷом табари нодорӣ шохи ғурури маро шикаст. Расид он рӯз, ки барои як нон пул надоштам.

Ӯ маро хуш пешвоз гирифт ва намедонист чӣ гӯяду чӣ кор кунад.

– Шумо метавонед ба ман кораке ёбед?

– Яъне, чӣ ҷӯрӣ кор?

– Масалан, ман метавонам хона рӯбам, фарш шӯям, козурӣ, ошпазӣ барин корҳо…

– Бас-бас… Магар ҳамин хел корҳои паст ҳам натавонистед аз куҷое ёбед, ки…

– Ман на ба ҳар хона хоҳиши хидмат кардан дорам.

– Яъне, шумо мехоҳед, ки…

– Бале, дигар илоҷ надорам. Модари ман се рӯз инҷониб дами гарме нахӯрдааст.

Вай оҳиста даст ба сари ман гузошт ва пичиррос зад:

– Эҳ, бечораяки ман… Ту ба хидматгорӣ муносиб наӣ, ту бонуи хонадон бояд бошӣ. Бихез ва ҳунари таббохии хеш нишон бидеҳ!

Ӯ соати кори маро муайян ва калидеро бароям ҷудо кард. Ман вақте ин ҷо бояд меомадам, ки кадхудо баромада мерафт. Мерӯфтам, мешустам, хӯрок мепухтам, уту мекардам ва аз ғалладон пули бароям гузоштаашро мегирифтаму мерафтам бозор, пас назди модари дардмандам, ки рӯзи дароз вассашуморӣ мекард.

Ай Неъмати ман, бовар кун, то ҳол намедонистам, он хоҷа кисту чикора. Ҳарчанд се ҳуҷра қариб тамоми рӯз дар ихтиёри ман буд, наметавонистам аз коғазҳои ӯ, ки бо расмулхати ниёкон сиёҳ мекард, калимае бифаҳмам. Аслан, аз рӯйи одоб набуд, аз ӯ бипурсам, ки чӣ шуғле дорад. Ман як хидматгор будаму бас! Дар ин замонаи пур аз фисқу фуҷур, дунҳиммату сифлапарвар ман ба ҷуз хидматгори аҷнабие будан дигар шуғле пайдо накардам, охир…

Аз ёфту тофтам модарам зиёд хурсанд буд. Ба ӯ гуфтам, ки дар ширкати хусусие котибагӣ мекунам.

– Якто-нимто сару по пасандоз кун, ҷони оча, дунё баумед аст, – ҳар замон гӯшрас мекард ӯ.

Рӯзе дертар ба хонаи киёи соҳиб рафтам, сари роҳ бо собиқ ҳамсабақам, ки талабаи донишгоҳ буд, вохӯрдам. Каме аз он айёми беғаши бачагӣ ёд кардем, ҳоли ёру дӯстони мактабиро, ки ҳар яке чун мурғакони парвозӣ ошёни куҳан тарк гуфта буданд, аз ҳамдигар пурсидем. Хуллас, каме дер кардам. Вале аз ин боке надорам. Чӣ заҳмате дорад се хонаву ошхонаро поку тамиз кардан ва дами гарме пухтан?

Ба хона расидам ва калид ба калиддон андохтам. Дар боз намешуд. Дари ҳамсоя каме роғ гашт ва як ҷуфт чашм лаҳзае таъқибам карду ғайб зад. Мехостам аз дами дар дур шавам, ки садои тоб хӯрдани калид шунида шуд. Соҳибхона имрӯз ба кор нарафта буд.

– Салом.

– Салом, салом. Марҳабо, – як тараф истода бо нимтаъзим бандаро роҳ нишон медод. Ӯ аз ҳаррӯза дида либоси зебо пӯшидаву дар назар тару тоза ва ҷолибтар менамуд. Чун ба меҳмонхона гузаштам, мизи мудаввари бузургеро ороста аз нуқлу наво ёфтам.

– Бубахшед, киё, шумо меҳмонеро интизор будед? Агар дирӯз хатаке мегузоштед, беҳуда намеомадам.

– Оре, интизори меҳмоне будам, ки омад.

– Ку?

– Мунис, имрӯз на ту парасторай, балки фақир хидматгори ту ҳастам. Охир, чӣ хел мешавад, ки дар чунин рӯзи саид низ дар хидмат бошӣ?

Ман намефаҳмидам, ки ӯ ба чӣ маънӣ сухан мекунад.

– Магар одам рӯзи мавлуди худро фаромӯш мекунад?

О, ваҳ! Имрӯз – зодрӯзи ман. Ниҳоят ман ба синни бисту як қадам мегузорам… Худоё, чӣ қадар тез мегузарад умри одамӣ? Воқеан, дусе сол аст, ки ин рӯзро ҷашн намегирам. Гузаштанд рӯзҳое, ки ҷашни мавлудро интизорӣ мекашидаму дар давраи кӯдакону ёру дӯстони оила менозидам, азизу аълои он шаб мебудам. Ва волидайн шодӣ мекарданд, ки ба як сол бузургтар шудаам! Аммо дигар ин рӯзро бад мебинам. Танҳо дар ҳамин таърихи рӯз эҳсос мекунам, ки қадаме ба пирӣ пеш андохтаам. «Пирдухтар», – аз дил гузаронидам ман.

– Зодрӯз муборак! – вай бастаеро рӯйи дастонам гузошт ва аз бозувонам дошта сари миз ҳидоят намуд.

Неъмат, ман танҳо ҳамон рӯз чанд ҷуръа шароб нӯшидам. Дар таъсири он оби шарр буд ва ё ба ҳурмати ӯ гапашро нагардонда ба хонаи дигар гузаштам ва пироҳанеро, ки тuҳфа карда буд, ба бар гирифтам, зеби гардану гӯшвораҳое ба гардану гӯшам ҳалқа кардам, ки намедонистам аз чӣ фулузотеанду чӣ қимате доранд. Шарм медоштам ба ҳузураш бароям. Ӯ худ ба ин хона даромад ва бо нигоҳи

оташбор байте хонд:

*Эй қадди ту сарви нозпарвар,*
*Дилдодаи қоматат санавбар!*

Дилам лабрези фараҳ буд, аммо дар тарс будам, ки ин ҳама бо нохушие меанҷомад.

Неъмат! Аз куҷо донам, ки на ҳама номарданд. Шукри Аллоҳ, ки дунё танҳо аз ғаждӣ иборат нест.

Ӯ аз дастам дошта муқобили оинаи қаднамо овард. Худоё, ман бори аввал ба сурати хеш бо чашми бегона менигаристам: рӯ ба рӯям на хидматпешаи назарногире, балки маликае меистод!

Ҳамон лаҳза аз фикри хеш дар хиҷолат шудам ва рӯй тофтам аз акси назаррабои худ.

*Киям ман, то бинозам бо худ аз андешаи нозат,*
*Ба худ нозиданат нозам, ба худ нозиданат нозам...*

Ӯ бо лаҳни аҷибе ғазал мехонду ман дар обу арақ меғӯтидам.

– Туҳфа маъқул уфтод?

– Муташаккирам. Беҳуда заҳмат кашидаед.

– Маро наранҷон. Қобили ташаккур нест.

Мо боз сари дастархон нишастем.

– Мунис, ба фикри ман, ба ту кори дигаре ёфтан мебояд.

– Магар ман аз уҳдаи кор набаромадам?

– Ту маро дуруст бифаҳм. Охир, ин чӣ корест? Шармам меояд, ки туро бо чунин хидмат побанд кардам. Аслан, ин кор оянда надорад. Ту бояд худшинос, бохабар аз сафеду сиёҳ бошӣ, чун пештара дар идорае кор кунӣ.

– Худатон медонед, ки ман моҳҳо дар ҷустуҷӯйи кор будам, ваъда мешунидаму бас. Мебинам, ки ин ҷо ҳам кори ман омад намекунад...

– Оҳ, ту чӣ хел зудранҷ будаӣ! Гӯш дор, азизам. Аз буданат дар ин хонадон басе хушҳол ҳастам, вале ман наметавонам туро ба ҳайси як хидматгор нигоҳ дорам. Худ биандеш, ин хуб нест. Агар ту саводи коргузорӣ бо хатҳои форсиву инглисӣ медоштӣ, ба коре тавсия мекардам, ки бешак, хушҳол мешудӣ.

– Ман ҳеҷ гоҳ чунин имкон надоштам.

– Чӣ мешавад, ки аз худи ман сабақ омӯзӣ?

– Оё ин мумкин аст?

– Чиро не? Биё, беҳтараш аз ҳамин рӯз сар мекунем.

Он рӯз ман бо нахустин ҳуруфи форсӣ шинос шудам. Басе рӯҳам сабук гардид ва аз шодӣ намедонистам худро куҷо гузорам.

Ӯ акнун ба хона барвақт бармегашт, тановул мекарду пас аз лаҳзае ба ман сабақ медод. Мегуфт, ки шогирди қобиле ҳастам. Машғулият як рӯз форсӣ, рӯзи дигар ба инглисӣ идома меёфт. Гумон мекардам, ин ҳаёти гуворову беғаш ҳеҷ поён намеёбад. Вале… рӯзе вай гуфт, ки ба ватанаш рафтанист.

– Калиди хона ба дасти ту мемонад. Пас аз як моҳ бармегардам, – ин хабар ногаҳонӣ буд барои ман, худро дошта натавонистам, – чиро гиря мекунӣ? Ман ҳатман бармегардам.

Аё Неъмати ман, ту, ҳатто, тасаввур наметавонӣ кардан, ки ин як моҳи пур аз азобро ман чӣ гуна паси сар кардам. Рӯзи охирине, ки мо бо ҳам будем, сония ба сония дар навори хотирам сабт гаштааст. Охир, ин рӯз чун рӯзҳои дигар муқаррарӣ набуд. Ман дар ин рӯз нахустин бор аз забони ӯ ҳарфҳои «дӯст медорам»-ро шунидам! Оҳ, ман ин лаҳзаро чӣ дуру дароз интизорӣ кашида будам! Маҳз ҳамин рӯз чӣ будани лаззати бӯсаи ошиқиро фаҳмидам! Ман хомӯш будам, вале ӯ маро маҷбур намекард, ки аз ишқ сухан гӯям, аён буд, ки бо фаросат аз нигоҳам ҷавоби муҳаббати хеш мегирифт. Ман чун ҳарвақта ба «коргоҳ»-и худ меомадам. Ва бо ҳафсалаи том, новобаста аз он ки вай ин ҷо нест, хонаро поку тамиз мекардам, ҳавояшро тағир медодам ва сонӣ хӯрокаке омода месохтаму хондану навиштан машқ мекардам. Дар вақти муқаррарӣ бо акси ӯ хайрухуш мекардам, то субҳи дигар мерасид. Ба ҳар ҳол ин мароми зиндагӣ басе сустгом буд ва хаёл мекардам, ки як моҳ ба соле табдил ёфта. Яке пай бурдам, ки нигоҳҳои таҳдоре рафту омади маро наззора мекунанд. Дилам ғаш кард. Андешидам, то омадани ӯ дигар ба ин даргоҳ рафтуо накунам, вале боз қуввае ба он манзил мекашидам. Охир, чӣ сон метавонистам, ҳар субҳ ба сурати вай, ки ба роҳам чашми интизорӣ медӯзад, салом надиҳам ва бегоҳ дафтари хотиротро варақ нагардонаму таноби вақтро кӯтаҳ накунам.

Рӯзе хаткашон ба дастам номаи саркушодае дод, ки аз Маркази шуғли аҳолии шаҳр буд ва бандаро ба яке аз муассисоти бонуфуз ба сифати котибаи коргузор даъват мекард, ки худам талабгораш будам. Аммо ман аз ин дархост хурсанд нашудам. «Пас аз чанд рӯз ӯ бармегардад ва мо ҳатман бо маслиҳат сари кореро мегирем», – фикр кардам ман.

Неъмат, шояд хуб мебуд, агар нонро пешпо намезадам ва ба маркази шуғл мерафтам, аммо ба эҳтироми шахсе, ки ба сони қутбнамо роҳу равиши ҳаётам нишон доданист, зиёда аз ин моро бо унвони «муҳаббат» занҷираи басе нозук ба ҳам мепайвандад, чаро тоқат накунам?

Бегоҳ модарам бо ҳалимӣ сухан аз бобе кушод, ки сари калобаамро гум кардам.

– Ҷони оча, чӣ мешуд, ки пагоҳ ба корат наравӣ, хостгорҳо омаданӣ.

– Хостгор?

– Ҳа. Албатта, агар худам пойи равон медоштам, ҳоҷати назди хостгорон мондани ту набуд…

Маълум, ки модарам аз ҳад беш хушбахт аст, вале чӣ кунам, ки имрӯз инони ихтиёр ба дасти ман нест. Чашм ба роҳи касеам, ки… Аммо дар ин бора ба модар наметавонам гӯям.

– Ба чӣ намепурсӣ, ки кистанд хостгорони ту? Писари Раҳими Баззоз – Толиби кафшгар.

Ман Толибро хуб мешиносам. Ҷавони бад нест. Чӣ навъ ки модарам рӯзгори ин қабил одамонро таъриф мекунад, «камбағали шикамсер».

– Оча, беҳтараш камтари дигар тоқат кунем…

– Очет гардад, ман аз сиҳҳати худам бовар надорам. Кори хайрро ақиб партофтан хуб нест. Ин ҷо худамон, синнат ҳам ба ҷое расидааст.

Ман модарро хуб мефаҳмам, вале ба ӯ чӣ хел фаҳмонам, ки дили ман асири шахси дигарест ва ману ӯ аҳд бастаем. Модар, албатта, ин ҳолро ба гӯшаи хаёл оварда наметавонад, ки духтари ҳалиму гапдарои ӯ имрӯз аз чӣ саркашӣ мекунад? Агар донад, ки ман дар дил чӣ мақсад мепарварам, сару рӯй меканаду оҳу нола мекунад, то ман аз баҳри он хориҷӣ гузарам.

Неъмат, чӣ кунам, ки на танҳо модари ман, балки пешсафтарин фарди қавми мо роҳи пешгирифтаи маро хато меҳисобад. Вагарна роҳбари собиқам, ки адиби шинохтаест, маро таънаи беҷогардӣ намезад, ҳарчанд ки он вақт на он ҷавонро мешинохтаму на дар дили чун коғази абрешимӣ тозаи ман доғе аз қалами муҳаббат чакида буд.

Ҳаройина, коре кардам, ки модар танҳо чанд рӯзро дар ихтиёри ман вогузошт, то фикр кунам.

Агар медонистам, субҳи дигар дар он хона фалокати бузурге ба сарам меояд, ҳаргиз гапи модармро ду намекардам, мемондам дар наздаш.

Ҳанӯз кафшҳоямро накашида занги дар баланд шуд. Ман касеро интизор набудам, бо вуҷуди ин дилам ба бозӣ даромад ва бо сад пазмонӣ дарро кушодам.

– Ин хонаи корманди сафоратхонаи хориҷист?

– …

– Шумо ҳамсари эшон ҳастед?

– Бубахшед, шумо кистед ва ба он кас чӣ кор доред?

– Аз лафзатон маълум мегардад, ки хориҷӣ нестед.

Ин ҷавон дар сурат одами хеле бафарҳангро мемонд. Риши кулӯта ва айнаки сиёҳ намегузошт чеҳраи аслии ӯ дар хотир монад.

– Лутфан, шумо наметавонед, маро қабул кунед?

– Маъзарат мехоҳам, соҳибхона ин ҷо нестанд.

Ва ҳамин лаҳза ду ҷавони дигар аз ду тараф пайдо шуданд.

– Бубахшед, ин фоҳишахона танҳо барои хориҷиён аст ва ё ватандорон низ метавонанд истифода кунанд?

Ман ҳадаҳа дарро ба рӯйи бешарафон бастанӣ шудам, аммо онҳо пешдастӣ карданд.

Оҳ, ман чӣ гӯям назди ӯ?! Назди модар?! Назди мардум?! Аз чӣ нолам?! Аз кӣ нолам?!

Ба оина нигоҳ карда, худро нашинохтам. Бо азобе шустушӯ кардам ва шона ба мӯйи титу парешон задам.

Занги тилфон баланд гашт. Аввал хостам гӯширо набардорам. Занг такрор ёфт.

– Алло… Неъматуллоҳ?...

– Алӯ! Ин туӣ, Муниси ман?! Салом! Чаро овозат хаста аст? Пас аз соате ҳозир мешавам…

Ман гӯширо ба ҷояш гузоштам. Пойҳоям меларзиданд. Бояд аз хона бадар шуд! Зудтар! Зудтар! Аммо ба куҷо? Назди модар? Ҳеҷ гоҳ!!!

Дарро бастам ва тез-тез аз зинаҳо пойин шудам. Садои пошнаи борики кафш ба ранги мех майнаамро мекӯфт.

*Соли1993*

## САНГИ СОҲИБНОМ

*Ба афроди худшиноси аввалватанам мебахшам, ки дар баробари боди самуми тоҷиккуш, ҳаройина, сина сипар мекунанд*

– Занак, беҳуда ду пота дар як мӯза меандозӣ, ин кор ношуданист…

– Дар олам кори намешуданӣ будааст? Мешад. Як ин тараф – он тарафа бинед. То ин вақт мегуфтед: «Санги навиштая кӯҳканҳои Ҳайдаркан бо як-ду таркиш ба замин яксон карда буданд. Акнун миёни мову онҳо хати сарҳад кашидаанд. Аз куҷо доруи тарканда меёбаму…»

– Рост мегӯям. Барои тарконидану ба замин чилпарчин кардан динамити андак лозим не. Боз ин ки, агар бо чунин мавод даст ги-

ранд, ба пешониат тамғаи террористиро чунон мечаспонанд, ки номи авлоду аҷдодат доғдор мешавад. Бинобар ин …

– Аз афти кор, мана кӯдаки панҷсола гумон мекунед. Намегӯям, ки сарҳад шикаста Ҳайдаркан равед. Чор танга сарф кунед, ҳамин доруи сабилмонда аз деҳаи ҳамсоя ҳам ёфт мешавад.

– Кошки ёфт шавад…

– Ҳо, ёфт мешавад. Мегӯянд, ки тарконидани кӯҳи Суратӣ[1] ба охир нарасидааст. Соҳибкорон чанд сол аст, ки аз он мавзеъ барои сохтмон тахтасанг мекашонанд. Аз тахтасангҳои Суратӣ садҳо бино зебу зинат ёфта бошад ҳам, ҳеҷ не ки тамом шавад.

– Бар падарашон лаънат!

Занак сабаби якбора хашмгин шудани марди калонашро намефаҳмад. Охир, ӯ ба шавҳараш маслиҳат доданӣ, ки ба деҳаи Тил раваду аз онҳое, ки Суратиро мекафонанд, миқдоре барои тарконидани ҳамин харсанги ғеҷонак доруи тарканда ёфта биёяд. Тӯвва[2], ин марда ҳеҷ фаҳмида намешавад. Бо ҳар роҳ аз тарконидани харсанг саркашӣ мекунад. Рафтораша мебинию гумон мекунӣ, ки риштаи ҷонаш ба ин харсанг пайванд бошад. Ҷинрасида барин мегӯяд: «Ин Санг аз гузаштагонамон ёдгорист.» Ёфтӣ ёдгорита… Мегӯянд, ки болотар аз Сари Барозу поёнтар аз Сойбозор дар канори Обишир мазоре буд бо номи Санги навишта. Чӣ санге буд он ҷо? Шояд шахеро, ки андар он дар қатори хатҳои нохонову кадом як аломатҳои нофаҳмо ва сурати чорпоён бо хати русӣ «Вова»-ю «Коза»-ю «Миру мир»навишта шуда буданд, дар назар доранд? Ба маҳв шудани Санги навишта ба ғайр аз шавҳари вай ягон ҷунбандаи оламро парво нест. Фақат ин кас шамъ барин сӯхта тамом мешаванд. Мана, акнун соҳибкорони сангшикани Суратиро лаънат мекунанд.

Вақте барои оилаҳои серфарзанди Ровон аз боғоти Кунҷок қитъаи замин тақсим карданд, ба ризқи танги ин зани мусофир (вай аз дигар ноҳия арӯс шуда омада буд), ба оилаи онҳо замине расид, ки дар миёнаҷойи он харсанге, шояд як замон аз кӯҳ канда шуда ғелида бошад, ҷойгир аст. Дили занак танг шуд. Марди калонаш ин ҳолати ҳамсарашро дида гуфт: «Ба ҷойи ту ягон бонуи худшиноси сӯхӣ мебуд, Санги лағжонака моли худ дида, аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид. Ту бошӣ, аз ин сарвати худодод ношукрӣ мекунӣ.»

Куҷои ин харсанги бешаклу намуд ба ҳамсари занак маъқул? Аз

---

[1] Суратӣ – номи кӯҳест дар наздикиҳои деҳаи Тули вилояти Фарғона, ки осори хаттии одамони қадимро зиёд дошт. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷониби соҳибкорон набиштасангҳои Суратӣ асосан маҳв карда шуд.

[2] Яъне, тавба.

он сол то ин сол ба сари қабри падару модараш ин мард се-чор бор меравад ё не, аммо ҳар саҳар баъди намоз назди ин санги бенамуд як бор меояд. Ду даст ба пушт гирди «сарвати худодод» гоҳо чарх мезанад. Ба Худо, девона аст ин мард. Мана, қариб сӣ сол мешавад, ки рӯзгори ширинашон аз дасти ин харсанг талх аст! Миёни ин солҳо харсанги лаънатӣ чун устухон дар гулӯи бонуи хона дар мондааст. Аз он на роҳи наҷот меёбаду на одат карда метавонад. Сари сипсиёҳаш сап-сафед шуд, кӯдакони тай-тай, по-пояш кайҳо соҳиби рӯзгори худу соҳиби се чор фарзанд шуданд, вале манзара дигар нашуд, ки нашуд. Харсанг ҳайкали занбурӯғи нохӯрданӣ барин камаш як хонаҷойро банд карда хоб рафтааст.

Занаки дилозурда ҷониби шавҳараш нигоҳ мекунад. Мард, гӯё аз теғи нигоҳи завҷааш паноҳ меҷуста бошад, аз ҷой хеста бари ҷомаашро бо ду даст афшонида-афшонида ба анборча даромада меравад. Баъди чанде дар даст бел берун меояд. Чашмони завҷааш медурахшанд. Зоҳиран бовар мекунад, ҳамсараш ҳанӯз дар айни камоли ҷавонмардист, ки тани танҳо бо ёрии як бел дар бехи харсанг чоҳе меканаду ин лаънатиро осонак ба чоҳ афканда, аз рӯйи замин несту нобуд мекунад. Оҳ, агар чунин кор мешуд… Орзуи ҳазорсолаи занак иҷро мешуд! Дилаш боғ-боғ мешукуфт.

Чӣ-ӣ? Ин мард марди калон не, як мардак асту бас! Ина бинед-а, ҳатто забонат намегардад, ки мардак ном барӣ. Кӯдаки тапа-тайёр. Ана, белро ба сари воти кишти картошка ходаи гӯр барин рост заду худаш мисли бача ба харсанг часпид. Чӣ-ӣ, «катайса» мекунад? Намурӣ! Як по дар лаби гӯр бошию сари Санги лағжонак баройӣ. Не, мардак, аз афти кор, дилу нияти «катайса» кардан надорад. Болои харсанг баҳузур нишастааст, мегӯйӣ, одаму оламро фаромӯш карда.

Мард, воқеан, аз ин айём канда шуда буд. Ба ёд меовард, ки тақрибан чил – чилу панҷ сол пеш, солҳое, ки замини гирду атрофи боғоти Кунҷок қитъаи бригадаи картошкапарварии бонуи ҷоизадору овозадори водӣ Саидпошшо буд, дар ноҳия имрӯза барин кӯдакистонҳои замонавӣ вуҷуд надоштанд. Ҳамин Санги лағжонаки Кунҷок гӯё тарбиятгари кӯдакони бонувони деҳқон буд. Агар чунин гӯяд, ҳамсараш механдад. Хуни нофи вай, ки ин ҷо нарехта бошад, аз куҷо донад, ки мӯйсафед ноҷо гап намезанад. Чӣ навъ ки мегӯянд, арӯс – пайи хушдоман. Арӯс ҳам тарафдори хушдоман асту ба гапи хусураш механдад. Шояд вай гумон дорад, ки бар асари асабоният гапи мӯйсафед андак маъно гум кардааст. Не, шукри Эзад, Зокири Хоҷа ақлашро нахӯрдааст ҳанӯз.

Он солҳо ҳар як бригада кӯдакистони сайёри худашро дошт. Зане аз аъзои бригада, одатан, парастори тифлакон мебуд. Ин вазифаро дар

бригадаи Саидпошшои номӣ кампири Аён ба уҳда дошт. Кӯдакистон ҳамин мавзеи зардолузори Кунҷок мебуд. Кампири Аён ба зери зардолубуни пир шолчаеро мегустурд. Модарон худ чанд албонҷакро ба шохҳои бақувввати дарахт овехта, тифлакони ширмасташонро мехобонданду аз пайи кор мешуданд. Аз назари Зокири Хоҷа, кампири Аён ҳамту як доя буду бас. Яъне, ӯ, кӯдакон ки гурусна монданд, аз тӯшаи модарашон як лаб нон шикаста медод, ё модари тифли ширхораеро даъват мекард, то бачаашро шир диҳад. Кӯдакони роҳгардон афтону хезон ба баландӣ баромада, ба фарқи Санги лағжонак менишастанд ва дар як мижа задан худро бегазанд дар пойи санг медиданд. Тифлакон бо нидоҳои шодмонӣ пасу пеш пойин мелағжиданд ва ҳамон лаҳза боз ба воситаи зинаҳои табиӣ худро боло мегирифтанд. Кампири Аён дар рӯйи кӯрпача нишаста яктаҳбандеро шерозадӯзӣ мекарду ҳар замон алвонҷаки тифли нохуспидаеро меҷунбонид. Аз кӯдакҳои сари Санги лағжонак парвое надошт. Ҳаққо, ки мураббии хурду калони деҳ буд Санги лағжонак! Мана, дар майдончаҳои кӯдакистонҳои замонавӣ даҳҳо намуд воситаҳои бозӣ, бо гуфтаи мураббияҳо, «ғеҷ-ғеҷак»-у арғунчаку алвонҷак, аспаку луфтак, мошинчаву велосипед мавҷуд аст. Мураббияҳои соҳибмаълумот аз рӯйи барномаҳо бачагонро таълиму тарбия медиҳанд, бо тифлакон кӯдаквор бозӣ мекунанд. Бонавбат ҳар якеро ба арғунчак нишонда таъкид медоранд, ки боэҳтиёт бошанд. Вале қариб ҳар рӯз аз бинии яке хун меояду лаби дигаре мекафад… Ҳар сол чандин василаи бозиро нав мекунанд. Боз фалокате рӯй медиҳад. Агар мӯйсафед аз хубиҳои ин Санги барояш азиз гап занад, шунавандагонаш бо тамасхӯр аз дил хоҳанд гузаронид: «Зокири Хоҷа боз сар кард!»

Занак ду пойро дар як мӯза карда истодааст, ки ҳамин харсангро аз миёни ҳавлӣ бардор. Ба ӯ фаҳмонда нашавад, ки ин Санг ба мисли баъзе селовардаҳо хасу хошок набуд, ки пеш-пеши балои обхез омада бошад, ё бар асари зилзила аз фарқи кӯҳи Ровон канда шуда, ғел-ғелон фаромада бошад. Зокири Хоҷа аз замони кӯдакӣ медонад, ки ин санг дар ин макон реша дорад! Харсанги одӣ нест. Балки ин санг соҳибном аст! Ва чӣ номи зебое дорад: Санги лағжонак! Чунонки кампири ӯ мегӯяд, Санги ғеҷонак не, балки Санги лағ-жо-нак!!! Агар ҳар чизе, ки исми хос дошта бошад, вай махсусияте дорад. Пас ӯ, Зокири Хоҷа Санги лағжонакро, ки баробари як инсон, як шаҳр, як деҳа, як кӯҳ ва як дарёи ин сарзамини аҷдодӣ ном дорад, чаро бо фармони занак мебардоштааст? Аслан, Санги лағжонак, ҳамон сон ки занаш мегӯяд, дар миёнҷой не, балки дар канори ҳавлӣ ҷойгир аст. Ва инро, чӣ навъ ки ҳамсояи девордармиёнашон Мухтори бахшӣ ба занаш гуфтааст, ду мошини боркаш сангу шағал медиҳад, Зокири Хоҷа нарӯёндааст. Бе-

шак ин ҳамсинни Одаму Ҳаввост. Ва аҷаб нест маслиҳатгарони занаш барин одаму одамакҳоро миллиард-миллиард дида бошад. Ва манзараи атрофи он садҳо ҳазор бор дигар шуда бошад. Чунон ки дар ҳамин умри кӯтоҳ Зокири Хоҷа бо чашмони худ дидааст, ки аввал як гӯшаи Кунҷок зардолубоғи хушбоду ҳавое буд, ки бибии раҳматиаш Зандолистон ном мебурд. Сонӣ қисмати кӯҳдоман болотар аз ҷӯйи Ровон аз ҷониби мактабиён ба себистон табдил дода шуд. Мӯйсафед чашм мепӯшаду ба ёди он рӯзҳо дилаш гум мезанад. Бале, он вақт баҳори шонздаҳуми умраш буд. Бо роҳбаладии котиби комсомоли мактаб ба Кунҷок расиданд. Расидanду ба кор не, ба Санги лағжонак часпиданд. Шояд санги номдор аз рӯзи офариниш чунин манзараи дилфиребро надида бошад. Аввал писарбачаҳо, сипас духтарбачаҳо бо шӯру шааф, бо садову нидоҳои сурурангез аз фарқи сари он поён мелағжиданд. Поён мефаромаданду боз аз паси дигарон навбат мегирифтанд. Баъзе духтаракон аз сари ноз гӯиё ба сари харсанг баромадан кори мушкиле бошад, «Вой меғалтам!», «Вой, очаҷон-е!»-гӯён бо умед ба писарон чашм мепартофтанд. Ва аксаран «мададгорон» ҳам пайдо мешуданд. Баъзе писаракони боҷуръат аз дасти нозукакҳо дошта то сари Санги лағжонак мерасониданд. Ва шояд ҳамин бори аввал даст ба даст доданҳо оғози дил доданҳо ҳам мешуд.

Дар ёдаш ҳаст, он рӯз осмон абролуд буду андак-андак борон ҳам меборид. Бо расида омадани ҷонишини директории мактаб Заҳваров мактаббачагон аз бозӣ ба кор часпиданду дар андак вақт шӯхӣ-шӯхӣ як майдони васеъро дар шакли тахтаи шоҳмот ниҳоли себ шинониданд…

Чанд сол пеш Зокири Хоҷа бо кору бори хеш ба кишвари ҳамсоя рафта буд. Тасодуфан як ҳаммактабашро, ки он ҷо маскун аст, дар сари роҳ вохӯрд. Ӯ пеш аз ҳама боғи Кунҷоку номи як ҳампартаи хешро ба забон овард.

– Кунҷок ободаст? Фалониро мебинӣ? Зиндагиаш чӣ хел аст?

– Кунҷок обод шудааст. Фақат акнун бо номи боғи Кунҷок нею маҳаллаи Кунҷок маъруф гаштааст. Барои фарзандони маҳаллаи Кунҷок болотар аз он мавзеъ мактаби кори калон бунёд карданд.

Ҳамшаҳриаш як оҳи ҳасратомезе кашиду ин байтҳоро ба забон овард:

*Набиштасанги Сӯх, ай сарнавиштам,*
*Канори Обишири ту биҳиштам.*
*Бимирам ман ба ёди боғи Кунҷок,*
*Ки дар хокаш муҳаббатдона киштам.*

Ранги рӯйи ҳаммактаби собиқаш заъфаронӣ метофт. Бисёрҳо шу-

да буд, ки дигарон ба рӯзгору мартабаҳои илмии ӯ ҳавас мекарданд, вале ҳоло медид, ки ин фарди эҷодкор чӣ афтода ҳоле дорад.

– Аз матбуот хабар ёфтам, ки ҳокими нав барои ободии ноҳия камар бастааст. Чӣ касест ӯ?

– Ҳо, чолоку кордон ва созмондеҳ марде будааст. Бо ҳашару кӯмаки мардум лабу лунҷи шаҳристонро камтар ғундошт. Гӯиё ҳаёти мардуми кӯҳистонро каме маданӣ кард. Зану духтарони мо гули сари сабади маҳфилҳову давраҳои шодиву хурсандӣ шуданд, ҳм… – маълум буд, ки Зокир дар дил аламе дорад.

– Магар духтарон кушоду озода гарданд, маъқулатон нест?

– Озода бошанд, на бепарда.

– Ҳамон манбаъ навиштааст, ки дар яке аз деҳаҳои ин ноҳия пайкараи Султон Маҳмуди Ғазнавиро гузоштаанд. Боварам наомад.

– Чаро бовар намекунед? Гузоштанд. Дар деҳаи Ғазнов гузоштанду аз ин амалашон фахр ҳам мекунанд.

– Намефаҳмам, ба пайкараи ин султони ғаддор, ки душмани миллату «Шоҳнома»-и азимушшаън будааст, деҳаи тоҷикнишине дар Фарғона чӣ ниёз дошта бошад?

– Гурӯҳе пайдо шудаанд, ки худро аз авлодони Султон Маҳмуд мешумурдаанд.

– Аҷабо. Далелашон чӣ будааст?

– Аз рӯйи навиштаи баъзе «муҳаққиқон», тақрибан дар чоряки аввали асри бисти милодӣ бо чӣ сабабҳое, шояд ҳамчун гуреза аз таъқиботи ҳокимони давр ва ё дар ҷустуҷӯйи як лаб нон се-чор оилаи ниёзманд аз деҳоти гирду атрофи Хӯқанд ба деҳаи Қалъачаву Ғазнови Сӯх омада муқим гардидаанд, ки сарвари яке аз он оилаҳо Каримчаи коғазгари Мӯйимуборакӣ будааст. Хуллас, аз авлоди чунин оилаҳои як замон муҳоҷиргардида даъвое бархестааст, ки аксари мардуми ин деҳот аслан турктабор буда, авлодони Султон Маҳмуданд ва номи деҳаи Ғазнов аз номи зодгоҳи Маҳмуд аст. Шояд ба ифтихори ҳамин афсонаи бофтаву сохта ҳайкали нангини ин шоҳи ғосибро, ки аслан аз Фарғона ҳазорҳо фарсанг дур, дар шаҳри Ғазнӣ ё Ғазна, андар ҳавзаи дарёи Ҳилманд ба дунё омадаву ҳукумат кардааст, ба Ғазнови Сӯх гузоштаанд.

– Зиҳӣ ҳамоқат! – бо тамасхур гуфт он фарди бедордил.

– Бале, бемаънигӣ аз ин зиёд намешавад. Ҳеҷ соҳибназаре ёрои гуфтан надорад, ки агар бобокалони он муддаиён воқеан ӯзбактабор бошад, чаро Қутлуғтӯклик қоғозчи Каримбой Кичкина намегуфтаанд? Мантиқан, тоҷик будааст, ки бо ному насабу кунияти Каримчабойи коғазгари Мӯйимуборакӣ маъруфият доштааст-дия. Ҳамту не?

– Мӯйимуборак… Мӯйимуборак… – зери лаб такрор кард

ҳаммактабаш, – ба он «худогаҳон»-е, ки шаҷараи худу аҷдоди хешро дар асоси чунин «рисолаҳо» бофтаву сохтаанд, бо кадом забон бояд фаҳмонид, ки Ғазнови водии Фарғона куҷову Ғазнии Афғонистон? Мардуми форсизабони шаҳристони Сӯхро чӣ иртиботест ба набераи Алптегину писари Сабуктегини муғултабор, ки аслан ғуломи зархариди Оли Сомон будаанд? Ва чаро Каримчабойи коғазгари Мӯйимуборакӣ, ки дар асри бисти милодӣ зиндагӣ кардааст, ҳатман бояд турктабор бошаду ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки даргузашташ даҳ аср муқаддам будааст, аз як реша бошад? Шумо дуруст мефармоед, оё маънои луғавӣ ва тарзи иборабандии ному насабу кунияти он мард худ нишони тоҷик будани ӯ нест? Магар нашунидаед, ки бо вуҷуди аз оғози ҳукумати Шӯравӣ то имрӯз бо забони ғайр таҳсил кардан дар гирду атрофи Хӯканд ҳанӯз рустову деҳоти тоҷикнишин боқӣ мондаву забони модариашон ҳамчун забони хонаводагӣ дар истифода аст?

– Бале, дӯстам, вақте чашми дил кӯр шавад, суде аз биноии чашми сар набудааст…

Зокири Хоҷа ба ёд дорад, ки лаҳза ба лаҳза ранги рӯйи ҳамсуҳбаташ тағйир меёфт. Донист, ки ҳоли ӯ бад шудан дорад. Бинобар ин аз шикоят лаб бубаст. Лаҳзае ҳар ду хомӯш буданд. Ва ниҳоят он эҷодкор дубора ба мавзӯъ баргашт:

*Туркон ба пеши мардон з-ин пеш дар Хуросон*
*Буданд хору оҷиз ҳамчун зани саройӣ.*
*Имрӯз шарм н-ояд озодазодагонро*
*Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутойӣ.*[1]

– Манзилатон дар ҳамин қаря аст? – пурсида буд Зокир бо нияти дигар кардани мавзӯи суҳбат.

– Бале, ҳар сол як-ду моҳ дар ҳамин макон манзил ихтиёр мекунем, – он соҳибдил бо табассуми дардолуд ба биное ишорат кард, ки дарвозааш чунин катиба дошт: «Клиникаи амрози қалб», – бинобар ин намехоҳам шуморо ба ин даргоҳ меҳмонӣ даъват кунам.

Зокири Хоҷа ба воқеият сарфаҳм рафт.

– Чӣ хел табобат мекунанд? Ягон ёрӣ даркор нест?

– Агар малолатон наояд, ин рӯқъаро ба фалонӣ расонед, – аз дафтарчааш варақеро канда дод бемор. Зокир беихтиёр ба навиштаҳо чашм давонид.

---

[1] Моли Носири Хусрави Қубодиёнӣ.

*Барои дарди дил дору биёред,*
*Хабар аз боғи зардолу биёред.*
*Хабар аз боғи зардолу набошад,*
*Кафи хоке зи роҳи ӯ биёред.*

Зокири Хоҷа давида ба бозорчаи рӯ ба рӯйи беморхона рафт ва аз беҳтарин навъ ду кило ғӯлинг харида овард. Ҳаммактабаш хандаи бадарде карду гуфт.

– Зокирҷон, шумо-ку чандон одами сода набудед. Давои дарди дили мо қандаки Зандолистони Кунҷок буда метавонад…

– … ва агар он мева аз дасти ёри ҷавонӣ бошад, ҳамту не? – хушгӯйӣ кард Зокири Хоҷа.

– Қурбони аҳли фаҳм шавам. Воқеан, ин мисраъҳо нав эҷод шуданд, шахсан ба шумо мебахшам, – ҳаммактаби собиқаш коғазаки чорқатеро ба дасташ дод. Зокири Хоҷа беибо қоғазакро дар ҳузури бемор кушоду бо овози паст хонд:

*Чун нигора хоки ҷаддам моли музехона*[1] *шуд,*
*«Ганҷи морон»*[2] *ифтихори миллати бегона шуд.*
*Фарқи байни Ғазнию Ғазнов пайдояш накард,*
*Рустамовар модарам бо Ғазнавӣ*[3] *ҳамхона шуд…*

Мӯйсафед дигар хабар надорад, ки дар ҷавоби номае, ки ба ҳамдарсаш расонида буд, ба он дилдодаи боғи Кунҷок як каф зардолу ҳамчун доруи дарди дил фиристонданд ё не, аммо ҳоло чашм мепӯшаду он манзараи зебои фасли шабобу маъракаи ниҳолшинониро пеши назар меорад. Аҷаб не, яке аз он духтароне, ки аз сари ноз ба сари Санги лағжонак «баромада наметавонист», ҳамон дилбемори шаҳри калон бошад.

Арӯсу хушдоман дар сари дегу дош ҷунбуҷӯл доранду ба кадхудо бепарвоӣ зоҳир мекунанд. Уфф… Зокири Хоҷа намефаҳмад, ки ин ду зан аз Санги лағжонак чӣ бадӣ дида бошанд.

Мӯйсафед аз ҷой вазнин хест. Гирду атрофи Санги лағжонакро побел ва аз сангу сангрезаҳои кӯҳӣ тоза кард. Ва поёнтар тарҳи

[1] Музехона – музей, осорхона, осоргоҳи таърихӣ.
[2] Ишорат ба бозёфти бостоншиносӣ – мори дусара, ки дар ковишҳои археологии солҳои 1893-1894 аз ғори Селункури Сӯх ба даст омадаву бо номи «Тӯмори Сӯх» маъруфият пайдо кардааст. Назар ба таҳқиқоти бостоншиносон, ин мероси ниёкони мо ба ҳазораи 3-2-и пеш аз милод мансуб буда, 4.806 кг вазн дорад ва ҳоло дар осорхонаи таърихии Ӯзбакистон нигаҳдорӣ мешавад.
[3] Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар назар аст.

ҳавзакеро андохт. Аз сари ҳавз то обмӯрӣ ҷӯйбораки каҷу килебе канду обпартои ҳавзакро ба тарафи обмӯрии ҳамсоя рост кард.

– Бобоҷон.

Мӯйсафед сар бардошта дид, ки наберааш Ҷамшед дар сари Санги лағжонак нишастааст.

– Ҷони бобо.

– Имрӯз дар дарси забон дар бораи санги худамон гап задам.

– Нафаҳмидам?

– Мавзӯи дарс «Исмҳои ҷинс ва хос» буд.

– Хуш?

– Шумо мегуфтед-ку, ин санг ба мисли як деҳ, як шаҳр як кӯҳ ва як дарё исми хос дорад! Вақте муаллим супориш дод, ки бо истифода аз исми хос яктой ҷумла созем, ман навиштам: «Санги бобом исми хос дорад.»

– Ту ҳамин хел навиштӣ ва ба муаллим хонда ҳам додӣ?

– Ҳо. Лекин…

– Хуш, хуш, баъд чӣ шуд?

– Ҳама ба ҳоли ман хандиданд, – лабони набера каме лундашаклу лунҷҳояш овезон шуданд.

– Хандиданд?

– Ҳо, масхара карданд, – писарак бараъло ранҷидахотир менамуд.

– Баъд ту исми хоси сангамонро нагуфтӣ?

– Хандаашонро бас мекарданд, ки гӯям. Зоҳиран онҳо гумон карданд, ки ман ба мақсади дарс сарфаҳм нарафтам. Лекин муаллим Комилзода зуд фаҳмид, ки гап дар сари кадом санг меравад. Ӯ бачаҳоро сарзаниш карда гуфт: «Фозилҷон дуруст мегӯяд. Номи харсанге, ки дар ҳавлии бобояш мавҷуд аст, Санги лағжонак ном дорад. Бачаҳо дидед, Фозилҷон мавзӯъро дуруст фаҳмидаст. Ҳама санг исми хос надорад. Вале дар диёри мо чанд санг исми махсуси худро дорад: Санги арӯс, Санги навишта, Санги оина, Санги лағжонак. Ин сангҳо соҳиби ном ва саргузашти хеш ҳастанд. Дар ҳаққи ин сангҳои соҳибном мардум ривоятҳо кардаанд.»

– Хеле хуб.

– Карим гуфт, ки суфасанги пушти дарвозаи бобои ӯ ҳам исми хос доштаасту мебояд онро бо ҳарфи калон навишт.

– Муаллим чӣ гуфт?

– Пурсид, ки он суфасанг чӣ ном дорад?

Аз рӯйи гуфти Карим, онро Санги кабуд мегуфтаанд. Мо, бачаҳо ҳайрон шудем, ки магар ба хотири ранг номи сангро бо сарҳарфи калон навиштаанд? Муаллими мо аз саргузашти Санги кабуд пурсон

шуд. Карим чунин нақл кард:

«Аз қадим миёни мардуми Сӯху Исфара дӯстиву рафоқат мисли имрӯза побарҷо будааст. Духтар медодаанду арӯс меовардаанд. Бобоям мегӯяд, ки ба андешаи ман, ё аслан мардуми Чоркӯҳу Ворухи Исфара сӯхӣ ва ё решаи мардуми Сӯх аслан аз он ҷо. Дар миёни аҳли Сӯху он деҳкадаҳо аз ягон ҷиҳат тафриқае нест. Сӯфасанги кабуд ҳам замоне дар пушти дарвозахонаи як марди чоркӯҳӣ меистодааст. Бобокалони бобоям бо он марди чоркӯҳӣ аҳди дӯстӣ доштаанд. Он кас як бегоҳ ба хоҳарзодаи ятимашон, ки ҳамчу фарзанд тарбия мекардаанд, гуфтаанд: «Писарам, имшаб тезтар хоб кунед, ки саҳарии барвақт Чоркӯҳ меред.» Ҷавон андаке содафеъл будааст, аз афти кор, ки аз рӯйи гуфти тағояш амал карда, зуд хоб рафтаасту пеш аз субҳ хеста, бе он ки аз тағояш фармоише гирад, пойи пиёда ҷониби Чоркӯҳи Исфара равон шудааст. Намедонам, ҳамон бегоҳ ё шоми дигар, ба ҳар ҳол ба хонаи дӯсти чоркӯҳиашон расида рафтааст. Марди чоркӯҳӣ ӯро хуш қабул карда, дар меҳмонхонааш ҷой додаву иззату эҳтиромашро ба ҷо овардааст. Зиндагии ин хонадон ба он ҷавони гӯлак зиёд хуш омадааст магар, ки ҳафтае мегузаштасту азми рафтан намекардааст. Маълум ки ҳеҷ тоҷике аз меҳмон «Кистиву чаро омадӣ ва кай меравӣ?» гуфта намепурсад. Ин мизбон низ аз ҷавони сӯхӣ дар аввал рӯйирост чизе напурсидааст. Дидааст, ки меҳмон ҳеҷ нияти рафтан надорад, оқибат суол кардааст: «Вақти омаданатон ошнои мо ягон хоҳиш накарда буданд?» «Не, – гуфтааст ҷавони сӯхӣ, – тағоям ҳамту гуфтанд, ки Чоркӯҳ меред.» Марди чоркӯҳӣ одами закиву шӯхтабиат будааст, ки бо тамоми ҷиддият гуфтааст: «Тағоятон боре аз ман хоҳиш карда буданд, ки ҳамин сӯфасанги пушти дарвозаатон бисёр маъқулам шуд. Агар бемалол бошад, ҳаминро ба ман туҳфа кунед. Ман розӣ шуда будам. Ошноям гуфта буданд, ки ҷиянро мефиристам, гирифта мебарад.

Меҳмон, имшаб барвақттар хоб кунеду барвақттар ба роҳ бароед, ки бевақт нашуда ба дасти дӯсти азизамон туҳфаи моро бегазанд расонед.»

Хуллас, ҷавони думбултабиат аз рӯйи гуфтаи мизбон амал кардааст. Соҳибхона саҳарии солеҳон аз ҷой хеста бинад, бистари меҳмон ғундоштагӣ. Дилаш зиқ шудааст, ки ҷиян аз гапи ман ранҷида, шабона баромада рафтааст.

Аммо ҷавони содафеъл қариб як ҳафта сӯфасанги кабуд дар пуштора ҷониби офтоббаро роҳ мепаймудааст. Хаёлам, зиёфати хӯрдааш бинибарор шудагист. Хуллас, бо ҳазор ранҷу азоб ба Варган расида, борашро пушти дари тағояш фаровардааст.»

Пас аз он, ки Карим ривояти овардани сангро ба охир расонид,

муаллим Комилзода гуфтанд:

– Бале, меарзад, ки номи ин сангро ҳам бо ҳарфи калон нависем.

Зокири Хоҷа завқ карда хандид.

– Ҳамсинфат нагуфт, ки соҳибони Санги кабуд чӣ лақаб доранд? Не? Ин тавр бошад, гӯш кун. Онҳо аз авлодони Ҷунайдулло – махдум буда, ба шарофати он ҷавони содафеъл ва таърихи аз Исфара оварда шудани Санги кабуд ба худ лақаби «Чоркӯмерамо» гирифтаанд. Он санг ҳамчун нишони дӯстиву рафоқати мардуми Сӯху Исфара ҳанӯз ҳам дар пушти дарвозаи яке аз ворисони Чоркӯмерамо истодааст. Ман он сӯфасангро дидаам. Кас бовар намекунад, ки он санги чандманиро як тан ҷавон, агарчи таҳамтани замон бошад, бо пуштора даҳҳо фарсанг роҳ паймуда, аз Исфара то Сӯх оварда бошад. Агар ин ривоят асоси воқеӣ дошта бошад, ҳаммоли Санги кабуд, бешак, соҳиби нирӯи фавқултабиӣ будааст.

Ҳоло Санги кабуд аз миёнаш рост кафидааст. Назар ба гуфтаи мардум, дар таъсири ин ривоят ҳама ба тамошояш рафта, оқибат захми чашм кардаанд. Аз ин рӯ мегӯянд, ки чашми одами ҳасуд санга мекафонад.

– Шояд он санг дар таъсири боду борон дарз ёфта бошад?

– Шояд… Он мавзеъро аввалҳо кӯчаи Санги кабуд ҳам мегуфтанд. Ҳоло…

– Чаро якбора хомӯш шуда мондед, бобоҷон?

– Мардуми содаву хурофотпараст имрӯз он мавзеъро Мазори Санги кабуд номида, кӯдакони сулфакабудак доштаро барои эму дам ҳамон ҷо мебурдаанд. Ростӣ, қаҳри кас меояд!..

– Агар он сангро мардум муқаддасу мӯътабар мешуморида бошанд, бад аст магар? Худатон-ку ҷойҳои таърихиро бояд эҳтиёт кард, мегӯед.

– Аз хурофот то муқаддасот роҳи дуру дарозест. Балки ин ду мафҳум ҳеҷ умумияте надоранд, дар самтҳои муқобиланд, – пирамард гап зада, гап зада харашро полон мезад, – ана ҳамин хел, ҷони бобо. Ҳа, гуфтагӣ барин аз ёдам набарояд, хӯрҷини қирғизия аз анборча барор.

– Ягон ҷо равонаед, бобо?

– Соҳили Обишир рафтаниям. Ҳамроҳӣ намекунӣ?

– Он ҷо чӣ кор мекунем?

– Санг мечинем.

– Санги худамон кам буд магар?

Пирамард хандид.

– Аз соҳили наҳрак ба ин ҷӯйбораку ҳавз миқдоре сангрезаҳои

ранга рехтан мехоҳам, ки ба мисли ҷӯйи Ровон оби зулолаш дилҳоро рабояд. Ростӣ, ҷӯйи симонӣ ба назарам сунъӣ метобад.

Бобову набера қариб як ҳафта ба ободонии гирду пеши ин офаридаи бемисли табиат – Санги лағжонак заҳмат кашиданд.

– Аҷаб манзараи зебое пайдо кард ҳавлиамон. Агар додом аз сафари хидматӣ баргарданд, хурсанд мешаванд, хушҳолӣ мекард Ҷамшед.

Зокири Хоҷа ба наберааш бо меҳр нигоҳ мекард.

– Ана, акнун рӯйи ҳафт қабат кӯрпачаи нарм дар шоҳсуфаи зери зарбед чойи кабуд нӯшида, фароғат кун, Зокири Хоҷа, – ҳанӯз аз дами дарвоза гуфта-гуфта пеш меомад Мухтори ҳамсояш.

– Ҳо, аз маслиҳати ту тарсида, ба ҳимояи ин санги меросӣ хестам.

– Аз ман чӣ метарсӣ? Санги меросӣ гуфтанат чӣ маънӣ дорад? – якбора суолборон кард ҳамсоя.

– Агар ба ду мошин сангу шағал ниёз дошта бошӣ, ҳамчун ҳаққи ҳамсоягӣ ёрдамат кунам. Не? Пас чаро ба янгаат маслиҳати бемаънӣ медиҳӣ?

– Ҳамту дар омади гап назари худамро гуфтам, ки агар ҳамин харсанг бардошта шавад, ба ҷояш иморати барҳаво андохтан мумкин. Барои пойдевор аз худаш ду мошин сангу шағал мебарояд.

– Харсанг гуфтӣ? Мебахшию худатро «Эй одам!» гуфта ҷег зананд, маъқулат меафтад? Ин муъҷизаи худовандӣ ҳам дил дораду хотира ҳам. Унвонаш ҳам таърихист: Санги лағжонак! Бале, ин ном исми хоси санги мост! Ва онро бо ҳарфи калон бояд навишт! Чӣ хел номаш аз ёдат баромад, ки харсанг мегӯйӣ? Хотираи таърихии ин санг вожаи зебои «лағжидан»-ро дар забони мо нигоҳ доштааст. Агар ин ёдгорӣ нест, дар лаҳҷаи мардуми Сӯх лағжидан ҳам нест! Бин, хотираи Санги лағжонак аз хотираи ману ту барин инсонҳо қавитар аст. Дар лаҳҷаи мо танҳо дар мавриди унвони ҳамин санги соҳибном вожаи «лағжидан» корбаст мешавад. Мардуми Сӯх имрӯз сӯйи бегонагон ғеҷиш доранд. Аммо ҳамин Санги мо мегӯяд, ки замоне ин мардум дуруст ҳарф мезаданд! Диққат бидеҳ, калимаи дар таркиби забони сӯхиён фаромӯшшудаи «ғажд»[1] танҳо ҳамчун номи сиёҳолуе боқӣ мондааст, ки бар асари таъми аз ҳад зиёд ширинаш кирм мезанад, яъне, ғаждолу. Инро хотираи таъихӣ мегӯянд. Яъне, таърих танҳо баршумурдани солҳои ҷангу ҷидоли давлатҳо нест. Саргузашти ҳар як ашё, ҳар як бурҷу бора, ҳар якк кӯҳу камар таърих аст, мефаҳмӣ?

– Пас, ғаждолуро ҳам бо «ғ»-и калон нависему исми хосаш шу-

[1] Ғажд – чирк (дар лаҳҷаи мардуми кӯҳистон ин вожа ба ҳамин маъно ҳанӯз зинда аст.) Ғаждолу – яъне, сиёҳолуе, ки кирм мезанад.

морем? – гапро ба шӯхӣ бурд Мухтор. Зокири Хоҷаро ханда гирифт ва бо оҳанги андак нарм суханашро идома дод:

– Медонӣ-чӣ, ҷӯра, Санги лағжонакро касе ҳаққи тарконидан надорад! Ин Санг соҳиби ном аст. Ва иншоаллоҳ, баъди чанде соҳиби шиноснома ҳам мешавад. Ба боло мактуб навиштам.

– Гуфтанӣ ҳастӣ, ки ба ЮНЕСКО навиштӣ?

– Лозим шавад, ба ЮНЕСКО ҳам менависам. Ман то ба мақсад расидан аз пайи ин кор метозам. Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам. Аммо … модом ки ин харсанг… эъ не-е, гуфтанӣ будам, ки Санги лағжонак ҳамчун ёдгории миллат эътироф шавад, дигар моли шахсии ту ҳисоб намеёбад. Яъне, моли ҳама мешавад.

– Бигзор шавад.

– Ба сарам як фикр зад, ҷӯраҷон. Чӣ мешуд, агар ман ба онҳое ки барои табобат меоянд, гӯям, ки Санги лағжонак дар гузашта воситаи бозии кӯдакон набуд. Занҳои фарзандталаб се рӯзи одина дар он мелағжиданду ба ҳавзчаи поёни он даст меандохтанд. Ҳар чизе ба даст оранд, нишонаи ба мақсад расидан ҳисоб меёфт. Масалан, мӯлчае[1], тангае, сангчае… Бовар дорам, ки дар андак вақт аз ин ҳамкорӣ остонаи ҳар дуи мо аз зар мешавад!

– Ку, аз ҷоят хез, нимчамуллою нимчатабиб! Ҳамин Санг монда буд, ки бадном накардаӣ? Манфиатҷӯйи беномус!

Мухтори бахшӣ хандида-хандида бадар рафт.

Рӯзи истироҳат ба гӯши Зокири Хоҷа нидоҳои хурсандиомези тифлакон расид, ки пасу пеш ба фарқи Санги лағжонак мечаспиданду бонавбат ба поён мелағжиданд. Наберааш Фарангис, ки дар кӯдакистон ҳамроҳи ин тифлакон тарбият мегирифт, сармирӣ мекард. Пирамард қаноатманд рӯйи кӯрпачаи шоҳсуфа якпаҳлу зад. Ҷамшед як чойник чойи талх овард.

*Соли 2010*

## НОЛАИ ШОНАСАРАК

Вай ҳеҷ гоҳ тобистонро чун имсола интизор нашуда буд. Ҳоло баҳор аст. Пас аз фасли гул тобистон мерасад. Дар оғози тобистон тут мепазад. Тутпаз барои мардуми камбизоат фасли раҳоӣ аз маргу мир аст. Вале духтарак ин фасли деррасро танҳо барои серии шикам интизорӣ намекашад. Тутпаз ба ӯ шодиву сурур бояд биёрад. Оре, шодиву сурур. Он гаҳ ашки чашмони шаҳлояш хушк хоҳад шуд, дар

[1] Мӯлча – мӯхра, шабаъ

лабонаш табассум гул хоҳад кард. Ва бешак он гаҳ тамоми дунё бедарду доғ хоҳад гашт.

Духтарак ба боғ баромад. Ин боғи беҳадду ҳудуд ҳамонест, ки замоне модаркалон дар хонаяки пасту танги иҷораашон ба набера таъриф мекард. Таъриф мекарду бо ҳасрат чашмаш об мегирифт. Тавораи каҷу килеби ин боғ ба чашм намерасад. Зеро дарахтони анбӯҳи себу зардолу, ноку биҳӣ, анҷиру анор ва анвои тут шиғдеворҳоро аз назар дур медоранд. Духтарак аз кисачаи камзулаш оиначаи гирдаро бароварда, ба чеҳраи коҳидаи хеш назар меандозаду як оҳи бадард мекашад ва чашм аз рухсораи худ барканда, аз пушти акси хеш ба манзараи беохир нигоҳ мекунад. Чӣ дилфиреб аст ин манзара! Бале, дилу дидаро мефиребад акси ин боғ, ҳамчунон ки афсонаву хобу хаёл аз воқеият ширинтаранд. Вагарна худи ин дарахтзор ба ин андоза дилкаш нест.

Умеду интизорист, ки қалби орзупарвар афсона мебофад. Ӯ дар кӯдакӣ орзу мекард: «Чӣ мешуд, агар оилаи онҳо ба ҷойҳои дури дур кӯч бандад… Аз кӯчаҳои каҷу килеб, аз ин кулбаҳои пасту баҳам часпидаи маҳаллаи Кӯҳдоман, ки мардумаш худро ҳатто «шаҳрӣ» медонанд, дур бираванд…»

Маркази шаҳр, хонаҳои бисёрошёна ё порку боғҳои фароғатиро ҳавас намекард духтарак. Зеро ҳар сари чанд – рӯзҳои иду ҷашн падару модараш ӯву бародаронашро либосҳои озода пӯшонида ба хиёбони марказӣ тамошо мебурданд. Духтарак чунин рӯзҳо худро озод эҳсос намекард: нигоҳашро аз кӯдакони луфтаквор ороста, ки аксаран кабудчашму малламӯй буданд, мегурезонид. Охир, бештар вақт духтарчаҳои фариштасурат, ки пираҳанҳои ҳаририу сафеди серчину парпарадорашон онҳоро аҷаб афсонавӣ менамуд, забончаашонро бароварда ӯро мазох мекарданд, ё биничаашонро, ки бе ин ҳам сарболо буд, баландтар бардошта, ба вай беэътиноӣ менамуданд. Дар чунин лаҳзаҳо духтарак куртачаҳои сабуку хушдӯхти онҳоро ба пӯшоки хеш – куртаи дарозу фарохи сергул, камзулчаи сиёҳ, поҷомаи зеҳдори урфӣ муқоиса мекард. Фиттаи мӯйҳои тилоранги фариштасуратон ҳамранги пироҳанҳояшон мебуд. Ин мӯйбандҳо ба мисли шоҳпаракҳо гӯё бар сари гулбаргҳои хушрӯ пар-пар мезаданд. Ӯ аз сари орзуву хаёл беихтиёр ба кокулони кӯтоҳи хеш, ки бибиаш боҳавсала ҷамолак бофтаву ба нӯгашон пилта тофта мемонд, даст мезад. Духтарак ҳеҷ дар хотир надошт, ки волидайн ба дасташ даста-даста пуфакҳои парон ё байрақчаҳо дода, ӯро дар сари китф шинонида, дар сафи мардуми озодалибос аз идгоҳ гузаронида бошанду вай даст ба сӯйи ҳайкали доҳӣ ё одамони расмии минбарнишин афшонида, дар ҷавоби «Зинда бод!»-гӯйиҳо нидои «Урра!» сар дода бошад. Шояд падару модар ба-

рои чунин корҳо вақт надоштанду харидани байрақу пуфакҳоро сарфи беҳуда медонистанд? Ва ё он мардуми саф андар сафу кӯдакони фариштасураташон аз қавму тоифаи хосе буданд, ки зодмандони ӯро дар бари онҳо роҳ набуд? Шояд…

Ин духтарбача ҳанӯз мактабхон набуд ва рӯзу шабаш андар ин кулбаи намкашидаву кӯчаҳои каҷу килеб мегузашт. Ин кӯйи бенавоён ба ном кӯча буд. Дар асл обпартоеро мемонд, ки аз обмӯриҳо ба он мағзобаву хунукшӯйи бадбӯй мешорид. Дигар бачагони ин мавзеи ноobод низ ҳамранги ин духтарчаву бародарони вай буданд. Бибии падариаш, ки тирамоҳи гузашта ба аёдати онҳо омадаву дигар илоҷи бозгаштан ба деҳа намеёфт, пайваста ғур-ғур мекард:

– Ҳамин ҳам хонаву дар шуд? Дар ин ҳелча сага баста монӣ, намеистад. Боз кош ин катаки мурғ аз они худат бошад. Ҷой қаҳт задагӣ барин аз миёни шаҳр нею аз сари адир хона гуфта сагхоная иҷора гирифтанаша бин. Хара шинохтагеш – шӯра. О, зану шӯ кор мекунед, наход, аққалан талош карда аз ҷойи кор хобгоҳе гирифта натавонед?! Ношуд, ки шудӣ, рӯзат ба ҳамин оғилхона мемонад. «Шаҳр мерем… Шаҳр мерем…» Мана дидам шаҳри таърифитона…

Набера ба ғур-ғуру нолишҳои модаркалон гӯш медоду фикр мекард, ки шояд бибиву бобо дар русто соҳиби манзили бошукӯҳе бошанд, хонаҳои боҳашам, боғу бӯстон…

– Бибиҷон, қишлоқ нағзи нағз аст?

– Набошад-чӣ. Ун ҷо бандчаи пиёзу кашнизро пул дода намехарӣ, ширу ҷурғот фаровон, меваю чева дар таги дарахтҳо резу чош. Себу нока сагу пишак намехӯрад.

– Саги Сокинаино ҳам себу нок намехӯрад, фақат нону ҳасиб мехӯрад. Пишаки мо ҳам мева намехӯрад, муш мехӯрад.

Модаркалон ба гапи наберааш эътибор надода, боз гӯё ба худ мегӯяд:

– Одам, ки нону намаки бедардимиёни шаҳра чашид, дигар ҳавои дашту даману боғу роғаш намефоридааст. Дар деҳа касе нони муфт намедиҳад, меҳнат кардан даркор, ҳа меҳнат!

– Дар ин ҷо ҳам одамон кор мекунанд. Додоям коргари заводи хишт. Очаам кӯчарӯбӣ…

– Эъ, бас кун, тирмизак! Чӣ, дар деҳа падарат лой хобонда, хишт рехта наметавонист? Ҳамин шабу рӯз айни ғунучини мева. Боғи бобоят як сар кучову як нӯг кучо… Очаи ту бошад, ин ҷо таги пойи мардума мерӯбад. Беномусҳо… Аз вуҷудатон бӯйи мағзобаву туршоба меояд. Э, Худо-е, кай ба хонаи худам бармегардам? Кай дар боғу роғам ҷавлон мезанам?...

Набера боғу роғи модаркалонро тасаввур мекунад: ба мисли пор-

ки марказӣ сояву сардгин, ҳама ҷо гулзор, сарҳавзаш фаввора дорад. Ва кӯдакони хушлибос шоҳпараквор аз гуле ба гуле даст мезананд, бо ҳаёҳуй дар арғунчак бод мераванд, резаборони фавора ба ҳафт ранг метобад.

– Бибиҷон, мана қишлоқ баред.

– Худо хоҳад, мебарам.

– Кай ба роҳ мебароем?

– Кош болу пар мебаровардаму ҳамин ҳозир ба парвоз меомадам.

Тирамоҳи ҳамон сол падари духтарак бибиро ба деҳа бурд. Модаркалон мехост набераашро ҳамроҳ гирад, аммо модар розӣ нашуд.

– Не, – гуфт ӯ, – имсол ҷони оча ба мактаб меравад.

– Дар деҳа ҳам мактаб ҳаст, – гуфт бибӣ.

– Агар мактаби он ҷо мактаб мебуд, писаратон хиштпазу ман ҷорӯбкаш намешудам. Ман ба ҳама азоби шаҳр тоб мебиёраму бачаҳома хононда одам мекунам.

Ва модаркалон рафт. Духтарча оҳи сарде кашиду ба хонаи пурнаму зах даромад. Ӯ рӯ ба девор дароз кашиду оби дида рехт.

Ҳаёти якранг идома меёфт. Аввалҳо модар ҳар субҳ ҷорӯби дарозро ба сари китф гирифта, ҳамроҳи фарзанди калонӣ ба кор мерафт. Акнун писари дуюмашро ҳам бо худ мегирифт. Охир, вай ҳам калонак шудааст. Он рӯз ҳам, аз афти кор, онҳо саҳари барвақт баромада рафта буданд. Падар, ки аз басти сеюми кор навак баргашта буд, ба паҳлӯи духтараш дароз кашид. Фарзанди дӯстрӯяки падар чунон ширин мехуспид, ки …

Духтарбача хоб дид. Хоб дид, ки рӯзи иди бузург аст. Ӯро, ки луфтаквор оро ёфтааст, падар сари китфони васеаш гирифтаву ҳамроҳи мардуми хушлибос дар майдони марказӣ роҳ мепаймояд. Падар аз ҳад зиёд шод аст. Духтарак ӯро ягон вақт ин гуна кушодачеҳраву хандонрӯ надидааст. Вай дар тан куртаи сап-сафед дорад, галстуки сиёҳи ҳамранги пиҷакаш чунон зебидааст, ки!... Мӯйҳои сиёҳи ҷилодораш шона задагӣ…

Аз минбар касе бо нидои «Шод бош!» издиҳомро ба ҷашн табрик мегӯяд. Падару духтар дар баробари дигарон ҷониби минбариён даст афшонда «Урра-а-а!!!» мегӯяд. Ба ҳаво як не, даҳ не, сад не, балки ҳазорон адад пуфакҳои рангаро сар медиҳанд. Ва пуфакҳо баланди баланд мепаранд. «Гум!!! Гум!!! Қарс!!! Қарс!!!» Ин садои пасу пеш таркидани мушакҳои рангаи ороишии ҷашнист, ё пуфакҳои парвозӣ дар ҳаво кафидан доранд? Ин лаҳза қандили чарх хомӯш мешавад ва осмон шароразор мегардад.

– Салют! – дод мезанад кӯдак, – Салют!!! Урра! Аскарон мушак

сар медиҳанд! Мушакҳои ранга сар медиҳанд.Урра!!! Салют!!!...

– Хез, духтарам, хез, ҷони додо!

Духтарча сар аз болин бардошта, худро дар хонаи пурзаҳу мағор дарёфт.

– Тез бош, камзулчаат ку? Ҷуробакат-чӣ?

Духтарак меранҷад. Охир, аз чӣ падар намемонад, ки ӯ, ҳатто, дар хоб лаззати иди айёмро бичашад? Чӣ хоби зебое буд!

– Хез, чӣ хамёза кашида мешинӣ?

– Ба мактаб меравем? Ҳолӣ барвақт нест?

– Мактаб чӣ? Ҷанг сар шуд, ҷони додо…

– Ҷанг? Чӣ хел ҷанг? Мисли кино? Фашистон ҳуҷум карданд?

– Гӯш кун, духтарам. Беист мепаронанд. Хаёлам, дар назди бинои ҳукумат парон-парон сар шуд. Модарату акоҳоят… Охир онҳо хиёбони марказиро мерӯбанд-ку… Туро ба хонаи ҳамсоя мемонаму худам пеши онҳо метозам, боз ягон фалокате нашавад, мегӯям…

* * *

Дӯшиза ба дарахти тути сершоху панҷа баумед менигарад: «Кош тезтар тут пазад…» Вай дар ин хона, дар ин боғу роғи беҳудуд худро бегона меҳисобад. Амаку янгааш, амакбачаву амакдухтаронаш ҳама ба ӯ бо нигоҳи аҷиб менигаранд, гӯё чӯҷаяки мурғобие дар катаки мурғони хонагӣ бошад. «Мурғи бегона», – аз дил гузаронид духтарак ва хориаш омад. Гиристу гирист. Кош бо як чашм пӯшида кушодан худро дар ҳамон кулбаяки пурзаҳи кӯҳдоманӣ дарёбад, ки модаркалон бо кароҳат гоҳ катаки мурғу гоҳ ҳелчаи саг ё оғилаш мегуфт. Бигзор, бо падару модар, бо бародаронаш дар ҳамон кулбаи вайрона бошад, ки аз обмӯриаш оби зулол не, мағзобаву туршоба мерехт...

Ва аз он айёми тифлӣ солҳо гузашт. Кокулони нимваҷабаи духтар то лаби домон расид. На модар дар ҳаёт асту на модаркалон. Ҳанӯз пас аз чили модар бародари хурдиаш ҳам аз домана талаф ёфт. Падар солҳост, ки мардикори мулки бегона. Бародари ягонааш, ки алакай пушти лабонаш хатти навҷавонӣ майса зада, аз пайи ҷустуҷӯйи падар мусофират ихтиёр кард. Ӯ пеш аз он ки муҳоҷир шавад, хоҳарашро ба деҳа овард.

– Кай бармегардӣ, акоҷон? – оби дида мерехт хоҳар.

– Базудӣ. Пас аз чанд моҳ.

– …?

Бародар нигоҳашро аз чашмони кони саволи хоҳаракаш, ки бо модар себи дукафон аст, мегурезонид. Чӣ ҷавоб диҳад, охир? Кай бармегардад, худаш намедонад. Аслан, куҷо меравад, инро ҳам на-

медонад. Падар дар кадом гӯшаи он кишвари беҳадду ҳудуд бошад? Сиҳат бошад? Оё дида ба дидор мерасад?

– Мегӯм, пас аз чанд моҳ гуфтанат чӣ маънӣ дорад? Ту дақиқ гӯй.

Бародар аз ҷавоб мегурехт, аз афти кор, ки аз шохаи тути балхӣ гули «гӯшворак»-еро канда ба баногӯши хоҳар наздик оварда мегуфт:

– Ваҳ, гӯшҳои духтари калони ката ҳанӯз шикоф надорад. Оиначаатро гирифта бин, ба ту гӯшвор чӣ қадар мезебад. То омадани ман гӯшҳоятро сӯрох кунон, ман аз сафар бароят гӯшворе меорам, ки шабеҳи шаҳтут бошад. Хуб?

Хоҳар бо овози ларзон мегуфт:

– Ба ман гӯшвор даркор нест. Ту додома ёву тез гирифта биё.

– Албатта, хоҳарҷон.

– Кай мебиёйӣ?

– Вақти тутпаз. Интизор шав. Тутпазро интизор шав, ширини акош.

– Баъд ба шаҳр бармегардем?

– Албатта, бармегардем. Ту боз ба мактаб меравӣ. Ман додома дигар заҳмат кашидан намемонам. Худам ҳам мехонаму ҳам кор мекунам. Мо хонда одам мешавем. ухда

Аз миён чанд сол гузашт. Чанд мавсими тутпаз паси сар шуд. Чанд тобистону чанд тирамоҳ, чанд зимистону чанд баҳор…

Ғӯраҳои тути балхӣ сафед шудан доранд – мавсими тутпаз мерасад. Духтарак беист ба боғи бобоӣ мебарояд, ки модаркалони раҳматӣ бисёр дӯст медошт. Бо умед ба шохсорони тути марворидак чашм меандозад ва аз киса оинача мебарораду бо орзуҳои ширин ба гӯшаи номаълуме, ки аз тариқи оина бисёр зебо менамояд, чашм медӯзад.

– Ба куҷо назар меандозӣ, духтари шаҳрӣ? – бо тамасхур савол медиҳад зани амакаш.

– Ба оянда, – ҷавоб медиҳад духтараки софдил бо содафеълӣ.

– Ба ломакон гӯй.

Духтарак ба гапи он зани сиёҳдил эътибор намедиҳад. Чашмонаш роҳ мебинанд.

– Ҳуд-ҳуд! Ҳуд-ҳуд!

Духтарак гӯё ҳушёр мешавад ва ду кафи дастро карнайвор ба ҳам меорад.

– Тут пухт! Тут пухт! – ба мурғи пӯпишак ҳамовоз мешаваду ба боғоти дигар метозад.

– Ҳуд-ҳуд! Ҳуд-ҳуд!

– Тут пухт! Тут пухт!

– Оча, боз «тутпухт» омад.

– Корат набошад, Шонасарак ба сони мурғаки беозор. Хафа накун.

Ба вай касе кордор намешавад. Ва ӯ аз боғе ба боғе меравад. Ҳар боғ, албатта, чанд навъи тут дорад: марворидак, понғозӣ, сафедак, бедона, мавизак, балхӣ, ҷиртут, шаҳтут… Шонасарак ба парвоз меояд ва аз мавсими тутпаз мардуми раҳинтизорро дарак медиҳад:

– Тут пухт! Тут пухт!!!

Кӯдакон ба шохаҳои туте мечаспанд, ки меваааш расида бошад. Чӣ мазаи гуворо дорад меваи тару тозаи тут! Модарон ба зери тутҳои ҳил-ҳил чодир меандозанд. «Шукр, то тутпаз расидем», – мегӯянд онҳо. Ба кулчаи рӯйи кӯдакон ранг медарояд, навдаи қоматашон шира мегирад. Аз субҳи солеҳон то намози шом мардуми деҳ дар боғот ҷунбуҷул мекунанд. Рӯйи бомҳо аллакай тут мавиз мегардад. Дегҳои доши ширинӣ дар ҷӯшанд. «Ширинӣ дар сармои кӯҳистон давои сад дар даст, барои ҳалвои сурхак масолеҳи заруристь», – таълим медиҳанд модарон духтарони хешро. Кадбонувони боҳунар фарзандакони коргурезро ба дастёрӣ маҷбур месозанд. Бояд аз тути хушк поплангу тутпӯст омода кард: тутпӯсти шалпӣ, тутпӯсти манур…

Ҳама машғули кору бори хешанд. Касеро ба тақдири минбаъдаи Шонасарак парвое нест. Мардуми деҳ дар талоши ёфтани қути лоямуте ҷон мекананд. Гоҳ аз боғу гоҳ аз роғ садои дилнишини Шонасарак ба гӯш мерасад.

– Ҳуд-ҳуд! Тут пухт!

Ин нидо оҳанги интизорӣ мекунад, бӯйи умед меоварад.

*15.04.2005.*

## ФЕҲРИСТ


Таманно ....................................................................................3
Гар метавонӣ, бахшо ..................................................................93
Ману ишқи лӯлидухтар................................................................120
Ман чунин девонаам ..................................................................141
Озарм........................................................................................161
Санги соҳибном ........................................................................173
Нолаи шонасарак ......................................................................185



**МАРЯМБОНУИ ФАРҒОНӢ**

# ТАМАННО

*(қисса ва ҳикояҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *И. Амонқул*

Ба матбаа 18.07.2014 супурда шуд.
Чопаш 21.07.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 12. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар КВД КТН «Шарқи озод»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
чоп шудааст.